# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати саховатмандӣ

ГЭРИ КИСИ

Дӯсти азиз дар Масеҳ,

Мо дуо мекунем, ки ин манбаи омӯзишӣ шуморо баракат диҳад ва рӯҳбаланд кунад. Лутфан озодона ин маводро бо дӯстон, аъзои оила ва калисои худ мубодила кунед. Инчунин, шумо метавонед ба вебсайти FLNFree.com ташриф оред, то нусхаҳои электронии иловагӣ ва таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

Худо шуморо дӯст медорад, ва Ӯ нақшаи аҷибе барои ҳаёти шумо дорад! Мо чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро омӯхтем, ва он ҳаёти моро ба самти беҳтар тағйир дод, ва мо боварӣ дорем, ки бо шумо низ ҳамин тавр хоҳад шуд!

Бо муҳаббат дар Масеҳ,

Гэри ва Дренда Киси



P.S. Ҳатман ба вебсайти зеркашии ройгони мо FLNFree.com муроҷиат кунед, то таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати саховатмандӣ

ГЭРИ КИСИ

**Your Financial Revolution, The Power of Generosity, Tajik**

Copyright © 2023 by Gary Keesee

Originally published in English
Copyright © 2021 by Gary Keesee
ISBN: 978-1-945930-52-2

Gary Keesee Ministries,
P.O. Box 779, New Albany,
OH 43054, USA
GaryKeesee.com

This book is a FREE GIFT from Gary Keesee Ministries and
is NOT FOR SALE

**Инқилоби молиявии ту· Қуввати саховатмандӣ, бо забони тоҷикӣ**

© 2023, Гэри Киси

Саравал бо забони англисӣ нашр гардидааст·
© 2021, Гэри Киси
ISBN: 978-1-945930-52-2

Хидматгузории Гэри Киси,
Қуттии мактубҳо 779,
Ню Албани, Оҳайо 43054, ИМА
GaryKeesee.com

Ин китоб аз Хидматгузории Гэри Киси тӯҳфа аст ва **ФУРӮХТА НАМЕШАВАД**.

# АЗ МУАЛЛИФ

*Ин китоб ба зани зебои ман Дренда бахшида шудааст, ки мо чил сол боз бо ҳам ҳастем. Вай саховатмандтарин шахсест, ки ман то ҳол вохӯрдаам. Ӯ ҳамеша дар бораи дигарон фикр мекунад ва оиди дӯст доштани одамон бисёр чизҳоро ба ман таълим додааст, бинобар ин аз вай беандоза миннатдорам!*

– Гэри Киси

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

**БОБИ 1.** Қуввати саховатмандӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15

**БОБИ 2.** Ҷавоб: файз. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33

**БОБИ 3.** Оё шумо ба талабот мувофиқат мекунед? . . . . . . . . . . 61

**БОБИ 4.** Пул аз они кист? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79

**БОБИ 5.** Ба шумо шарик лозим аст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 95

**БОБИ 6.** Сирри даҳяк . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 109

**БОБИ 7.** Ба шумо ҳамён лозим аст. Қисми якум . . . . . . . . . . . 127

**БОБИ 8.** Ба шумо ҳамён лозим аст. Қисми дуюм . . . . . . . . . . . 159

**БОБИ 9.** Қонуни ченак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171

**БОБИ 10.** Подшоҳи саховатманд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 187

**БОБИ 11.** Ваъда ба касоне ки саховатманд ҳастанд . . . . . . . . 207

# МУҚАДДИМА

Вақте ки Худо ману Дрендаро ба соҳаи телевизион ба кор даъват кард, бояд эътироф кунам, ки аз ин чиз комилан дур будам. Ман навакак аз Албания баргашта будам, ки он ҷо дар бораи Подшоҳии Худо панҷ машғулияти амалӣ гузаронида, нақл кардам, ки чӣ тавр ману Дренда аз паси қонунҳои Подшоҳӣ рафта, аз қарзҳо озод шудем.

Агар шумо китобҳои қаблии маро хонда бошед, шояд, дар хотир доред, ки чӣ хел ҷилои кабудранги ҷалоли Худо меҳмонхонаи миссионерро пур кард, ки он шаб вохӯрии охиринро мегузарондем. Дар он ҷо Худованд ба ман гуфт: “Ман туро назди халқҳо даъват мекунам, то ба одамон аҳди Маро дар бораи баракати молиявӣ таълим диҳӣ, ва ҳар ҷо ки туро мефиристам, пули онро медиҳам”.

Он шом ҳаёти маро дигар кард. Аммо ман намедонистам, ки Худованд бо суханони Худ “Ман туро назди халқҳо даъват мекунам” маҳз чӣ гуфтан мехост.

Тавре ки ман фаҳмидам, телевизион он воситае будааст, ки Худованд дар назар дошт. Боз ҳам, ин чизе набуд, ки ман дар борааш фикр мекардам ё мехостам иҷро кунам. Ягона чизи аниқе, ки медонистам, – ин он буд, ки аз таҳти дил мехостам ба одамон барои кушода шудани он чизе кӯмак намоям, ки ману Дренда ошкор кардем – Подшоҳии Худо.

Мо нӯҳ сол бо қарзҳои гарон зиндагӣ кардем ва аз тамоми намуди гаравҳо ва ҳуҷуми воҳимаҳо ҳоли хеле хароб доштем. Ҳамаи антидепрессантҳое, ки духтурон ба ман дода буданд, ёрдам накард. Худамро аз ҳаёт канор кашидам ва чунин менамуд, ки торикии тарс ба ҳар фикри ман ҳамла мекард. Тарс чунон маро карахт карда буд, ки ҳатто аз хона намебаромадагӣ шудам, ки, ба яқин, барои корҳои

хариду фурӯш ва тиҷорати ман хуб набуд. Мо босуръат ба муфлисӣ наздик мешудем, ва ман дар худ тавони боздоштани онро надоштам.

Шарм акнун тарзи зиндагӣ гашта, ман худро хеле бетолеъ ҳис мекардам. Аз ҳама бештар ман худро нисбат ба зани зебоям ва кӯдаконам ноӯҳдабаро ҳис мекардам. Ба ғайр аз он ки онҳоро аз ҷиҳати моддӣ таъмин карда наметавонистам, дар он солҳо ман падар ва шавҳари хуб низ набудам.

Мо дар як хонаи кӯҳнаи солҳои 1850-ум зиндагӣ мекардем, ки он ҷо ҳама чиз шикастагӣ буд. Тирезаҳо бо скотч нигоҳ дошта мешуданд. Гилеми рӯи фарш дар қади роҳ аз тӯдаи партов ёфт шуда буд. Дар ҳуҷраи писарони ман матрасҳо аз партови хонаи пиронсолон гирифта шуда буданд. Мошинҳое, ки мо мерондем, расво буданд. Зиндагии мо бо зангҳои доимӣ аз адвокатҳо ва миқдори зиёди ширкатҳои қарзӣ мегузашт, ки аз онҳо қарздор будем.

Ман ҳама умедамро аз даст додам! Бале, ман масеҳие будам, ки Худоро дӯст медошт. Ман ба калисо мерафтам ва бо Рӯҳулқудс таъмид ёфта будам. Аз илоҳиётшиносӣ дараҷаи бакалаврӣ дар Аҳди Қадим доштам ва мактаби библиявиро хатм карда будам. Аммо дар ҳаёти ман чизе нодуруст буд, ба таври ҳалокатовар нодуруст!

Рӯзе аз ноумедӣ ба Худо дод задам ва Ӯ дарҳол ба ман ҷавоб дод. Ин хел не, ки ман дар давоми нӯҳ сол дуо накарда бошам. Ман дуо карда будам. Аммо ин дафъа, *медонистам*, ки Ӯро бояд ҳатман шунавам.

Шояд то ин вақт ҳамеша фикр мекардам, ки аз тангии молиявӣ, ки худам худамро ба ин чоҳ андохта будам, метавонам бо қуввати худ берун шавам. Аммо он субҳ фаҳмидам, ки наметавонам. Ман аз ҳар дӯстам қарздор будам, аз хешовандон даҳҳо ҳазор доллар қарз доштам ва ҳама имкониятҳои мавҷудаи қарзгириро, ки доштем, ба кор бурдам, то ки қарзи бештар ба даст орам.

Вақте ки ман он саҳар дуо мекардам, ноумед будам, аммо айни замон боз ҳайрон ҳам шудам, ки ҷавоби Ӯро ин қадар зуд шунидам. Дар рӯҳи худ ман Ӯро шунидам, Вай ба ман аз нома ба Филиппиён (4:19) иқтибос овард:

*Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷоти шуморо ба ҳасби сарват ва ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.*

Боз ба Худованд гуфтам: “Худовандо, ман ин ҷои Навиштаҷотро медонам, аммо онро дар ҳаёти худ намебинам”. Вай боз гап зад ва ба ман гуфт, ки сабаби ин дар хатогиҳои худам аст, ки ман ҳеҷ гоҳ чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Ӯро наомӯхтаам. Ман намедонистам, ки Ӯ чиро дар назар дошт, аммо ману Дренда тасмим, гирифтем, ки онро маълум менамоем.

Яке аз аввалин ҷои Навиштаҷот, ки Худо ба мо нишон дод, Инҷили Луқо (6:20) буд:

*Ӯ ба шогирдонаш чашм андохта, гуфт: “Хушо шумо, эй мискинон, зеро ки Малакути Худо аз они шумост”.*

Малакути Худо ҷавоби мо буд?! Боз ҳам, мо ягон фаҳмише надоштем, ки Ӯ чӣ гуфтан мехоҳад, аммо медонистем, ки бояд сарфаҳм равем.

Мо ба зудӣ дар бораи Подшоҳии Худо бештар сӯҳбат хоҳем кард, вале ҳоло иҷозат диҳед гӯям, ки натиҷа чӣ шуд.

Рӯҳулқудс чизҳоеро ба мо аз Китоби Муқаддас нишон дод, ки аз ин пеш надида будем. Он чизеро, ки Худованд ба мо дар бораи Подшоҳии Худо таълим дод, истифода карда, тавонистем дар дуюним сол аз қарзҳо пурра халос шавем. Мо бо пули нақд ба пардохти нархи мошинҳои худ шурӯъ кардем ва бо пули нақд панҷоҳу панҷ акр замин харидем: замине, ки пур аз ҷангалҳои аҷоиби дарахтонаш сербарг ва ботлоқзор буд, ки он ҷо метавонистам шикор кунам ва кӯдаконамро дар ҳавои тоза ба воя расонам.

Ва яке аз хурсандии бузургтарини ман дар зиндагӣ ин тамошои тарҳрезии Дренда буд, ки вай хонаи орзуи худро месохт, ки мо инчунин онро низ бе қарз соҳиб шудем.

Пас аз он, ки ман чиро аз сар гузаронидам ва баъди дидани он, ки Подшоҳии Худо дар ҳаёти мо чӣ гуна амал мекунад, мо *ҳар*

*рӯз* бо эҳсоси идона зиндагӣ мекардем. Дар ҳақиқат, ид ба охир нарасидааст. Мо то ҳол Подшоҳиро ҳар рӯз ҷашн мегирем. Агар мо пештар зери болиштҳои диванро кофта, чанд тин меёфтем, то барои фарзандони худ як "Хэппи Мил" харем, ҳоло бошад, мо аз қарз озод ва қодир ҳастем, ки садҳо ҳазорро барои дар саросари ҷаҳон паҳн шудани Инҷил қурбонӣ кунем. Ин як сабаби аниқ барои ид аст.

Ману Дренда дар бораи Подшоҳии аҷоиби Худо ба одамон нақл карданро хеле дӯст медорем. Маҳз аз ҳамин сабаб ман ба Албания рафтам.

Тавре ки ман хотиррасон кардам, вақте ки Худо ба ман дар Албания дар бораи ба назди халқҳо рафтан гап зад, ман ошуфта шудам. Ин чӣ маъно дошт? Ҳамон вақт ман дар калисое, ки бо Дренда даҳ сол пештар кушода будем, шубон будам. Оё ман бояд калисоро тарк кунам ва сафар сар кунам?

Ба воситаи вохӯриҳои гуногуни аз ҷониби Худо таъиншуда Дренда ва ман бо одамоне, ки ба кори телевизион машғул буданд, ва бо ширкатҳое, ки дар истеҳсолоти телевизионӣ кор мекарданд, шинос шудем. На он тавре ки ман онҳоро ҷустуҷӯ карда бошам, ба таври оддӣ Худо Худаш онҳоро ба роҳи мо овард. Боз, умуман, ман ба кори телевизион шавқ надоштам, вале рӯъёеро, ки якчанд сол пеш гирифта будам, ба ёд овардам.

Дар яке аз ҷамъомадҳои калисоямон дуо мекардам, ва ногаҳон Худованд ба ман гуфт, ки ман дар телевизион ва радио кор хоҳам кард. Дар ин бора бисёр фикр накардам, азбаски ман он вақт на ба ин ва на ба он таваҷҷӯҳ надоштам, аммо ин чиз диққати маро ҷалб кард, ва ман дар ин хусус ба Дренда гуфтам.

Хулоса, Худо якчанд дарҳои аҷибро кушод ва баъзе одамони хеле хубро ба роҳи мо овард, ки моро барои дар телевизион ба кор шурӯъ намудан рӯҳбаланд месохтанд, гарчанде дар ин бора ҳеҷ чизро намедонистем. *Ва вақте ки ман "ҳеҷ чиз" мегӯям, ман "ҳеҷ чиз"- ро дар назар дорам.* Аммо ҳис мекардем, ки бояд ба он чи Худо ба мо нишон дода буд, пайравӣ намуданро давом диҳем.

Мо ягон хел техника надоштем ва ҳатто намедонистем, ки барои дар телевизон кор кардан чӣ гуна таҳҷизот лозим аст, аммо одамоне, ки Худо онҳоро назди мо оварда буд, медонистанд. Ниҳоят вақти он расид, ки бояд қарор қабул кунем. Як ширкати истеҳсолии телевизион ба мо барои нашри барномаҳо бо нархҳои имтиёзнок шартнома пешниҳод кард. Мо ҳисоб карда баромадем, ки бо назардошти вақти эфир ва ҳама хароҷоти марбут ба пахши лоиҳаҳои телевизионӣ, тақрибан сесад ҳазор доллар лозим аст. Дар он вақт мо сесад ҳазор доллар надоштем. Аммо баъд аз дуо ва мубориза бо Худо, ман, ниҳоят, “бале” гуфтам (албатта, шумо ҳеҷ гоҳ дар мубориза бо Худо пирӯз намешавед).

Ҳамин тавр, ширкати истеҳсолӣ ба шаҳр омад (онҳо дар Техас воқеъ буданд), ва мо наворбардории барномаи аввалини телевизиониро шурӯъ кардем. Азбаски мо ороиш надоштем, тамоми сол дар меҳмонхонаи мо дар назди оташдон навор мегирифтем. Гуфтани он ки ман пеш аз наворбардоии нахустин асабонӣ будам, ин ба ҳеҷ чиз нагуфтан баробар аст. Ман намедонистам, ки чиро интизор шавам. Маро на танҳо иштирок дар навор ташвиш медод. Ба ман лозим буд, ки тамоми мундариҷаро таҳия кунам ва дарвоқеъ, тамоми қисмҳои барномаро муттаҳид созам, албатта, бо иштироки Дренда. Коллективи истеҳсолӣ ба мо якчанд маслиҳатҳо ва таълимотҳои олиҷаноб доданд, аммо ба ман ҳоло ҳам осон набуд.

Лутфан бифаҳмед, ки ман табиатан одамгурез ҳастам, барои ҳамин дар телевизион кор карданам барои ман аз минтақаи роҳат баромадан буд. Ғайр аз ин, рӯзи навор гирифтан ҳама наворбардорон хеле ғамгин буданд. Сардори даста маҷбур буд, ки каме вақт корро бас кунад, зеро писари хурдсолаш ба роҳи мошин баромада, дар таги чархҳо монда, мурд. Онҳо ин ҳодисаро саҳарӣ, пеш аз сабт кардани навор, гуфтанд. Ман тасмим гирифтам, ки то ба охир расондани навобардорӣ ба Дренда чизе нагӯям. Ин хеле душвор буд.

Ба ғайр аз ин, баъд аз наворбардорӣ яке аз ҳамкоронамон дар мотосикли писарам Тим савор шуда, онро шикаст. Тим давида ба хона даромада дод мезад, ки Дэвид мурдааст. Ӯ мурда набуд, танҳо

беҳуш шуда буд, аммо тасаввур кунед, ки оғози лоиҳа чӣ гуна буд.

Мо як ҳафтаи наворбардориро паси сар кардем ва намоиш дар як стансияи маҳаллӣ ба эфир баромад. Мо як ҳафта дар як моҳ наворбардориро идома медодем, аммо охири моҳи дуюм низ осонтар нашуд, ва ман бо ҳисси беқадрӣ ва ваҳм дар як вақт мубориза мебурдам. Ман ба соҳиби ширкати истеҳсолӣ гуфтам, ки ин корро карда наметавонам. Ӯ лаҳзае ба ман нигаристу гуфт: “НЕ! Шумо бояд ин корро давом диҳед ва барномаҳои худро нашр намоед!”

Пас аз он маро ба нишастан таклиф кард, зеро мехост чизеро нишон диҳад. Вай телевизорро ба кор андохта, шабакаҳои телевизиони масеҳиро ёфт. Ростӣ, ман ҳеҷ гоҳ махсус барномаҳои масеҳиро тамошо намекардам, аммо чизе ки он рӯз дидам, маро дилбеҳузур кард ва қарор додам, ки бо барномаҳои масеҳӣ умуман ягон муносибат надошта бошам.

Дар як шабака онҳо “равғани зайтуни муқаддас”-ро мефурӯхтанд ва чуноне ки онҳо иддао доштанд, барои шукуфоӣ тадҳини бештаре меорад. Дар дигараш – воиз “вафлиҳои тадҳиншуда”-ро мефурӯхт ва изҳор дошт, ки аз ҳар пора шумо ваҳйи нав мегиред. Дар сеюмаш – шуморо бовар мекунонданд, ки агар дар се дақиқаи оянда хайрот диҳед, шумо барои шукуфоӣ тадҳини секарата мегиред. Дар чорумаш – маҳсулоти хӯроквории хушки яхкардашударо пешниҳод доштанд. Ба назар чунин менамуд, ки ҳама корро мекарданд, то ки одамонро ба хайрот додан ҷалб кунанду халос.

Аммо ман дидам, ки дар ҳеҷ кадоме аз ин барномаҳо ба одамон дар бораи чӣ тавр гирифтани чизеро, ки ҳақиқатан ба он эҳтиёҷ доштанд, оиди он ки Подшоҳии Худо дар асл чӣ гуна амал мекунад, нақл намекарданд. Ба онҳо мегуфтанд, ки тухмӣ коштан лозим аст, аммо ман медонистам, ки касе лозим буд, ки ба мардум чӣ тавр ғундоштани ҳосили он тухмиро гуфта диҳад!

Бисёр қисмҳои муаммо вуҷуд доштанд, ки одамон бояд онҳоро чунон ҷо ба ҷо намуданашон лозим буд, ки муваффақ шаванд. Медонистам, ки агар фақат ба онҳо чӣ тавр хайрот доданро омӯзонем,

на чӣ тавр ҳосил гирифтанро, одамон аз Худо ноумед мешаванд ва вақте ки корҳояшон тавре, ки онҳо интизор буданд, амалӣ намешавад, фикр мекунанд, ки Вай онҳоро ба нокомӣ оварда расонд.

Одамон қонунҳои Подшоҳии Худоро ва инчунин чаро хайрот додани онҳо дар ин ҷо, дар салтанати заминӣ, як қисми муҳими қадам задан дар фаровонии Подшоҳӣ маҳсуб ёфтанашро бояд медонистанд. Боз, муҳимтар аз ҳама, онҳо донистанашон лозим аст, ки пас аз додани хайрот чӣ бояд кард. Онҳо бояд медонистанд, ки чӣ гуна он ҳосилеро, ки ба он аз Худо ниёз доранд, ҷамъоварӣ кунанд.

Ман дарёфтам, ки дар ҷамъоварии ҳосили худ бояд саҳми худро гузорам: пеш аз ҳама зарур буд, бифаҳмам, ки имон чист ва барои чӣ лозим аст. Бояд мефаҳмидам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс маро ба ҳосили ман мебарад ва чӣ тавр вақт ва ҳар як ҷузъи ҳосил муҳим аст. Ман кашф кардам, ки қонунҳои рӯҳоние вуҷуд доранд, ки онҳо бояд омӯхта ва татбиқ карда шаванд ва инчунин қонунҳое, ки табиатро танзим намуда, ба ҳосил таъсир мерасонанд.

Чунин тасаввурот пайдо шуд, ки тамоми барномаҳо ба он нигаронида шудаанд, ки шуморо бовар кунонанд, ки пул ба тарзи сеҳрнок бояд дар қуттиҳои почтаи шумо пайдо шавад.

Ман розӣ мешавам, ки баъзан пул *ҳақиқатан* дар қуттиҳои почтаи шумо пайдо мешавад, аммо агар шумо ин воқеаҳоро бодиққат омӯхта бароед, маслиҳатҳои рӯҳонӣ хоҳед ёфт, ки чаро ва чӣ тавр онҳо ба вуҷуд омаданд.

Пас аз тамошои чанде аз ин барномаҳо аз он чизе, ки дидам, дар хиҷолат афтодам. Тааҷҷубовар нест, ки ҷаҳон ба ин аҳамият намедиҳад. Аммо ман илова бар ин хашмгин шудам. Дар ҳамин лаҳза фаҳмидам, ки он чизе ки ман гуфтан мехоҳам, зарур аст.

Ман тасмим гирифтам, ки корро дар телевизион идома диҳам, зеро дар кадом бора сухан ронданамро медонистам. Ман ҳоло дар тӯли чордаҳ соли охир ба нашри барномаҳои телевизионӣ машғулам ва мебинам, ки чӣ хел даҳҳо ҳазор одамон барои худ Подшоҳии Худоро кашф мекунанд – на динро, балки Подшоҳии Худоро – ва

онҳо ҳамон гуна натиҷаҳоеро ба даст меоранд, ки Дренда ва ман доштем.

Ман медонам, ки шумо низ ҳамин гуна натиҷаҳоро хоҳед дошт.

Ин китоб, “Инқилоби молиявии ту. Қуввати саховатмандӣ”, – китоби панҷум ва охирини ман дар силсилаи “Инқилоби молиявӣ” аст. Ман аз тамоми силсилаи ин китоб дар ваҷдам ва аз китоби охирин низ хурсанд ҳастам.

– Гэри Киси

БОБИ 1

# ҚУВВАТИ САХОВАТМАНДӢ

Оилаи мо шабе дар яке аз тарабхонаҳои дӯстдоштаи маҳаллиамон хӯроки шом мехӯрд. Ба мо як хонуми ҷавоне хизмат мекард, ки дар мӯҳлати охири ҳомиладорӣ буд. Вақте ки ҳисоби худро пардохт мекардам, ногаҳон ҳис намудам, ки бояд ба ӯ пули калон диҳам. Одатан ман бист-бисту панҷ фоиз медодам ва ба нӯги он боз сад доллари дигар илова кардам. Вай чеки имзошударо нигоҳ накарда гирифт ва ба тарафи ошхона тоб хӯрд.

Пас аз як дақиқа ӯ гирякунон баргашт. Баргашт, то ба мо ташаккур гӯяд. Вай ба мо нақл кард, ки вазъияти хеле душвори молиявӣ дорад ва ҳайрон аст, ки чӣ хел аз ин шароити танг раҳо шавад. Мо имконияти бо ӯ дар бораи Масеҳ сӯҳбат карданро доштем ва пеш аз рафтанамон барои вай дуо гуфтем.

Мо коре накардем, аммо саховатманд буданамон дари хизматро дар дили ӯ воз кард.

*Ё ки ту ба фаровонии меҳрубонӣ, ҳилм ва пурсабрии Ӯ беэътиноӣ мекунӣ, бехабар аз он ки меҳрубонии Худо туро ба роҳи <u>тавба</u> ҳидоят менамояд?*

— Румиён 2:4

Дар ин порча аз Нома ба Румиён гуфта мешавад, ки меҳрубонии Худо моро ба тавба мебарад.

**Саховатманд будан ин мисли Худо рафтор кардан аст.**

Дар Инҷили Матто (5:45) гуфта шудааст:

> *То ки фарзандони Падари худ, ки дар осмон аст, гардед; зеро Ӯ офтоби Худро бар бадону некон тулӯъ мекунонад ва борон бар одилону золимон меборонад.*

Худо нек аст ва Ӯ саховатманд аст! Мо фарзандони Вай ҳастем, ва табиати нави мо дар Масеҳ ин саховатманд будани мост. Дар мисоли нақли дар боло овардаамон, саховатмандӣ ин мубодила кардани дили Худо бо одамон аст. Саховатмандӣ ба мисли як ҷуръа оби хунук дар рӯзи гарм аст ва оламеро, ки дар биёбони қашшоқист, таскин медиҳад ва умед мебахшад.

Таъсири додани ихтиёрӣ дар дастури Павлус ба калисои Қӯринтӯс дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён (9:10-15) равшан дида мешавад:

> *Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард, то ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*
>
> *Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад; зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат, онҳо Худоро ҳамду сано мехонанд барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва барои ҳиммати шумо дар ширкате ки бо онҳо ва бо ҳама доред. <u>Ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд, барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!</u>*

Саховатмандии шумо мардумро водор месозад, ки Худоро ҳамд гӯянд ва шукрона кунанд! Диққат диҳед, Павлус мегӯяд, ки саховатмандӣ ин хизмати шумо ба Худост.

Таърифи калимаи “хизмат” чунин аст: “Иҷрои кор ё вазифа барои сардор ё ба сифати хизматгор”[1].

Ин як қисми вазифаҳои шумо дар ин ҷо, дар салтанати заминӣ, аст, ки дар бораи дил ва ғамхории Ӯ нисбати одамон аз номи Худо мубодила кунед. Натиҷа аён аст – он ба одамон таъсир мебахшад ва дили онҳоро барои қабули Масеҳ мекушояд.

Фикр мекунам, ҳамаи мо дар хотир дорем, вақте ки касе ба ёрии мо омадааст, ва ин барои мо чӣ қадар маъно дошт.

Ман дар хотир дорам, ки чӣ тавр дарҳол пас аз издивоҷ чор ҳазор доллар аз андоз қарздор шудам. Намедонистам, ки пулро аз куҷо гирам, бисёр шабҳо аз даҳшати вазъияте, ки ба он дучор шуда будам, аз бедорхобӣ азоб мекашидам. Он вақт мо дар Талса зиндагӣ мекардем ва ният доштем, ки барои ид ба Оҳайо сафар кунем.

Вақте ки падарам аз ман пурсид, ки корҳо чӣ хел аст, ман ба ӯ дар бораи қарзи андоз гуфтам. Вай гуфт: “О, ин корроислоҳ кардан осон аст”, ӯ дафтарчаи чекиро баровардa, барои тамоми маблағи қарз чек навишт. Саховатмандии фаврии падарам нисбати ман дар он лаҳза сабаб шуд, ки ман ӯро назар ба пештара зиёдтар дӯст дорам. Чунки дар он лаҳза дили ӯро нисбати худам фаҳмидам.

Дили падарам бисёр вақт пӯшида буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ҳиссиётҳои худро ошкоро ба одамон нишон намедод, ҳатто ба модарам ҳам. Дар тӯли ҳаётам, то он ҷое ки ман дар хотир дорам, падарам ба ман ягон бор нагуфта буд, ки маро дӯст медорад. Боре ҳамин тавр шуда буд, ки модарам маҷбур кард, ки вай гӯяд, ки маро дӯст медорад. Баъди чанде моҷаро, билохира, падарам гап зад. Ман он рӯзро гӯё чун дирӯз дар хотир дорам. Модарам ӯро илтиҷокунон мегуфт: “Ту ба писари худат гуфта наметавонӣ, ки ӯро дӯст медорӣ?” Аммо ӯ хомӯш буд.

Дар охир, вақте ки модарам мегирист, вай гуфт, ки маро дӯст медорад. Вақте ки падарам ба ман гуфт, ки маро дӯст медорад, ман ин лаҳзаро ба ҳисоб намегирифтам. Чунки ӯро ба ин кор маҷбур карда буданд.

---

1 Луғати забони англисӣ *The American Heritage® Dictionary*, нашри панҷум.

Ба ҷои он ки падарам ба мо гӯяд, ки моро дӯст медорад, вақтҳое буданд, ки ӯ ба мо чизи махсусе мехарид. Фикр мекунам, ки мо ҳар чор фарзандон медонистем, ки падарамон моро дӯст медорад. Ман ба дили падарам танҳо тавассути корҳое, ки ӯ карда буд, нигоҳ мекардам ва қариб ҳеҷ вақт на ба воситаи суханоне, ки ӯ гуфта буд. Ман ин лаҳзаҳои пурқиматро дар хотир нигоҳ доштаам, зеро бароям ин лаҳзаҳо чун рӯшноӣ дар шаби торик буданд.

Рӯзе, ки ӯ чеки қарзи андозро навишт, дили ман аз миннатдорӣ лабрез шуд. Бо гиря падарамро ба оғӯш гирифта, ташаккур гуфтам. Ҷавоби ӯ маро ҳайрон кард. Ӯ гуфт: "То он даме ки ман имконият дорам, мехоҳам, ки ёрӣ диҳам".

Боварӣ дорам, ки шумо ҳам мисли ман аз саховатмандии касе лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаро дар хотир доред. Пас, дар ин бора қайд кунед**:**

**Саховатмандӣ ба одамон дили шумо ва дили Худоро нишон медиҳад.**

Саховатмандӣ хеле муҳим аст. Вай ҷои суханро иваз мекунад ва рост ба дил рафта мерасад. Ин хеле аҷиб аст, ки таъриф ё тӯҳфаи додаи касе барои мо то чӣ андоза азиз аст.

Яке аз лаҳзаҳои нахустини ҳаётам, ки ман дили падарамро фаҳмидам, вақте буд, ки дар синфи шашум мехондам. Он вақт ману писари амакам ба моделҳои ракета шавқ доштем ва ман он вақт якеи онҳоро, ки қисми пешаш конуси шаффоф буд, харидам, ки ба он чизеро гузошта, ба осмон сар дода мешуд.

Як рӯз ману бародарам қарор додем, ки қурбоққаеро ба қисми пеши ракета гузошта, бо скотч онро печонем, то ки он ҳангоми ба осмон парвоз карда баромаданаш ба фалокат дучор шавад, на ин ки парашюташро кушояд. Мо дидан мехостем, ки бо қурбоққа чӣ рӯй медиҳад, ва, фикр мекунам, шумо инро ба худ тасаввур карда метавонед.

Мо ракетаро сар додем ва, бадбахтона, ҳамин вақт падарам ба берун баромад. Медонистем, ки ӯ аз куштани қурбоққа норозӣ хоҳад шуд.

Ракета, тавре ки мебоист, ба боло баромада, тоб хӯрд ва ба замин бо қисми пешаш омада зад. Ман барои аз замин чидани боқимондаҳои мушак рафтам ва дидам, ки қисми пеши мушак шикаста, ва қурбоққа, тавре ки ман интизор будам, мурдааст.

Вақте ки ман ракетаро бардоштам, қурбоққаи мурдаро зуд ба як тараф партофтам, то ки нияти ҳақиқии мо аз падарам пинҳон монад. Вай наздик омада, хоҳиш кард, ки ракетаро ба вай диҳам. Ман то ҳол ғамхории падарамро нисбати ракетаамон дар хотир дорам. Вай ба ман маслиҳат дод, ки чӣ тавр онро таъмир карда метавонам ва афсӯс мехӯрад, ки мушакамон шикастааст. Дилсӯзии ҳақиқие, ки дар овози ӯ буд, ва меҳрубониаш маро бовар кунонд, ки ҳақ нестам. Вай дар бораи қурбоққа ҳеҷ чиз намедонист, аммо меҳрубониву ғамхории ӯро нисбати худам ҳеҷ гоҳ фаромӯш накардаам. Дар он лаҳза ман фаҳмидам, ки вай дар ҳақиқат маро дӯст медорад.

Баъзан вақт Худо одамонеро истифода мебарад, ки мо онҳоро ҳатто намешиносем, то ки моро рӯҳбаланд созад ва ба мо дасти ёрӣ дароз намояд.

Дар ёди ман он хотирае нақш бастааст, ки Дренда ва ман бо чанде аз дӯстонамон ба шикори тазарв рафта будем. Ману Дренда нав оиладор шуда, дар Талса зиндагӣ доштем. Як шиноси ман, ки дар Канзас зиндагӣ мекард, моро даъват намуд, ки дар рӯзи кушодашавии мавсими шикори тазарв ба ӯ ҳамроҳ шавем. Ман, ҳадди ақал, дар ҳаяҷон будам.

Мо баъди панҷ соат ба Канзас расидем ва як рӯзи аҷоиби шикор доштем ва ҳиссаи худро аз шикори паррандаҳо гирифтем. Аммо дар роҳи бозгашт ба Талса мотори мошини дӯсти мо аз кор баромад. Мо бегоҳӣ дар миёни роҳи регӣ дармондем, ки то ба хона расидан чанд соатина роҳ буд. Агар шумо боре ба Канзас рафта бошед, пас медонед, ки он ҷо чӣ қадар беодам аст.

Ҳаво аллакай торик буд ва мо аз дур танҳо нури як чароғро дидем. Ин хонаи деҳқон буд. Мо ба назди ӯ рафта, аҳволамонро нақл кардем. Ман тамоман моту мабҳут шудам, вақте ки вай гуфт:

“Хуб, ман имшаб шуморо ба хонаатон мебарам. Мошини шуморо ба притсепи худ мегузорам ва дилпур бошед, ки ба қарибӣ дар хона мешавед, ҳамин хел, рӯзи душанбе ҳама сари вақт ба кор меравед”. (Дренда субҳ бояд ба кори нави вақти нопурра шурӯъ мекард, ки дар тарабхона буд. Вай хеле ноумед шуда буд, ки бояд занг зада, гӯяд, ки ба кор рафта наметавонад.)

Аҷибаш он буд, ки ин одам, ки ҳеҷ гоҳ аз ин пеш надида будем, дар давоми панҷ соат моро ба хона ба Талса овард, ва баъд ба қафо гашта, то саҳар ба Канзас баргашт. Вай тамоми шаб бо мошин дар роҳ буд!

Ман ҳеҷ вақт ин амали неки фидокоронаро фаромӯш намекунам. Ӯ ҳатто барои сӯзишворӣ як тин нагирифт. Ман ҳамеша аз ин мард миннатдор хоҳам буд ва ҳар вақте ки дар бораи фикр мекунам, барои ин ҳадяаш шукр мегӯям.

Вақте ки одамон дар бораи шумо фикр мекунанд, барои саховатмандии шумо Худоро шукр мегӯянд.

Ман боварӣ дорам, ки шумо ба ин монанд ҳолатҳоро дар ҳаёти худатон дар хотир доред. Шумо ба ёд меоред, ки ҳар касе, ки ба шумо таваҷҷӯҳ намуд ва ғамхорӣ нишон дод, аз ӯ чӣ хел миннатдор будед. Ин маҳз ҳамон чизест, ки Павлус ба калисо гуфтан мехост – саховатмандии онҳо одамонро ба дили Худо наздик мекард ва мардум Ӯро барои хизмати онҳо ситоиш мекарданд ва раҳмат мегуфтанд.

Вақте ки ман ба Масеҳ омадам, фаҳмидам, ки дилам мулоим шудааст ва дар ҳақиқат ба одамон ғамхорӣ менамоям. Ҳангоме ки ман мӯҳтоҷиро медидам, ҳамеша мехостам, ки кӯмак кунам, аммо бисёр вақт ман ин корро карда наметавонистам, чунки пул надоштам, ки онро тақсим карда тавонам, ва ман хеле хафа мешудам.

Ман фаҳмидам, ки аксари одамон худро маҳз ҳамин хел ҳис мекунанд. Фақат ба мардум рӯ оварда, роҳро пурсед ва шумо хоҳед дид, ки даҳҳо нафар мехоҳанд ба кӯмаки шумо оянд.

Аммо тавре ки дар Китоби Муқаддас кашф кардам, саховатмандӣ аз он ки ман дарк кардам, қуввати азимтаре доштааст. Хондани ин

порча аз боби нуҳӯми Номаи дуюм ба Қӯринтиён қонуни Подшоҳиро кушод, ки тасаввуроти маро дар бораи хайрот дигар кард.

> *Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад. Зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат, онҳо Худоро ҳамду сано мехонанд барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва барои хизмати шумо дар ширкате ки бо онҳо ва бо ҳама доред, ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!*
>
> – 2 Қӯринтиён 9:12-15

**ОДАМОН ХУДОРО БАРОИ НЕЪМАТҲОИ БЕНАЗИРЕ, КИ Ӯ БА САХОВАТМАНДОН АТО МЕКУНАД, ШУКР ХОҲАНД КАРД!**

Барои фаҳмидани он ки Павлус чӣ мегӯяд, мо бояд маънои калимаҳоро муайян созем.

*Беназир* чунин маъно дорад: "ба миқдори зиёд ё ба дараҷаи баланд; олӣ, бартарӣ ё ғайриоддӣ". Масалан, *сохторҳои беназири мӯҳташам*[2].

Чӣ дар миқдори зиёди шумо хоҳад буд? Дар ҳаёти шумо чӣ чизи ғайриоддӣ ва мӯҳташам хоҳад буд? Файзи Худо!

Пас, ба мо таърифи калимаи файз лозим аст.

*Файз* маънои "неъмати бепоёни Худо"-ро дорад.

Ин таърифи стандартии калимаи файз аст, аммо ин тамоман ба он чизе, ки ҳаст, мувофиқат намекунад. Иҷозат диҳед ба шумо шарҳи беҳтаре диҳам.

Дар иқтибос аз Википедия дар бораи файзи илоҳӣ оварда шудааст:

2 Dictionary.com.

*Мувофиқи таълимоти маъмулии масеҳӣ, файз ин неъматест, ки Худованд ба инсоният бо фиристодани Писари Худ, ки дар салиб ҷон дод, ато кардааст ва ҳамин тавр наҷоти абадӣ бахшидааст. Аммо танҳо ин шарҳ пурра маънои он калимаи "файз"-ро, ки дар Навиштаҷот омадааст, дар бар намегирад. Масалан, Инҷили Луқоро гирем (2:40): "Ва кӯдак калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт ва аз ҳикмат пур мешуд, ва файзи Худо бар Ӯ буд". Дар ин мисол, бо истифода аз таърифи файз ҳамчун неъмати бебаҳо, барои Масеҳи бегуноҳ ниёз ба он маъно надорад.*

*Ҷеймс Райл чунин мешуморад, ки "файз – ин ҳузури тавонбахшии Худо, ки ба мо имкон медиҳад, он одамоне бошем, ки Ӯ офарид ва кореро иҷро кунем, ки Ӯ ба зиммаи мо гузоштааст". Билл Готард, дар навбати худ, чунин таърифро пешниҳод мекунад: "Файз ба мо хоҳиш ва қувват медиҳад, ки иродаи Худоро ба ҷо оварем". Ҳар ду ин маънидод барои шарҳи калимаи "файз", ки дар Китоби Муқаддас омадааст, мазмуни хуб додаанд*[3].

Инак, мо мебинем, ки Павлус дар ин порча дар бораи роҳи ба файз наздик шудан гап мезанад, ки ба мо имконияти комёб шуданро медиҳад. Ин ато, атои файз, ҳамд карда мешуд, зеро ба одамон имконият медод, ки комёб шаванд. Ва азбаски онҳо, дар навбати худ, нисбати эҳтиёҷоти одамон саховатманд буданд, ин онҳоро водор месохт, ки Худоро ҳамду сано хонанд.

Павлус муҳокимаронии худро бо чунин суханон анҷом медиҳад: *"Худоро шукр барои бахшоиши молокаломи Ӯ!"*

Боз як шарҳи дигар меорам. Калимаи "молокалом", чи хеле ки он возеҳ ишора мекунад, маънояш "барои комилан мувофиқ тасвир намудан сухан оҷиз аст"[4]. Ҳамин тавр, аз рӯи суханони Павлус, атои

3 https://en.wikipedia.org/wiki/Divine_grace

4 Луғати забони англисӣ *The American Heritage® Dictionary*, нашри панҷум.

файз чӣ қадар тӯҳфаи хубест – *сухан оҷиз аст*, махсусан барои онҳое, ки аз ҷиҳати молиявӣ онро дар худ таҷриба кардаанд.

Ин аст он қуввате, ки метавонад шуморо аз “ғуломии молиявӣ” озод кунад. Ин қувват файзи Худо аст, ки барои ҳар як имондор дастрас мебошад.

Аммо ин ҷо боз як масъалаи дигар аст. Мо метавонем вақти зиёдеро сарф кунем, оиди он ки Павлус дар бораи *додан* чӣ гуфт ва чиро ба ҷо овардан лозим аст. Аммо агар мо чӣ будани файзро дарк накунем, ҳосили Худоро барои шукуфоӣ, ки барои мо ният кардааст, аз даст медиҳем. Ин мисли он аст, ки дар ҷангал дар зери сояи дарахти калон боғ бунёд кунед, ки на нури офтоб, на ягон қуввате ҳаст, ки натиҷаи дилхоҳ диҳад.

Ману Дренда аз Китоби Муқаддас ҳикояҳои зиёдеро хондаем, ки қуввати Худо зоҳир шуда, вазъиятҳоро ба куллӣ ба тарафи некӣ дигаргун сохтааст. Бояд иқрор шавам, ки дар айёми бачагӣ воқеаҳои ба ин монандро дар калисои худ хеле кам шунидаем. Ба ғайр аз мавзӯи наҷот ҳеҷ кас ягон бор дар бораи чӣ тавр амал кардани файзи Худо сухан нагуфта буд.

Бале, ман мефаҳмам, ки наҷоти мо чизи аз ҳама муҳимтарин аст. Вале чи хеле ки ман гуфтам, ба ман он файзе лозим буд, ки *тамоми* соҳаи ҳаёти маро фаро гирад ва амал кунад, аммо бо кадом роҳ намедонистам. Аз чунин нодонии ман мо муфлис, бемор ва рӯҳафтода будем. Дар бораи наҷот бошад, мо танҳо чӣ будани ҳаёти абадиро медонистем, вале намедонистем ва намефаҳмидем, ки чӣ хел ба ҳаётамон Подшоҳии Худоро ворид кунем, ва ба зоҳир шудани қудрати Худо имкон диҳем. Чунон ки ман ба шумо гуфтам, мо дар шикасти молиявӣ будем!

Аммо ин аст суханоне, ки Худованд он рӯз ба ман дар бораи Подшоҳӣ гуфт: *“Шумо ба ин ҳолати бесарусомонӣ афтодаед, зеро ҳеҷ вақт намедонистед, ки Подшоҳии Ман чӣ гуна амал мекунад!”*

Ба ибораи дигар, Ӯ гуфт, ки ман намедонам, ки чӣ хел ҳокимияти

Подшоҳро дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, озод кардан даркор аст. Ман ҳеҷ вақт онро наомӯхта будам ва ҳатто намедонистам, ки ин имконпазир аст. Ман ягон фаҳмише надоштам, ки чӣ хел файз, қуввати Худоро истифода барам.

Дарвоқеъ, он рӯз, вақте ки Худо ба ман оиди Подшоҳии Худаш сӯҳбат кард, боз чизи дигаре низ буд. Вай суханашро давом дода, гуфт: *"Калисои Ман ҳамон тавре зиндагӣ дорад, ки банӣ-Исроил зиндагӣ дошт, ҳангоме ки онҳо ғулом буданд ва барои фиръавн хишт месохтанд. Онҳо ғуломанд! Халқи Ман қарздор аст ва Ман мехоҳам, ки онҳо озод шаванд!"*

Иҷозат диҳед ин ҷо як нуқтаро баён кунам. Шумо ҳеҷ вақт озод буда наметавонед, то он даме, ки аз ҷиҳати молиявӣ озод набошед. Чи хеле ки ману Дренда дар давоми сӣ соли охир мегӯем, шумо ҳеҷ вақт намефаҳмед, ки дар ҳақиқат кӣ ҳастед ва дар ҳаёти рӯҳонӣ чӣ мақсад доред, то он вақте ки масъалаи молиявиро ҳал накунед.

Инчунин иҷозат диҳед як нуқтаи дигарро низ қайд кунам. ШУМО ОЗОД ШУДА МЕТАВОНЕД!

Ман инро исбот кардаам, ва ҳазорҳо нафари дигар низ. Файзи Худо ба шумо кӯмак мерасонад. Чизҳое ҳастанд, ки шумо ба он даъват шудаед ва дар ҳолати ғуломӣ ҳеҷ вақт наметавонед ба он муваффақ шавед. Шумо бояд на фақат барои худ ва оилаи худ аз ҷиҳати молиявӣ озод бошед, балки барои он ки дигар одамон дида тавонанд, ки чӣ хел Подшоҳии Худо дар ҳаёти шумо амал мекунад, ва, ҳамчун дарахти пур аз меваҳои пухтарасида, он диққати мардумро ба худ ҷалб хоҳад кард.

Одамон ҷавобро ҷустуҷӯ доранд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳолати воқеии чизҳоро бифаҳманд. Ба онҳо сахт лозим аст, ки Подшоҳии Худоро бубинанд, на динро.

Иҷозат диҳед ба шумо дар бораи сӯҳбате нақл кунам, ки чанд рӯз пеш бо ҳамшираи шафқат доштам. Аниқтараш, бо ду ҳамшираи шафқат.

Модарам ҳаштоду ҳаштсола аст ва худашро хеле хуб ҳис мекунад,

**ОДАМОН ҶАВОБРО ҶУСТУҶӮ ДОРАНД. ОНҲО КӮШИШ МЕНАМОЯНД, КИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ ЧИЗҲОРО БИФАҲМАНД. БА ОНҲО САХТ ЛОЗИМ АСТ, КИ ПОДШОҲИИ ХУДОРО БУБИНАНД, НА ДИНРО.**

аммо, чи хеле ки мефаҳмед, вай ба кӯмак ниёз дорад. Он рӯз ман ӯро бояд ба қабули якчанд духтур мебурдам.

Вақте ки ман дар қабули аввал бо ҳамшираи шафқат сӯҳбат доштам, вай пурсид, ки чӣ тавр барои зиндагӣ пул кор мекунам. Ман ба вай дар бораи калисо ва инчунин дар бораи ташкилоти молиявиамон, ки чӣ тавр барои аз қарз озод шудан ба одамон кӯмак мекунем, нақл кардам. Ин диққати вайро ҷалб кард. Вай ба ман гуфт, ки ба бадбахтӣ дучор шудааст, қарздор аст ва намедонад, ки чӣ хел зиндагӣ кунад.

Дар худи ҳамон рӯз дар қабули духтури дуюм бо ҳамшираи шафқати дигар низ қариб ба ҳамин монанд сӯҳбат доштам. Вақте ки вай дар бораи шароити молиявии худ ба ман нақл мекард, аз чашмонаш ашк мерехт.

Дӯстам, ин саргузаштҳо беназир нестанд. Имрӯз Амрико ҳамин хел зиндагӣ мекунад.

Хоҳиши дили ман ва иштиёқи ман ин аст, ки одамон бифаҳманд, ки роҳи беҳтари зиндагӣ – Подшоҳии Худо вуҷуд дорад.

Вақте ки ману Дренда оиди Подшоҳии Худо омӯхтанро сар кардем ва он чиро, ки Худо ба мо дар бораи Подшоҳӣ таълим медод, ба кор бурдан гирифтем, ҳаёти мо ба куллӣ тағйир ёфт. Мо ба дидани он сар кардем, ки чӣ тавр файзе, ки Павлус дар бораш сухан рондааст, дар ҳаёти мо зоҳир мешавад.

Як шаб ман хоб дидам, ки мо тиҷорати худро оғоз мекунем, барои аз қарз халос шудани одамон кӯмак мерасонем. Ин девонагӣ аст, дуруст? Ман мисоли он одамеро дар назар дорам, ки бо пул кор карда наметавонад, акнун бошад, ширкатеро роҳбарӣ мекунад, ки

ба одамон чӣ хел аз қарз озод шуданро маслиҳат медиҳад. Танҳо Худованд чунин фикр карда метавонист, дуруст?

Шумо метавонед пурсед: “Ин чӣ гуна рӯй дод? Чӣ хел шумо фаҳмидед, ки бо кадом тарз аз қарз баромада мешавад, то ки ба дигарон низ барои аз он халос шудан кӯмак расонӣ?” Ин саволи олиҷаноб аст!

Хулоса, Рӯҳулқудс ба ман нишон дод, чӣ гуна ин корро кардан мумкин аст.

Албатта, чизҳое буданд, ки ман бояд дар ҷаҳони воқеӣ меомӯхтам, ва боз ман барои ташкили ширкати хусусиам ба мутахассисон мурочиат кардам, ки ба ман ёд доданд, ки чӣ тавр ширкати худро таъсис диҳам, аммо Рӯҳулқудс ин равандро роҳбарӣ мекард ва стратегияҳо ва усулҳои беназирро ба мо медод, то ки ба одамон кӯмак расонем. Ин ширкат афзоиши босуръати худро нишон дод, ва маҳз он озодии молиявии моро таъмин намуд.

Воқеан, ман медонам, ки шумо чӣ фикр доред: мумкин ки мо барои чунин кӯмак маблағи зиёд мегирифтем, агар ин ба мо имкон дод, ки ба таври кофӣ пул кор кунем, то ки аз ҷиҳати молиявӣ озод бошем.

Умуман не. Чи тавре ки ман аллакай гуфтам, Рӯҳулқудс ба мо як шакли тиҷорати беҳамтоеро дод, ки чунин аст: “Мо барои мизоҷони худ БЕПУЛ кор мекунем”.

Ман чӣ хел аз одаме пул ситонида метавонам, ки бе ин ҳам қарзҳои худро базӯр пардохт мекунад, то барои озод шуданаш ёрӣ диҳам? Не, ман ин корро карда наметавонам. Худо ба ман роҳи дигари маблағгузории ширкатамро дод. Дар он ҳеҷ вақт барои тартиб додани нақшаҳои шахсии озод шудани мизоҷон аз қарз пардохт набуд ва намешавад. Фаъолияти ширкати ман ба он махсус гардонида шудааст, ки ба мизоҷон дар давоми камтар аз ҳафт сол, одатан бе тағйир додани даромадашон, роҳҳои аз қарз озод шуданро нишон медиҳад, аз он ҷумла аз қарзи ипотекаи манзилӣ низ.

Моро на муштариёнамон, балки даҳҳо ширкатҳои фурӯшандагон ва мутахассисоне дастгирӣ мекунанд, ки мо онҳоро барои таъмини имкониятҳо ва бозсозиҳо барои мизоҷонамон интихоб кардаем. Онҳо моро барои он дастгирӣ менамоянд, ки дар бораашон ба мизоҷонамон нақл мекунем.

Масалан, дар чаҳорчӯбаи раванди азнавсозиҳо, агар ман донам, ки ширкати XYZ маблағи суғуртаи мизоҷи маро ду карат кам карда метавонад, ба мизоҷ гуфта метавонам, ки ширкати XYZ-ро санҷида бинад. Мизоҷи ман акнун метавонад бо ширкати XYZ сӯҳбат кунад ва барои худ маълумот ба даст оварад ва қарори шахсии худро барорад. Агар онҳо ба нархномаҳои арзонтари XYZ таваҷҷӯҳ дошта бошанд, метавонанд онро ҳамчун як қисми нақшаи бозсозии худ қабул кунанд ё не.

Ҳамин тавр, барои муштарӣ ҳама чиз ройгон аст. Ман боварӣ дорам, ки ин як омили асосие шуд, ки барои рушди аҷиби ширкати мо мусоидат намуд. Бо ширкати мо дар сомонаи forwardfinancialgroup.com шинос шуда метавонед.

Мо инчунин ба одамон барои сармоягузории бехатар, ки ман онро чунин меномам, кӯмак мерасонем. Он маҳз ҳамон чизест, ки чунин садо медиҳад: сармоягузорӣ бе хатари аз даст додани пасандозҳои гаронбаҳои нафақаи худ дар натиҷаи инқирози бозорӣ.

Дар давоми сӣ соли охир мо бо садҳо ҳазор одамон сӯҳбат кардем ва дидем, ки аксарияти амрикоиҳо дар чунин ҳоланд. Як мисол ба ин гуфтаи ман рост меояд ва нишон медиҳад, ки амрикоиҳо чӣ хел зиндагӣ мекунанд. Як зан барои аз қарз халос шудан аз ман кӯмак пурсид. Ман ва як ёрдамчиам бо ӯ вохӯрдем, вақте ки вай вазъияти худро баён кард, ман ба гӯшҳоям бовар карда натавонистам. Ӯ сиву ду корти қарзӣ аз бонкҳои гуногун дошт, ки лимитҳои онҳоро то охир истифода карда буд. (Бале, шумо дуруст шунидед – вай сиву ду корти қарзӣ дошт.)

Вай хеле бомуваффақият барои худ зиндон сохта буд ва барои

озод шудан аз ман калид мепурсид. Ба фикри ман ҷавоб оддӣ буд: истифодаи кортҳои қарзиро бас кардан. Ин оғози хубе мешуд. Ҳамин тавр, ба вай гуфтам, ки истифодаи кортҳоро қатъ карда, ба ҷои он, дар доираи даромади худ зиндагӣ кунад. Баъд аз ин ба вай супориш додам, ки рӯйхати тамоми хароҷоти зиндагиашро тартиб диҳад, то ман донам, ки аз куҷо сар карда, ба вай машварат диҳам. Ман боз маслиҳат додам, ки вай ба ҷои корти бонкӣ ба истифодаи корти дебетӣ шурӯъ намояд, то ки вазъиятро душвор насозад.

Бо баробари пешниҳоди қатъи кортҳо вай ҳамон замон ба гиря кардан даромад ва саволи ҳайратангез дод: "Чӣ хел ман пойафзол харида метавонам?"

Оё ман дуруст шунидам? Ӯ барои хӯрок маблағи кофӣ надошт, вале дар бораи пойафзол мепурсид?

Шояд шумо фикр кунед, ки ин хонум бояд истисноӣ қоида бошад. Дар истифодаи шумори кортҳои қарзӣ вай аз ҳад гузаронида буд. Аммо дар масъалаи зиндони молиявӣ беназир набуд. Ба нишондодҳои охирини оморӣ дар Амрико таваҷҷӯҳ кунед:

- Панҷоҳу ҳафт фоизи одамон дар бонк ҳазор доллар надоранд[5].
- Чилу чор фоиз наметавонанд ҳисоби ғайричашмдоштро ба маблағи чорсад доллар пардохт кунанд[6].
- Бисту се фоизи амрикоиҳо наметавонанд ҳисобҳои ҳармоҳаи худро пардохт кунанд ва ҳар моҳ бештар ва бештар қарздор мешаванд[7].

Дӯстам, амрикоиҳо, чи хеле ки Худо ба ман гуфт, – онҳо ғулом ҳастанд.

Фикр кунед, ки ғулом чӣ кор мекунад.

---

5 Рэй Ханания, «57 фоизи амрикоиҳо камтар аз 1000 доллари ИМА пасандоз доранд», 31 марти 2021 с., SuburbanChicagoland.com.

6 Ҷозеф Лоулер, «44 фоизи амрикоиҳо наметавонанд хароҷоти ғайричашмдошти 400 долларро пӯшонанд», Washington Examiner, 19 майи 2017 с.

7 Меган Леонхардт, «Аз қарз халос шавед», 24 майи 2019 с

- Вай барои худ кор намекунад. Гарчанде ки меҳнат карда, фоида ба даст меоварад. Ин фоида ҳар моҳ ба қарзхоҳон меравад ва барои оила бошад, танҳо як миқдор маблағ барои як моҳи дигар зиндагӣ кардан боқӣ мемонад.
- Ғуломон дар хонаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ба худашон тааллуқ надорад (яъне онҳо ипотека доранд).
- Онҳо дар мошинҳое савор шуда мегарданд, ки аз они худашон нест ва ба кор барои пардохти пули хонае мераванд, ки аз они онҳо нест.
- Онҳо либосеро мепӯшанд, ки бо корти қарзӣ харида шудааст ва ба кор мераванд, то ки барои хона ва мошине, ки аз они онҳо нест, пул пардохт кунанд, ва инчунин барои пардохти қарзи таълими бист сол пешина, ки то ҳол месупоранд.

Шумо моҳияти гапро фаҳмидед.

*Сарватдор бар камбағалон ҳукмронӣ мекунад, ва қарздор ғуломи қарзхоҳ мегардад.*

– Масалҳо 22:7

Шумо медонед, ки бисёр одамон корашонро дӯст намедоранд? Дар асл, як ширкати назарсанҷӣ бо номи Gallup мегӯяд, ки ҳаштоду панҷ фоизи кормандон аз кори худ нафрат доранд[8].

Пас, чаро онҳо дар ҷое кор мекунанд, ки намехоҳанд кор кунанд. Чунки онҳо ғуломанд, ва ғуломон интихоб надоранд!

Пас, оё роҳи раҳоӣ аз ғуломӣ ҳаст? Бале!

Бовар намекунед? Иҷозат диҳед, ман ба шумо нишон диҳам.

*Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад; зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат, онҳо*

---

8 Сара Берроуз, «Тибқи назарсанҷии Gallup, 85 фоизи одамон аз кори худ нафрат доранд», 22 сентябри 2017 с., returntonow.net.

*Худоро ҳамду сано мехонданд барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва барои хизмати шумо дар ширкате ки бо онҳо ва бо ҳама доред, ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд, барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!*

– 2 Қӯринтиён 9:12-15

Биёед ба ин ҷавоб аҳамият диҳем – файзи Худо имконият барои пешрафт аст!

Бояд инчунин дарк кунем, ки душман мехоҳад, ки шумо қарздор бимонед ва ҳеҷ гоҳ роҳи аз он халос шуданро ёд нагиред. Ва ҳамин хел ҳам ҳаст, ки 1,1 *триллион* кортҳои қарзии фаъол дар ИМА вуҷуд дорад[9]. Ҳамчунин ин ҳолат ҳар сол сабаби он мегардад, ки аз чор то ҳашт миллиард *пешниҳодҳо* ба кортҳои қарзӣ фиристода мешавад[10].

Касе мехоҳад, ки шумо қарздор бошед, ва ин на фақат бонкҳо ва фурӯшандагон, ки илтимос мекунанд кортҳои онҳоро дар амал бисанҷед.

Шайтон медонад, ки агар шуморо дар банди қарзҳо нигоҳ дорад, ҳеҷ вақт ҳаёти рӯҳонӣ бурда наметавонед, зеро, чи хеле ки медонад, салтанати ӯро халалдор мекунад.

Инак, иҷозат диҳед, ки як хулосаи кӯтоҳе кунам. Ин китоб дар бораи саховатмандӣ аст, дуруст? Бале, ҳам ҳа ва ҳам не. Мо дар бораи ҳама афзалиятҳои додан ва саховатманд будан сӯҳбат хоҳем кардем. Аммо додан худ аз худ ҷавоб нест. Шумо бояд донед, ки файз, қуввати Худоро чӣ тавр истифода баред.

Пас, иҷозат диҳед бори дигар изҳор кунам: формулаи додан ин танҳо формула аст, на ҳалли он. Албатта, ин як қисми он мебошад,

9 Рейнор де Бест, «Миқдори кортҳои кредитӣ ва дебетӣ дар ИМА дар солҳои 2012-2018», 16 декабри 2020 с., statisa.com/statistics.

10 Боб Брайан, 24 ноябри 2015 с., businessinsider.com.

вале ба ману шумо барои шукуфоӣ он қувваи фавқулодда ва ғайриоддие лозим аст, ки файз номида мешавад.

Дастин ва Кендалл дарк карданд, ки ман дар бораи чӣ гап мезанам. Онҳо як ҷуфти ҷавоне буданд, ки дар нақшаҳои молиявии худ ба файзи Худо мӯҳтоҷ буданашонро намефаҳмиданд, то он даме, ки ба мушкилиҳо дучор нашуданд. Онҳо як лоиҳаи нави тиҷоратиеро омӯхта истода, дарҳол қарор доданд, ки онро амалӣ мекунанд. Нарх? Яксаду панҷоҳ ҳазор доллар ва ҳамааш қарз буд.

Худи ҳамон моҳ, вақте ки ин тиҷоратро хариданд, хадамоти андоз онҳоро тафтиш карда, барои камбудиҳо ба маблағи панҷоҳу се ҳазор доллар қарз баровард. Дастин нақл мекунад, ки қарзашон ба маблағи зиёда аз дусад ҳазор доллар расида буд. Онҳо имконияти пардохти қарзро надоштанд, бе ин ҳам то ин тиҷоратро хариданашон корҳояшон ин қадар хуб набуд.

Чанде пеш боз як фарзандашон ба дунё омада буд, ва онҳо барои пардохти маблағи таваллудхона қарз гирифта буданд. Санҷиш онҳоро ба ҳолати хеле вазнин тела карда буд ва Дастин барои қарз имкониятҳои гуногунро ҷустуҷӯ мекард.

Ӯ барои сӣ ҳазор доллар пешниҳоди қарз пайдо кард, он тасдиқ шуд ва инро ба занаш гуфт, то ки фикри вайро бифаҳмад. Дастин намедонист, ки Кендалл китоби ман “Инқилоби молиявии ту. Қуввати оромӣ”-ро хонда буд, ки он ҷо низ дар бораи файзи Худо сухан меравад, ва дар бораи он мулоҳиза мекард.

Ҳамин тавр, вақте ки Дастин бо фикри қарзи навбатӣ ба назди вай омад, Кендалл рӯҳафтода гашт, зеро умедвор буд, ки шавҳараш ба Худо муроҷиат мекунад, на ба қарздиҳандаҳо. Вай тасмим гирифт, ки бо ӯ дар бораи қарорашон гап занад ва фаҳмонад, ки ба Худо таваккал кунанд. Хушбахтона, Дастин ҳикмати занашро қабул кард.

Вақте ки онҳо дуо мекарданд, он гоҳ шуниданд, ки Рӯҳулқудс фармуд, ки тухмӣ кишт кунанд. Албатта, дар он вақт он маблағеро надоштанд, ки Худованд онҳоро барои қурбонӣ фармуда буд,

бинобар ин онҳо бисту ҳашт рӯзи оянда меҳнат карданд, то ки барои кишти таъинкардаи Худо ба қадри кофӣ кор кунанд!

Натиҷа чӣ шуд? Кори онҳо барор гирифт ва пеш рафт.

Дар давоми соли оянда онҳо тавонистанд яксаду ҳафтоду панҷ ҳазор доллар қарзашонро пардохт намоянд. Дастин гуфт, ки дар он сол вай назар ба солҳои гузаштаи ҳаёташ ДУ маротиба зиёдтар пул кор кард!

Кендалл ва Дастин фаҳмиданд, ки Подшоҳии Худо ҳамеша амал мекунад!

Ҷавоби онҳо чӣ буд? Подшоҳӣ ва файзи Худо!

Ва ҷавоби шумо чӣ хел? Подшоҳӣ ва файзи Худо!

БОБИ 2

# ҶАВОБ: ФАЙЗ

Дар боби гузашта мо дар бораи он сӯҳбат доштем, ки чӣ гуна саховатмандӣ ба маънавиёти одамон таъсир мерасонад ва дили онҳоро ҳам ба сӯи шумо ва ҳам ба сӯи Худо моил мегардонад. Инчунин фаҳмидем, ки Павлус гуфтааст, ки қобилияти саховатманд будан ин натиҷаи файзи Худо дар ҳаёти мо мебошад.

*Ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд, барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!*

– 2 Қӯринтиён 9:14, 15

Мо дар бораи он сухан рондем, ки Павлус файзеро, ки Худо ба мо ато кардааст, тасвир намуда, ба калимаи *фаровон* диққат додааст. Мо дарёфтем, ки файз қуввати фавқуллода дорад, ки чизеро ба анҷом мерасонад. Павлус ин қуввати файзи Худоро бахшоиши молокалом номидааст! Ман фикр мекунам, ки ҳар кас бояд эътироф намояд, ки агар Худи Худованд ба ӯ кӯмак расонад, ки дар зиндагӣ муваффақ шавад, бартарии бе мислу монанде мебуд.

Барои фаҳмидани миқёси он коре, ки Худо дар ҳаётатон кардан мехоҳад ва барои дарки он қувваи беандоза бузурге, ки ба шумо дастрас аст, биёед ба якчанд оятҳо бармегардем ва аз ояти шаш сар мекунем.

*Хуллас, касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад, ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав мекунад. Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад, на бо ғамгинӣ ва на ба таври маҷбурӣ; зеро Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад. Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед. Чунон ки навишта шудааст: "Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст; кори хайраш то абад қоим аст".*

*Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард. То ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*

— 2 Қӯринтиён 9:6-11

Акнун ин ҷо чизҳо ҳақиқатан ҳайратангез мешаванд!

Мо мебинем, ки дар ин порча ҳамон калимаи "файз" истифода шудааст ва ғайр аз ин Павлус сифати "ҳар гуна" илова кардааст, то хонанда фаҳмад, ки ҲАМАИ ин қудрати Худо дар паси калимаи "файз" аст. Павлус ин ҷо дар бораи додан ва гирифтан ба таври фаҳмо сухан меронад ва қайд мекунад, ки, ҳамту ки шумо медиҳед, тамоми файзи Худо барои гирифтани ҳосил дастрас мешавад.

Тамоми файзи Худо маънои онро дорад, ки тамоми қудрати Худо, ҳикмати Ӯ, лутфу марҳамати Ӯ акнун барои гирифтани ҳосил аз он тухмӣ ба шумо дастрас аст. Ман дар бораи шумо намедонам, аммо ин маро ба ҳаяҷон меорад!

Лекин ин маънои онро надорад, ки дарав худ ба худ зуд ба даст меояд.

Агар деҳқони хеле сарватманд ба шумо гӯяд, ки тамоми техникаи кишоварзии худро, ки миллионҳо доллар арзиш дорад, барои кишт ва ҳосилғундорӣ ба шумо қарз медиҳад, вале шумо дар бораи деҳқонӣ чизе намедонед, ин ба шумо ҳеҷ фоида намедиҳад. Худо

тамоми қуввати Худро ба мо дастрас кардааст, лекин мо ба ҳар ҳол бояд нақши худро бозем, ба монанди он деҳқоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба ғайр аз ба замин коштани тухмӣ чизи бештаре низ вуҷуд доштанашро медонад.

Дар айни ҳол, ман фақат мехоҳам, то шумо бифаҳмед, ки қуввати Худо на танҳо ба шумо ёрдам медиҳад, ки пас аз коштан ҳосил гиред, он ҳатто ба шумо кӯмак мекунад, ки кай ва дар куҷо бояд коред. Ва ба туфайли ин шумо имконияти молиявии беҳудуд доред!

**ДАР БОРАИ КОРҲОИ ХУДО ҒАМХОРӢ КУНЕД ВА ВАЙ ДАР БОРАИ КОРҲОИ ШУМО ҒАМХОРӢ МЕКУНАД.**

Ҳоло мо бояд як қадам пештар равем ва дар бораи ваҳйи равшан дар ин порча сухан ронем, ки пул умуман барои чӣ лозим аст.

*Ва Худо қодир аст, ки ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед.*

Мо мебинем, ки аввал Худо дар бораи доштани ҳар чизе ки шумо ба он мӯҳтоҷ ҳастед, хотиррасон мекунад. Диққат диҳед, ки гап на фақат дар бораи пул меравад. Ӯ дар бораи *“ҳамеша аз ҳар ҷиҳат”* мегӯяд!

Ман инро доимо бо чунин тарз ифода мекунам: “Дар бораи корҳои Худо ғамхорӣ кунед ва Вай дар бораи корҳои шумо ғамхорӣ мекунад”.

Ҳамин тавр, “ҳамеша аз ҳар ҷиҳат” барои ман маънои онро дорад, ки новобаста аз рӯйдодҳои иқтисодӣ мо ҳеҷ гоҳ бе ҳеҷ чиз намемонем. Вақте Худо мегӯяд, ки ниёзҳои шумо қонеъ карда мешаванд, Вай танҳо дар бораи таъмини рӯзмарра намегӯяд.

*Ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт. Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст, – агар ту ба аҳкоми*

*Худованд Худои худ, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онро риоя намуда, ба ҷо оварӣ.*

– Такрори Шариат 28:12, 13

Вақте ки Худо дар бораи қонеъ кардани ҳамаи эҳтиёҷоти шумо сухан мегӯяд, Вай оиди тарзи ҳаёти якҷоя бо озодии куллии молиявии бе қарзе гап мезанад, ки бо ҷидду ҷаҳд аз паи супоришҳо буда, аз неъматҳои беҳтарини замин мехӯред. Инчунин ин ифодаи саломатии комил ва оромии комил дар шумост.

Пас аз пурра намудани эҳтиёҷот шумо на танҳо зинда мемонед, балки комёб ҳам мешавед.

*Шумо аз ҳар ҷиҳат бой мегардед, <u>то ки аз ҳар ҷиҳат саховатманд бошед.</u>*

Натиҷаи ниҳоӣ ин қобилияти аз ҷиҳати молиявӣ саховатманд будан, ба одамон кӯмак расонидан ва дастгирии супоришҳои Худо дар замин аст.

Мақсади Худо ин аст, ки дили Худро ба одамон кушояд ва дилҳои онҳоро ба сӯи Худаш моил кунад.

Чи хеле ки ман доимо мегӯям: “Худо дар корҳои одамон аст”.

Ба ман иҷозат диҳед лаҳзае ба як фарзияи дурӯғине, ки ман бисёр вақт мешунавам, муроҷиат кунам.

Ба қарибӣ ман бо одами хеле сарватманде сӯҳбат доштам, ва ӯ гуфт: “Ба ман дигар пул лозим нест, ман пули бисёр дорам”.

Ҳозир ман мефаҳмам, ки ӯ чӣ гуфтан мехост – ки ӯро хеле хуб ғамхорӣ мекунанд, ва шахсан ба ӯ дигар пул лозим нест. Аммо дар асл пули бештар ва зиёдтар лозим аст.

Агар мо фақат ба он нигоҳ кунем, ки пул *шахсан* барои мо чӣ кор карда метавонад, пас, тахмин мекунам, лаҳзае фаро мерасад, ки талабот ба пул камтар шуда метавонад. Аммо агар шумо дили Худоро дарк кунед, ки ба одамон наздик шудан мехоҳад, ки онҳо ҳанӯз

ҳаёти хуби Подшоҳиро нафаҳмидаанд ва айни ҳол ба ҷои воқеие, ки "дӯзах" номида мешавад, равонаанд, он гоҳ мефаҳмед, ки ба Худо пули бештаре лозим аст!

Бори дигар мегӯям: "ХУДО БА ПУЛИ БЕШТАР НИЁЗ ДОРАД!" Дар ин самт лозим меояд, ки бисёр корҳоро ба анҷом расонем.

> *Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед.*

Шумо ҳар кори хайр доред. Ҳар кори хайр ин коре аст, ки аз номи Подшоҳ анҷом дода мешавад. Дар асл, шумо кори хеле мушаххасе доред, мувофиқи Нома ба Эфсӯсиён, ки бояд бикунед.

> *Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст. Ӯ баъзеро ҳаввориӣ, баъзеро анбиё, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд. Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат...*
>
> – Эфсӯсиён 4:7, 11, 12

Шумо мебинед, ки аксарияти одамон хоҳиши аз ҷиҳати молиявӣ озод буданро доранд, чунки онҳо аз давиши калламушҳо хаста шудаанд. Онҳо оромиро меҷӯянд. Ва ҳамин хел ба корҳое машғул ҳастанд, ки ба онҳо маъқул нестанд ва озодиеро мекобанд, ки пулдорӣ ба онҳо дода метавонад. Онҳо озодиро меҷӯянд ва ба ҷои коре, ки *доранд*, мехоҳанд кори *дилхоҳашонро* кунанд, ба шавқу ҳаваси худ пайравӣ намоянд ва он мақсадеро, ки дар ҳаёт пешбинӣ карда буданд, ба амал оранд.

Ин як изҳоротест, ки диндоронро ба девонагӣ оварда мерасонад:

*Шумо аз ҳар ҷиҳат афзун хоҳед шуд.*

Бале, ин дар ҳақиқат чунин аст. Шумо сарватманд хоҳед шуд!

Албатта, мафҳуми “сарватманд” субъективӣ аст ва дар фарҳанги мо онро асосан нодуруст фаҳмидаанд. Дар ҳақиқат гуфта наметавонем, ки одаме, ки як миллиард доллар дорад, аз касе ки сад ҳазор доллар дорад, хушбахттар аст. Не, “сарватманд” будан барои ҳар кас ҳар хел маъноро ифода мекунад. Аммо, албатта, ин боз мазмуни онро дорад, ки ҳамаи ниёзҳои мо қонеъ шудаанд ва мо аз зиндагии беқарз ва аз неъматҳои беҳтарини замин баҳра мебарем.

> *Агар орзуманд бошед ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд.*
>
> — Ишаъё 1:19

Аммо сарватманд будан фақат маънои пулдориро дар бар намегирад. Инчунин ин бозии ман бо набераҳоям, даст ба даст доштан бо ҳамсарам ва дигар бисёр чизҳои ҷолибе дар ҳаёт аст. Ману Дренда панҷ фарзандони калон дорем, ки онҳо Худоро дӯст медоранд ва ба ин ё он роҳ ба хизмат машғул ҳастанд. Ҳамаамон ба ҳам наздик зиндагӣ мекунем ва, рости гап, якҷоя вақт гузарониданро дӯст медорем. Ман инро сарватмандӣ меномам!

**АЗ ИН РӮ, ТАКРОР МЕКУНАМ, ХУДО МЕХОҲАД, КИ ШУМО БАРОИ ДАВОМ ДОДАНИ КОРИ Ӯ ДАР ҶАҲОН ПУЛИ ЗИЁД ДОШТА БОШЕД.**

Бубинед, ки одамони диндор фикр мекунанд, ки пули зиёд доштан аз хасисӣ аст. Аммо шумо пули бисёр дошта наметавонед, агар шумо ҳамроҳи Худо бо кори одамон машғул бошед. Ин ҷо ҳамеша супоришҳои нав ва ҳудудҳои навро фаро гирифтан лозим аст.

Худо мехоҳад, ки шумо барои маблағгузории супоришҳои Ӯ саховатманд бошед ва ба одамон ёрдам расонед. Агар дар ҳар маврид саховатманд шудан хоҳед, шумо бояд пул дошта бошед.

Дар ҳар маврид *ҳар рӯз* ё *якчанд бор дар як рӯзро* дар бар гирифтанаш мумкин аст. Биёед ростқавлона гӯем, ки ин корро аз маош то маош зиндагӣ карда, ба анҷом расонида наметавонед,

аз пардохти маблағи ҳисобҳоятон, ки лозим аст, шумо бояд пули зиёдтар дошта бошед, бениҳоят зиёдтар! Ман фикр мекунам, ки ҳама бо ин розӣ мешаванд.

Биёед ҳангоме ки мо дар бораи саховатмандӣ ё умуман дар бораи додан сӯҳбат мекунем, дар он ҷое ки резина бо роҳ вомехӯрад, истода гузарем. Вақте ки медиҳед, бояд бо тарс мубориза баред. Ман нагуфтам, ки шумо бояд бо тарс *розӣ шавед*. Ман гуфтам, ки ҳангоми додан ба шумо лозим меояд, ки ба муқобили тарс МУБОРИЗА баред. Ва беҳтарин роҳи мубориза бо тарс ин ҳақиқат аст!

Пас дар вақти додан аз чӣ тарсем? Оддӣ карда гӯем, аз он ки мо барои худамон ба қадри кофӣ надорем, дуруст?

*Ба ман ин пул лозим аст* – шояд шумо фикр мекунед, ва, албатта, он ба шумо лозим аст. Аммо Худо низ ба он ниёз дорад. Худо аз шумо бе ваъдаи баргардонидан талаб намекунад, ки ба Ӯ диҳед, ба ибораи дигар, оё баргардонидани сармоягузории шуморо Худаш нагуфтааст? Ман фикр мекунам, ки Ӯ инро дар Каломи Худ хеле равшан ифода кардааст:

> *Бидиҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд: ба андозаи хуби ҷунбонидаю фишурдашуда ва лабрез ба домани шумо рехта мешавад.*
>
> — Луқо 6:38

Худо вақти бисёр сарф мекунад, то ба шумо манфиати дастгирии Подшоҳии Худашро фаҳмонад, нисбат ба он ки чӣ кор карданро дастур диҳад. Вай танҳо як калимаи *Бидиҳед*-ро мегӯяд, вале понздаҳ калимаи дигарро барои ба шумо фаҳмонидан истифода мебарад, ки *манфиат* дар чист. Фикр мекунам, ки ман ҳар як шартномаеро, ки бо чунин тарз сохта шудааст, имзо мекардам!

Бидонед, ки Худо манфиатдор аст, ки ҳама чиз бароятон хуб шавад. Андеша кунед: Худо аз куҷо барои маблағгузории нақшаҳои Худ пули заруриро мегирад?

Албатта, пулҳо бояд аз тарафи ману шумо ва дигар имондорон

пайдо шаванд. Одамони шайтон намехоҳанд, ки супоришҳои Худоро маблағгузорӣ кунанд. Афсӯс ки аксарияти имондорон ба хотири бозгашти қурбониҳо ба Худо таваккал карданро нодуруст меҳисобанд. Онҳо боварӣ доранд, ки ба Худо медиҳанд ва интизории бозгашти чизеро асоси тамаъ мешуморанд, ки ин гӯё ибодати поки Худоро паст мезанад.

Оё шумо чунин мешуморед, ки деҳқон хато мекунад, вақте гумон мекунад, ки ҳосил ба вай ва ба аҳли оилааш даромад меорад? Вай танҳо қонунҳои Худо додаро истифода мебарад.

Барои Худованд хуш аст, ки мо комёбӣ дошта бошем. Вай ба мо қонуни коштанро додааст, то ки барои манфиати худамон дарав кунем! Шайтон аз ибтидои замон дар бораи додан ва пул ба калисо дурӯғ гуфтааст. Баъзе мазҳабҳо аз қасами камбағалии худ фахр мекунанд ва намефаҳманд, ки рӯирост ба фиреби шайтон афтодаанд. Исо ҳангоми хизматаш чандин бор ба чунин ҳолат дучор шуда буд. Дар асл, маҳз ба ин масъала яке аз масалҳои машҳури Ӯ – масал дар бораи сомарии нек бахшида шудааст.

*Ва инак, як шариатдон бархост ва Ӯро озмуданӣ шуда, гуфт: “Эй Устод! Чӣ кунам, ки ворисi ҳаёти ҷовидонӣ шавам?”*

*Ба вай гуфт: “Дар Таврот чӣ навишта шудааст? Ва ту чӣ тавр мехонӣ?”*

*Дар ҷавоб гуфт: “Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми қуввати ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор, ва ёри худро мисли худ дӯст бидор”.*

*Ба вай гуфт: “Дуруст ҷавоб додӣ; чунин бикун, ва хоҳӣ зист”.*

*Вале вай, ки мехост худро сафед кунад, ба Исо гуфт: “Пас ёри ман кист?”*

*Исо дар ҷавоб гуфт: «Як мард, ки аз Ерусалим ба Ериҳӯ мерафт, ба дасти дуздон афтод; онҳо либосашро кашиданд, ӯро маҷрӯҳ карданд ва дар ҳолати ниммурда партофта*

*рафтанд. Тасодуфан коҳине аз он роҳ равона буд, ва ӯро дида, аз пешаш гузашта рафт. Ҳамчунин марде аз сибти Левӣ, ки дар он ҷо роҳгузар буд, наздик омада, ӯро дид ва аз пешаш гузашта рафт. Аммо як шахси сомарӣ, ки аз он роҳ мегузашт, ба ӯ дучор шуда ва аҳволи ӯро дида, дилаш сӯхт ва наздик омада, ба захмҳои ӯ равған ва шароб рехту ҷароҳатбандӣ кард; ва ӯро ба маркаби худ савор карда, ба корвонсарое овард ва ба ӯ ғамхорӣ намуд; ва фардои он, пеш аз рафтанаш, ду динор бароварда, ба соҳиби корвонсарой дод ва ба вай гуфт: "Ба ин мард нигоҳубин бикун; ва агар аз ин зиёдтар харҷ кунӣ, ҳангоми баргаштанам ба ту хоҳам дод".*

*Пас, ба фикри ту, кадоме аз ин се нафар ёри он марде буд, ки ба дасти дуздон афтод?»*

*Гуфт: "Ҳамон ки ба ӯ марҳамат кард". Исо ба вай гуфт: "Бирав, ва ту низ чунин бикун".*

— Луқо 10:25-37

Фикр мекунам, ки ҳар яки мо ин ҳикояро шунидаем, ки маънояш чунин аст. Худо агар дар роҳ ин мардро медид, чӣ мешуд? Мо медонем, ки Худованд ин марди латукӯбшударо дар канори роҳ барои мурдан партофта намерафт.

Аксари дарсҳои якшанбегӣ аз ин ҳикоя ба мо таълим медиҳанд, ки ҳамсояи хуб бошем. Ба одамон ғамхорӣ кунем. Ғамхорӣ ба одамон – ин инъикоси дили Худо, ва ман гуфта метавонам, ки бо чунин фикр пурра розӣ ҳастам. Аммо боз чизи дигаре ҳаст, ки аз мадди назар дур мондааст.

Барои дар ҳақиқат фаҳмидани сарзаниши Исо нисбат ба муаллими шариат, бояд фазои иҷтимоии он вақтро фаҳмид. Яҳудиён ба сомариён нафрат доштанд ва онҳоро нопок ва ғайрирӯҳонӣ медонистанд. Барои ҳамин, худро дар назари Худо нисбат ба сомариён ба дараҷае одил ҳисоб мекарданд, ки ҳатто бо онҳо муошират надоштанд. Ҳамин тавр, ҳикояи Исо аслан як торсакӣ ба рӯи ин муаллими шариат ва танбеҳ барои рафтори диндоронааш аст. Ман фикр мекунам, ки ҳамааш барои мо фаҳмост.

Аммо ман ҳеҷ гоҳ дар мактабҳои якшанбегӣ он қисми ҳикояро, ки оиди ду тангаи нуқра аст, нашунидаам. Чаро Исо дар бораи ду тангаи нуқра сухан гуфт, дар сурате ки аллакай ба ҳолати нодурусти дили муаллими шариат нисбати сомариён ишора карда буд? Биёед инро аниқ мекунем.

> *...Ва ӯро ба маркаби худ савор карда, ба корвонсарое овард ва ба ӯ ғамхорӣ намуд. Ва фардои он, пеш аз рафтанаш, ду динор баровварда, ба соҳиби корвонсарой дод ва ба вай гуфт: "Ба ин мард нигоҳубин бикун; ва агар аз ин зиёдтар харҷ кунӣ, ҳангоми баргаштанам ба ту хоҳам дод".*
>
> – Луқо 10:34, 35

Дар ин ҳикояе, ки Исо мегӯяд, мо инчунин қиёсро бо он чизе ки Исо барои мо карданӣ буд, дида метавонем. Мо мебинем, ки инсоният аз ҷониби шайтон, роҳзан, латукӯб ва захмӣ шудааст. Фаҳмидем, ки равған ва шаробро Исо ҳамчун рамзи Рӯҳулқудс ва хуни аҳд барои ҳамаи онҳое, ки назди Ӯ меоянд, медиҳад. Мо дар ин ҳикоя мебинем, ки пас аз молидани равған ва шароб сомарӣ боз ҳам дуртар меравад ва марди маҷрӯҳро ба корвонсарой мебарад, то ки вай сиҳат шавад. Сомарӣ медонад, ки барои сиҳат шудани мард вақт лозим аст ва ӯро ба ҷои бехатар барои барқароршавӣ мебарад, ва ҳамааш аз ҳисоби худаш буд.

Ман чунин мешуморам, ки меҳмонхона калисои маҳаллиро тасвир мекунад. Маҳз ба ҳамин ҷо Исо одамонеро, ки дар роҳи ҳаёт латукӯб шудаанд ва мурда истодаанд, ёфта меорад. Онҳо аз олами боло таваллуд мешаванд, бо хуни аҳд аз гуноҳҳо пок мешаванд ва бо Рӯҳулқудс зинда мешаванд, аммо то ҳол доғ, дарду ранҷи лаънати заминро дар худ мебардоранд. Ба онҳо вақт лозим аст, ки шифо ёбанд ва тарзи тамоман нави зиндагиро омӯзанд. Исо онҳоро дар як калисои маҳаллӣ ҷо ба ҷо мекунад ва дар зери назорат ва парастории "соҳиби меҳмонхона", шубони маҳаллӣ, мегузорад, то ки ба пешрафти онҳо назорат намояд.

Аммо, мутаассифона, мо дар калисо ҳамон гуна муносибатеро мебинем, ки муаллими шариат дошт. Одамон барои кӯмак дар корҳои меҳмонхона шарик будан намехоҳанд. Ба мисли ҳамаи онҳое, ки аз назди одами маҷрӯҳ гузашта рафтанд ва ба мушкилии ӯ ҳамчун ба мушкилии каси дигар нигаристанд. Чаро онҳо бояд ин корро кунанд? Ба онҳо аз ин чӣ фоида, ин кор барои онҳо фақат сарфи вақт ва пул аст?

Аз сабаби чунин муносибат бисёр шубонҳо вақти зиёди худро сарф мекунанд, то одамонро илтимос кунанд, ки ба мактаби якшанбегӣ ё гурӯҳҳои хурд ёрӣ расонанд. Аммо чунин менамояд, ки одамон аллакай ба корҳои худ машғуланд, ва ба онҳо розӣ шудан душвор аст. Худи дин танҳо аз вазифа ва қонун иборат буда, ҳеҷ гуна ҳавасмандкунӣ надорад. Дин кӯшиш мекунад, ки одамонро барои кӯмак расондан маҷбур кунад, ва мегӯяд: “Ту барои ин ё он корро кардан дар пеши Худо қарздорӣ. Охир, бубин, ки Худо барои ту чӣ кор кардааст”. Ва ман розӣ ҳастам, ки мо бояд ҳамеша омода ва шукргузор буда, дили моил ба сӯи Худо ва хоҳиши кӯмак расонидан ба дигарон дошта бошем, аммо Худо бо тарзи “Ту ба ман қарздор ҳастӣ” амал намекунад. Вай мегӯяд: “Ман ба ту барои хароҷот ду танга монда меравам, вақте ки бармегардам, ҲАМАИ хароҷотро пардохт мекунам”.

Боз, тафаккуроти динӣ ин гуфтаҳоро бо чунин маъно қабул мекунад, ки вақте ки ба осмон меравем, мо барои коре, ки дар ин ҷо, дар замин, барои Подшоҳии Ӯ анҷом додаем, мукофот мегирем. Не, вақте ки Исо ин ҳикояро нақл мекард, Вай дар бораи бозгашти он соҳибкор аз сафар ба шаҳр гап мезанад. Исо дар бораи як вақти муайян ва кӯмаки пулӣ ба соҳиби меҳмонхона сухан мегӯяд. Аммо акнун мардум хоҳанд гуфт: “Оличаноб, Худо хароҷоти соҳиби меҳмонхонаро ҳангоми парастории ин шахс мепӯшонад, аммо ман низ дар хонаи худ воқеан хароҷот дорам. Ман имконият надорам, ки вақтамро ё пуламро ба ин кор сарф кунам”. Чунин тарзи тафаккур, ки ҳама гуна хароҷоте, ки боре барои кӯмак расонидан кардед, ҷуброн карда мешавад, бисёр одамонро ҳавасманд намекунад. Ин, албатта, кӯмак мекунад, аммо тамоми қиссаи муҳаббати Худоро барои онҳое,

ки дар ин кор саҳм мегузоранд, ошкор намекунад.

Бале, ман медонам, ки шумо чӣ мегӯед: "Мо бояд ҳамаамон аз рӯи муҳаббате, ки ба Худо дорем дар кори меҳмонхона кӯмак кунем". Албатта, шумо инро аз рӯи садоқат ба шубони худ ва аз рӯи муҳаббат ва ҳисси ӯҳдадорие, ки дар назди Худо доред, иҷро мекунед, ва ин баъзан дар ҳақиқат лозим аст... Аммо Худо мехоҳад, ки шумо ҳамроҳи Ӯ *бо хурсандӣ* "дар меҳмонхона кор кунед".

Яъне, ин чунин маъно дорад, ки мо на БАРОИ Худо, балки аниқтараш БО Худо кор мекунем. Худи Худо ба воситаи Павлус чунин мегӯяд:

> *Кист, ки ягон вақт хизмати сарбозиро бо нафақаи худаш ба ҷо оварда бошад? Кист, ки ток шинонда, аз ангураш намехӯрда бошад? Кист, ки рамаро чаронда, аз шири рама намехӯрда бошад?*
>
> *Оё инро ман фақат ба таври инсонӣ мегӯям? Оё шариат низ инро намегӯяд? Зеро ки дар Таврoти Мусо навишта шудааст: "Вақте ки барзагов хирман мекӯбад, даҳонашро набанд". Оё Худо дар бораи барзаговон ғамхорӣ намекунад? Ё ки, албатта, барои мо гуфта шудааст? Оре, ин барои мо навишта шудааст; зеро шудгоркунанда бояд бо умед шудгор кунад, ва хирманкӯб – бо умеди гирифтани саҳми худ хирман кӯбад.*
>
> – 1 Қӯринтиён 9:7-10

Худо намехоҳад, ки шумо аз тарс ё ҳисси оддии ӯҳдадорӣ ба Ӯ хизмат кунед. Аҳамият диҳед, ки Ӯ чӣ гуфтааст: "*Зеро ки шудгоркунанда бояд бо умед шудгор кунад, ва хирманкӯб – бо умеди гирифтани саҳми худ хирман кӯбад*". Худо на танҳо оиди натиҷаи ҳосили он супорише, ки ба шумо додааст, ғамхорӣ мекунад. Вай инчунин барои онҳое, ки дар баробари Ӯ фаъолият доранд, ғамхорӣ менамояд ва мехоҳад, ки дар шодии дарав ба Вай шарик шаванд.

Исо бо як сабаби хеле муҳим дар ин ҳикоя соҳиби меҳмонхонаро

интихоб кардааст. Мо мефаҳмем, ки соҳиби меҳмонхона тиҷорат дорад. Вай ба нархномаи якрӯзаи худ борхати хароҷот ва музди меҳнати кормандонро дохил кард. Аммо ба болои тамоми хароҷоти меҳмонхона вай боз фоидаро низ илова мекунад. Маҳз ҳамин тавр, *фоида*.

Ҳар дафъае ки соҳиби меҳмонхона барои як шабонарӯз пул мегирад, вай фоида мекунад. Аз ин рӯ, вай ба он марди маҷрӯҳе, ки ба дари ӯ оварда шудааст, тамоман дигар хел муносибат мекунад. Нигоҳубин барои вай ба як тин намеафтад, чунки марди мусофир гуфт, ки тамоми хароҷоташро пардохт мекунад. Аммо соҳиби меҳмонхона як чизро медонад, ки ба ӯ иҷозат медиҳад, ки софдилона ба ин одам ёрӣ расонад. Дар асл вай аз имконияте, ки пайдо шуд, хеле ба ваҷд омадааст.

Бубинед, соҳиби меҳмонхона мефаҳмад, ки ҳар як шаби дар он ҷо гузарондаи марди маҷрӯҳ ба вай фоида меорад, ва чеки кушода, ки аз тарафи марди мусофир пешниҳод карда шуд, ӯро хеле шавқманд мекунад. Ман сӯҳбати соҳиби меҳмонхонаро бо марди роҳгузар ҳангоми рафтанаш тасаввур карда метавонам: "Эй, агар ту боз ягон каси дигареро бубинӣ, ки ҳамин хел ба кӯмак ниёз дорад, ҳатман онҳоро ба ин ҷо биёр. Ман ҳар он касеро, ки ту оварда метавонӣ, қабул менамоям, агар ҷой нарасад, боз илова мекунам!"

Чи хеле ки мебинед, ин ҷо аз ҳамон як масали машҳур ҳам зиёдтар гуфта шудааст, ки Исо чӣ кор мекард. Исо кӯшиш кард, ки тафаккури динии шариатдонро нисбат ба Худо ва марди сомарӣ ислоҳ кунад. Вай инчунин мехост ба ӯ фаҳмонад, ки ӯ имконияти бузургро аз даст дода истодааст, ки марди сомарӣ аз он истифода бурд, *– гирифтани фоида!*

Ман ҳамеша ғамгин мешавам вақте мешунавам, ки чӣ тавр одамон мегӯянд, ки Худо бо одамони хуб бад рафтор мекунад, ё ман мебинам, ки одамон ба ҷои он ки ҳаёти ҷолиб дошта бошанд, аз рӯи адои қарзи динӣ ба Худо хизмат мекунанд. Шайтон кӯшиш мекунад, ки некии Худоро аз қавми Худо пинҳон дорад, то ки онҳо бо тамоми дили худ ба Ӯ хизмат кардан нахоҳанд.

Барои бисёр одамон калисо ин як рӯйдоде дар тақвим мебошад. Онҳо намефаҳманд, ки калисо ҳамон меҳмонхона аст,

**АФСӮС КИ ОНҲО АЗ ХУДО ДУР ШУДААНД, ВА Ӯ БОШАД БАРОИ БА ОДАМОН НАЗДИК ШУДАН МЕХОҲАД ҲАМА ХАРОҶОТРО ПАРДОХТ КУНАД. ВАЙ НАЗАР БА САРМОЯГУЗОРИИ МО ҲАМЕША БА МО БЕШТАР МЕДИҲАД. ҲАМЕША.**

ки Худо одамонро барои шифоёбӣ мефиристад. Афсӯс ки онҳо аз Худо дур шудаанд, ва Ӯ бошад барои ба одамон наздик шудан мехоҳад ҳама хароҷотро пардохт кунад. Вай назар ба сармоягузории мо ҳамеша ба мо бештар медиҳад. Ҳамеша.

Ман дар ёд дорам, ки чанд сол пеш бо бародари Дренда нишаста будем ва сӯҳбат оиди он буд, ки Худо нек ва саховатманд аст, ва Ӯ ба мо Подшоҳиеро додааст, ки тамоми мӯҳтоҷиҳои моро қонеъ мекунад. Ин фаҳмиши Подшоҳӣ барои Ҷонни ва занаш Кэнди нав буд, чунки онҳо аз калисои анъанавӣ, ки дар он ҷо ҳақиқат кам таълим дода мешуд, баромада буданд.

Ҷонни ва Кэнди дар он вақт дар мактаби иёлати Ҷорҷия муаллимон буданд, ва Ҷонни як қисми вақт дар ташкилоти ман *Forward Financial Group* (“Гурӯҳи пешқадами молиявӣ”) кор мекард. Чунин менамуд, ки Ҷонни барои кори тиҷорат таваллуд шудааст. Дар соли аввали кораш дар ширкат, назар ба як соли муаллимӣ дар вақти пурра, вай бештар пул кор кард, бинобар ин вай қарор дод, ки муаллимиро тарк карда, пурра худро ба кори тиҷорати молиявӣ бахшад.

Дар аввал корҳои ӯ хуб буданд. Аммо баъдтар дар ҳамон сол ман дидам, ки фаъолияти ӯ суст шудан гирифт, ва фаҳмидам, ки бо ҳамин суръат дурудароз давом дода наметавонад.

Ману Дренда ба Ҷорҷия дар ҷашни Мавлуди Масеҳ сафар карданӣ будем, ва нияти комил доштам, ки каме истода бо Ҷонни вақт сарф кунам, то бубинам, ки оё ман метавонам баъзе аз сабабҳои инқирози тиҷоратро, ки ба вай имкон медиҳад дар ҷои дигар кор накунад, муайян кунам. Пеш аз он ки ба Ҷонни занг занам, вай ба

ман занг зада, хоҳиш кард, ба хонааш биёям, то корҳоро муҳокима кунем. Албатта, ман аллакай ба ин тайёр будам.

Гуфта метавонам, ки Ҷонни ва Кэнди ҳарос доштанд. Онҳо аллакай ба маблағи панҷ ҳазор доллар барои моҳи ҷорӣ ҳисобҳо барои пардохт доштанд, ва даромади кафолатнок набуд, ки ба онҳо имкон диҳад, ки моҳи оянда ҳамон панҷ ҳазор долларро пардохт кунанд. Вақте ки ман бо Ҷонни нишастам, суханони аввалини вай чунин буданд: "Ҳамааш беҳуда аст". Ман медонистам, ки фаҳмиши Подшоҳӣ барои Ҷонни ва Кэнди чизи нав буд ва ҳис кардам, ки ба онҳо ба тарзи рӯҳонӣ фаъолият бурданро таълим додан лозим аст. Зеро ман медонистам, ки Подшоҳӣ ҳамеша кор мекунад! Мо тақрибан ду соат сӯҳбат кардем, ман оиди қонунҳои Подшоҳии Худо ва озодии имон нақл кардам. Ҳангоми сӯҳбат ҳис кардам, ки тарс пажмурда шуда, имон сабзида истодааст. Фаҳмидам, ки Ҷонни ба қадами оянда омода аст.

– Ҷонни, – гуфтам ман, – ту бояд барои Худо тухмӣ кишт кунӣ ва барои пуле, ки ба ту лозим аст, ба Ӯ бовар кунӣ".

Ҷонни ва Кэнди розӣ шуданд, аммо онҳо пул надоштанд. Пешакӣ дониста, ман бо худам чек ба яксаду шаст доллар барои Ҷонни оварда будам. Ман медонистам, ки онҳо метавонанд ин пулро барои эҳтиёҷоти худ истифода баранд, аммо ба ҷои ин ман ба онҳо маслиҳат додам, ки онро ҳамчун тухмӣ коранд. Мо ҳарду медонистем, ки яксаду шаст доллар худ аз худ наметавонад панҷ ҳазор долларро аз рӯи ҳисобҳо, ки онҳо фавран бояд пардохт мекарданд, ё панҷ ҳазор долларро аз рӯи ҳисобҳо, ки мӯҳлати пардохташон наздик мешуд, рӯйпӯш кунад. Онҳо розӣ шуданд.

Чун мо якҷоя бо имон ба ин чиз дуо гуфтем, ман аз Ҷонни пурсидам: "Вақте ки ин пулҳоро мекорӣ, ту чиро интизор ҳастӣ, ки мегирӣ?" Ҳангоме ки ин суханон аз даҳонам баромаданд, Рӯҳулқудс маро боздошт ва гуфт, ки ба ӯ барои ҷавоб додан иҷозат надиҳам, ва барои чӣ буданашро медонистам. Ҷонни шояд мегуфт, ки ба ӯ панҷ ҳазор доллар лозим аст, барои он ки маҳз чунин зарурат дошт. Ба ҷои

ин Рӯҳулқудс ба ман гуфт: “Аз вай бипурс, ки дувоздаҳ ҳазор доллар дар муддати сӣ рӯз кифоя аст?”

Ва ман ҳамин тавр кардам. Ӯро аз ҷавоб додан боздоштам ва пурсидам, ки дувоздаҳ ҳазор доллар дар сӣ рӯз бас аст. Вақте ки он маблағи Худованд ба ман гуфтаро ба вай бигуфтам, ман чашмони ӯро калон кушодагӣ дидам. Ман медонистам, ки Ҷонни ҳеҷ вақт дар тамоми умраш дар давоми сӣ рӯз дувоздаҳ ҳазор доллар кор накардааст. Вай дақиқае хомӯш монд ва баъд гуфт, ки бале, вай ба ин якҷоя бо ман бовар карда метавонад. Ман аз Кэнди низ бо чунин савол пурсон шудам, ва ӯ низ “бале” гуфт. Мо дастонамонро ба ҳам пайваста, ба ин чек гузоштем ва имонамонро ба дувоздаҳ ҳазор доллар дар сӣ рӯз раҳо кардем.

Пас аз се ҳафта Ҷонни ба ман занг зад. Худоё, вай чӣ қадар дар ҳаяҷон буд. Ӯ дар давоми се ҳафта корҳои зиёдеро ба анҷом расонид, ки ба вай на фақат дувоздаҳ ҳазор доллар, балки ҳабдаҳ ҳазор доллар доданд. Ӯ гуфт, ки дар ҳақиқат акнун боварӣ пайдо кардааст.

Мутаассифона, пас аз ду моҳ як шаби боронӣ вақти баргаштан ба хона Ҷонни аз ӯҳдаи идораи мошинаш намебарояд. Мошин майда-майда мешавад, аммо зинда мондани Ҷонни дар ин садама кори Худо буд. Аммо Ҷонни то барқарор шуданаш натавонист кор кунад. Дар ин муддат хонаи ӯ ба ҳабс гирифта шуда, ба фурӯш гузошта шуд. Барои кашида гирифтани хона аз фурӯш ба ӯ даҳ ҳазор доллар лозим буд.

Аммо Ҷонни ва Кэнди қарор доданд, ки ба Оҳайо кӯчанд, то ба таълимоти Подшоҳии Худо, ки ҳаёташонро дигар кард, наздик бошанд. Ҳамин тавр, гарчанде онҳо медонистанд, ки то фурӯш тақрибан як моҳ мондааст, хонаро нархгузорӣ карданд.

Рӯз наздик мешуд, харидорони аниқ бошанд, ҳанӯз пайдо нашуда буданд, то даме ки чанд рӯз пеш аз фурӯш як мард хоҳиши харидани хонаро накард. Аммо ӯ як дархост дошт. Вай донистан мехост, ки агар ҳозир вай ба Ҷонни даҳ ҳазор доллар диҳад, оё метавонад хонаро дар давоми сӣ рӯз нигоҳ дорад, то он даме ки вай як муомилотеро, ки барои хариди хона бояд маблағ орад, ба итмом расонад.

Ҷонни ҳайрон шуд. Вай медонист, ки барои хонаро аз фурӯши ҳабсӣ баровардан ба вай харидор бо пули нақд лозим буд, чунки то мӯҳлати фурӯш ҳамагӣ ду рӯз монда буд. Ин харидор мехост, ки дарҳол ба Ҷонни ба маблағи даҳ ҳазор доллар чек нависад, вале худи муомилотро сонитар ба анҷом расонад. Ин маҳз ҳамон маблағе буд, ки зарур буд. Ҷонни фаҳмид, ки ин Худо аст, даҳ ҳазор доллар чекро гирифт ва хонаро харид. Бале, он даҳ ҳазор доллар пули *иловагӣ* ба нархи зикршуда буд.

Ҳамин тавр, Ҷонни ва Кэнди ба Оҳайо кӯчиданд ва дар хонаи иҷора ҷойгир шуданд. Онҳо ба калисои “Ҳаёт бо имон” ҳамроҳ гаштанд ва Ҷонни дар тиҷорати молиявӣ бо қувваи нав ба пеш ҷаҳид. Аммо акнун онҳо як мушкилии нав доштанд. Онҳо танҳо як мошин доштанд, ва он, барои фаро гирифтани вохӯриҳои зиёде, ки вай дар давоми ҳафта бо миҷозон дошт, ба Ҷонни даркор буд. Хуб, онҳо медонистанд, ки чӣ кор кунанд. Онҳо барои мошинаи нав тухмӣ коштанд ва, чи тавре ки дар Инҷили Марқӯс (11:24) гуфта шудааст, дуо карда, боварӣ доштанд, ки онро мегиранд.

Баъд чизи аз ҳама ғайриоддие рӯй дод. Дӯсти айёми бачагиаш ба Ҷонни занг зад.

– Ҷонни, барои велосипеде, ки ту ба ман дар синфи шашум тӯҳфа карда будӣ, ба ту миннатдорӣ кардам? – пурсид вай.

– Не, – ҷавоб дод Ҷонни.

Онгоҳ рафиқаш гуфт:

– Хуб, мехоҳам, ки қарзамро баргардонам. Ман ба ту “БМВ” харидан мехоҳам.

Дар кӯдакӣ ин ду писарбача доимо дар бораи мошинҳо сӯҳбат мекарданд, ва дӯсташ медонист, ки Ҷонни ҳамеша мехост, ки “БМВ” дошта бошад. Вай ба қавлаш истод ва ба Ҷонни пул интиқол дод, то ки ӯ ба худаш “БМВ” бихарад. Аммо ҳамин ки Ҷонни пулро гирифт, фаҳмид, ки бо оилаи афзудаистода “БМВ” – ин на он мошине буд, ки ба вай дар ҳақиқат лозим буд. Вай ва Кэнди тасмим гирифтанд, ки ба Кэнди як мошини оилавӣ ва барои Ҷонни мошини хурдтар барои тиҷоратро пеш бурдан бихаранд, зеро мошини Кэнди кӯҳна буд ва

чанд камбудӣ дошт. Онҳо ҳамин тавр карданд.

Ман он шаберо, ки Ҷонни ба ман занг зада буд, дар ёд дорам. Вай дар мошини нави худ бо чашмони ашколуд нишаста буд ва дар наздаш боз як мошини нави дигаре меистод, ва ба ман гуфт, ки чӣ қадар ҳайратзада буд, ки бори аввал дар умраш ду мошини пардохтшуда дошт.

Ҷонни одами нав буд. Он вақт вай фаҳмид, ки Худо ҳама корро карда метавонад.

Рӯзе вай ба дафтари кории ман омада гуфт, ки аз хонаи иҷора дилбазан шудааст ва бо Кэнди як фермаро бо заминаш ҷустуҷӯ доранд. Ман медонистам, ки аз сабаби садама таърихи қарзии Ҷонни на он қадар хуб буд ва ба ӯ маслиҳат додам, ки камтари дигар иҷора гирад ва пул ҷамъ кунад, то барои боло рафтани рейтинги қарзиаш ба худаш фурсат диҳад. Аммо Ҷонни ба гапҳои ман чандон аҳамият надод.

Баъд вай ба ман гуфт, ки дар кӯчаи поин аз мо фермаеро ба фурӯш гузоштаанд, ки рафта барои харидорӣ онро дидан мехоҳад. Албатта, гарчанде ки ман он вақт як ширкати ипотекӣ доштам, медонистам, ки ин роҳи мувофиқ набуд, ки Ҷонни фермаро харидор шавад. Боз медонистам, ки барои харидорӣ маблағи ибтидоӣ надорад.

Баъди як ҳафта вақте ки вай ба дафтари кории ман омада, бо табассум гуфт, ки ферма аз они ӯст, ман ҳайрон шудам. Вақте ки вай ба ман чунин гуфт, ман фаҳмидам, ки ин ҳикоятест, ки ман бояд шунавам. Албатта, вай ва Кэнди тухмии молиявӣ ба кори Худо кошта буданд, чунон ки ба онҳо таълим доданд, ки ки ҳангоми дуо гуфтан бовар кунанд, ки аллакай гирифтаанд. Ҷонни давом дода, ба ман фаҳмонд, ки чӣ воқеа рӯй дода буд.

Вай бо масъалаи харидории ферма ба бонки худ муроҷиат кард. Менеҷери бонк таърихи қарзии ӯро омӯхта, гуфт: “Ҷонни, ту ба талаботи қарзгиранда ҷавобгӯ нестӣ, то ки чизе бихарӣ”.

Вале сонитар менеҷер таърихии қарзиро ба як сӯ тела карда, гуфт: “Аммо ту ба ман маъқул ҳастӣ. Бубинем, ки чӣ кор карда метавонам”.

Дар натиҷа бонк барои харидорӣ сад фоиз маблағгузорӣ кард,

ба Ҷонни барои кӯчидан чор моҳ мӯҳлат дод, то даме ки мӯҳлати иҷорае, ки ӯ дар он вақт гирифта буд, ба охир нарасад, балонҳоро аз пропан пур кард, андозҳои амволи ғайриманқули пардохтнашударо супорид ва ба Ҷонни дар вақти бастани шартнома барои таъмир кардани ҷойҳои кафидаи пешайвон ба панҷ ҳазор доллар чек дод.

Ман ҳайрон менишастам, ва Ҷонни дар бораи Подшоҳӣ ҳанӯз мегуфту мегуфт.

– Оҳо! – фақат чизе ки ман гуфта тавонистам.

Як моҳ пас Ҷонни гуфт, ки барои трактори “форд” тухмӣ коштааст. Вай ба ман гуфт, ки дар фермаи нав ба трактор эҳтиёҷ дорад ва қарор дод, ки барои трактори кабуди дизелии “форд” тухмии хеле махсус корад. Боз ҳам, азбаски вай дар ширкати ман кор мекард ва ман нархи тракторро медонистам, ман мефаҳмидам, ки вай ҳоло ҳозир ин хел пул надорад.

Вале, чунон ки шумо интизор будед, пас аз чанд ҳафта, вақте ки ман ба роҳ нигоҳ кардам, дидам, ки Ҷонни трактори дизелии кабуди “форд”-ро меронад. Вақте аз ӯ пурсидам, ки тракторро аз куҷо ва чӣ хел гирифтааст, ӯ нақл кард, ки зане дар калисо ба наздаш омада пурсидааст, ки оё ӯ касеро медонад, ки ба ӯ трактор даркор бошад. Онҳо фермаи волидайнашро барҳам медоданд ва он ҷо тракторе буд, ки бояд аз он халос мешуданд. Ҷонни ба ӯ гуфт, ки худаш шавқманд аст.

Зан бениҳоят хурсанд шуд ва илова кард, ки барои пардохт хавотир нашавад, метавонад кай имконият пайдо шавад, пардохт кунад, вай саросема нест. Ҳамин тавр ӯ соҳиби трактор шуд.

Муваффақияти ӯ меафзуд. Танҳо дар моҳи оянда вай ҳафтоду ду ҳазор доллар кор кард. Агар аз Ҷонни мепурсидед, ки ин чӣ хел рӯй дод, вай мегуфт, ки ин ба туфайли саховатмандии Худо ва фаҳмидани қонунҳои Подшоҳии Худо рӯй дод.

Чӣ нақле! Ман то ҳол дар ёд дорам он шаберо, ки дар Ҷорҷия бо Ҷонни ва Кэнди дар хонаашон нишаста, оиди Подшоҳии Худо ба онҳо нақл мекардам. Онҳо аз он ғамгин буданд, ки панҷ ҳазор доллар қарздоранд, ва дар пеш Мавлуди Масеҳ ва боз як пардохт ба

маблағи панҷ ҳазор доллар буд, аммо дар ояндаи наздик пуле набуд. Ман фикр кардам, ки шумо ба шунидани он чизе, ки он шаб ба онҳо гуфтам, иштиёқманд ҳастед.

Ман медонистам, ки бояд ба онҳо ба таври фаҳмо ёрдам кунам, то дар он вазъияти ноаниқе, ки доштанд , Худоро дида тавонанд. Ман аз он оғоз кардам, ки ба онҳо порчаеро аз Номаи дуюм ба Қӯринтиён (9:10, 11) нишон додам:

> *Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо афзун хоҳад кард. То ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*

Ман қайд кардам, ки Павлус гуфтааст, ки Худо шуморо на танҳо бо тухмӣ, ки кишт мекунед, таъмин мекунад, балки Вай боз барои эҳтиёҷоти шумо нон медиҳад. Нон ба ҳама чизҳое дахл дорад, ки шахсан дар ҳаёти шумо лозим аст. Ва Ӯ қобилияти диҳандагии шуморо афзун мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шумо вусъат меёбед.

Боз, ҳангоми додан аз чӣ метарсед? Ки барои эҳтиёҷоти худатон кифоя нест.

Аммо ба он чизе, ки Худо мегӯяд, диққат диҳед. Вай ба кишткунанда тухмӣ ва барои хӯрдан нон медиҳад. Акнун ин ҷо як саволи хеле муҳиме ҳаст ва ин саволе буд, ки ман ба Ҷонни додам.

**Он чизе, ки дар даст дорӣ, тухмӣ аст ё ғизо? Ин интихоби туст**.

Падари модарам, бобои ман, тамоми умр деҳқон буд. Ман дар хотир дорам, ки чӣ хел дар хурдсолӣ дар аробаи тухмии ӯ бозӣ мекардам. Шояд шумо боре ҳам дар бораи аробаи тухмӣ нашунида бошед. Мумкин ки барои шумо чунин истилоҳ ҳатто вуҷуд надошта бошад, аммо барои мо, ки дар фермаи бобоям калон шудаем, он воқеӣ буд. Бубинед, ки ҳар сол дар мавсими дарав бобоям ба қадри кофӣ тухмиро дар аробаи дар амбор буда захира мекард. Ин тухмиҳоро вай барои дар баҳори соли оянда коштан нигоҳ медошт.

Дар фасли зимистон ба бобоям зарур буд, ки ба он аробаи калон, ки пур аз лӯбиё буд, нигоҳ карда, интихоб намояд: онҳоро барои қонеъ гардонидани ниёзҳои зарурӣ фурӯшад, ё барои киштукори баҳорӣ нигоҳ дорад, вақте ки, чи хеле ки ӯ медонист, онҳо ҳосили зиёд медиҳанд. Ӯ интихоб дошт, аммо ӯ ба қонунҳое, ки вақти кишт ва ҳосилғундориро муайян мекарданд, таваккал мекард.

Ҷонни ва Кэнди, вақте ки чек ба маблағи яксаду шаст доллар дар даст доштанд, бояд чунин қарорро қабул мекарданд. Онҳо метавонистанд онро барои ниёзҳои зарурии худ истифода баранд, аммо ба ҷои ин фаҳмиданд, ки саховатмандӣ нисбат ба Худо барояшон ҳосили зиёдтареро ба муддати дурудароз дода метавонад. Ва онҳо ҳақ буданд.

> *Яке тақсим карда медиҳад, ва сарвати ӯ боз ҳам зиёд мешавад; вале дигаре аз ҳад зиёд сарфакор аст, ва сарвати ӯ торафт кам мешавд.*
>
> – Масалҳо 11:24

Пеш аз он ки мо ин бобро ба анҷом расонем, мехостам боз як масали дигарро дида бароем. Ин масал дар бораи талантҳо аз Инҷили Матто.

> *Зеро монанди касест, ки ба сафари дур рафтанӣ шуда, ғуломони худро талабид ва молу мулкашро ба онҳо супурд: ба яке панҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як, яъне ба ҳар кадом алоқадри ҳолаш дода, дарҳол ба сафар рафт. Он ки панҷ талант гирифта буд, рафта ба тиҷорат машғул шуд ва панҷ таланти дигар фоида кард; ҳамчунин он ки ду талант гирифта буд, ду таланти дигар ба даст овард; лекин он ки як талант гирифта буд, рафта заминро канд ва пули оғои худро пинҳон кард.*
>
> *Пас аз муддати дуру дарозе оғои он ғуломон омада, аз онҳо ҳисобот талаб кард. Он ки панҷ талант гирифта буд, панҷ таланти дигарро ҳам оварда, гуфт: “Эй оғо! Ту ба ман*

*панҷ талант дода будӣ; инак, бо онҳо панҷ таланти дигар ба даст овардам". Оғояш ба вай гуфт: "Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисёр бигуморам; ба шодии оғои худ шарик шав".*

*Ҳамчунин он ки ду талант гирифта буд, назди вай омада, гуфт: "Эй оғо! Ту ба ман ду талант дода будӣ; инак, бо онҳо ду таланти дигар ба даст овардам". Оғояш ба вай гуфт: "Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисёр бигуморам; ба шодии оғои худ шарик шав".*

*Пас он ки як талант гирифта буд, назди вай омада, гуфт: "Эй оғо! Чун медонистам, ки ту марди сахтгире ҳастӣ, аз ҷое ки накоштаӣ, медаравӣ, ва аз ҷое ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ; бинобар ин тарсидам ва рафта таланти худро дар замин пинҳон кардам; инак, моли ту ин ҷост".*

*Оғояш дар ҷавоби вай гуфт: "Эй ғуломи шарир ва танбал! Ту медонистӣ, ки ман аз ҷое ки накоштаам, медаравам, ва аз ҷое ки напошидаам, ҷамъ мекунам; аз ин рӯ ту мебоист пули маро ба саррофон медодӣ, ва ман омада, пули худро бо фоидааш мегирифтам; пас он талантро аз вай гирифта, ба касе ки даҳ талант дорад, бидиҳед. Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда шавад; лекин ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад; ва он ғуломи нобакорро ба зулмоти берун баровarда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд".*

– Матто 25:14-30

Ҳикояи шинос. Хӯҷаин шаҳрро тарк мекунад ва се хизматгорро ба ӯҳдаи худ мегузорад. Ба яке панҷ халтаи тилло медиҳад, ба дигаре – ду, ва ба сеюмӣ – як.

Ду нафари аввал зуд рафта, халтаҳои тиллое, ки доштанд, зиёд мекунанд. Хӯҷаин барои ин корашон аҳсан мехонад. Аммо ман мехоҳам ба хизматгори сеюм диққат диҳам. Ба ӯ як халта тилло

доданд, вале ӯ бо он коре накард. Дар асл, ӯ фақат онро то бозгашти хӯҷаинаш гӯр карда монд.

> *Пас он ки як талант гирифта буд, назди вай омада, гуфт: "Эй оғо! Чун медонистам, ки марди сахтгире ҳастӣ, аз ҷое ки накоштаӣ, медаравӣ ва аз ҷое ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ. Бинобар ин тарсидам ва рафта таланти худро дар замин пинҳон кардам; инак, моли ту ин ҷост".*

Ба ҷумлаи аввал таваҷҷӯҳ кунед: *"Эй оғо! Чун медонистам, ки марди сахтгире ҳастӣ, аз ҷое ки накоштаӣ, медаравӣ ва аз ҷое ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ".*

Вай чӣ мегӯяд? Ман ба шумо аниқ мегӯям, ки чӣ мегӯяд. Вай гуфт: "Чаро ман бояд бо ин кор машғул шавам? Агар шумо аз он ҷое ки накоштаед, медаравед, ва аз он ҷое ки напошидаед, ҷамъ мекунед, пас кӣ барои тухмӣ пул дод ва кӣ онро пошид ва парвариш кард?"

Инак, мо мефаҳмем, ки хӯҷаин барои харидани тухмӣ ба ӯ пул додааст, аммо муносибати ӯ ба он монанд буд, ки ин гӯё ба вақти ӯ намеарзад. Ин барои вай ҳеҷ буд. Тамоми фоида, натиҷаи кораш, ба хӯҷаин мерафт. Аз сабаби тахаюлоти хатои худ дар бораи хӯҷаин, ки ӯро чун як шахси сахтгир медид, аз иштирок дар ин кор умуман даст кашид. Вай бадбинии ҳақиқии худро аз хӯҷаин пинҳон карданӣ шуда, арз мекунад, ки аз тарси гум кардани тиллоҳо онҳоро ба замин гӯр кардааст. Аммо хӯҷаин дурӯғи вайро фаҳмид ва гуфт, ки ақаллан пулро барои пасандоз ба бонк мегузоштӣ, ва он ҷо фоизҳо ҷамъ мешуданд.

Не, хизматгор аз гум шудани тилло наметарсид, вай аз қимати ба ин кор ҷалб шуданаш метарсид. Ӯ оиди хӯҷаин фаҳмиши бад ва нодуруст дошт, ки ҳамааш дар асл баръакс буд. Вай хӯҷаини сахтгир набуд. Ду хизматгори дигар баъди хизмати хубашон мукофотонида шуданд ва якҷоя ба мулки хӯҷаин даъват шуданд. Ин хизматгор аз сабаби нигоҳи нодурусташ ба хӯҷаин дар ин кор иштирок карданро зарур нашуморид. Диндорӣ маҳз ҳамин чизро меомӯзад, – ки Худо хӯҷаини сахтгир аст, ва аз ҳамкорӣ бо Ӯ фоидае нест, пас чаро дар ин иштирок кунем?

Аммо Худоро чунин тасаввур кардан ва Ӯро ноҳақ ва золим гуфтан умуман нодуруст аст. Худо тамоман баръакси ин тасвир аст. Ӯ некӯ ва сахӣ аст.

Лекин ҳоло мехоҳам як нуқтаи хеле муҳимеро, ки дар ин ҳикоя оварда шудааст, таъкид намоям. Пас диққат диҳед, ки хӯҷаин бо он тиллое, ки аз ғуломи шарир баргардонида мегирад, чӣ кор мекунад.

> *Пас он талантро аз вай гирифта, ба касе ки даҳ талант дорад, бидиҳед. Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда шавад; лекин ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад; ва он ғуломи нобакорро ба зулмоти берун бароварда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд.*

Оё ман дуруст хондам? Хӯҷаин халтаи тиллоро аз ғуломи шарир гирифта, ба касе дод, ки даҳ талант дошт, на ба оне ки чор талант дошт? Ман боварӣ надорам, ки аз ҷиҳати сиёсӣ ин дуруст буд, аммо вай ҳамин тавр кард. МАХСУСАН БОДИҚҚАТ БОШЕД!

Худо ният дорад, ки идеяҳо ва супоришҳои бузурги Худро ба фарзандони Худ диҳад, ки дар бораи фоидаи Ӯ ғамхорӣ мекунанд ва садоқат ва вафодории худро аввал дар корҳои хурд исбот кардаанд.

**ХУДО НИЯТ ДОРАД, КИ ИДЕЯҲО ВА СУПОРИШҲОИ БУЗУРГИ ХУДРО БА ФАРЗАНДОНИ ХУД ДИҲАД, КИ ДАР БОРАИ ФОИДАИ Ӯ ҒАМХОРӢ МЕКУНАНД...**

Худо беақл нест. Вай пули Худро дар он ҷое гузоштанӣ аст, ки фоидаи зиёдтар меорад.

Лутфан ҳоло дар бораи он чизе, ки ман гуфтам, фикр кунед – Худо пулашро дар он ҷое гузоштанӣ аст, ки фоидаи зиёдтар меорад!

Албатта, Худо *ба пул* ғамхорӣ намекунад, балки *ба одамон* ғамхорӣ мекунад. Ва агар мо бо Ӯ сахт кор кунем, Ӯ моро дар мансабҳои мо пешбарӣ мекунад ва неъматҳои Худро ато мекунад.

Бале, Худо дӯстдорони Худро дорад, бо он маъно, ки ба онҳо супоришҳои гуногунро бовар мекунад. Касоне, ки содиқ будани худро исбот кардаанд, ба боварии Худо сазоворанд, то ки барои Ӯ вазифаҳои муҳимтар ва муфидтарро иҷро кунанд.

Ба муносибати ду хизматгор, ки муваффақ шуданд, аҳамият диҳед: онҳо дарҳол пулҳои хӯҷаини худро ба кор андохтанд! Чаро дарҳол? Чунки онҳо инро ҳамчун *имконият* дарк мекарданд, на ҳамчун бори ғуломӣ.

Бисёре аз халқи Худо хизмат ба Худоро ҳамчун як муқаррарӣ, вазифае, ки бояд иҷро шавад, дарк мекунанд, на ҳамчун имконияте, ки дар ҳақиқат он аст.

Вақте ки ману Дренда кампуси Маркази "Ҳоло" (*Now Center*)-ро бино мекардем, лозим омад, ки бояд қарор қабул кунем. Дар калисо мо ҳамагӣ наздикии сесад нафар будем, вақте қарор додем, ки барои ҷамъомади афзудаистодаи мо як хонаи доимӣ ва калонтар созем. Мо барои лоиҳае, ки шаш миллион доллар мешуд, қарор додем, ки ба қадри имкон зиёдтар пул ҷамъ оварем. Он вақт барои мо ин маблағи хеле калон буд. Нақша аз он иборат буд, ки инфрасохтори асосии биноро ба бештар аз чор миллион доллар созем, ва сипас ба ду миллион доллари боқимонда таҷҳизот илова кунем ва бо даромади пул сохтмонро идома диҳем.

Ин аввалини таҷрибаи мо дар бораи саховатмандӣ дар лоиҳаҳои Худо набуд, аммо ин бузургтарин лоиҳае буд, ки мо як қисми он будем.

Аммо, ба мисли хизматгорони он ҳикоя, ки некии Худоро медонистанд, мо фавран хостем, ки дар ҷамъоварии пул иштирок кунем ва дар он сатҳе додан мехостем, ки имон ва итоаткорӣ талаб мекард ва ба он чизе боварӣ доштем, ки Худо ба мо гуфта буд.

Рӯзе ки тамоми ҷамъомад розӣ шуданд ва эълон карданд, ки барои лоиҳа мекоранд, мо бо Дренда гуфтем, ки дусад ҳазор доллар медиҳем. Он вақт мо дусад ҳазор доллар надоштем, аммо тақрибан бист ҳазор доллар тухмӣ доштем, ки барои маблағи боқимонда

коштанӣ будем. Мо медонистем, ки, чун дар гузашта, Худо ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр ин миқдор пулро ҷамъоварӣ кардан мумкин аст, ки ба мо боз захира ҳам мемонад.

Баъди коштани он чизе, ки доштем, бо интизорӣ дар Рӯҳ барои раҳнамоӣ, барои бо кадом тарз ба даст овардани маблағи боқимонда дуо гуфтан гирифтем. Барои он ки ин ҳолатро нағз фаҳмед, ман ба шумо мегӯям, ки дар давоми сиву нӯҳ соли охир мо соҳиби ширкати молиявӣ ҳастем. Чи хеле ки ман қаблан гуфтам, ин ширкат бо таъминкунандагон ва мутахассисони гуногун кор мекунад. Аксари таъминкунандагони калонтаре, ки мо бо онҳо кор мекунем, барои муштариёни худ анҷуманҳо ва вохӯриҳо мегузаронанд.

Дар ҳамон сол яке аз таъминкунандагони мо ману Дрендаро ба Англия, Лондон, даъват карда буд, ки ба анҷумани онҳо иштирок кунем. Мо хурсандона розӣ шудем. Мо дар меҳмонхонаи хеле хуби маркази шаҳр мондем, ва ҳама чиз танҳо комил буд, чуноне ки дар Лондон мегӯянд.

Дар маҷлис ноиб-президент ба мо барои ҳамаи тоҷироне, ки ба назди онҳо фиристодем, миннатдорӣ баён кард, ва сипас дар бораи барномаи нави бонус, ки онҳо ҳамон сол оғоз карданд, нақл кард.

Вай принсипи кори барнома ва сохтори бонусҳоеро фаҳмонд, ки онҳо ба шариконе, ки маҳсулоти онҳоро тавсия медиҳанд, пардохт карданӣ ҳастанд. Ман аз суханони вай хеле ба ҳаяҷон омадам, зеро медонистам, ки мо ба қадри кофӣ кор кардаем, то ки ба бонусе, ки вай дар борааш мегуфт, даъво кунем. Аммо, ҳамин ки тафсилоти бештарро пурсидам, вай шадидан изҳор кард, ки ширкати мо наметавонад дар асоси сохти муносибатҳои мо бо ширкати вай аз барномаи бонус истифода барад.

Ман ба ин бовар карда наметавонистам. Барои чӣ вай ҳама чизро муфассал ба ман гуфта гузашт, то ки онро дар дақиқаҳои охир осонакак аз ман гирад? Ҳамчунин ман намефаҳмидам, ки чӣ гуна сохтори муносибатҳои ман бо ширкати вай маро аз гирифтани бонус маҳрум кард.

Ҳарчанд ман саволҳои иловагӣ додам, вай ба ман ҷавоби равшан надод. Ягона чизе, ки ман аниқ медонистам – ин буд, ки ман ба талаботи бонус ҷавоб дода наметавонам; вай инро равшан кард.

Як сол гузашт, ва нишондиҳандаҳои истеҳсолии мо дар он сол баланд буданд, бинобар ин ман фикр кардам, ки ба вай занг зада, боз дар бораи бонус пурсон шавам. Аммо ин дафъа, вақте ки занг задам, ӯро ёфта натавонистам, аз ин рӯ, ман саволамро ба воситаи ёрдамчӣ равон кардам.

Рӯзи дигар ёрдамчиаш ба ман зада, бо овози сахт гуфт, ки аллакай як сол пеш ноиб-президент гуфта буд, ки ман ба талабот мувофиқ нестам, ва вай оиди ин масъала ҳеҷ кор карда наметавонад.

“Хуб, майлаш, – фикр кардам ман, – ҳадди ақал кӯшиш кардам”.

Вақте ки дуо мекардам, ки яксаду ҳаштод ҳазор доллар аз куҷо пайдо кунам, шунидам, ки Рӯҳулқудс ба ман мегӯяд, ки маҳз ба ҳамон зан занг занам ва боз дар бораи бонус пурсам. Ба шумо мегӯям, ки аз ин шунидаам хурсанд набудам. Охир, маро аллакай ду бор рад карданд. Вай мавқеи худро равшан баён карда буд. Барои ҳамин қарор додам, ки ба ӯ мактуби электронӣ фиристам, то ки, ба ибораи дигар, обу ҳаворо бисанҷам.

Тақрибан пас аз як ҳафта ман ҷавоб гирифтам, ки бароям хурсандиовар буд, ки ин дафъа вай қарор дод, ки ба ширкати ман бонус диҳад. Аҷоиб аст, ки бонус дусад ҳазор доллар буд! Акнун аз ҳама аҷибаш. Ин тағйирот дар шартнома чордаҳ сол боз эътибор дорад, ва аз он вақт инҷониб мо ҳар сол дусад ҳазор доллар бонус мегирем.

Бубинед, Худо мукофот медиҳад! Ва саховатмандӣ дар иҷрои супоришҳои Худо фоида меорад.

Пас, коштани он дусад ҳазор доллар ба ману Дренда чӣ қадар арзиш дошт?

Тақрибан панҷ сол гузашт ва мо қарор додем, ки барои анҷом додани чанд кор дар бино ва харидани таҷҳизот ба мо, ҳамчун калисо, пули бештар ҷамъ кардан лозим аст. Ва боз ману Дренда

**БУБИНЕД, ХУДО МУКОФОТ МЕДИҲАД! ВА САХОВАТМАНДӢ ДАР ИҶРОИ СУПОРИШҲОИ ХУДО ФОИДА МЕОРАД.**

тасмим гирифтем, ки барои ин лоиҳаҳо боз ҳам зиёдтар кишт кунем ва қарор додем, ки ин панҷсад ҳазор доллар бошад.

Ин пули бисёр буд! Аммо, пас аз дидани он чи ки Ӯ бо дусад ҳазор доллар чӣ кор кард, мо ҳис мекардем, ки ба Худо таваккал карда метавонем. Боз мо тавонистем наздикии панҷоҳ ҳазор доллар корем ва ба он бовар мекардем, ки Рӯҳулқудс ба мо нишон медиҳад, ки боқимонда чорсаду панҷоҳ ҳазор долларро аз куҷо ва чӣ тавр ба даст орем.

Ба фикрам, шаш ҳафта гузашт, ва ман огоҳӣ гирифтам, ки дар ширкати мо дар шартнома оид ба музди меҳнат якчанд дигаргуниҳо ба амал меоянд. Вақте мо ҳисоб кардем, ки ин дигаргуниҳо чӣ маъно доранд, маълум шуд, ки дар давоми се соли оянда мо тақрибан шашсаду сӣ ҳазор доллар бештар аз пештара ба даст меорем. Хеле аҷоиб, дуруст? Ва медонед-чӣ? Ин дигаргунӣ дар шартнома ёздаҳ сол инҷониб эътибор дорад, ва мо то ҳол ин шартномаи афзоишёфтаро ҳар сол мегирем.

Боз, коштану саховатмандӣ кардан ба лоиҳаҳои Худо ба ману Дренда чӣ қадар арзиш дошт?

Пас, дар ёд доред, ки Худо ин Худои фоида аст. Вай нек ва саховатманд аст.

БОБИ 3

# ОЁ ШУМО БА ТАЛАБОТ МУВОФИҚАТ МЕКУНЕД?

Фикр мекунам, ҳама достони Мавлуди Исоро дар бораи се мунаҷҷим шунидаанд, ки ба Исо тилло, лодан ва мур оварда буданд. Шумо ягон бор дар бораи арзиши ин тӯҳфаҳо фикр кардаед? Ва инчунин саволи беҳтарин ин аст: “Чаро онҳо умуман онҳоро назди Ӯ овარданд?”

Ин мавзӯъро омӯхта, ман маълум намудам, ки он замонҳо чунин тӯҳфаҳоро ба шоҳзода тақдим мекарданд, зеро Ӯ подшоҳи оянда ҳисоб меёфт.

Нархи ин тӯҳфаҳо аз сад ҳазор то садҳо ҳазор доллар шуда метавонист.

Мунаҷҷимон, бояд Навиштаҳо ва пешгӯиҳоро оиди Масеҳи омадаистода омӯхта бошанд, ва ситораро дида, ба хулоса омаданд, ки Ӯ дар он ҷост ва баъд масофаи хеле тӯлониро тай намуданд, то ба Вай тӯҳфаҳо тақдим кунанд.

Тасаввуроти он ки онҳо Исоро дар охур диданд, ба ҳақиқат мувофиқат намекунад, гарчанде ки дар базмҳои Мавлуди Исо айнан ҳамин хел тасвир мешавад. Мо инро медонем, зеро Матто чунин мегӯяд.

> *Ва <u>ба хона</u> даромада, Кӯдакро бо модараш Марям диданд, ва зону зада, Ӯро парастиш карданд; ва ганҷинаҳои худро кушода, инъомҳои тилло, лодан ва мур ба Ӯ тақдим карданд.*
>
> – Матто 2:11

Онҳо Исоро дар хонааш диданд, на дар охур. Дар ин порча гуфта шудааст, ки Ӯ кӯдак буд, на ин ки тифли навзод. Барои ҳамин ба мунаҷҷимон шояд вақт лозим шуд, ки ба он ҷо расанд.

Дуюм, ҳеҷ кас аниқ намедонад, ки чанд нафар мунаҷҷим буд. Дар Китоби Муқаддас на шумораи онҳо, балки чизи тақдим кардаашон навишта шудааст. Он вақт лодан ва мур аз тилло арзиши хеле баланд доштанд, бинобар ин тӯҳфаҳои овардаашон хеле гаронбаҳо буданд.

Чаро ман дар ин бора сухан меронам? Иҷозат диҳед аз шумо пурсам: "Шумо чӣ фикр доред, чаро мунаҷҷимон тӯҳфаҳо оварданд?"

Ман ба шумо сабабашро гуфта метавонам – Юсуф барои иҷрои супоришҳояш ба таъминот эҳтиёҷ дошт.

Дар ёд доред...

Худо ҳамеша супоришҳои Худро маблағгузорӣ мекунад – ҳамеша!

Калисои "Ҳаёт бо имон" (*Faith Life Church*) серодам буд. Рӯзҳои истироҳат серодам буд, дар тӯли ҳафта серодам буд, вақте ки мо зиёда аз дусад нафар кӯдаконро таълим медодем, аз ҳисоби гурӯҳҳои хурд ва ҳайати муассиса серодам буд. Ба мо ҷои калонтар лозим шуд. Мо ба муҳокима шурӯъ намудем, ки оё лозим аст, ки кампуси дуюмро кушоем, ё ин ки ба бинои ҳозираамон сохтмони дигар илова кунем. Мо қарор додем, ки ҳам ин ва ҳам онро якбора кунем.

**ХУДО ҲАМЕША СУПОРИШҲОИ ХУДРО МАБЛАҒГУЗОРӢ МЕКУНАД – ҲАМЕША!**

Инак, мо гурӯҳро ҷамъ кардем, то ки барои кампус ҷой кобем ва онҳоро ба он қисми шаҳр фиристодем, ки, ба назари мо, бояд аввал аз назар гузаронида мешуд.

Айни замон, бо мақсади вусъат ёфтан мо ба лоиҳакашии биноҳо, тадқиқоти муҳандисӣ ва дигар корҳо қадамҳои аввалин гузоштем. Мо меъморон ва бинокоронро ҷалб намуда, шӯрои машваратӣ ташкил кардем. Ҳама мутахассисон дар ташкилотҳои пудратӣ таҷрибаи корӣ доштанд.

Мо бо чанд мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудем, ки ба пешравии кор халал мерасонданд. Аз ҳама мушкилии калон он буд, ки бинои ҳозираамон на хатти ташноб ва на хатти об дошт. Мо оби чоҳ ва усули худкорро барои партовҳо ва ташноб истифода мекардем.

Дар маъмурияти музофот кайҳо ба мо гуфта буданд, ки ба бинои сиву шаш акраамон сохтмон илова карда наметавонем, то он даме, ки биноро ба хатҳои марказии шаҳрии таъминоти обу ташноб пайваст накунем, зеро мо иқтидори онро то ҳадди охир истифода карда будем. Мо инро медонистем, вале дар гирду атрофамон биноҳои нави бисёре сохта шуда истода буданд, ва ман боварӣ доштам, ки ба қарибӣ бояд хатти обу ташнобро он қадар наздик гузаронанд, ки мо ҳам метавонистем ба он пайваст шавем.

Вале мо ошкор кардем, ки хатти обу ташноб ҳатто то кӯчаи мо кашида нашудааст ва ба он пайваст шудан ғайриимкон аст. Он ҳатто вуҷуд надошт.

Ба мо барои ба биноямон гузаронидани хатти обу ташноб пешниҳодҳо меомаданд. Таклиф шуд, ки мо аввал барои иҷрои кор маблағгузорӣ кунем, баъд қисми зиёди хароҷотро аз он ҳисоб бармегардондем, ки агар бинособони нав барои ба хатти обу ташноб пайваст шудан пул супоранд. Аммо ман ҳатто намегӯям, ки барои мо он чӣ кадар меафтод.

Аз ҳамин сабаб ба шаҳр баргашта, нақша ва мӯҳлати дастрасии ин хизматрасониҳои коммуналиро омӯхтем, бо умеди он ки имконият пайдо шавад, то ин мӯҳлатро камтар тезонем, чунки ноҳия рушд карда истода буд ва билохира ба онҳо талабот пайдо мегашт. Аммо ба мо гузашт накарданд. Пас кай, ба гуфтаи онҳо, хизматрасониҳо дастрас мешаванд? На дарояндаи наздик.

Мо медонистем, ки солҳо интизор шуда наметавонем, то он замоне ки дар ноҳия хатти обу ташноб пайдо шавад, барои ҳамин қарор додем, ки нақшаи сохтмонро як тараф гузошта, ҳамчун мақсади асосӣ барои кампус ҷой ҷустуҷӯ намоем. (Аз лаҳзаи он вохӯрӣ, то навиштани ин боб чор сол гузашт, аммо мақомоти шаҳр ҳоло ҳам

хабар надодааст, ки кай хатти обу ташноб гузаронида мешавад.)

Дар муддати шаш моҳ гурӯҳи мо бемуваффақият барои кампус ҷои хуб мекофт. Ба назар чунин менамуд, ки ягон бино, ки ба талаботи мо мувофиқ бошад, барои иҷора гирифтан ё харидорӣ кардан набуд. Он гоҳ мо фикр кардем, ки барои гузаронидани чорабинӣ дар ин ноҳия маҷмаа ба иҷора гирем, аммо он сӣ ҳазор доллар меистод, ки ин ҳам бошад дар як моҳ танҳо дар рӯзҳои истироҳат буд.

Ғайр аз ин, ҳар ҳафта мо бояд биноро омода карда ва баъд боз ба тартиб меовардем. Ман намехостам, ки одамони моро дар ин ҳолат мононам. Ман ҷои доимие мехостам, ки худамон назорат карда тавонем. Бинобар ин мо маҷбур шудем, ки аз ин фикр низ даст кашем.

Баъд мо имконияти ба иҷора гирифтани бинои маркази тиҷоратии харобгаштаро дида баромадем. Аммо пас аз ҳисоби нархи корҳои таъмир ва азнавсозӣ, то ки вайро ба ҳолати миёна биёрем, мо қарор кардем, ки ин ҳам фикри хуб нест.

Яке аз талаботи асосии мо ҳангоми ҷустуҷӯ он буд, ки бино бояд ба хониши ҳамарӯзаи бачаҳо мувофиқ биёяд. Дар калисои мо садҳо оилаҳо ҳастанд, ки фарзандонашонро дар хона таълим медиҳанд, ва мо ҳар ҳафта машғулиятҳо ва дарсҳои якҷоя мегузаронем. Мо борҳо гуфта будем, ки ягон вақт, эҳтимол, барои хизмат ба одамони ҷамъомади маҳаллиамон мактаб, боғчаи бачагона, гурӯҳҳои баъдимактабӣ ва барномаҳои зиёди дигарро ташкил намоем. Мехостем биное ёбем, ки ба мо имкон диҳад, то айнан чунин кунем. Мо барои гирифтани ин бино кишт кардем, тасдиқ карда, ки бинои комил барои эҳтиёҷотамон меёбем, аммо он пайдо намешуд.

Дар он вақт мо бо Дренда дар Форт-Уорте, вилояти Техас, барои дастгирии шабакаи нави телевизионии Victory Television Network дар вохӯрӣ иштирок доштем. Вақте ки дар майдони наворгирӣ менишастам, Худованд ба ман бо чунин суханон муроҷиат кард: *“Ман мехоҳам, ки ту ба ин шабака сад ҳазор доллар кишт кунӣ. Ба калисои худ баргард, чек навис, дар ҳар як ҷамъомад дошта ист ва*

*эълон кун, ки ту бинои олиҷаноб меёбӣ. Ҳамчунин корҳои шайтонро фош карда, ба корҳои Ман халал расонданашро манъ кун. Вақте ки кишт мекунӣ, онро чизи иҷрошуда гӯй".*

Мо чунин кардем. Ба хона баргашта, ман ба муҳосиби худ занг зада гуфтам, ки вай барои Victory Television Network ба сад ҳазор доллар чек нависад. Баъд ман он чекро дар ҳар як ҷамъомад бо худам мегирифтам, вақте ки барои бинои мукаммал тухмӣ кишт мекардем, тамоми калисо бо ман розӣ мешуд. Мо корҳои шайтонро фош карда, ӯро манъ мекардем, ки ба мо халал расонад ва таъминоти моро боздорад.

Рӯзи дигар, субҳи рӯзи душанбе, духтарамон ба мо занг зада гуфт, ки вақте ки мо дар ҷамъомад дар Техас будем, корманди оҷонсии амволи ғайриманқул ба онҳо пешниҳод кард, ки як қитъаи замини аҷиберо нишон диҳад. Он ба иҷора дода намешуд ва ба буҷети мо мувофиқат намекард, зеро бо нархи ҳафт миллиону нӯҳсад ҳазор доллар ба фурӯш монда шуда буд. Аммо вай хеле қиматтар меистод, чунки дар мусодираи бонк қарор дошт. Духтарам гуфт, ки ин бинои хубест, гарчанде вай мефаҳмид, ки аз нуқтаи назари молиявӣ интихоб надоштем. Аммо ӯ донистанӣ буд, ки оё мо ба ҳар ҳол намехоҳем, ки ба он назар кунем. Мо розӣ шудем.

Инак, субҳи рӯзи сешанбе мо ба дидани қитъа равона шудем. Дар масоҳати ҳафт акр кампуси мактаби миёнаи хусусии бонуфуз ҷойгир шуда буд. Дар ин ҷо бинои сеошёнаи мактаби миёна ва боз ду бинои калон ва инчунин хона низ ҷой дошт. Ин ҷо як пайроҳа барои давидан, чор майдончаи теннис, толорҳои варзишӣ, корпуси бадеӣ бо фотолаборатория, ду оташдон барои пухтани маснуоти сафолӣ, як ҳуҷраи пур аз таҷҳизоти дӯзандагӣ ва лавозимоти бадеӣ, ҳуҷраи мусиқӣ бо даҳҳо асбобҳои мусиқӣ ва бисёр чизҳои дигар буд. Ҳамаи биноҳо пурра муҷаҳҳаз ва бо ҳама чизҳои зарурӣ таъмин карда шуда буданд.

Ҳамааш олиҷаноб буд, аммо мо мефаҳмидем, ки барои ин шуда, ба қарз ғӯтида наметавонем. Мо дар фонди сохтмон қариб се миллион доллар ҷамъ кардем, аммо дар айни замон ба мо лозим

меомад, ки қариб панҷ миллион доллар қарз гирем.

Он бегоҳ хӯроки шомро мо бо яке аз шарикони намояндагиамон ба нақша гирифта будем. Ҳамин тавр, он шом шояд чор маротиба дар давоми тирамоҳ ба нақша гирифта шуда ва ба дигар вақт мононда шуда буд, зеро ҳардуямон хеле серкор будем, аммо он бегоҳ вохӯрӣ баргузор гашт.

Дар рафти сӯҳбат он ҷаноб аз ман оиди лоиҳаи сохтмон пурсид, ва ба вай дар бораи ҳамаи монеаҳое, ки мо рӯ ба рӯ шудем, нақл кардам. Ӯ ба ман нигоҳ карда, гуфт: “Медонед, ин ба ман маъқул нест. Ман фикр мекунам, ки бино дар ҳақиқат ба шумо лозим аст”. Ман гуфтам, ки бо ӯ розӣ ҳастам, аммо мо ним сол боз бенатиҷа бино меҷӯем. Ва мо гуфтем, ки айнан дар он рӯз бинои комил дидем, лекин он ба иҷора дода намешуд ва барои мо аз ҷиҳати нарх мувофиқ набуд.

Вай чанд саволи равшанкунанда дод ва баъд ба Дренда нигариста, пурсид: “Чӣ мешуд, агар шумо онро бепул ба даст меовардед?” Дренда ҷавоб надод, зеро фикр кард, ки вай шӯхӣ мекунад. Он гоҳ ӯ такрор кард: “Дренда, ман мегӯям, чӣ мешуд ки шумо ба он пул насупоред?” Ӯ пурсид: “Шумо чиро дар назар доред?”

“Ман барои харидории ин бино чек менависам!” – гуфт вай.

Ману Дренда ба ҳаяҷон афтодем.

Ва ӯ дар ҳақиқат чек навишт.

Ба мо лозим омад, ки барои азнавсозӣ ва ба охир расондани биноҳо як қадар маблағ сарф кунем, то ки ба нақшаҳоямон мувофиқ бошад. Дар натиҷа кампуси аҷоибе шуд. Нархи он пурра пардохт шуда буд!

Ман аз ин дида, кампуси аҷоибтареро барои эҳтиёҷоти мо ба нақша гирифта наметавонистам. Дар он ҳама чиз мукаммал буд. Мо барои ширкати суғуртавии худ биноро баҳогузорӣ кардем, ва вай бо тамоми таҷҳизоташ ёздаҳ миллион долларро ташкил кард.

Танҳо фикр кунед: акнун мо кампуси пардохтшуда бо арзиши ёздаҳ миллион доллар ва бо майдони ҳашт ҳазор метри мураббаъ

дорем! Оё ба шумо чунин ҳикояҳо маъқул нестанд?

## ПОДШОҲӢ ҲАМЕША АМАЛ МЕКУНАД!

Чи тавре ки ман аллакай гуфтам, Худо ҳамеша супоришҳои Худро маблағгузорӣ мекунад. Ин хизмати Ӯст, на аз они мо. Мо танҳо бо Ӯ дар тиҷорати оилавӣ якҷоя кор мекунем.

Акнун иҷозат диҳед, ман ба шумо қиссаи шавҳар ва занеро нақл кунам, ки ин биноро барои мо маблағгузорӣ карданд.

Пеш аз ҳама, ба туфайли тарҳ, ки онҳо акнун тавонистанд ба шарофати ин хайрияашон ба даст оранд, ҳисобҳои андози онҳо ба он маблағе, ки аз нархи кампус боло буд, кам карда шуд. Чӣ тарз? Биноҳо бояд дар муддати ду сол расман аз они онҳо меистод. Баъд онҳо барои миссия онро бо қимати ҳамон вақт нархгузорӣ шуда қурбонӣ намуданд.

Ин стратегияро шумо бояд донед, агар шубон буда, ба бино ниёз дошта бошед. Ҳамин тариқ, дар натиҷа кампус барои мо бепул ба даст омад, ба шарофати банақшагирии оқилонаи андоз аз тарафи ӯ. Аммо ҳатто ин аз ҳама чизи аҷоиб дар ин ҳикоя нест.

Ин одам кӯшиш дошт дар шаҳр тиҷорати дигареро харидорӣ намояд, ки ба фурӯш гузошта шуда буд, ҳамон вақте ки мо амволи ғайриманқул ҷустуҷӯ мекардем. Ба он нигоҳ накарда ки ӯ пули нақд пешниҳод мекард, он бояд аз ҷониби соҳибони франшиза тасдиқ карда мешуд. Афсӯс, онҳо бо вай дар тамос шуда гуфтанд, ки онро ба каси дигар пешниҳод карданд. Ӯ аз қарори онҳо ғамгин шуд. Вай ба ман гуфт, ки инро бо осонӣ фаромӯш карда наметавонад; ӯ ҳис мекард, ки ин ҳоло охири кор нест.

Вай иқрор шуд, ки вақте барои бинои мо маблағ ҷудо мекард, боварӣ дошт, ки соҳибони франшиза фикри худро дигар мекунанд, зеро назар ба пешниҳоди дигарон, ӯ ҳолати аз ҳама устувортари молиявӣ дошт, ва ӯ пули нақд пардохт мекард.

Хуб, чунон ки интизор будед, баъд аз он ки додугирифти бинои мо ба итмом расид, ба вай соҳибон занг зада гуфтанд, ки хариду фурӯши

пештараи онҳо бекор шуд, ва тайёр ҳастанд пешниҳоди ӯро аз назар гузаронданд, агар ки фикрашро дигар накарда бошад. Ӯ гуфт, ки ҳа, албатта, ӯ ин биноро харидан мехоҳад.

Ба қарибӣ, чанд ҳафта пеш аз ба итмом расондани хариду фурӯши ин амволи нав бо мақсадҳои тиҷоратӣ, ба ӯ ҳамчун аз осмон созишномае афтод, ки дар натиҷа маблағи пурраро барои пардохт бо пули нақд ба даст овард. Ба ӯ лозим нашуд, ки маблағи барои харидорӣ пештар ҷудо кардаашро харҷ кунад. Ин ба он баробар буд, ки гӯё тиҷорат бепул аз они вай шуд.

Зимнан, тиҷорати харидаи ӯро, назар ба нархи пардохткардааш, ду маротиба қиматтар баҳогузорӣ карданд. Вақте ки ӯ ба ман дар рӯзи бастани созишнома занг зад, хеле дар ҳаяҷон буд.

Подшоҳии Худо ҳамеша амал мекунад!

Ин шарик саховатманд буд, вақте ки супоришҳои Худоро иҷро мекард ва ба онҳо итоаткорона пайравӣ менамуд ва нигоҳ кунед, ки Худо барои ҳардуямон чӣ кор кард. Мо ба телевизиони нав кишт кардем, боз як супориши Худо, ва нигоҳ кунед, ки ин кор дар ҳаёти мо чӣ гуна натиҷа овард.

Саховатмандӣ дар иҷрои супоришҳои Худо ва саховатманд будан нисбат ба одамони Худо дарҳоро мекушояд, ки дар бораи вуҷуд доштани онҳо шумо ҳатто гумон надоред.

Одамон ҳамеша аз ман мепурсанд: “Гэри, агар ту имрӯз ба ман калиди маблағҳои Подшоҳиро дода метавонистӣ, ин чӣ мебуд?”

Хуб, бисёр маслиҳатҳое ҳастанд, ки ман бо хурсандӣ бо шумо мубодила мекардам. Аммо яке аз онҳо бебаҳост. Барои ҳамин ҳатман шарти зерини Подшоҳиро навишта гиред.

## Агар шумо аз ин китоб дигар ҳеҷ чиз нагиред, инро қабул кунед!

Ман мехоҳам, ки шумо ба боби чоруми Инҷили Луқо муроҷиат кунед, то ки ин қонуни пурқуввати Подшоҳиро ошкор кунем. Ман

медонам, ки матни зерин камтар аз дигар матнҳои иқтибос кардаам дарозтар аст, вале хондани тамоми порча оиди кори шуда истода маълумот медиҳад, ва мефаҳмонад, ки чаро Исо чунин ҷавоб дод.

> *Ва ба Носира, ки дар он ҷо тарбият ёфта буд, омад ва, аз рӯи одати Худ, рӯзи шанбе ба куништ даромад ва барои қироат бархост. Ба Ӯ китоби Ишаъёи набиро доданд; ва Ӯ китобро кушода, ҷоеро ёфт, ки чунин навишта шуда буд: "Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, ва Маро фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям, мазлумонро озод кунам. Ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям".*
>
> *Ва китобро пӯшонда, ба ходим дод ва нишаст; ва чашмони ҳама дар куништ ба Ӯ дӯхта шуда буд. Ва Ӯ ба сухан оғоз намуда, ба онҳо гуфт: "Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст". Ва ҳама ба Ӯ шаҳодат медоданд, ва аз суханони файзбахше ки аз даҳонаш мебаромад, мутааҷҷиб шуда, мегуфтанд: "Оё Ӯ писари Юсуф нест?"*
>
> *Ба онҳо гуфт: "Албатта, шумо ба Ман ин мақолро хоҳед гуфт: "Эй табиб! Худатро шифо бидеҳ; ҳар он чи ки шунидаем, ки дар Кафарнаҳум воқеъ шудааст, ин ҷо низ, дар ватани Худ бикун". Ва гуфт: "Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ пайғамбаре дар зодгоҳи худ мақбул нест. Аз рӯи ҳақиқат ба шумо мегӯям: бисёр бевазанон дар Исроил дар айёми Илёс буданд, ки он вақт осмон се солу шаш моҳ баста шуда буд, ба тавре ки дар тамоми рӯи замин қаҳтии сахте рӯй дод. Вале <u>Илёс назди ҳеҷ яке аз онҳо фиристода нашуд,</u> балки фақат назди бевазане ба Сорфатои Сидӯн...""*
>
> – Луқо 4:16-26

Ин матн пас аз дар биёбон озмуда шудани Исо оварда шудааст, вақте ки ба зодгоҳаш бармегашт ва мо аз ҳодиса бо он тарзе, ки навишта шудааст, воқиф мегардем.

Азбаски Исо дар Носира ба воя расида буд, мардум Худаш ва аҳли оилаашро хеле хуб мешинохтанд ва мо фарз карда метавонем, ки Ӯ чандин бор дар куништ Навиштаҳои Муқаддасро хондааст. Акнун ба шумо лозим мешавад, ки дар бораи матне, ки Исо барои хондан интихоб карда буд, баъзе чизҳоро фаҳмида гиред. Вай порчаеро аз Китоби Ишаъёи набӣ (61:1, 2) то ибораи “*соли таваҷҷӯҳи Худовандро эълон намоям*” хонда, бозистод.

Аҷиб он аст, ки Вай ҷумларо то нисф хонда бозистод, яъне ин корро бе сабаб накард.

Соли таваҷҷӯҳи Худованд соли юбил буд, ки барқароршавии Подшоҳии Худоро дар рӯи замин таҷассум мекард. Ин ишора ба он буд, ки вақте Масеҳ меояд, онро барқарор мекунад. Бинобар ин, ҳангоме ки Исо дар ин ибора бозистода, баъд гуфт: “*Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст*”, Ӯ эълон намуд, ки Ӯ Масеҳ аст!

Баъд Ӯ давом дод ва нубувват кард, ки онҳо ба Вай дар оянда чӣ хоҳанд гуфт, ва аниқтараш: “Мо ба Ту бовар намекунем, инро исбот намо”, зеро ба Ӯ бовар намекарданд.

> *Ба онҳо гуфт: “Албатта, шумо ба Ман ин мақолро хоҳед гуфт: “Эй табиб! Худатро шифо бидеҳ; ҳар он чи шунидаем, ки дар Кафарнаҳум воқеъ шудааст, ин ҷо низ, дар ватани Худ бикун”.*

Кафарнаҳум – ин ҷое, ки Исо маркази рисолати Худро таъсис дод, ки дар он ҷо аксарияти мӯъҷизаҳои Ӯ ба амал омадаанд. Ӯ ба онҳо пешгӯӣ кард, ки оиди мӯъҷизаҳои бузурге, ки дар Кафарнаҳум рӯй медиҳанд, мешунаванд, ва вақте ки дар ин бора мешунаванд, хоҳиш мекунанд, ки омада, айнан ҳамон чизҳоро дар Носира низ ба амал орад, то ки ба Ӯ боварӣ пайдо кунанд. Дар асл, Вай онҳоро ба дилсахтӣ ва беимонӣ маҳкум мекард. Ӯ медонист, ки онҳо ба Вай боварӣ надоранд ва ҳеҷ

гоҳ бовар намекунанд. Мо инро медонем, чунки Ӯ боз илова намуд, ки онҳо чунин мегӯянд: *“Эй табиб! Худатро шифо бидеҳ”*, онро дар назар дошт, ки дар вақти мехкӯбкунии Вай чӣ гуфта мешавад.

> *Ва роҳгузарон Ӯро дашном дода ва сар ҷумбонда, мегуфтанд: “Эй! Ту ки маъбадро вайрон карда, дар се рӯз аз нав бино мекунӣ! Худатро наҷот деҳ; агар Ту Писари Худо бошӣ, аз салиб фуруд ой!” Ҳамчунин саркоҳинон бо китобдонон ва пирон Ӯро истеҳзо карда, мегуфтанд: “Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот дода наметавонад! Агар Ӯ Подшоҳи Исроил бошад, акнун аз салиб фуруд ояд, то ки ба Ӯ имон оварем”.*
>
> – Матто 27:39-42

Аз ибтидои хизмати Худ ва то ба охир Ӯ мегуфт, ки онҳо бо вуҷуди ҳама чизҳои шунидаашон паёми Ӯро қабул нахоҳанд кард. Ӯ фаҳмонидани паёмро идома дода, ҳикояи Илёс ва бевазанро нақл намуд, ки чӣ тавр ба Худо лозим омад, ки Илёсро аз хоки Исроил берун фиристонад, зеро дили қавми Исроил сахт шуда буд ва имон надошт. Ин он қадар муаллимони шариатро ба хашм овард, ки онҳо Исоро берун бароварданд, то ки Вайро кушанд, аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ӯ аз миёни онҳо гузашта рафт.

Ҳоло ман мехоҳам, ки шумо барои ман дар варақ як калима навишта, онро дар ҷое гузоред, ки фаромӯш намекунед, барои он ки ин калид барои ояндаи молиявии шумост. Калимаи “ФИРИСТОДА” нависед. Маҳз ҳамин хел, калимаи “ФИРИСТОДА”. Ин хеле муҳим!

## ФИРИСТОДА

Ман мехоҳам ба Китоби сеюми Подшоҳон муроҷиат кунам, дар он ҷо мо сирреро меёбем, то ба он дараҷа пурқувват аст, ки он ҳаёти шуморо ба таври куллӣ дигаргун месозад.

> *Ва бо мурури замон наҳр хушк шуд, зеро ки борон дар замин набуд. Ва каломи Худованд бар ӯ нозил шуда, гуфт:*

*“Бархоста, ба Сорефот, ки назди Сидӯн аст, бирав, ва дар он ҷо сукунат намо; инак, Ман ба бевазане дар он ҷо амр фармудам, ки ба ту ғизо диҳад”. Ва ӯ бархоста, ба Сорефот рафт, ва ҳангоме ки ба дарвозаи шаҳр расид, инак, бевазан дар он ҷо чӯбпора мечид; ва ӯ варо даъват намуда, гуфт: “Лутфан, андак об барои ман дар зарфе биёр, то ки бинӯшам”. Вай барои овардани об рафт, вале ӯро даъват намуда, гуфт: “Лутфан, як порча нон барои ман дар дасти худ биёр”.*

*Вай гуфт: “Қасам ба ҳаёти Худованд Худои ту, ки як кулча ҳам надорам, балки як мушт орд дар чалак ва андак равған дар кӯза ҳаст, ва инак, ман як-ду чӯбпора мечинам, ва рафта, онро барои худам ва писарам мепазам, ва мо онро мехӯрем ва мемирем”.*

*Ва Илёс ба вай гуфт: “Натарс, бирав ва он чи гуфтӣ, бикун; аммо аввал кулчаи хурде аз он барои ман пухта, назди ман биёр ва баъд барои худат ва писарат бипаз; зеро ки Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: “Чалаки орд тамом нахоҳад шуд, ва кӯзаи равған кам нахоҳад монд, то рӯзе ки Худованд борон бар замин биборонад””.*

*Вай рафта, бар тибқи гуфтаи Илёс амал кард; ва вай, ва ӯ, ва аҳли хонаи вай чандин айём хӯрданд. Чалаки орд тамом нашуд, ва кӯзаи равған кам намонд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Илёс гуфта буд.*

– 3 Подшоҳон 17:7-16

Ба ман иҷозат диҳед моҳияти масъаларо баён намоям. Хушксолии сахт буд ва дарёе, ки назди он Илёс истод, хушк мешавад. Акнун ӯ бояд ба ҷои нав гузарад, то ки хӯрок ва об ёбад. Худо бо вай гап мезанад ва ишора мекунад: “*Бархоста, ба Сорефот, ки назди Сидӯн аст, бирав, ва дар он ҷо сукунат намо; инак, Ман ба бевазане дар он ҷо амр фармудам, ки ба ту ғизо диҳад”.* Бояд қайд кунем, ки Сорефот шаҳри канъониён буд ва он вақт ба қавми Исроил тааллуқ надошт.

Вақте ки Илёс ба шаҳр наздик мешавад, вай бевазанеро мебинад,

ки чӯб чида истодааст ва ба ӯ муроҷиат намуда, хоҳиш мекунад, ки ба вай об биёрад. *«Вай барои овардани об рафт, вале ӯро даъват намуда, гуфт: "Лутфан, як порча нон барои ман дар дасти худ биёр"».* Вай ҷавоб медиҳад, ки дар ҳақиқат хӯрок намондааст, зеро он танҳо барои як хӯроки шом барои худаш ва писараш мерасад.

Дар ҷавоб набӣ кори хеле аҷиб мекунад, ки ҳатто ба шумо ғайри қобили тасаввур менамояд, бо дарназардошти шароит, ӯ ба вай амр мефармояд, ки ба хонааш рафта, нон пухта биёрад ва танҳо баъд аз ин барои оилааш яктои дигар пазад. Дарк намуд, ки ин чӣ тавр садо доданаш мумкин, чунин дастур медиҳад: "Натарс". Ва баъд эълон мекунад: *«Зеро ки Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: "Чалаки орд тамом нахоҳад шуд, ва кӯзаи равған кам нахоҳад монд, то рӯзе ки Худованд борон бар замин бибоӯронад"».*

Вай чӣ кор мекарда бошад? Оё ба ӯ бовар карда, хӯроки охирини писарашро медиҳад?

> *"<u>Вай рафта, бар тибқи гуфтаи Илёс амал кард</u>; ва вай, ва ӯ, ва аҳли хонаи вай чандин айём хӯрданд. Чалаки орд тамом нашуд, ва кӯзаи равған кам намонд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Илёс гуфта буд".*

Вай ба ӯ бовар кард, ва ба натиҷа аҳамият диҳед – ҳар рӯз барои Илёс ва барои зан ва оилааш хӯрок буд. Иҷозат диҳед ман як калимаро дигар карда, бори дигар гӯям: "Ҳар рӯз хӯрок барои супориши Худо ва хӯрок барои зан ва оилааш буд".

Дар боби гузашта мо оиди тарс ҳангоми додан гап задем, дар он бора ки агар шумо барои супориши Худо қурбонӣ кунед, барои эҳтиёҷоти худатон кифоягӣ намекунад. Тавре ки мебинед, ва ҳамеша чунин хоҳад буд, ин ҳеҷ гоҳ ба амал нахоҳад омад!

Инак, иҷозат диҳед, ба шумо савол диҳам: "Оё додани ғизои охирин барои бевазан ягон арзише дошт?" Не, надошт. Ин ҳаёти вайро нигоҳ дошт.

Акнун, пеш аз он ки ба фаҳмондани калимаи ФИРИСТОДА гузарем, ман мехоҳам боз савол диҳам. Чаро набӣ исрор кард, ки бевазан *аввал* барои ӯ нон пазад? На *ҳамроҳи* нони худаш, балки *ҷудо*. Ӯ ҳатто хоҳиш кард, ки нонро *пеш аз он ки* барои худаш пухтанро сар кунад, биёрад. (Дар ёд доред, шумо мехостед олими рӯҳонӣ шавед ва саволҳо диҳед.)

Ҳамаи ин ҳикояҳо ба шумо фаҳмиши ҳаётан муҳими қонун ва фаъолияти Подшоҳиро медиҳанд. Оё Илёс то он дараҷа гурусна буд, ки наметавонист интизор шавад, то бевазан барои оилааш хӯрок тайёр кунад? Не, барои ин гуна амал бояд ки сабаби муҳиме бошад. Набӣ медонист, ки вақте ки зан ба ӯ якум нонро дод, пеш аз он ки ба худаш дигарашро пазад, вай орд ва равғани худро ба салоҳияти қонунии Подшоҳии Худо ва супориши Ӯ даровард. Ба ман иҷозат диҳед инро боз такрор кунам.

Вақте ки вай ба набӣ (супориши Худо) нони аввалинро дод, орд ва равғани вай подшоҳиро иваз карданд. Акнун онҳо ба салоҳияти қонунии Подшоҳии Худо тааллуқ доштанд. Танҳо он гоҳ Худо метавонист ба таври қонунӣ орд ва равғанро бисёр кунад.

Шумо мебинед, ки айнан ҳамин принсип сонитар дар хизмати Исо чӣ хел амал мекунад, вақте ки Ӯ панҷ ҳазор одамро бо ду моҳӣ ва панҷ нон сер мекунад.

Агар шумо ин ҳикояро дар ёд дошта бошед, Исо ба шогирдонаш амр фармуд, ки рафта бинанд, ки чӣ доранд. Онҳо баргашта, гуфтанд, ки танҳо ду моҳию панҷ нон доранд. Исо аз шогирдон хоҳиш кард, ки он панҷ нон ва ду моҳиро назди Ӯ биёранд. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Ӯ ғизоро гирифта, баракат дод, баъд онро ба дасти шогирдон баргардонд. Ман медонам, ки Исо ҳеҷ амали диндорона накард, пас чаро Ӯ чунин рафтор кард?

Вай бояд ин корро мекард, вагарна нон ва моҳӣ наметавонистанд зиёд шаванд. Бубинед, он вақт ду моҳӣ ва панҷ нон аз ҷиҳати қонунӣ зери дасти одамон буданд. Худо аз рӯи қонун ҳеҷ кор карда наметавонист. Аммо вақте ки таъминот ба дасти Исо гузашт ва Ӯ онро

баракат дод, он ба салоҳияти қонунии Худо дохил шуд. Он гоҳ, ва танҳо пас, нон ва моҳӣ метавонистанд зиёд шаванд.

Айнан ҳамон принсип дар боби панҷуми Инҷили Луқо дида мешавад, ки он ҷо Петрус, Яъқуб ва Юҳанно тамоми шаб бо моҳигирӣ машғул буданд, аммо ҳеҷ чиз ба даст наоварданд. Исо қаиқи Петрусро гирифта, аз соҳил каме дур шуда, ба одамон мавъиза мекунад ва баъд ба Петрус амр мефармояд, ки тӯрро ба чуқурӣ андозад, то ки моҳӣ дорад.

Чи хеле ки дар хотир доред, дар натиҷа ду қаиқи онҳо то ба он дараҷа аз моҳӣ пур шуданд, ки ба ғарқ шудан шурӯъ намуданд. Вақте ки Исо қаиқро ба қарз мегирад, Ӯ дар асл тиҷорати моҳиро ба қарз гирифт, то ки дар он рӯз мавъиза кунад. Ҳамон замоне, ки Ӯ қаиқро ба даст овард, тамоми тиҷорат ба юрисдиксияи Подшоҳии Худо дохил шуд. Ин ба осмон ҳуқуқи қонунӣ дод, ки ба Исо оиди ҷойгиршавии моҳӣ каломи ҳикмат фиристад, ки ин ба сайди бузурге оварда расонд. (Ман ҳамеша мегӯям, ки моҳиро ҳама сайд карда метавонанд, агар Исо дар куҷо ва чӣ тавр сайд карданро гӯяд.) Ин худи ҳамон принсип аст, ки вақте ки ба супоришҳои Худо кишт мекунед, истифода хоҳед бурд.

Акнун ба нақламон, ки дар бораи Илёс буд, бармегардем. Бевазан, аслан, бо Илёс ва бо супориши ӯ ҳамкорӣ мекард, ҳамин тавр ҳамон мукофоте, ки вай ба даст овард, ӯ низ гирифт. Илёс, бевазан ва оилаи вай таъмин шуда буданд. Дидед?

Ман оиди ин принсип каме баъдтар дар ин китоб сӯҳбат мекунам, вале ҳоло мехоҳам ба калиди асосии ин ҳикоя гузарам: ба калимаи ФИРИСТОДА.

Биёед ба хотир меорем. Худо ба Илёс супориш дод. Ӯ ба таъминоти иҷрои супориши Худ ниёз дошт. Мо медонем, ки Илёс пайғамбар буд, барои ҳамин ӯ суханони Худовандро ба куҷое, ки Худо нафиристад, мерасонд. Аммо ба Худо лозим буд, ки супориши Ӯ маблағгузорӣ карда шавад, ва ин ҳамеша бо *одамон* вобастагӣ дорад.

Дар ин ҳолат Худо аз Исроил бевазан ёфта натавонист, ки барои ба Ӯ итоат намудан имонаш расад. Худо медонист, ки чӣ кор кардан

мехоҳад, аммо барои Ӯ лозим буд, ки касе бо осмон розигӣ бандад, то ки Вай таъминотеро, ки Илёс ба он ниёз дошт, дода тавонад.

Фаромӯш накунед, ки дар ҳеҷ куҷо хӯрок набуд. Одамон дар ҳама ҷо мемурданд. Сухан дар бораи камтар хӯрок ёфтан, ё ин ки ба бозор рафтан набуд, чунки хӯрок набуд. Таъминоти Илёс бояд аз Рӯҳи Худо меомад.

Азбаски дар Исроил ҳеҷ касе набуд, ки ба Ӯ имони кофӣ дошта бошад, ба Худо лозим шуд, ки аз ҳудуди Исроил барояд ва ба халқи дигар рӯ оварад, ки дар он ҷо Ӯ бевазанеро бо дили пур аз имон ёфт. Инак, чуноне ки мо аллакай гуфтем, Илёс маҳз назди он бевазан фиристода шуд, зеро Худо медонист, ки вай ба Ӯ бовар мекунад.

Худоро ба ҷои аввал гузошта ва ба каломи Худованд итоат карда, вай нисбати супориши Худо, нисбати Илёс, ҳамчунин барои оилаи худ ғамхорӣ намуда, дар тамоми айёми гуруснагӣ таъминот ба даст овард.

Ҳадафи ин ҳикоя дар ҳамин аст.

Вақте ки Худо ба коре ниёз дорад, Ӯ дар ҷустуҷӯи касе, ки Вай ба ӯ бовар карда тавонад, оне ки ба Вай итоат мекунад ва нақшаҳои Ӯро амалӣ месозад, ба замин назар мекунад. Ҳамчунин ба Ӯ одамоне лозим ҳастанд, ки нақшаҳои Ӯро маблағгузорӣ кунанд.

Инак, иҷозат диҳед фикрамро то ҳадди имкон равшан баён кунам: агар шумо хоҳед, ки идеяҳои бузург эҷод кунед, агар шумо хоҳед, ки Худо ба шумо консепсияҳои бузурги тиҷоратиро бовар кунад, шумо бояд мувофиқат кунед! Худо дили шуморо медонад, ва Ӯ дар ҷустуҷӯи касоне, ки супоришҳои Худро бовар карда тавонад, ба замин назар медӯзад. Ӯ нигоҳ мекунад, ки маблағгузории супоришҳои Худро ба кӣ супорад. Сипас Вай ба ин одам барои ҷамъоварии маблағи зарурӣ нақшаи Худро мефиристад. Шумо фаҳмидед?

Дар ёд доред, ки каломи Худо ба бевазан ФИРИСТОДА шуда буд, ва он ҳаёти ӯро наҷот дод!

Ман дар хотир дорам, чӣ тавр каломи Худованд ба ман омада расид, то ки ман фаъол шавам ва тиҷорати худро бо афзалиятҳои нав ва кафолатнома оғоз намоям. Ва ин ҳаёти маро наҷот дод.

Худо одамони дилашон итоаткорро ҷустуҷӯ мекунад, то ки супоришҳои Худро маблағгузорӣ кунад!

Биёед он принсипҳоеро, ки мо дар ин ҳикоя мебинем, ҷамъбаст мекунем.

1. Худо дар подшоҳии заминӣ супорише дорад, ки мехоҳад он иҷро шавад.
2. Барои ҳар як супориш одамон лозим ҳастанд.
3. Ҳар як супориш ба маблағгузорӣ ниёз дорад.
4. Худо барои ёфтани одамоне, ки супоришҳои Ӯро иҷро мекунанд, ба замин назар мекунад.
5. Ва Худо дар замин одамонеро ҷустуҷӯ мекунад, ки супориши Ӯро маблағгузорӣ мекунанд.
6. Вақте ки мо супоришҳои Худоро маблағгузорӣ мекунем, ба осмон салоҳияти ҳуқуқӣ медиҳем, ки моро на танҳо барои маблағгузории супоришҳои Худо истифода барад, балки минбаъд ҳаёти худи моро бо фаровонӣ маблағгузорӣ намояд.

Саховатмандӣ ба шумо ҳеҷ гоҳ гарон нахоҳад афтод! Ман ба рамаи худ мегӯям: «Ҳамеша “ҳа” гӯед».

БОБИ 4

# ПУЛ АЗ ОНИ КИСТ?

Оё боре дарк кардаед, ки як қисми пуле, ки ҳоло дар даст доред, аз они шумо нест?

Ман медонам, ки ин беақлона менамояд, аммо ягон вақт дарк намудаед, ки мумкин Худо ин пулро ба дасти шумо барои каси дигаре додааст?

Медонам, медонам, эҳтимол, шумо ба ҳаёт аз ин нуқтаи назар нанигариста будед, аммо бояд ин корро кунед, зеро ин як калиди дигарест барои пешравиҳо дар зиндагии шумо.

Оиди суханони ман андеша кунед. Мо дар бораи маблағгузории супоришҳои Худо гуфтем, дуруст? Ва мо гуфтем, ки Худо дар ҷустуҷӯи одамоне, ки барои хизмати Подшоҳии Худо дили пур аз имон доранд, ва супоришҳои Ӯро маблағгузорӣ мекунанд, ба замин назар мекунад. Мо медонем, ки пулҳо дар дасти одамон ҳастанд ва агар Худо супоришҳои Худро маблағгузорӣ мекарда бошад, Вай бояд пулҳоро ба дасти касоне диҳад, ки ба ҷудоӣ аз онҳо омода буда, нисбати Ӯ ва халқаш саховатманд бошанд.

Инак, дар дасти шумо чист? Вақте ки шумо ба он чизе, ки доред, назар мекунед, оё мефаҳмед, ки шояд Худо онро барои каси дигар таъин кардааст? Ё ин ки Ӯ ин пулҳоро ба дасти шумо барои он додааст, то он лоиҳаеро, ки Ӯ амалӣ сохтан мехоҳад, маблағгузорӣ намояд.

Албатта, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чизе, ки доред, ба шумо тааллуқ дорад ва худатон ҳал менамоед, ки бо он чӣ кунед. Аммо агар Худо пулҳоро ба дасти одамон месупурда бошад, ман мехоҳам, ки дар рӯйхати тасдиқшудаи Ӯ бошам. Шумо чӣ?

> *<u>Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард</u>, то ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*
>
> – 2 Қӯринтиён 9:10, 11

Мо аллакай ин порчаро аз назар гузарондем, аммо ин ҷо шояд чизе бошад, ки шумо надидед. Дар ояти даҳум гуфта шудааст, ки Худо барои коранда тухмӣ ва нон барои хӯрок *медиҳад*.

Фикр кунед, ки ин чӣ маъно дорад: Худо барои коранда тухмӣ ва барои хӯранда нон медиҳад. Нон барои хӯрок ҳар он чизеро ифода мекунад, ки барои шумо дар хонаатон зарур аст, то ки дар фаровонӣ зиндагӣ кунед, бо он ҳаёте, ки Худо бароятон муҳайё намудааст. Аммо Ӯ *барои коранда тухмӣ* медиҳад.

Оё шумо ягон маротиба дар ҳавлии худ тухми алаф коштаед? Шумо тухмиро ба замин мепартоед ва боз барои кафи дигари тухмӣ даст дароз мекунед. Ин як раванди муайянро ташкил медиҳад. Вақте ки шумо тухмиро аз дастатон мепартоед, дасти шумо аз захираи нав пур мегардад, баъд онро мисли дигаронаш мекоред. Ин ибораи "*Худо барои коранда тухм медиҳад*", ҳамин маъноро дорад, ки Худо барои касе, ки ба кишт машғул аст, тухмӣ медиҳад.

## ХУДО ТУХМИРО БА КОРАНДА МЕДИҲАД!

Албатта, Павлус идома дода мегӯяд, ки Худо ҳамчунин барои мо ноне медиҳад, ки ба он ниёз дорем, аммо дар ин ин порча таъкид ба кишт ва ба таъсири ин раванд нигаронида шудааст, ки дар ҳаёти

мо ва касоне, ки нисбаташон саховатманд будем, амал мекунад. Чуноне ки аллакай мо гуфтем, ин дилҳои одамонро ба сӯи Худо моил менамояд.

Инро ба назар гирифта, фикр мекунам, мо ҳама метавонем розӣ шавем, ки Худо мехоҳад то ҳадди имкон бисёртар тухмӣ кишт кунад, то ки ҳосили фаровон ҷамъ оварад.

Инак, агар шумо Худо мебудед, тухмиро ба кӣ медодед? Ба касе ки танбал аст ва ҳеҷ вақт бо кишт машғул намешавад, ё ба касе ки фаъолона мекорад? Фикр мекунам, ҷавоб маълум аст.

Агар мо бо он чизе, ки дорем, софдилона муносибат намоем, Худо мегӯяд, ки хазинаи тухмии моро пурра мегардонад, то ки мо бисёртар кишт карда, барои манфиатҳои Подшоҳии Ӯ дар замин таъсири бештаре расонем.

Шумо пайхас кардед, Павлус мегӯяд, ки мувофиқи он ки чи хел кишт мекунед ва ҳосил мегиред, захираи тухмии шумо меафзояд ва ба шумо имконият медиҳад, ки дар ҳама ҳолатҳо саховатманд бошед? Агар ин рост бошад (ва ин, албатта, чунин аст), пас захираи тухмии шумо – ин пуле, ки ҳоло шумо доред ва барои саховатмандӣ нишон додан метавонед истифода баред. Бешубҳа, шумо пеш аз он ки саховатмандӣ нишон диҳед, бояд дар ихтиёри худ захираи тухмӣ дошта бошед.

Боз ҳам, мехоҳам гӯям, ки на ҳама пуле, ки шумо доред, аз они шумост. Як қисми онҳо ба шумо аз тарафи Худо ҳамчун тухмӣ дода шудааст. Ин давраи кишт ва дарав беохир аст. Мо мекорем, баъд ҳосил ҷамъ мекунем; ва то даме ки мо ин корро давом медиҳем, то даме ки тухмиҳои худро намехӯрем, ҳосили мо меафзояд ва қобилияти саховатманд будани мо низ.

Албатта, вақте ки шумо гурусна ҳастед ва ба нон ниёз доред, шумо аз хазинаи тухмии худ чизе ки лозим мегиред. Бо андозаи афзудани захираи тухмӣ, имконияти гирифтани чизи лозимӣ низ меафзояд.

Аммо ман мехоҳам ба ин фалсафа камтар чуқуртар аҳамият диҳам.

Иҷозат диҳед гӯям, ки Худо тухмии Худро ба касе медиҳад, ки барои кишт дили матин дошта бошад, на ба касе ки ҳанӯз ҳам дар фикри рӯзе кишт кардан аст. Ӯ онро ба коранда медиҳад.

Ва савол чунин аст: оё шумо мехоҳед фақат пулҳои *худро* идора карда, ҳаётатонро давом диҳед, ё ин ки шумо мехоҳед пулҳои худ ва Худоро идора карда, зиндагӣ намоед?

Ҷеймс ва Элла ба калисои мо омаданд, чунки ҳеҷ гоҳ чизи дар ин ҷо шунидаашонро дар ҷамоати амишҳо, ки ҳарду он ҷо ба воя расидаанд, нашунида буданд. Консепсияҳои Подшоҳӣ ба онҳо навгонӣ буд, ва онҳо шогирдони хуби Подшоҳӣ буданд. Онҳо гаштаю баргашта паёмҳоро дар бораи ҳаёт дар Подшоҳӣ гӯш мекарданд, ки мо онро дар калисои "Ҳаёт бо имон" меомӯхтем.

**ОЁ ШУМО МЕХОҲЕД ФАҚАТ ПУЛҲОИ ХУДРО ИДОРА КАРДА, ҲАЁТАТОНРО ДАВОМ ДИҲЕД, Ё ИН КИ ШУМО МЕХОҲЕД ПУЛҲОИ ХУД ВА ХУДОРО ИДОРА КАРДА, ЗИНДАГӢ НАМОЕД?**

Рӯзе Ҷеймс ба Худованд гуфт, ки ӯ ҳамаи ин қиссаҳоро аз дигар одамон шунидааст, ки чӣ тавр Подшоҳӣ дар ҳаёти онҳо корҳои бузургро ба вуҷуд овардааст ва вай ҳам мехост, ки ин гуна шаҳодатҳо дошта бошад. Ӯ қарор дод, ки бояд қонунҳои Подшоҳиеро, ки шунидааст, тафтиш кунад. Онҳо ба рухсатии меҳнатӣ рафтанд ва қисми зиёди онро бо гӯш кардани мавъизаҳои ман гузарониданд, ки оиди ҳиссаи дучанд буд. Китоби ман "Инҷилоби молиявии ту. Қуввати оромӣ" нав нашр шуда буд, ва ман аз рӯи он таълим медодам. Барои ҳамин онҳо қарор карданд, ки пеш аз кишт ба Калом чуқур ворид мешаванд.

Ҷеймс ва Элла мехостанд даҳ ҳазор доллар ҳосил ҷамъ кунанд, ки ба онҳо барои таъмир ва дигар эҳтиёҷот лозим буд, ки дар ҳар оилаи кӯдакони хурдсол дошта вуҷуд доранд. Онҳо намедонистанд, ки аз куҷо пул меёбанд, аммо аллакай Подшоҳии Худоро ба қадри кофӣ омӯхта буданд, то ҳис кунанд, ки барои ин имон доранд.

Дар он вақт, Ҷеймс соҳиби тиҷорати худ оид ба таъмири мошинҳо буд. Баъд аз он ки онҳо барои даҳ ҳазор долларе, ки ба он ниёз доштанд, кишт карданд, ба кор рафта истода, ӯ ба Элла иқрор шуд, ки баъд аз омӯзиши паём оиди ҳиссаи дучанд ӯ дар ҳақиқат боварӣ дорад, ки бо кишти онҳо низ чунин мешавад. Вай гуфт, ки ба бозгашти бист ҳазор доллар боварӣ дорад. Элла камтар дар ҳайрат монда буд, вале бо шавҳараш розӣ шуд. Вақте ки ӯ аз дар берун мебаромад, вай гуфт: “Хуб, бист ҳазор доллар”.

Ин як рӯзи оддӣ дар устохона буд. Яке аз мизоҷони доимии Ҷеймс мошинро барои таъмир овард, вақте ки дархост ҳанӯз иҷро карда мешуд, мизоҷ ба утоқи кории Ҷеймс даромад ва дар рафти сӯҳбат аз говҳои худ шикоят кард. Онҳо ҳама панҷараҳоро шикаста ба берун баромаданд. Қитъаи замини ӯ бо ҷангали давлатӣ ҳамсарҳад буд, бинобар ин говҳо дар куҷое хоҳанд, метавонистанд сайругашт кунанд. Мизоҷи Ҷеймс одами солхӯрда буд ва вай гуфт, ки барои аз пушти он говҳо давида гаштан пир шудааст, ба вай басанда аст. Суханҳои вай Ҷеймсро дар ҳайрат гузошт, то он дараҷае, ки ба ӯ лозим шуд аз худаш пурсад, ки оё шиносашро дуруст шунид.

Он мард гуфт: “Ман тасмим гирифтам, ки аз говҳо даст кашам, ва барои ҳамин қарор қабул кардам, ки онҳоро ба ту диҳам. Аз худи ҳозир онҳо аз они ту”. Ҷеймс намедонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Ӯ замин надошт. Вай дар шаҳр, дар қитъаи чоряк акр зиндагӣ мекард ва устои мошин буд. Ҳа, ӯ дар оилаи амишҳо ба воя расида, бачагиашро бо говҳо гузаронидааст, аммо ин бисёр сол пеш буд. Вай қариб ки рад мекард, ҳамин вақт тухмиро ба ёд овард. Шояд дар ин чизе бошад. Ба ӯ лозим буд, ки тафтиш кунад.

Аз дӯсташ аниқ карда фаҳмид, ки гап оиди бисту се гови зоти блэк ангус ва се асп меравад. Ва ин ҷо Ҷеймс ба ёд овард, ки касе камтар пеш гуфта буд, ки барои харидорӣ чорвои калон кофта истодааст. Вай айнан дар харидории гала ҳавасманд буд. Ҷеймс ба он одам занг зада, пурсон шуд, ки барои чорво ба чанд пул додан тайёр аст. Мард як лаҳза ба фикр афтод, ва баъд гуфт: “Хайр, бист ҳазор доллар”.

Ҷеймс ба шунидааш бовар карда наметавонист. Ин ҳамааш айнан дар ҳамон рӯз ба амал омад, ки ӯ бо Элла оиди боварӣ ба ҳиссаи дучанд сӯҳбат кард.

Дертар Ҷеймс нақл кард, ки говҳоро ҷамъ кардан ва баъд онҳоро ба соҳиби нав бурда додан кори серташвиш буд, аммо вай аз ӯҳдаи ин баромад. Баъд ӯ гуфт, ки пурра боварӣ дорад, ки барои Подшоҳии Худо ҳеҷ кори номумкин нест ва дигар вай аз имкониятҳои худаш вобаста намебошад.

Вақте ки он рӯз Ҷеймс ба хонааш баргашт ва ба Элла дар бораи говҳо нақл кард, ӯ гуфт, ки вай ба ҳайрат афтод. Агар шумо аз ин оила дар бораи файзи Худо пурсидан хоҳед, беҳтар мебуд, ки дар захира якчанд соат дошта бошед, чунки онҳо гуфтаниҳои зиёде доранд.

Ин намунаи олиҷанобест, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс ба одам ишора мекунад, ки дар куҷо ҳосили саховатмандиашро нисбат ба Худо ҷамъоварӣ карданаш мумкин аст. Вақте ки мо мекорем, бояд дар хотир дорем, ки баъзе чизҳое, ки Рӯҳулқудс ба мо нишон медиҳад, метавонад аз калимаи *девонагӣ* беҳтар набошад! Ман дар назар дорам, ки чунин фикр ҳеҷ вақт ба сари Ҷеймс, ба соҳиби устохонаи таъмири мошинҳо, намеомад, гарчанде чандин имкониятҳоро вай дар сари худ номбар карда бошад ҳам.

Масалан, Петрусро мегирем. Ман боварӣ дорам, ки дар андешаҳои аз ҳама далеронаи худ ӯ ҳеҷ вақт фикр намекард, ки ба даҳони моҳӣ назар кунад, то ки танга барои пардохти андоз пайдо кунад, ё оиди он ки устоде, ки дар соҳил сайругашт мекард, метавонист ба ӯ ишора кунад, ки айнан дар куҷо тӯр андозад, то ки сайди якумраро ба даст оварад.

Ба ману Дренда назар кунед. Мо муддати нӯҳ соли пур аз асабонияту душвориҳо қарздор будем. Фикр дар бораи он ки мо ягон вақт соҳиби корхонае мешавем, ки ба одамон барои аз қарз баромадан ёрӣ медиҳад, ё ки, аз ин ҳам тааҷҷубовараш, бурдани барномаи телевизионии “Ҳалли масъалаи пул”, ки дар тамоми ҷаҳон бояд намоиш дода мешуд, номумкин буд. Ҳеҷ вақт Худоро маҳдуд кардан лозим нест.

Инак, биёед ҷамъбаст мекунем ва ба хотир меорем, ки Худо ба коранда тухмӣ медиҳад, ба касе, ки кишт мекунад ва кишт кардан мехоҳад!

Давом медиҳем. Ҳоло ман ба яке аз масалҳои пурмазмунтарини Исо дар бораи он ки чӣ тавр Худо бо одамон кор мекунад ва онҳо бояд ба кадом талаботҳо мувофиқат кунанд, мехоҳам назар кунам. Ин масал шуморо ба фикр кардан водор месозад.

*Ба шогирдони Худ низ гуфт: «Як марди сарватдор буд, ки амалдоре дошт, ва дар ҳаққи вай ба ӯ шикоят карданд, ки молу мулки ӯро исроф менамояд; вайро ҷеғ зада, гуфт: “Ин чист, ки дар ҳаққи ту шунидаам? Аз амалиёти худ ҳисобот деҳ, зеро ки дигар наметавонӣ амалдор бошӣ”. Он амалдор дар дили худ гуфт: “Чӣ кунам? Оғоям маро аз вазифаам маҳрум месозад: аз ӯҳдаи каландзанӣ намебароям, аз гадоӣ шарм мекунам; медонам чӣ кунам, то ки мардум, ҳангоми аз вазифа маҳрум шуданам, маро дар хонаи худ пазироӣ кунанд”.*

*Ва ҳар яке аз қарздорони оғои худро ба танҳоӣ ҷеғ зада, ба якумин гуфт: “Ту аз оғои ман чӣ қадар қарздор ҳастӣ?” Гуфт: “Сад ченак равған”. Ба вай гуфт: “Забонхати худро бигир ва зуд нишаста, панҷоҳ бинавис”. Баъд ба дигаре гуфт: “Ту чӣ қарздор ҳастӣ?” Дар ҷавоб гуфт: “Сад ченак гандум”. Ба вай гуфт: “Забонхати худро бигир ва ҳаштод бинавис”.*

*Ва оғо он амалдори ноинсофро таъриф кард, ки оқилона рафтор кардааст; зеро ки писарони ин олам дар муомила бо мардуми насли худ аз писарони нур оқилтаранд.*

*Ва Ман ба шумо мегӯям: бо сарвати ноинсофона барои худ дӯстон пайдо кунед, то ки онҳо дар вақти тамом шудани он шуморо ба масканҳои ҷовидонӣ пазироӣ кунанд.*

*Касе ки дар чизи андак мӯътамад бошад, дар чизи бисёр низ мӯътамад аст, ва касе ки дар чизи андак ноинсофӣ кунад, дар чизи бисёр низ ноинсоф аст. Пас, модоме ки шумо дар сарвати ноинсофона мӯътамад набудед, кист ки сарвати*

*ҳақиқиро ба шумо месупорида бошад? Ва модоме ки дар чизи бегона мӯътамад набудед, кист ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?*

*Ҳеҷ ғулом ба ду оғо хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт; ё ба яке часпида, дигареро хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед».*

*Ва фарисиён, ки зарпараст буданд, ҳамаи инро шунида, Ӯро тамасхур карданд. Ва ба онҳо гуфт: “Шумо худро пеши мардум одил вонамуд мекунед, вале Худо аз дилҳои шумо огоҳ аст: зеро он чи дар назари мардум олидараҷа аст, пеши Худо зишт аст”.*

– Луқо 16:1-15

Дар ин масал чизҳои шавқовар бисёранд.

Якум, мо мебинем, ки оғои бой барои роҳбарии корҳои худ амалдореро гузошт, ва, аз афташ, ин амалдор дороии оғояшро исроф намуда, худро аз роҳбарии минбаъда маҳрум кард. Донист, ки корро аз даст дода истодааст, вай касонеро, ки ба хӯҷаинаш қарздор буданд, зуд даъват намуда, гуфт, ки метавонанд қарзро бо тахфифи калон пардохт кунанд, касе ҳатто ду баробар камтар, агар инро зуд иҷро кунанд.

Албатта, соҳиб аз кори амалдор бехабар буд. Аммо амалдори беинсоф фикр мекард, ки агар вай ба ин одамон тахфиф пешниҳод кунад, вақте ки аз назди оғои худ меравад, онҳо ба ӯ хайрхоҳона назар мекунанд, ва боварӣ дошт, ки дар корхонаҳои худ ба вай кор пешниҳод мекунанд. Вақте ки оғо аз кори кардаи амалдори нопок хабардор шуд, ӯ вайро наздаш даъват намуд.

*Ва оғо он амалдори ноинсофро таъриф кард, ки оқилона рафтор кардааст.*

Таърифи калимаи “оқил” ин аст: “соҳиб ё ки дорандаи ақл ва

бохабарӣ ё чаққонӣ, махсусан дар масъалаҳои амалӣ. Майл доштан ба корҳои моҳирона ва аҷиб ва ё бо амалҳои моҳирона ва боистеъдод фарқ кардан; маккор”[11].

Соҳиб дид, ки амалдор метавонад нақша кашида, онро амалӣ созад, ки даромад меорад, дар ҳолати зерин на ба оғо, балки ба худаш. Ӯ ин чолокии амалдорро дар кори худаш надида буд. Лекин вақте ки кор ба ташвишҳои худаш расид, амалдор ба кор шурӯъ кард ва дар ҳақиқат бисёр донову ҳаматарафа баромад. Ӯ фақат дар корҳои худаш ва беҳбудии худаш ташаббус нишон дод, аммо ҳеҷ чизи ба ин монандро барои манфиати оғояш накард. Рӯирост мегӯям – вай муздур буд!

Акнун иҷозат диҳед ҳақиқатан саволи душвор диҳам: оё шумо муздури Худо ҳастед?

Оё шумо оиди беҳбудии худ назар ба корҳои Худо бисёртар ғам мехӯред? Оё шуморо корҳои худатон назар ба корҳо ва мушкилиҳои Худо бисёртар ташвиш медиҳанд? Оё шумо боигарии Худоро исроф мекунед?

Медонам, ин саволҳои бисёр душвор. Барои ҳамин ман гуфтам, ки ин масал то он дараҷа амиқ аст, ки рост ба дил ворид гашта, ҳама муносибатҳои нодурустеро, ки он ҷо пинҳон шуда метавонад, ошкор месозад.

Исо ба мо дар Инҷили Юҳанно манзараеро тасвир намуда, равшан мекунад, ки муздур кист.

> *Ман чӯпони некам: чӯпони нек ҷони худро барои гӯсфандон фидо мекунад; лекин муздуре ки чӯпон нест, ва гӯсфандон аз они худаш нестанд, чун бубинад, ки гург меояд, гӯсфандонро монда мегурезад, ва гург гӯсфандонро мегирад ва пароканда мекунад; муздур мегурезад, чунки муздур аст, ва ғами гӯсфандонро намехӯрад.*
>
> – Юҳанно 10:11-13

11 Луғати забони англисӣ The American Heritage® Dictionary, нашри панҷум.

Дар Тарҷумаи нави Китоби Муқаддас бо забони русӣ (ояти 13) чунин омадааст:

> *Муздур мегурезад, чунки ӯ киро карда шудааст, ва ба гӯсфандон ғамхорӣ намекунад.*

Дар мавриди амалдори беинсоф, вай дигар ҳуқуқ надошт, ки ба пули оғояш роҳбарӣ кунад, чунки ӯро дар ҳақиқат беҳбудии оғояш ташвиш намедод, вай танҳо барои худаш ташвиш мекашид. Албатта, вай то ҳол имконият дошт, ки рафта, пулҳои худашро ба даст орад, аммо дигар имконият надошт, ки бо пулҳои худаш ва оғояш роҳбарӣ кунад.

Ман фикр мекунам, мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки дар Амрико ва дар тамоми ҷаҳон тафаккури муздурӣ аз назорат баромада истодааст.

Ман боварӣ дорам, ки шумо ба тарабхонае даромадаед, ки мизҳо ва фаршҳояш чиркин ҳастанд, ва дар ҷое дар паси толор чанд нафар кормандон аҳмақӣ мекунанд. Ё ин ки шумо ба тарабхонаи ғизои зуд наздик мешавед, ки то пӯшидашавӣ ҳоло ним соат вақт ҳаст, ва ба ҳайрат афтода мебинед, ки аллакай ҳамаи курсиҳо дар болои мизҳо гузошта шуда, коргарон дар интизории рафтан назди соат қатор шудаанд. Ва шумо мефаҳмед, ки дар байни онҳо соҳиб нест. Онҳо ҳамаашон муздур ҳастанд. Даромади корхона онҳоро ба ташвиш намеорад. Онҳо он ҷо барои муздгирӣ омадаанд, танҳо барои ҳамин.

Бисёр корфармоён ба ман мегӯянд, ки баъзан то он дараҷаест, ки агар коргар ба ҷои кораш саривақт биёяд, вай зоғи сафед мешавад. Корфармоён ба коргароне ниёз доранд, ки тафаккурашон ба корфармо монанд бошад, на ба муздур. Ба онҳо коргароне лозим ҳастанд, ки кор кунанд ва ташвиш кашанд, ба монанди он ки ба тиҷорати худашон роҳбарӣ карда истодаанд. Онҳо мегӯянд, ки коргар бо ин гуна муносибат дар хизмат ба пеш меравад ва серталаб мешавад.

Бо Худо низ айнан чунин аст. Ӯ одамонеро меҷӯяд, ки ба чизе, ки Ӯ ғамхорӣ мекунад, онҳо низ ғамхорӣ намоянд ва аз чизе, ки Ӯ нафрат дорад, онҳо низ нафрат кунанд. Дар боби понздаҳуми Кито-

би якуми Подшоҳон Худо ба Шоул амр мефармояд, ки ба амолеқиён ҳамла кунад, аз барои он коре, ки дар вақти бозгашт аз Миср ба Исроил карданд. Ба шоҳ Шоул амр фармуда шуда буд, ки одамон ва подшоҳро зинда нагузорад. Онҳо набояд бо худ ҳайвонҳоро меоварданд, аммо ана чӣ тавр Шоул амал кард:

> *Вале Шоул ва қавм Аҷаҷро, ва беҳтарин бузу гӯсфандон ва говон ва парвориён ва қӯчқорони фарбеҳ ва ҳар чизи хубро дареғ дошта, нахостанд талаф намоянд, ва фақат ҳар моли хароб ва камқиматро несту нобуд карданд.*
>
> – 1 Подшоҳон 15:9

Нигоҳ кунед, Худо дар оятҳои зерин чӣ мегӯяд.

> *Ва каломи Худованд бар Самуил нозил шуда, гуфт: "Пушаймонам, ки Шоулро подшоҳ кардам, зеро ки ӯ аз пайравии Ман рӯй тофта, суханони Маро ба ҷо наовард". Ва Самуил ба хашм омада, тамоми шаб сӯи Худованд истиғоса бурд.*
>
> – 1 Подшоҳон 15:10, 11

Баъд мо мебинем, ки чӣ тавр Худо бо Самуил оиди Шоул дар Китоби якуми Подшоҳон гап мезанад:

> *Ва Худованд ба Самуил гуфт: "То ба кай ту барои Шоул мотам мегирӣ? Ман, охир, ӯро аз подшоҳӣ кардан бар Исроил рад намудаам. Шохи худро аз равған пур карда, бирав: Ман туро назди Йисои байтлаҳмӣ мефиристам, зеро ки аз миёни писаронаш барои Худ подшоҳ пайдо кардаам".*
>
> – 1 Подшоҳон 16:1

Чи тавре ки амалдори беинсоф аз ҳуқуқи амалдорӣ бар чизҳои оғояш маҳрум шуда буд, ҳамин тавр Шоул низ аз ҳуқуқи доштааш маҳрум гашт. Ва медонед-чӣ? Ману шумо низ метавонем ба чунин ҳолат афтем.

Худо чиро мекобад? Ӯ ба кӣ бовар мекунад?

> *Вақте ки ӯро аз миён бардошт, Довудро бар онҳо подшоҳ таъин кард ва дар ҳаққи ӯ шаҳодат дода, гуфт: "Довуд ибни Йисойро мувофиқи таъби дили Худ ёфтам, <u>ки ӯ тамоми хости Маро ба ҷо хоҳад овард.</u>*
>
> — Аъмол 13:22

Агар мо тавонем, ки бесалоҳият номида шавем, мо инчунин метавонем босалоҳият номида шавем. Шумо метавонед гӯед: "Аммо, Гэри, ман инро чӣ тавр мекунам?" Ҷавоб барои ин савол дар масали зерин аст.

> *Касе ки дар чизи андак мӯътамад бошад, дар чизи бисёр низ мӯътамад аст, ва касе ки дар чизи андак ноинсофӣ кунад, дар чизи бисёр низ ноинсоф аст. Пас, модоме ки шумо дар сарвати ноинсофона мӯътамад набудед, кист ки сарвати ҳақиқиро ба шумо месупорида бошад? Ва модоме ки дар чизи бегона мӯътамад набудед, кист ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?*
>
> *Ҳеҷ ғулом ба ду оға хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт; ё ба яке часпида, дигареро хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед.*
>
> – Луқо 16:10-13

Иҷозат диҳед аниқ кунам: шумо бояд дар вафодорӣ санҷида шавед. Агар ба шумо чизи хеле кам бовар карда шавад, чизи калонро низ бовар карда мешавад. Озмоиш ҳама вақт аз ҷисмонӣ сар шуда, ба рӯҳонӣ мегузарад. Шумо бояд нишон диҳед, ки ба шумо роҳбарӣ кардани боигарии заминиро бовар кардан мумкин аст, пеш аз он ки Худо боигарии Худашро ба шумо бовар кунад. Агар ба шумо моли бегонаро бовар карда нашавад, кӣ ба шумо моли худатонро медиҳад? Аниқ Худо не.

Ин масал дар ҳаёт чунин истифода мешавад.

**Аксарияти масеҳиён ба Худо бақияҳоро медиҳанд.**

Бисёр масеҳиён ба буҷети худ нигоҳ карда, қарор мекунанд: “Ин ҳама чизе, ки ман дода метавонам”. Аммо дар айни замон дареғ надошта худи ҳамон рӯз қаиқи нав мехаранд.

Ман ҳеҷ касро доварӣ кардан намехоҳам, ва ба Худо, албатта, фарқ надорад, ки шумо қаиқи хуб доред. Ман танҳо аз шумо мепурсам: оё шумо танҳо пулҳои худро идора кардан мехоҳед ё пулҳои худатон ва аз они Худоро?

Агар шумо шабакаҳои интернетиро дида бароед, ки ба ҳисоби миёна масеҳии оддӣ чанд пул қурбонӣ мекунад, шумо дар ҳайрат мемонед. Ман як омореро дидам, дар он гуфта мешавад, ки масеҳии миёна дар як ҳафта аз сездаҳ доллар каме зиёдтар қурбонӣ мекунад[12].

Ман бисёр оморҳоро оиди қурбониҳо дидам, ва ҳамаи онҳо ғамгинкунанда буданд. Чи хеле ки гуфтам, аксарияти масеҳиён ба Худо бақияҳоро медиҳанд. Ва боз, илтимос, дар ёд доред, ки ман айбдор ва ё маҳкум намекунам. Ман фақат гуфтан мехоҳам ва, фикр мекунам, Каломи Худо низ ин нуқтаи назари маро тасдиқ мекунад, ки Худо на муздурон, балки соҳибонро ҷустуҷӯ мекунад.

Ва боз, Худо он одамонеро намекобад, ки аз боиси ҳисси айбдорӣ худро ба додан маҷбур мекунанд. Худо бо шодӣ диҳандаро дӯст медорад, чуноне ки дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён (9:7) навишта шудааст.

Шоул ба талабот мувофиқат намекард, азбаски гуфтаи Худоро ба ҷо намеоварад, аммо Довуд интихоб шуда буд, барои он ки вай гӯш дод ва он чизе, ки Худо гуфта буд, ба ҷо овард.

Инак, иҷозат диҳед, ман нуқтаи назари наверо пешниҳод кунам. Чӣ мешавад, агар мо дунёи худро чаппа карда, пеш аз ҳама барои

12 https :// www.pastorrickyp owell. com/ life _ matters _ with_pastor_/2009/10/ startling-statistics

Худо зиндагӣ кунем ва худамон бо боқимондаҳо ҳаёт барем? Ман метавонам тахмин кунам, ки ин боқимондаҳои мо ба зудӣ аз мо дар пеш мешаванд, ва мо бо ҳаёти баракатёфта зиндагӣ кунем.

Ин дар ҳаёти Р.Г. ЛеТурно кор кард. Пайдоиши хоксор ва ҳамагӣ ҳафт соли хониш дошта, вай худомӯзӣ намуд ва дар натиҷа империяи истеҳсолиро бунёд кард. Мошинҳои заминкобии ӯ ба ғалабаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ба бунёди инфрасохтори роҳҳои мошингарди Амрикои муосир ёрӣ расонданд. Дар охири ҳаёташ ӯ сесад патент дошт[13].

Сирри вай дар чӣ буд? Ӯ навад фоизи ҳама кори кардаашро ба Худо медод[14].

Ман намегӯям, ки шумо айнан чунин амал кунед. Ин созишномае буд, ки ӯ бо Худо баст, вақте ки дар сисолагӣ ба қарзҳо ғӯтид. Ӯ Худоро шарики кории худ номид (чи тавре ки ӯ инро меномад), ва ин самара дод.

Вақте ки Худо маро даъват кард, то ки калисоро аз сифр оғоз кунам, ман аллакай корхонаи худ Forward Financial Group-ро роҳбарӣ мекардам. Он хеле муваффақиятнок шуда, дар байни панҷ ҳазор филиалҳои шарики асосии мо дар тамоми мамлакат ҷои якумро ишғол кард. Вақте ки Худо маро ба шубонӣ даъват намуд, ман аз Вай пурсидам: “Бо Forward Financial Group чӣ кор кунам? Оё ман бояд фаъолияти онро қатъ карда, дар калисои худ ба кори шубонӣ диққат диҳам?”

Худо ба ман ҷавоб дод: *“Не, онро нигоҳ дор, охир вай ба бисёр касон ёрӣ медиҳад”*. Ман айнан ҳамин хел кардам.

Иқрор мешавам, баъзан ҳам бо ин ва ҳам бо он машғул шудан душвор буд, аммо дар тӯли ин солҳо ширкат ба ҳазорҳо ҳазор одамон ёрӣ расонд. Вақте ки ман шубони калисо шудам, гумон доштам, ки нишондодҳои корхона коҳиш меёбанд, зеро ба ман лозим омад, ки иштироки худамро якбора ихтисор намоям. Аммо вақте ки мо бо

---

13 http://centerforfaithandwork .com/article/who-was-rg-letourneau.

14 https://centerforfaithandwork .com/article/why-rg-letourneau-gave-90-percent.

Дренда ҳаётамонро барои иҷрои супоришҳои Худо бахшидем, ман тамоман баръаксашро ошкор кардам. Ба он нигоҳ накарда ки ман дар ширкат танҳо дар вақтҳои холигӣ кор мекардам, он ҳанӯз ҳам натиҷаҳои аҷоибро нишон медод.

Аз байни садҳо филиал мо дар тамоми миқёси давлат дар қатори панҷ-даҳ нафар пешқадамон будем ва дар саҳна шинохта шудем. Ман табассум накарда наметавонистам, дониста ки бо ин кор тамоми рӯз машғул нестам, аммо ба шубонӣ аз тамоми рӯзи корӣ зиёдтар вақтамро мебахшам. Худо ба ман чунон хирад ва хайрхоҳӣ ато намуд, ки он касоне, ки дар ин ҷаҳон дилашон ба пул моил буд, маҷбур буданд, истода ҳайрон шаванд, ки ин кор чӣ тавр аз дастам меояд.

Ман дар ёд дорам, дар конфронсе сари миз нишаста будам, ва ҷавони дар паҳлӯям буда аз ман пурсид, ки чанд вақт боз бо маркетинг машғул ҳастам. Ман табассум намуда, ҷавоб додам: "Ягон вақт". Он гоҳ вай пурсид: "Ин хел бошад, шумо чӣ тавр ин гуна тиҷорати ҷиддиро мебаред?" Ман ба вай гуфтам, мо бо принсипи аз даҳон ба даҳон кор мекунем ва Худо моро баракат додааст. Вай танҳо сарашро ҷумбонид, чунки маро фаҳмида натавонист.

Як рӯз роҳбари яке аз шариконамон занг зада пурсид, оё ман мехостам дар назди иштирокчиёни конфронс дар бораи он ки чӣ тавр ба ман муяссар мешавад, ки ин гуна натиҷаҳои баланди истеҳсолиро дошта бошам, сухан гӯям. Ман ҷавоб додам, ки хурсанд мешудам. Он вақт вай ба ман савол доданро шурӯъ намуд, ки чӣ тавр ширкати мо кор мекунад, ва чӣ тавр мо бо тиҷорате, ки дорем, машғул ҳастем. Албатта, ман бояд ба вай нақл мекардам, ки чӣ хел мо ба Худо таваккал мекунем ва чӣ тавр Ӯ моро баракат медиҳад. Баъд аз гуфтани он ки ман танҳо якчанд соат дар як ҳафта кор мекунам ва ба шубонӣ вақти пурра машғул ҳастам, вай гуфт: "Аммо ман фикр кардам, ки шумо стратегияи муфассали маркетингӣ доред, ва шумо дар ин бора нақл мекунед. Ман фикр намекунам, ки ин чизест, ки ман дар назар доштам, аммо ба мубодила омода буданатонро қадр мекунам". Хайр, ин талафоти онҳо буд. Ман метавонистам дар он ҷо ба бисёриҳо кӯмак кунам.

**ХУДО ИНРО МЕБИНАД. ДАР ҲАР ЯК СУПОРИШ ШУМО БА ДИГАРАШ ОМОДА МЕШАВЕД, БАРОИ ҲАМИН, ҲЕҶ ГОҲ РӮЗИ АЗ КАМ САР ШУДАРО ПАСТ НАЗАНЕД.**

Ман дар тамоми ин китоб мегӯям, ки агар шумо ба кори Худо ғамхорӣ кунед, Ӯ ҳам ба корҳои шумо ғамхорӣ мекунад! Инак, иҷозат диҳед ба шумо саволе диҳам, ки аз он сар карда будем: “Пул аз они кист?”

Шумо танҳо идора кардани пули худро интихоб мекунед, чи тавре ки инро амалдори беинсоф кард, ё ки шумо мехоҳед пули Худоро низ идора кунед? Вақте ки шумо пули Худоро идора мекунед, тиҷорати киштатон қуввати ҳикмат ва баракати Худоро мегирад, ки барои ҳосили нони шумо низ иҷозат медиҳад, ки ба ҳамон андоза калон шавад.

Ман боварӣ дорам, ки ба Худо фарқ надорад, ки шумо миллионҳо доред, ба Ӯ танҳо дили шумо лозим аст!

Дар ёд доред, ҳамааш аз чизи хурд сар мешавад, аз он ҷое ки ҳеҷ кас номи шуморо намедонад. Агар ба шумо чунин намояд, ки ба касе фарқ надорад, ки шумо дар ин кори нопурра чӣ кор мекунед, Худо инро мебинад. Дар ҳар як супориш шумо ба дигараш омода мешавед, барои ҳамин, ҳеҷ гоҳ рӯзи аз кам сар шударо паст назанед. Ба вай тарзе муносибат намоед, ки гӯё он ба шумо тааллуқ дорад ва бо тамоми қувват ҳаракат кунед. Ман кафолат медиҳам, ки шумо ҳамчун ситора дар шаби тор медурахшед ва ба пешравӣ ва баракат омода мешавед.

БОБИ 5

# БА ШУМО ШАРИК ЛОЗИМ АСТ

Чи тавре ки шумо медонед, қариб чил сол мешавад, ки ман ба тиҷорати молиявӣ машғулам. Дар тӯли ин солҳо одамони бисёре аз ман пурсидаанд, ки тиҷоратро чӣ хел оғоз намоянд ва онро ривоҷ диҳанд.

Албатта, бисёр чизҳое ҳастанд, ки тоҷирони навкор бояд донанд, вале аз ҳама муҳимаш, ки ман ба онҳо доимо мегуфтам, ин ки ба онҳо *шарик* лозим аст.

Дар муддати солҳои зиёди шубон буданам, ман бо бисёр одамоне вохӯрдам, ки ҳамроҳи дӯсташон аз калисо қарор доданд, ки ба тиҷорат шурӯъ кунанд, ва баъд ҳамааш пош хӯрд. Дӯстон аз ҳамдигар меранҷанд, аксарият ҳатто рафтуомадро қатъ мекунанд ва муносибатҳо вайрон мешаванд. Азбаски ман инро бисёр маротиба дидаам, тавсия намедиҳам, ки бо дӯстатон ба тиҷорат машғул шавед, агар сарҳади аниқ муайяншуда надошта бошед. Аммо шарике ҳаст, ки ман ҳамеша ба Вай ишора мекунам, ва ин Худост.

Дар боби гузашта мо дар бораи зане сӯҳбат кардем, ки пайғамбар Илёсро қабул кард ва хӯроки охирини худро дод. Мо дидем, ки чӣ тавр ин амали имон ба пайғамбар, супориши Худо ва оилаи ин зан ҳар рӯз таъминот меовард. Вай бо пайғамбар дар супориши Худо ҳамкорӣ мекард, ва ҳамин тариқ таъминот ва тадҳине, ки дар

супориши Ӯ буданд, ба зан низ дахл доштанд. Онҳо шарик буданд.

Дар тамоми ин китоб мо дар бораи чӣ гуна дар муносибат бо Худо саховатманд будан ва барои супоришҳои Ӯ чӣ тавр кишт кардан сӯҳбат мекунем. Ман ҳамчунин дар бораи он нақл мекунам, ки чӣ хел саховатмандӣ дили одамонро нисбат ба шумо ва Худо мекушояд.

Дар ин боб мехоҳам боз як принсипи дигари пурқуввати Подшоҳии Худоро фаҳмонам, ки молияи шуморо ба зинаи тамоман нав мегузаронад, – принсипи шарикӣ.

> *Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, – ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод.*
>
> *Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: "Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед".*
>
> *Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: "Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам".*
>
> *Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.*
>
> – Луқо 5:1-7

Ман медонам, ки аллакай ин ҳикояро пештар гуфта будам, ки чӣ тавр қаиқҳо ва тиҷорати моҳидорӣ подшоҳиро (ё юрисдиксияро) иваз карданд, вақте ки Петрус (Шимъӯн) қаиқашро ба Исо қарз дод, то мавъиза кунад. Ман ҳамчунин дар бораи сайди аҷоибе, ки ба вуқӯъ

омад, ёдрас кардам, ки қариб ҳарду қаиқро ғарқ карда буд. Фаромӯш накунед, Петрус гуфт, ки тамоми шаб моҳидорӣ карда, чизе сайд накард. Ҳоло бошад, ҳамагӣ баъд аз чанд соат, ӯ он қадар моҳӣ сайд кард, ки барои онро баровардан вақт надошт. Фарқ дар чӣ буд? Албатта, дар Подшоҳии Худо, ва боз дар *шарикӣ*. Иҷозат диҳед фаҳмонам.

> *Ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад.*

Биёед шароитро дида мебароем. Онҳо дар куҷо буданд ва чӣ кор мекарданд, вақте ки Исо аз наздашон мегузашт? Онҳо моҳигирӣ намекарданд, онҳо баъд аз он ки тамоми шаб моҳидорӣ карда, чизе сайд накарданд, дар назди соҳил истода, тӯр мешустанд.

Исо дид, ки қаиқҳо холӣ ҳастанд, аз Петрус пурсид, ки оё ӯ метавонад камтар аз соҳил дур равад, то Исо тавонад аз қаиқ ба одамон мавъиза кунад? Яъқуб ва Юҳанно, шарикони ӯ, дар куҷо буданд, вақте ки вай Исоро дар қаиқаш мебурд. Онҳо бо дигар киштӣ ва тӯрҳо ҳанӯз дар соҳил меистоданд.

Баъд аз мавъиза Исо ба Петрус амр фармуд, ки тӯрҳоро ба чуқуроб андозад. Ва шумо медонед, ки чӣ рӯй дод. Сайд чунон калон буд, ки тӯрҳои ӯ қариб дариданд. Он гоҳ Петрус шарикони худро фарёд кард, то ки онҳо ба моҳибардорӣ ёрӣ расонанд. Ва Китоби Муқаддас мегӯяд, ки то ҳамин дараҷа онҳо аз моҳӣ пур буданд, ки ҳарду қаиқ қариб буд ғарқ шаванд.

> *Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. <u>Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд, ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.</u>*

Ана савол ба миллион доллар: то чӣ андоза имони Яъқуб ва

Юҳанно қавӣ буд, ки қаиқи онҳо чунон пур шуд, ки қариб буд ғарқ шавад?

Дар ин бора фикр кунед – онҳо то ҳол бо тӯрҳои худ дар соҳил буданд. Маҳз Петрус розӣ шуд, ки Исоро гирад. Маҳз ӯ гуфт: *“Лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам*”. Барои ҳамин ҷавоби дуруст – тамоман набуд! Яъқуб ва Юҳанно на ба шарофати имони *худашон* тамоми қаиқро аз моҳӣ пур карданд. Ин ба шарофати имони Петрус рӯй дод. Петрус танҳо шариконеро, ки дар соҳил буданд, барои кӯмак дар моҳибарорӣ даъват кард. Аҷоиб, аммо қаиқи онҳо низ *айнан* чун қаиқи Петрус то охир пур шуд.

> *Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: “Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин <u>аз рӯи сухани Ту тӯрро</u> меандозам”.*

Инак, агар имони Петрус ба сайди калон оварда расонда, киштии ӯро пур карда бошад, пас чаро қаиқи Юҳанно ва Яъқуб низ бо ҳамон миқдори қаиқи Петрус пур шуд?

Дар матн барои ин савол ҷавоб ҳаст – он ҷо гуфта шудааст, ки онҳо *шарик* буданд.

Дар Луғати забони англисии Коллинз барои калимаи “шарик” эзоҳи зерин оварда шудааст: “шахсе, ки бо дигар шахс дар ягон кор иштирок ё алоқа дорад, ки он амалкунанда аст ё дар оғозёбист; одатан хавф ва фоидаро тақсим мекунад”.

Шарик шахси юридикӣ буда, хавф, хароҷот ва фоидаи тиҷоратро тақсим мекунад. Барои ҳамин, вақте ки Петрус ба Исо қаиқро ба истифода дод, ӯ дар асл ба Исо бо маънои юридикӣ *тиҷораташро*, на ҳамту қаиқро, қарз дод. Расман Яъқуб ва Юҳанно низ ба як қисми он қаиқе соҳиб буданд, ки Петрус барои истифодаи Исо дода буд, ва ба шарофати шарикии онҳо ҳарду қаиқ якхел пур шуд.

Яъқуб ва Юҳанно, мисли Петрус, *айнан худи ҳамон ҳосилро* ҷамъ оварданд, гарчанде дар ин ҳолат ягон хел имон зоҳир накарданд. Ман боварӣ дорам, ки онҳо хурсанд буданд, ки Петрус он рӯз шарики онҳо

буд. Шумо чӣ фикр доред? Ман фикр мекунам, ки бале. Иҷозат диҳед ба шумо як мисоли шахсӣ орам, ки ин принсип чӣ тавр амал мекунад.

Мо бо Дренда соҳиби шаст акр замини аҷоиб ҳастем, ки ҷангал, ботлоқзор ва саҳро дорад. Барои шикори оҳуҳо ҷои мутлақо олиҷаноб аст. Дар тамоми майдонҳои қитъаи мо зироатҳои хоҷагии қишлоқ шинонда шудааст, ҷангал ва ботлоқзор табиатан оҳуҳоро ба худ ҷалб месозанд.

Ман дар болои гараж барои худам утоқи корӣ ташкил кардаам. Он ҷо рафҳои тахтагини китоб ва оташдони газӣ дорад. Ин як “хонаи мардона”-и тинҷу бароҳат аст ва он ҷо кор карданро дӯст медорам. Ягона чизе, ки он ҷо намерасид, ин сари зебои оҳу ба болои миз буд. Рости гап, ҳеҷ гоҳ ман ба тирандозӣ ба ҳайвонҳои калон шавқ надоштам, азбаски барои гӯшт шикор мекардам. Ва ман ягон вақт оҳуеро накуштаам, ки барои хӯсасозӣ ба қадри кофӣ калон бошад.

Мо дар он қитъа панҷ сол боз зиндагӣ доштем, вақте Дренда водор кард, ки ман оҳуи калонро барои утоқи кориам шикор кунам. То ин лаҳза дар қитъаи худ ҳеҷ гоҳ оҳуи калонро надида будам. Ман ҳар мавсим шикор мекардам ва ду ҷуфт оҳуи наринаи хуби шоххҳояш ҳаштнавдагиро парронда будам, аммо ягонтоаш барои хӯса мувофиқ набуд.

Аммо он сол, чӣ қадар дар ин бора бисёртар фикр кунам, ҳамон қадар бо Дренда розӣ мешудам. Ман ба занам гуфтам, ки оиди шикори оҳуи калон барои утоқи кориам фикр мекунам. Такрор мекунам, ман ҳеҷ гоҳ оҳуи калонро дар ҷангал надида будам. Тирезаи ошхонаи мо ба тарафи ҷангал ва саҳро нигаронида шудааст, аммо боре ҳам якеро надида будам.

Ҳамин тавр, мо бо Дренда ба оҳуи калон кишт кардем. Ман дар чек-тухмӣ навиштам, ки барои оҳуи даҳшоха ё зиёдтар кишт мекунам. Мо барои ин кишт дуо гуфтем, ва ман онро ба болои миз гузоштам, то ки бо почта равон кунам. Мактуб дар он ҷо се рӯз истод, ва ман онро фиристода натавонистам. Ман медонистам, ки барои чунин наринаи шоххҳояш даҳнавдагӣ имонам намерасад. Ман ба оҳуҳои ҳашт, шаш ва чоршоха боварӣ доштам, аммо ба ман душвор

буд, ки чунин оҳуи наринаи калонро бо имони устуворе бинам, ки мегӯяд: “Ман медонам, ки медонам, ки вақте ба шикор мебароям, оҳуи шохҳояш даҳнавдагӣ ё зиёдтарро шикор мекунам”.

Ман таҷрибаи кофии ҳамкорӣ бо Подшоҳӣ доштам, то бифаҳмам, ки дар имон нестам. Барои ҳамин, ман он чекро дарронда, бо чеки дигаре иваз кардам, ки чунин навиштаҷот дошт: “Барои оҳуи шохаш чорнавдагӣ ё зиёда аз он”, ва онро бо почта равон кардам.

Бегоҳии пеш аз шикор ман ба Дренда оиди амали худ нақл кардам. Ба вай гуфтам: “Ман барои чунин оҳуи наринаи калон имон надорам”. Ӯ ба ман нигоҳ карда, гуфт: “*Ту* ба оҳу боварӣ дорӣ, *ман* бошам ба оҳуи ғаниматӣ бовар хоҳам кард. Худо қодир аст, аз он чи ту хоҳиш мекунӣ ё ният дорӣ, беандоза зиёдтар кунад!”

Субҳ аз хишир-хишири муқаррарии санҷобҳо ва паррандагон дар ҷангал оғоз ёфт, ва бӯи баргҳои тирамоҳ маро ба ёддоштҳои шикори зиёди оҳуҳо баргардонд. Ман на он қадар зиёд нишастам, шояд, тақрибан бист дақиқа, вақте ки оҳуи аз ҷангал гузашта истодаро дидам. Вай рост ба тарафи дарахте равон шуд, ки он ҷо камин гирифта будам, ва ман ба тир андохтан тайёр шудам.

Вақте ки оҳу наздик шуд, ман дидам, ки ин оҳуи наринаи шохҳояш чорнавдагӣ буд, айнан ҳамон намуде, ки пештар шикор мекардам, зеро гӯшти онҳо хуб аст. Вай ба фазои кушод баромад, тақрибан бисту панҷ ярд дуртар аз ман, ва ман тир андохтам. Бо нафрат дидам, ки тир хеле боло парида, бо ҷойивазкунӣ афтод ва фаҳмидам, ки ба ман лозим мешавад, ки ин ҳайвонро таъқиб кунам.

Оҳу аз ҷангал давида гузашта, баъд ба киштзори ҷуворимакка ҷаҳид, ки бо он ҳамсарҳад буд, ва аз назар пинҳон шуд. Ман ҳоло ҳам мешунидам, ки чӣ тавр вай аз байни ҷуворимакка мегузашт ва ба ҳушёриаш нигариста, фаҳмидам, ки барои таъқиб намудан маро кори тӯлонӣ дар пеш аст. Ман тақрибан бист дақиқа дар болои дарахт интизор нишастам, ва баъд қарор додам, ки барои азназаргузаронии тир ба поён фароям. Ман метавонистам дилпур бошам, ки ба нишон расидаам, чунки изи хунинро дидам.

Аз паи из равон шуда, ман рӯҳбаланд гаштам, зеро изи хунин хеле равшан буд. Аммо баъд аз тақрибан сад ярд из гум шуд. Ман хеле ҷустуҷӯ кардам, аммо дигар ягон қатра ҳам ёфта натавонистам. Баъд аз ду соати ҷустуҷӯ ман фаҳмидам, ки оҳуи нарина тавонист гурезад. Ман хеле ғамгин шудам.

Якум, ман ҳеҷ гоҳ намехоҳам, ки оҳуро захмӣ карда, сипас онро аз даст диҳам, дуюм ман аз тири паррондаи худ ноумед будам.

Дар киштзори ҷуворимакка истода, ман қариб баргаштанӣ будам, ки ногаҳон фикре ба сарам омад. *Ман ҳоло ҳам имконият дорам, дар роҳ ба сӯи хона, вақте аз киштзори ҷуворимакка мегузарам, ва баъд аз ботлоқзор, бо оҳу вохӯрам.*

Ба ҳар ҳол ман туфангамро омода кардам. Ва вақте ки оҳиста аз чуқурии пур аз алафҳои бегона мегузаштам, ногаҳон аз пешам оҳу ҷаҳид. Вай бозистод ва ба ҳар тараф нигоҳ кард. Азбаски ман камуфляж пӯшида будам, оҳу, ин нарина буд, хавотир шуд, чунки маро дида наметавонист. Ҳама чиз дар як сония рӯй дод, аммо ман шохҳоро дида тавонистам, гарчанде муайян карда натавонистам, ки онҳо то кадом андоза калон ва чанд навда доранд.

Ман медонистам, ки дар ихтиёрам чанд сония ҳаст, то ки оиди ин нарина қарор қабул кунам. Вай тақрибан панҷоҳу панҷ метр дуртар назар аз масофаи муқаррарии тирпарронии туфангам ба тарафи ман якпаҳлӯ истода буд. Ман тез камонро кашида, ба тарафи болоии тахтапушт нишон гирифтам ва тир андохтам.

Оҳу мисли алафи даравида афтод, вақте ки тир ба вай расид, ва он ҷо хобида монд. Ман дар ҳайрат будам. Наход дар ҳақиқат ин худи ҳозир рӯй дода бошад?

Вақте ман ба оҳу наздик шудам, нахуст чунин гуфтам: "Имони Дренда!" Вай бузург буд! Ман бисту шаш навдаҳои сабзидаро шумурдам, ва ин ба ғайр аз шохҳои партофтааш. Ман ҳеҷ гоҳ чунин оҳуи наринаи калонро надида будам! Гуфтан, ки ман шод шудам, чизе нагуфтан аст.

Тавре ки шумо тахмин карда метавонед, ин оҳу ҳоло девори болои мизи кории маро оро медиҳад.

Аммо ман мехоҳам дар бораи ин оҳу каме сухан ронам. Чӣ тавр ё ин ки чаро вай пайдо шуд? Наринаи шоххояш чорнавдагӣ саривақт пайдо шуд, гарчанде ман тирро ҳайф кардам. Аммо Дренда гуфт, ки ба оҳуи ғаниматӣ боварӣ дорад.

Ва вай бар ман бартарӣ дошт. Вай оҳу шикор намекард, барои ҳамин оҳуи ғаниматӣ барои ӯ ба монанди оҳуи чоршоха осон менамуд, барои он ки ба назари вай ҳамааш ҳамон як оҳу ба ҳисоб мерафт. Азбаски вай шикор намекунад, дар бораи ғайриимкон будани чунин ғанимат далелҳо надошт. Ман дар қитъа ҳатто оҳуи калони шоххояш ҳаштнавдагиро надида будам, аммо имони ӯ аз чизи буда ё набуда асос намегирифт. Ӯ бовар мекард, ки Худо онро оварда метавонад.

Ин шикор дар мавсими ҷуфтшавии оҳуҳо буд, вақте оҳуи нарина дар ҷустуҷӯи оҳуи модина масофаи зиёдеро тай мекунад. Бинобар ин ҳамеша имконият ҳаст, ки вақти ҷуфтшавӣ шумо оҳуи наринаро бубинед, ки одатан дар қитъаи худ вонахӯрдаед, чи тавре ки дар ин маврид чунин буд.

Имони Дренда ин оҳуи наринаро овард, гарчанде ман ба оҳуи ғаниматӣ ягон хел имон надоштам.

Ман мехоҳам, ки шумо бори дигар инро хонед, – ман ба оҳуи ғаниматӣ имон надоштам!

Ман медонам, шумо чӣ фикр доред: "*Исто, Гэри. Ман нафаҳмидам. Агар ту барои ин оҳу имон надошта бошӣ, чаро вай пайдо шуд*?"

Айнан мисли қаиқи Юҳанно ва Яъқуб, ки ба шарофати имони Петрус аз моҳӣ пур шуд.

Чунин аст қуввати шарикӣ.

Иҷозат диҳед ман мисоли дигар орам, ва баъд метавонем дар ин бора сӯҳбат кунем.

*Дар ҳар боре ки шуморо ёд мекунам, Худои худро шукр мегӯям, ҳамеша дар ҳар дуои худ барои ҳамаи шумо бо шодӣ дуо мегӯям, барои иштироки шумо дар башорат аз рӯзи аввал*

*то алҳол, ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо барои ҳар кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд, чунон ки маро лозим аст дар бораи ҳамаи шумо ҳамин тавр фикр кунам, чунки шумо дар дили ман ҷойгир шудаед, ки ҳам дар занҷирҳоям ва ҳам дар муҳофизат ва барқарор кардани башорат ҳамаатон <u>шарики ман дар файз ҳастед.</u>*

— Филиппиён 1:3-7

Павлус мегӯяд, ки калисои Филиппиро бо шодӣ ба ёд меорад, аз барои ҳамкории доимии онҳо бо хизмати ӯ. Баъд вай тасдиқ мекунад, ки ба воситаи шарикии худ онҳо акнун ба файзи Худо, ки ба рисолати вай нозил шуд, шарик шуданд.

Дар хотир доред, мо гуфта будем, ки файз – қуввати Худо ва қобилияти Худо, ки Павлус барои иҷрои супориши худ дошт? Калисои Филиппӣ хароҷоти ин супоришро тақсим мекард ва, мисли Яъқуб ва Юҳанно, онҳо низ ба тадҳин ва файзе, ки дар ин супориш буд, шарик буданд.

Акнун биёед ба боби чорум мегузарем, ва шумо натиҷаи аҷоиби шарикиро мебинед.

*Лекин хуб кардед, ки дар андӯҳи ман шарик шудед. Ва шумо, эй филиппиён, медонед, ки дар ибтидои башорат, вақте ки аз Мақдуния баромадам, ҳеҷ як калисо дар кори додану гирифтан бо ман шарикӣ накард, ба ғайр аз шумо; ҳатто ба Таслӯникӣ шумо як-ду карат барои эҳтиёҷоти ман фиристодед. На ин ки ман талабгори ҳадия бошам, балки толиби самаре ҳастам, ки ба фоидаи шумо биафзояд. Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти Эпафрӯдитус гирифтам. <u>Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.</u>*

— Филиппиён 4:14-19

Павлус аз калисои Филиппӣ боз як қурбонӣ гирифт. Гӯш кунед, ки ӯ ба онҳо дар ҷавоб чӣ мегӯяд: “Ва Худои *ман* ҳар эҳтиёҷи шуморо... пур хоҳад кард”.

Аҳамият диҳед, Павлус нагуфт: “Худои *шумо* эҳтиёҷоти шуморо пур хоҳад кард, азбаски ба ман саховатмандӣ кардед”. НЕ! Гӯш кунед, ӯ ба онҳо чӣ ҷавоб дод: “Ва Худои *ман* ҳар эҳтиёҷи шуморо... пур хоҳад кард”.

Бубинед, ки филиппиён бо Павлус шарик буданд, ва чун шарикон ин файзро тибқи дастури Павлус тақсим карданд. Акнун, ба мисли он ки Яъқуб ва Юҳанно ба шарофати имони Петрус ҳамаи он моҳиҳоро сайд карданд, Павлус мегӯяд, ки эҳтиёҷоти онҳо ба шарофати имони ӯ пур хоҳад шуд!

Умедворам, шумо бартарии ин принсипро мебинед.

Фарз кардем, ба шумо мошин лозим аст, ва шумо бо мо ҳамчун бо миссия ҳамкорӣ мекунед. Ҳамчунин фарз мекунем, ки нархи мошин сӣ ҳазор доллар мебошад. Акнун, вақте ки шумо ба GaryKeesee.com кишт мекунед, шумо мефаҳмед, ки шарикӣ чӣ маъно дорад – шумо дар тадҳин ва файзи хизмати мо иштирок мекунед.

Ҳамчун миссия мо бо осонӣ метавонем ба ин сӣ ҳазор доллар розӣ шавем, барои он ки мо кайҳо аз ҳолати мӯҳтоҷ будан ба чунин маблағ гузаштаем. Мо ба чунин маблағҳо ба осонӣ боварӣ дорем, барои он ки ҳоло мо ҳамасола миллионҳо сарф менамоем. Аммо дар хотирам лаҳзаҳое буданд, ки ба ман лозим омад, ба Худо бовар кунам, то сӣ ҳазор долларро ба даст орам, ки дар он вақтҳо маблағи хеле калон буд.

Барои ҳамин, агар шумо аз ман мепурсидед, ки оё ман ба Худо бовар карда метавонам, ки сӣ ҳазор доллар мегирам, ман ҷавоб медодам: “Бешубҳа”. Бинобар ин, мисли Павлус, гуфта метавонам, ки агар мо созиш дошта, шарик бошем, ман метавонам эълон кунам, ки эҳтиёҷоти шумо на ба шарофати имони *шумо*, балки ба шарофати имони *ман* қонеъ мешавад.

Аён аст, ки вақте шумо тухмӣ кишт мекунед, бояд имон дошта

бошед, ки сӣ ҳазор долларро ба даст меоред, ва бояд на танҳо ба Каломи Худо, балки ба мо низ эътимод дошта бошед. Шумо бояд ба ман бовар намоед, ки аз тарафи Худо тадҳин ва даъват шудаам, аз рӯи инсоф амал мекунам, ва шумо низ бояд дар ҳолате бошед, ки *натиҷаҳои назаррасро* дар ҳаёти ман дида тавонед. Агар шумо ба он нигоҳ кунед, ки мо ба чӣ кор машғулем ва аз куҷо омадаем, пас медонед, ки барои гирифтани сӣ ҳазор доллар ман имон дорам!

Шумо мумкин имон надошта бошед, ки чунин маблағи калонро ба даст меоред, аммо мо метавонем дар шарикӣ якҷоя кор кунем ва чизҳои аҷоибро мушоҳида намоем. Айнан ҳамин чиз бо оҳуи ғаниматӣ рӯй дод. Дренда он шаб пеш аз баромаданам гуфт: “Ту ба оҳу боварӣ дорӣ, ман бошам, ба оҳуи ғаниматӣ бовар мекунам”. Шарикӣ ҳамин тавр амал мекунад.

Инак, иҷозат диҳед ман аз шумо пурсам. Агар шумо ширкати компютерӣ кушодан хоҳед, шумо мехостед, ки ҳамкоратон донишҷӯи соли аввал бошад, ки пул надорад ва нав ба омӯзиши илмҳои иттилоотӣ сар кардааст, ё касе бошад, ки тиҷорати бисёрмиллионаи компютериро таъсис додааст ва дар ихтиёраш маблағ дорад, то барои ба кор шурӯъ намудани ширкати шумо кӯмак кунад?

Албатта, дар ин ҷо тағйирёбандаҳои зиёде мавҷуданд, ва ман танҳо мисол меорам. Аммо, фикр мекунам, дар назари аввал, эҳтимол, интихоб ба касе меафтад, ки таҷриба, обрӯи озмудашуда дорад ва муфлис нашудааст! Айнан ҳамин дуруст аст, вақте ки шумо дар шарикӣ бо миссия коштан мехоҳед.

Лутфан гуфтаҳои маро дар бораи роҳнамоии бевоситаи Худо дар шарикӣ бо касе омехта накунед. Ин гуна роҳнамоӣ болотар аз он чизест, ки ман гуфтам. Дар бисёр ҳолатҳо Худо шуморо ба шарикӣ барои супоришҳои Худаш раҳнамоӣ мекунад, аммо дар баъзе ҳолатҳо шумо мустақилона интихоб мекунед. Ман маҳз дар бораи кишт ҳамчун *интихобе* сухан меронам, ки шумо мекунед, вақте ки ба шумо ҳосил лозим аст ё ки хоҳиши ба дигар зина баромадан доред.

Ман ба супоришҳое кишт мекунам, ки ба он боварӣ дорам,

бо мақсади аниқ, то ки раванди ба даст овардани маблағҳои барои ҳаёти худам лозимиро тез гардонам. Як қоидае ҳаст, ки ман онро вайрон намекунам: ман ҳамеша ба супорише кишт мекунам, ки дар он розигӣ ва имон дарк карда мешавад, вақте суръати ҷамъоварии ҳосилро тезонидан мехоҳам. Ин гуна намуди қурбонӣ *мақасаднок* номида мешавад, ва онро набояд бо хайрия ба бечорагон омехта кард.

Ба ниёзмандон додан – ин маънои нишон додани дили Худоро дорад, ва аз ин натиҷа ҳаст, аммо ман шарикиро бо супорише, ки шаҳодати имонро дорад, ҷустуҷӯ менамоям, ки дар он, чунон ки медонам, бо ман созишнома бастан мумкин аст.

Дар ин бора чунин фикр кунед: агар ман аз касе, ки се доллар дар як соат кор мекунад, аллакай солҳои зиёд муфлис аст, хоҳиш кунам, ки бо ман ба маблағи даҳ миллион доллар созишнома бандад, эҳтимоли амалишавии ин созишнома чӣ гуна мебуд?

Ман метавонам, ба ҳама хизмат кунам, ва барои ин даъват шудаам, аммо вақте ки кор ба созиш рафта мерасад, бояд ки созиш бошад. Деҳқон тухмиро ба лой кишт намекунад. Ӯ заминеро мекобад, ки барои ҳосили тахмин кардаи ӯ мувофиқат кунад. Ман дар бораи шарикӣ дар ин ҷо, дар салтанати заминӣ, бо имони касе, бо тадҳини касе сухан меронам.

Боз як чизи дигаре, ки дар вақти кишт ман ҷустуҷӯ мекунам – ин супориш аз тарафи Худо, ки ба ман айнан он меваеро меорад, ки барои худам ман ба Худо бовар мекунам.

Масалан, ширкати ман соҳиби ду ҳавопаймо мебошад. Пеш аз он ки яктои онро харидорӣ кунам, ман барои супориши Худо кишт кардам, ба он хизмате, ки ман медонистам, ки пештар даҳҳо ҳавопаймоҳои бисёрмиллионаро маблағгузорӣ карда буд. Вақте ки ман *бисёр* мегӯям, ман *бисёрро* дар назар дорам, ва ҳамаи онҳо бо пули нақд маблағгузорӣ шуда буданд. Вақте ки кор ба ҳавопаймоҳо рафта мерасид, онҳо натиҷаҳои намоён доштанд. Ман медонистам, ки онҳо бо ман бо осонӣ метавонистанд барои

ҳавопаймо созишнома банданд ва имон дошта бошанд, ки ин ба амал меояд. Ман намехостам шарики он хизматгузорие шавам, ки мегӯяд, ки ҳавопаймо хеле гаронбаҳост ё ба он соҳиб шудан намеарзад, ё ки соҳиби ҳавопаймо будан – аз ҷониби шайтон аст. Ин тамоман созиш нест. Не, ман мехостам бо хизматгузорие дар розигӣ бошам, ки ҳолати маро мефаҳмад ва метавонад ба имони ман ба Худо оиди ҳавопаймо ҳамроҳ шавад ва меваҳое дошта бошад, ки инро тасдиқ мекунанд.

Ман аз синни нуздаҳсолагиам ҳавопаймоҳоро идора мекунам ва дар майдони шағалии парвоз ва фуруди ҳавоии сеҳазорфутаи берун аз шаҳр парвоз карданро омӯхтам. Ман тамоми умрам ҳавопаймоҳоро ба иҷора мегирифтам, то он даме ки рӯзе фикр кардам: *“Медонед-чӣ? Ба ман танҳо лозим аст кишт кунам ва ба Худо бовар кунам, ки ҳавопаймои шахсиам бошад”.*

Ман айнан ҳамин хел рафтор кардам. Ман аниқ медонистам, ки ба кадом ҳавопаймо кишт кардан мехостам, барои ҳамин ман дар чек айнан ҳамон ҳавопайморо навиштам, ва ману Дренда дар ин бора розӣ шудем. Баъд мо ин чекро ба хизматгузорие, ки навакак зикр кардам, равон кардем.

Тақрибан як моҳ гузашт, ва ман ба вохӯрии ба нақша гирифташуда ба духтур рафтам. Дар он рӯз дар рафти сӯҳбатамон ӯ ногаҳон гуфт: “Шумо касеро намедонед, ки ҳавопаймо харидан мехоҳад?”

Ман аз ин савол камтар ба ҳайрат афтодам, азбаски маро ҳеҷ гоҳ напурсидаанд, оё ман касеро медонам, ки ҳавопаймо харидорӣ кардан мехоҳад. Ман аз вай пурсидам, ки он чӣ гуна ҳавопаймо аст, ва ин айнан ҳамон ҳавопаймое буд, ки ман барои он кишт карда будам.

Аён аст, ки ин диққати маро ҷалб кард. Ман барои аз назар гузаронидани ҳавопаймо равон шудам, бо соҳибаш тамос гирифтам, ва ӯ маро барои парвоз кардан даъват кард. Ҳама чиз комил буд. Танҳо як мушкилӣ пеш омад – он вақт пул надоштам, то ҳисобро пардохт кунам.

Аммо Худо нақша дошт. Тирамоҳи соли гузашта (он вақт моҳи март буд) ман аз падарам хона гирифтам, ки дар фасли баҳор ба корхона табдил доданӣ будам. Падарам гуфт, ки пеш аз зимистон обро бастааст, барои ҳамин, ман тафтиш накардам.

Баъд аз чанд рӯзе, ки ман ҳавопайморо аз назар гузаронидам, бародарам ба ман занг зада гуфт, ки хонаи ман вайрон шудааст. Ӯ нақл кард, ки тамоми гилхоки хона вайрон шуда, қисми бисёри он аз девор афтидааст.

Аз афташ, обро набаста буданд, ва дар зимистон қубурҳо ях карданд. Акнун вақте ки моҳи март омад ва ҳаво гарм шудан гирифт, номаълум буд, ки об дар хона чанд вақт боз мерафт, камаш чанд ҳафта.

Бародарам намедонист, ки ман аллакай барои иваз кардани гилхок ва рӯйбасти берунии тамоми хона бо корхонаи сохтмонӣ дар доираи раванди табдил додани хона ба маҷмааи нави идораи худ шартнома баста будам.

Ва дар ҳамин ҷо чизи аз ҳама шавқовар рӯй дод: ширкати суғурта барои зарар аз об ҷубронпулӣ дод, маҳз ин пулҳоро ман барои харидории ҳавопаймоям сарф кардам.

Ҳавопаймо бо пули нақд харидорӣ карда шуд!

Пас, дар хотир доред, ки шарикӣ – ин принсипи пурқуввати рӯҳонӣ, ки оиди он шумо бояд донед ва бояд ба манфиати худ истифода баред.

БОБИ 6
# СИРРИ ДАҲЯК

Ман бисёр вақт аз одамоне мактубҳои электронӣ мегирам, ки маро бовар кунонидан мехоҳанд, ки ин қонуни Подшоҳӣ – даҳяк – ба фаромӯшӣ афтода ва дигар эътибор надорад.

Бо вуҷуди ин, ман ин принсипи Подшоҳиро хеле муҳим меҳисобам, ки як боби томро ба он бахшидам.

Ман медонам, ки агар шумо ҳатто каме бо ҳаёти калисо алоқаманд бошед, дар бораи даҳяк шунидаед. Аммо инчунин медонам, ки он чӣ шумо шунидаед, шояд хеле дақиқ набошад, ва пеш аз он ки мо идома диҳем, муҳим аст, ки баъзе ақидаҳои динии кӯҳнаро дар бораи даҳяк равшан кунем.

Пеш аз ҳама, агар шумо намедониста бошед, калимаи «даҳяк» дар асл маънои аз даҳ як қисмро ифода мекунад. Ин калима барои он истифода шудааст, ки ба халқи Худо фаҳмонад, ки кадом қисме аз даромади худро бояд ба Подшоҳии Вай диҳанд – як қисм аз даҳ, ё даҳякро.

Ин шарҳи хеле соддаи даҳяк аст, вале ман мехоҳам оид ба ин мавзӯъ дар ин боб амиқтар равам. Аммо ҳоло, агар ин фаҳмиш барои шумо нав бошад, даҳяк ин аст: аз даҳ як ҳиссаро ба Худо додан.

Дуюм, вақте ки аксарияти одамон дар бораи даҳяк фикр мекунанд, Аҳди Қадим ва шариати Мӯсоро ба ёд меоранд, ки он ҷо даҳяк барои ҳамаи шаҳрвандони Исроил ҳатмӣ буд.

Имрӯз дар Бадани Масеҳ дар бораи даҳяк нофаҳмиҳои зиёд вуҷуд дорад, ки он чӣ аст, ва то ҳол эътибор дорад ё бо омадани Исо аз байн рафтааст.

Шумо шояд шунида бошед, чи хеле ки нақл кардам, вақте ки Худо фармуд, ки ман ҳама чизро дар бораи он ки Подшоҳии Ӯ чӣ гуна кор мекунад, бифаҳмам, воқеан як олими рӯҳонӣ шудам. Ман мехостам бидонам, ки ҳамааш чӣ гуна амал мекунад ва даҳяк саволи калоне буд, ки бояд ба он ҷавоб медодам.

Пас, биёед ба даҳяк назар кунем, ки аз куҷо пайдо шудааст, он чист ва чаро имрӯз лозим аст.

Гарчанде ки мо даҳякро дар шариати Мӯсо дар шакли дархости хаттӣ хеле равшан мебинем, вале даҳяк аз он оғоз нашудааст. Барои фаҳмидани пайдоиши он, мо бояд ба ибтидои ҳаёти Одаму Ҳавво баргардем.

Тавре ки дар боло гуфта шуд, *Одам дар рӯи замин ҳамчун ҳоким бар замин аз номи Подшоҳии Худо офарида ва таъин шудааст.*

> *“...Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ”. Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад.*
>
> Ибриён 2:7, 8

Одам ба ҷалол ва иззат сарфароз буд ва дар рӯи замин ҳеҷ чиз набуд, ки ба ӯ итоат накунад. Истилоҳи «тоҷдор» ба мо тасаввуроти олиҷаноб медиҳад, ки он чӣ гуна амалӣ мешуд.

Агар шумо ба подшоҳи нахустзода назар кунед, ӯ тоҷ мепӯшад, гарчанде ки ӯ танҳо инсон аст, тоҷ ба он ишора мекунад, ки тамоми ҳукумат суханони ӯро дастгирӣ мекунад. Бо Одам низ чунин буд. Ӯ тамоми қудратро барои ҳукмронӣ дар замин дошт ва осмон ҳар коре, ки ӯ мекард, дастгирӣ менамуд. Мо бояд дар хотир дошта бошем,

ки худи ӯ фақат одам буда, танҳо тавассути ваколатҳои додашуда ҳукмронӣ мекард, зеро ӯро шӯҳрат (қувват) ва шаъну шараф (мақом ва қудрат)-и Подшоҳии Худо дастгирӣ мекарданд.

Ҷолиб он аст, ки мо шайтонро дар рӯи замин аллакай пештар аз офарида шудани Одам мебинем, зеро ӯ ҳатто пеш аз офариниши инсон ба замин ронда шуда буд. Шайтон аз ин мавҷуди ночиз нафрат дошт (ба маънои аслӣ), ки аз номи Подшоҳии Худо бар ӯ ҳукмронӣ мекард. Вай мехост, ки роҳи аз Одам гирифтани ин қудратро пайдо кунад, аслан, Одамро аз ваколати ҳукмронӣ маҳрум созад.

Албатта, шайтон қудрати вайрон кардан ё сарнагун кардани мақоми Одамро надошт, бинобар ин ӯ маҷбур шуд нақшае таҳия кунад, то Ҳавворо ба он бовар кунонад, ки ба Худо бовар кардан мумкин нест ва вай ва Одам бояд бар зидди Худо бархезанд ва шайтонро пайравӣ кунанд.

Нақшаи шайтон амал кард. Одаму Ҳавво бар зидди Худо исён карданд ва қудрати худро аз даст доданд. Дар ин лаҳза, азбаски тамоми замин зери ҳукмронии Одам буд, Одам, аслан, дар мавриди қудрати рӯҳонии Худо, Ӯро аз замин берун кард, ва инсон аз Худованд ҷудо шуд.

Дар он лаҳза аз ҷиҳати рӯҳонӣ бисёр чизҳо рӯй доданд, вале ман вақт надорам, ки онро дар ин ҷо нақл кунам, зеро мехоҳам ба мавзӯи даҳяк диққат диҳед. Пас, биёед ба он лаҳзае, ки Одаму Ҳавво ронда шуданд, баргардем ва мефаҳмем, ки чӣ воқеа рӯй дод.

> *Ва ба Одам гуфт: «Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам: “Аз он нахӯрӣ”, замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд. Ба араҷи ҷабинат нон хоҳӣ хурд, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок хоҳӣ баргашт».*
>
> – Ҳастӣ 3:17–19

Ҳангоми тез хондан мо мебинем, ки одам ризқашро гум кардааст

(аз боғ ронда гашт), ҳадафаш зинда мондан шуд ва бояд рӯзгори худашро худаш бо меҳнати вазнин ва араќи ҷабин таъмин мекард. Худо инчунин ба ӯ гуфт, ки ба хок бармегардад, рӯзе *мемирад*. Фаҳмиши марг ва зиндагии пур аз ранҷу озор барои Одам тамоман бегона буд, ва ба ҷаҳон тарсу ноумедӣ ворид гашт.

Тавре ки шумо мебинед, ва чунон ки Одам кашф кард, ҷаҳон ба таври куллӣ дигаргун шуд.

Акнун ман мехоҳам ба боби чоруми Инҷили Луқо муроҷиат кунам, ки он ҷо мо боз як тағйироти хеле муҳими ба амал омадаро пайдо хоҳем кард.

> *Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта баровварда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: "Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар ки хоҳам, онро медиҳам; пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад".*
>
> – Луқо 4:5-7

Дар ин порча шайтон даъво мекунад, ки ҳама пулҳои мансуб ба салтанатҳои замин (халқҳо) дар ихтиёри ӯ мебошанд ва изҳор мекунад, ки ин ваколат ба ӯ дода шудааст. Ва дар ин сухани худ вай ҳақ аст, зеро маҳз Одам тавассути исёни худ ба ӯ ин қудратро дод.

Аҳамият диҳед, ин оят мегӯяд, ки ҳама шӯҳрати халқҳо, ё салтанатҳои ҷаҳон, ҳоло дар зери юрисдиксияи ӯ ҳастанд. Шӯҳрати халқ чист? *Сарвати* ӯ.

Ҳама пулҳо дар рӯи замин мӯҳри давлат, халқро доранд, аз ин рӯ, ҳама пулҳо қисми он ё таҳти салоҳияти салтанати заминӣ мебошанд. Ҳоло шайтон даъво мекунад, ки пулҳо, ё сарвати халқҳо, дар зери салоҳияти вай аст ва ба касе, ки хоҳад, онро медиҳад. Оддӣ карда гӯем, шайтон даъво дорад, ки бар сарват ва шукуфоии халқҳо қудрат дорад. Ин хеле муҳим аст, модоме ки мо медонем, ки даҳяк вобаста ба ин воқеъият мақсади хеле аниқ дорад.

*Ва Одам бо зани худ Ҳавво хобид; ва ӯ ҳомила шуда, Қобилро зоид, ва гуфт: "Мардеро аз Худованд пайдо кардам". Ва боз бародари ӯ Ҳобилро зоид.*

*Ва Ҳобил рамабон буд; ва Қобил зироаткор буд. Баъд аз мурури айём, Қобил <u>аз</u> маҳсули замин ҳадияе барои Худованд овард. Ва Ҳобил низ <u>аз нахустзодагони рамаи худ ва аз дунбаи онҳо</u> ҳадияе овард. Ва Худованд Ҳобил ва ҳадияи ӯро манзур дошт; аммо Қобил ва ҳадияи ӯро манзур надошт. Ва Қобил хеле ба хашм омад, ва рӯяш турш шуд.*

*Ва Худованд ба Қобил гуфт: "Чаро ба хашм омадӣ? Ва чаро рӯят турш шуд? <u>Агар некӣ мекардӣ</u>, оё мақбул намешудӣ? Ва чун некӣ накардӣ, гуноҳ дар сари остона аст, ва иштиёқманди туст, вале ту бар вай ҳукмфармо шав".*

– Ҳастӣ 4:1-7

Пас, он ҷо чӣ воқеа рӯй дод? Онҳо фарзандони насли аввалин буданд. Чаро онҳо қурбонӣ пешниҳод карданд? Он вақт қонуни хаттӣ набуд, ки ин корро амр фармояд, пас чаро онҳо ин корро карданд?

Мо метавонем тахмин кунем, ки Одаму Ҳавво, волидайни Қобил ва Ҳобил, ба онҳо *ёд доданд*, ки қурбонӣ кунанд. Мо инчунин метавонем тахмин кунем, ки Худо корҳоро танҳо ба хотири расму оин анҷом намедиҳад ва бояд сабаби *қонунӣ* вуҷуд дошта бошад, ки чаро ба Одаму Ҳавво қурбонӣ карданро ёд доданд.

Агар шумо ба матн нигаред, мебинед, ки байни қурбонии ду писар фарқияти калон вуҷуд дошт. Бо он маҳдуд нашавед, ки онҳо маҳз чӣ қурбонӣ карданд: яке ҳайвон, дигаре – растанӣ, зеро гап дар ин нест. Масъала дар бораи он ки *чӣ тавр* онҳо он чизеро, ки доштанд, пешниҳод карданд ва умуман барои чӣ ин корро карданд.

Аҳамият диҳед, ки Қобил "аз" меваҳои замин овард. Ҳобил бошад, "аз нахустзодаи рамаи худ ва аз дунбаи онҳо овард". Оё шумо фарқиятро мебинед? Дар як ҳолат дар муқоиса бо "қисми беҳтарин", ки қисми фарбеҳ аз нахустзодаи рама буд, ин "на чандон" буд.

Чаро Ҳобил мебоист қисми серравғанро биёрад ва чаро аз нахустзода?

Эҳтимол, Худо ба Одам талаботи ин қурбониро гуфта буд.

Мебинед? Ин аввалин мисоли даҳяк буд.

Агар шумо даҳякро дар шариати Мӯсо омӯзед, он ҳамеша даҳ фоизи *аввал* буд, ки аз *беҳтаринҳо* дода мешуд. Дар ин ҳикоя мо равшан мебинем, ки Ҳобил аз *аввалинаш* ва *беҳтаринаш* даҳяк додааст. Аммо Қобил аз он норозӣ буд, ки ӯ бояд *як қисми* ҳосили худро супорад ва Худоро иззату икром кунад ва қарор дод, ки аз ҳосили худ “чизе” биёрад, на аз аввалинаш ва на аз беҳтаринаш.

Аён аст, ки Қобил медонист, ки барои Худованд ҳамчун даҳяк чиро ва чӣ тавр қурбонӣ кунад, зеро ки Худо ба ӯ гуфт: “*Агар некӣ мекардӣ, оё мақбул намешудӣ? Ва чун некӣ накардӣ, гуноҳ дар сари остона аст, ва иштиёқманди туст, вале ту бар вай ҳукмфармо шав”.*

Аммо Қобил хоҳиши Худоро барои иҷрои он чизе ки ба ӯ таълим дода буданд, рад кард, ва ба ҷои он бародараш Ҳобилро кушт. Шояд вай фикр кард, ки, бо халос шудан аз Ҳобил, ӯ метавонад ҳам киштзор, ва ҳам чорпоёнро идора кунад, ё тамаъ ӯро васваса кард, ки бо дили дур аз Худо итоат карда, танҳо як қисми ҳосилро биёварад. Ман танҳо тахмин карда метавонам. Як чизро мо аниқ медонем: Қобил намехост, ки даҳяк диҳад, чи хеле ки ба ӯ таълим дода буданд.

Дар ин лаҳза шумо шояд савол диҳед: «Даҳяк умуман барои чӣ лозим аст? Чаро Худо аз онҳо онро талаб кард?” Ман ҷавоб медиҳам, аммо аввал биёед бубинем, ки боз чиро дар бораи даҳяк фаҳмида метавонем.

Бори дигар, вақте ки мо дар бораи даҳяк мехонем, нахустин маротиба калимаи *даҳяк* истифода мешавад.

> *Вақте ки ӯ, баъд аз шикаст додани Кадорлоӯмар ва подшоҳоне ки бо вай буданд, баргашта меомад, подшоҳи Садӯм назди водии Шове, ки ҳамон водии подшоҳ бошад, ба пешвози ӯ баромад. Ва Малкисодақ подшоҳи Салим, нон ва*

> *май баровард, ва ӯ коҳини Худои Таоло буд. Ва ӯро баракат дода, гуфт: “Муборак аст Абром аз ҷониби Худои Таоло, Молики осмон ва замин; ва муборак аст Худои Таоло, ки душманонатро ба дастат таслим кард”.* *<u>Ва Абром ба вай аз ҳар чиз даҳяк дод.</u>*
>
> – Ҳастӣ 14:17-20

Саволи навбатие, ки мо бояд ин ҷо пурсем, чунин аст: Абром даҳяк доданро аз куҷо ёд гирифт, ва барои чӣ?

Маълум аст, ки даҳяк додан аз замони Одам аз насл ба насл гузаштааст. Боз мо медонем, ки даҳякро ба Одам Худи Худо баъд аз исён таълим додааст. Дар ин ҷо мо худи калимаи *даҳякро* мебинем, ки аз даҳ як ҳисса доданро ифода мекард.

Бисёр одамон мегӯянд, ки даҳяк қисме аз шариати Мӯсо буд, ва ин маънои онро дорад, ки имондори Аҳди Ҷадид вазифадор нест, ки даҳяк диҳад. Ду ҳолате, ки ман зикр кардам, Қобил ва Ҳобил, ва баъд Абром, исбот мекунанд, ки даҳяк пештар аз шариати Мӯсо дода мешуд. Бале, ман розӣ ҳастам, даҳяк дар шариати Мӯсо навишта шуда буд, ва банӣ-Исроил вазифадор буд, ки даҳяк диҳад. Аммо даҳяк он чизе буд, ки халқ аллакай то пайдо шудани Мӯсо мекард.

Пас, чаро даҳяк дар шариати Мӯсо навишта шудааст? Вақте ки шариати Мӯсо навишта шуд, он бояд тамоми ҳаёти халқи нави Исроилро, ки ба наздикӣ аз Миср баромада буд, танзим мекард. Дар ин кодекси хаттии маънавӣ, ки мардум бояд мутобиқи он зиндагӣ мекарданд, ҳама талаботҳои қонунӣ ва меъёрҳо навишта шуда буданд. Ҳамин тавр, даҳяк дар шариати Мӯсо навишта шудааст, то ки иҷро намудани онро ҳамчун як қисми ҳаёти халқ таъмин намояд. Даҳяк он қадар муҳим буд, ки Худо онро дар қонуни мардум навишт. Мо ба зудӣ мефаҳмем, ки чаро Худо мехост боварӣ ҳосил кунад, ки он иҷро мешавад, аммо аввал чанд мисоли дигарро оид ба даҳяк дида мебароем.

*Ва акнун Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: "Дилҳои худро бар роҳҳои худ нигаронед. Бисёр кишт мекунед, вале ҳосили кам мебардоред; мехӯред, вале сер намешавед; менӯшед, вале на ба қадри кофӣ; либос мепӯшед, вале он гармӣ надорад; ва ҳар ки муздурӣ мекунад, музди худро гӯё дар ҳамёни сӯрохдор мегузорад. Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: ба пешомади зиндагии худ хуб таваҷҷӯҳ кунед. Ба кӯҳ баромада, чӯб биёред ва хонаро бино кунед; ва Ман ба он таваҷҷӯҳ намуда, ҷалол хоҳам ёфт, мегӯяд Худованд.*

*Бисёрро мунтазир мешавед, ва инак кам аст, ва онро ба хона меоваред – Ман онро барбод медиҳам. Аз барои чӣ? – мегӯяд Худованди лашкарҳо. – Аз барои хонаи Ман, ки хароб аст, ва ҳол он ки шумо ҳар яке ба кори хонаи худ машғулед. Бинобар ин осмон бар шумо шабнамро бас кардааст, ва замин ҳосилашро бас кардааст. Ва Ман бар замин ва кӯҳҳо, ва бар ғалла ва шираи ангур ва равғани зайтун, ва бар ҳар он чи аз меҳнати дастҳо ҳосил мешавад, хушксолиро хондаам".*

– Ҳаҷҷай 1:5-11

Дар ин порча пайғамбар Ҳаҷҷай халқи Исроилро сарзаниш мекунад, ки вай баъди аз асирии Бобул баргаштанаш маъбадро аз нав насохт. Онҳо пешравӣ надоштанд, эҳтиёҷманд буданд, ҳосил бад буд ва тамоми халқ азоб мекашид. Худо ба мардум мегӯяд, ки *роҳҳои худро* бодиққат дида бароед, онро дар назар дошта, ки чизе вуҷуд дорад, ки онҳо мекунанд ё намекунанд, ки боиси мӯҳтоҷӣ мегардад.

Худованд мефармояд: "*Бинобар ин осмон бар шумо шабнамро бас кардааст*". Ӯ мегӯяд, ки аз сабаби он корҳое, ки *онҳо* карданд, маҷбур шуд, ки хушксолӣ орад. Ҳамаи онҳо хонаҳои худро сохтанд ва маъбади Худоро дар харобӣ гузоштанд. Ин нишон медиҳад, ки онҳо даҳяк надоданд.

Бубинед, даҳяк бояд ба левизодагон ва коҳинон дода мешуд, то барои хизмат дар маъбад истифода бурда шавад. Азбаски даҳякро ба левизодагон наоварданд ва маъбад сохта нашудааст, Худо маҷбур шуд,

ки дасти баракати Худро аз ҳар коре, ки онҳо мекарданд, дур кунад.

Мӯътақид бошед, шумо мефаҳмед, ки Худо на бо иродаи Худ баракати Худро аз халқи Исроил дур кард. Ӯ интихоб надошт, чунки ин масъалаи ҳуқуқӣ буд, ки ба даҳяк вобастагӣ дошт.

Ҳангоми идомаи хондани боби дуюм, мо мебинем, ки, аз афташ, мардум ба шунидани суханони пайғамбар шурӯъ карданд.

> *Ва акнун, лутфан, аз имрӯз ва минбаъд хуб таваҷҷӯҳ кунед, яъне аз вақте ки ҳанӯз санге бар санге дар қасри Худованд гузошта нашуда буд. Баъзан мешуд, ки касе назди хирмани дорои бист андоза меомад, вале фақат даҳ андоза буд; ё назди чархушт меомад, то ки панҷоҳ андоза бигирад, вале фақат бист андоза буд. Шуморо дар ҳар амали дастҳои шумо бо боди самум ва хушкоӣ ва жола зарба задам, вале шумо сӯи Ман руҷӯъ накардед, мегӯяд Худованд. Лутфан, аз имрӯз минбаъд хуб таваҷҷӯҳ кунед, яъне аз рӯзи бисту чоруми моҳи нӯҳум, аз рӯзе ки бунёди қасри Худованд ниҳода шуд, хуб таваҷҷӯҳ кунед. Оё ҳанӯз тухмӣ дар анбор аст, ва ҳанӯз ток, ва анҷир, ва анор, ва дарахти зайтун бор наовардааст? Ман аз имрӯз баракат хоҳам дод.*
>
> – Ҳаҷҷай 2:15-19

Азбаски онҳо боз маъбадро дар ҷои аввал гузоштанд, Худо ба онҳо гуфт, ки ин рӯзу соатро дар ёд доранд, зеро онҳо бояд якбора афзудани сарвати худро медиданд. Ӯ мехост, ки ин лаҳзаро ба қайд гиранд, то ки онҳоро рӯҳбаланд гардонад ва бедор кунад, ки дигаргуниҳоро дар хотир нигоҳ доранд, то ин ки боз додани даҳякро на ба манфиати Ӯ, балки ба манфиати худашон бас накунанд.

Ин ҷо баъзе калидҳои воқеӣ ҳастанд, ки пас аз як дақиқа маълум хоҳанд шуд, аммо аввалин чизе, ки мехоҳам, ки шумо бифаҳмед, он аст, ки даҳяк – ин масъалаи *ҳуқуқӣ*. Вақте ки онҳо даҳяк намедоданд, Худо *мебоист* дасти Худро дур кунад, на аз барои он ки Вай инро *мехост*, балки Ӯ *маҷбур буд*, ки чунин кунад.

*...Ман, ки Худованд ҳастам, тағйир наёфтаам, ва аз ин рӯ шумо, эй банӣ-Яъқуб, несту нобуд нашудаед. Шумо аз айёми падарони худ аз фароизи Ман дур шуда, онҳоро риоя накардаед. Сӯи Ман баргардед, ва Ман сӯи шумо хоҳам баргашт, мегӯяд Худованди лашкарҳо. Шумо мегӯед: "Чӣ гуна баргардем?"*

*Оё равост, ки одамизод Худоро ғорат кунад? Ва ҳол он ки шумо Маро ғорат мекунед, ва мегӯед: "Дар чӣ бобат мо Туро ғорат кардаем?" Дар бобати ушр ва иноат. Шумо гирифтори лаънати сахт гардидаед, чунки шумо, яъне тамоми халқ Маро ғорат кардаед. Тамоми ушрро ба хазинахона биёред, то ки дар хонаи Ман хӯроке бошад, ва бо ин Маро имтиҳон намоед, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ки оё Ман равзанҳои осмонро барои шумо намекушоям, ва баракати аз ҳад зиёде бар шумо фурӯ намерезам? Ва Ман барои шумо фурӯбарандаи ҳосилро манъ хоҳам намуд, ва самараи замини шуморо вай маҳв нахоҳад кард, ва ғӯраи токи шумо дар саҳро нобуд нахоҳад шуд, мегӯяд Худованди лашкарҳо. Ва шуморо ҳамаи халқҳо хушбахт хоҳанд хонд, зеро ки шумо замини матлуб хоҳед буд, мегӯяд Худованди лашкарҳо.*

– Малокӣ 3:6-12

Ин ҷо мебинем, ки пайғамбари дигаре мардумро маломат менамояд, ва арз мекунад, ки онҳо Худоро аз қобилияти баракат додани халқи Худ маҳрум кардаанд. Ӯ мегӯяд, ки онҳо – тамоми халқ – аз сабаби он чи ки *на*мекунанд, дар зери лаънат ҳастанд. Ба онҳо дастур дода шуд, ки тамоми даҳякро ба анбор оранд, то дар хонаи Худо хӯрок бошад.

Боз ҳам, даҳяк бояд ба левизодагон ва коҳинон дода мешуд. Мардум як қисми даҳякро меоварданд, аммо на ҳамаашро (гуноҳи Қобилро ба ёд оред). Худованд ба одамон мегӯяд, ки агар тамоми даҳякро оваранд, боз ба онҳо аз осмон баракат тақдим мешавад. Осмон салоҳияти қонунӣ хоҳад дошт, то ки дар байни онҳо амал кунад. Худо ба онҳо мегӯяд, ки агар бо даҳяк ба сӯи Ӯ бозгарданд,

ончунон баракат хоҳанд ёфт, ки онро боздошта наметавонанд.

Хуб, биёед инро муфассалтар дида мебароем, пеш аз он ки ман идома диҳам.

То ҳол мо дидем, ки даҳяк аз ибтидо ҷорӣ карда шудааст ва мо акнун мефаҳмем, ки барои чӣ. Маълум аст, ки даҳяк ба Худо салоҳияти ҳуқуқӣ медиҳад, то байни фурӯбаранда, шайтон, ва халқи Худо дахолат кунад ва шайтонро фош кунад.

Аслан, Худо мегӯяд: “Дастаҳоятро гир, шайтон! Ту наметавонӣ ба чизҳои онҳо даст расонӣ!”

Мебинед, вақте ки Одам ронда шуд, шайтон хеле хушбахт мебуд, ки ӯро аз гуруснагӣ тамоман нобуд кунад. Аммо Худо дарҳол барои муҳофизати Одаму Ҳавво даҳякро ҷорӣ кард. Вақте ки Одаму Ҳавво қарор доданд, ки даҳяк диҳанд, онҳо Худоро дар ҷои аввал гузоштанд. Онҳо Худоро интихоб карданд.

Биёед ба хотир орем, ки шайтон ба салтанати заминӣ бо ҳамин тариқ даромада буд. Исрор кард, ки Одаму Ҳавво ба ӯ бовар кунанд, на ба Худо ва ҳуқуқи дохил шуданро гирифт. Ҳамин тавр, – даҳяк – аз даҳ як ҳиссае, ки онҳо доштанд, – ба Худо ҳуқуқи қонунӣ медод, ки таъминоти Одаму Ҳавворо муҳофизат намояд.

Мо бояд дар хотир дорем, ки даҳяк қонуне буд, ки фақат ба таъминоти инсон дар замин, дар қаламрави шайтон, дахл дошт. Вай мақоми худро дар робита ба барқарорсозии рӯҳонӣ тағйир надод. Не, пеш аз он ки ин чиз рӯй диҳад, аввал бояд қурбонии гуноҳ оварда мешуд. Аммо даҳяк иҷозат дод, ки Худо шайтонро аз ғорат кардани ризқи одамон боздорад, ки ба онҳо имкон медод, ки дар рӯи замин зинда монанд.

**ДАҲЯК ҲАМЧУН ДЕВОРИ ҚОНУНӢ ДАР АТРОФИ ОДАМУ ҲАВВО ГУЗОШТА ШУДА БУД, ВА ОН ИМРӮЗ ҲАМ ДАР АТРОФИ МО ҲАМ ЧУН ДЕВОРИ ҚОНУНӢ АМАЛ МЕКУНАД.**

Бисёр одамон мегӯянд, ки даҳяк қонуни Аҳди Қадим буд, ки ҳоло бо қурбонии Исо иҷро шудааст ва ба фаромӯшӣ афтодааст. Вале мо дидем, ки қонуни даҳяк ҳатто дар

замони гунаҳкор шудани одам, пеш аз навишта шудани шариати Мӯсо, ҷорӣ карда шуда буд.

Даҳяк ҳамчун девори қонунӣ дар атрофи Одаму Ҳавво гузошта шуда буд, ва он имрӯз ҳам дар атрофи мо ҳам чун девори қонунӣ амал мекунад.

Даҳяк қонуни салтанати заминӣ мебошад ва то он даме боқӣ мемонад, ки шайтон дар рӯи замин озод аст, чуноне ки то ҳозир воқеъ аст. То он даме ки шайтон дар ин ҷост, қонуни даҳяк амал мекунад.

Чизи дигар ин аст, ки шумо дар калисо одамонеро дида метавонед, ки даҳяк медиҳанд, аммо муваффақ нестанд. Сабаби ин таълимоти нодуруст оиди даҳяк аст. Одамон фикр мекунанд, ки агар онҳо фақат даҳяк диҳанд, баъд баракати Худованд ба онҳо нашъунамои фаровон медиҳад, бештар аз он ки ғунҷонида тавонанд. Вақте ки онҳо ба даҳяк додан оғоз мекунанд, чунин натиҷаро надида, ба хулосае меоянд, ки даҳяк амал намекунад. Аммо тахмини онҳо нодуруст аст ва мо бояд бодиққат бошем ва барои фаҳмидани сабаб беҳтар аст, ки матнро омӯзем.

Худо ба одамон гуфт, ки агар онҳо даҳяк диҳанд, пас "*Ман барои шумо фурӯбарандаи ҳосилро манъ хоҳам намуд ва <u>самараи замини шуморо</u> вай маҳв нахоҳад кард ва <u>ғӯраи токи шумо дар саҳро</u> нобуд нахоҳад шуд*".

Мебинед? Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки равзанҳои осмон боз хоҳанд шуд, ва Худо ҳосили *онҳоро* баракат медиҳад. Ман инро гуфтан мехоҳам, ки шумо ба ҳар ҳол бояд дар дохили девор чизе парвариш кунед, яъне даҳякро.

Даҳяк худ аз худ ба ободӣ оварда намерасонад. Вай танҳо он чизеро, ки шумо дар дохили ин девор парвариш мекунед, муҳофизат менамояд.

Пас, агар шумо се бех помидор дошта бошед, онҳо нашъунамо хоҳанд кард. Аммо агар шумо танҳо се бех помидор дошта бошед, шумо се ниҳоли аъло хоҳед дошт, вале афзоиш нахоҳед кард.

Маҳз он чизе, ки *шумо* дар дохили девор месозед, ё парвариш мекунед, боиси фаровонӣ ва нумӯъ мегардад.

Афсӯс ки аз сабаби таълимоти нодуруст, бисёр одамон ба Худо даҳяк дода, баъд дар интизории фаровонӣ чойи хунук нӯшида мешинанд. Фаровонӣ вақте пайдо мешавад, ки мо дар ин раванд нақши худро дарк намоем.

Пас, биёед бори дигар хулоса кунем.

1. Даҳяк дар рӯи замин аз аввал, дар замони ба гуноҳ афтодани одам, пайдо шуд.
2. Он дар шариати Мӯсо навишта шуда буд, зеро шариати Мӯсо амр мекард, ки халқи Исроил чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад. Худо хост, боварӣ ҳосил кунад, ки Ӯ онҳоро баракат дода метавонад ва барои таъмини риояи он ин қонунро навишт. Қонуни даҳяк бекор карда нашудааст. Аммо ӯҳдадорӣ барои додани даҳяк бекор шудааст. Акнун мо *интихоб* дорем — даҳяк дода, аз афзалиятҳои он баҳра барем.
3. Қонуни даҳяк — қонуни салтанати заминӣ, ва он то даме ки шайтон озод аст, амал хоҳад кард.
4. Даҳяк худ ба худ ба шукуфоӣ оварда намерасонад, вале вай ба Худо имкон медиҳад, ки шайтонро аз дахолат кардан ба он чизе, ки шумо аз даҳяк дар дохили девор мерӯёнед, ё месозед, боздорад.
5. Даҳяк барои ба осмон рафтан ё нарафтани шумо таъсир намекунад. Шумо ба осмон меравед, агар исми Исоро бихонед. Аммо даҳяк ба шукуфоии шумо дар ин ҷо, дар замин, таъсир хоҳад кард.
6. Даҳяк ба анбори Худо тааллуқ дорад. Дар Аҳди Қадим он ба коҳиноне, ки хизмат мекарданд, ғизо медод ва ғамхорӣ мекард. Имрӯз ҳеҷ чиз тағйир наёфтааст. Даҳяк бояд ба калисои маҳаллии шумо дода шавад. Худо даҳякро барои нигоҳубини хизмати Худаш ҷудо кардааст.

Ба ман одамоне вомехӯранд, ки ба онҳо калисояшон маъқул нест ва мепурсанд, ки оё бояд онҳо ба онҷо даҳяк диҳанд. Ҷавоби ман? Як калисои нав пайдо кунед, ки имон ва Подшоҳии Худоро таълим медиҳад.

Агар шумо дар байни калисоҳо бошед, метавонед барои хизмате, ки шуморо аз ҷиҳати рӯҳонӣ ғизо медиҳад, даҳяк диҳед, вале барои Худо беҳтар аст, ки шумо дар калисои маҳаллии хубе бошед. Агар дар минтақаи шумо чунин калисо набошад, он гоҳ даҳякро, боз ҳам, ба он ҷое, ки ба шумо рӯҳан ғизо медиҳад, дода метавонед.

7. Шумо наметавонед ба даҳяки худ ном гузоред. Масалан, вақте ки шумо даҳяки худро мекоред, шумо гуфта наметавонед: «Ман даҳяки худро ҳамчун тухмӣ ба ____________ мекорам». Даҳяк аллакай таъиноти худро дорад. Шумо метавонед ҳадяро номгузорӣ кунед, аммо даҳякро не.
8. Даҳяк ин даҳ фоизи он чизеро, ки шумо даромад мекунед, ташкил медиҳад. Ин пеш аз пардохти андоз аст. Ба ёд оред, ки Худо ба воситаи Малокӣ гуфтааст: "Тамоми ушрро ба хазинахона биёред". Нӯҳ фоиз – ин даҳяк не. Шаш фоиз – ин даҳяк не. Даҳяк – ин даҳ фоиз. Агар шумо гӯед: "Ман ин даҳ фоизро дода наметавонам", чунин кореро кунед, ки Худо ба Исроил гуфт, вақте ки онҳо ҳамаи даҳякро наоварданд: «Маро имтиҳон намоед», – гуфт Ӯ. Даҳякро бо имон диҳед, ва донед, ки Худо онро ба ҳисоб мегирад.
9. Даҳяк ҷудо карданро чӣ тавр мефаҳмем? Таҷрибаи ман ин аст: оё ин даромади андозбандишаванда аст?
10. Агар ин даромади андозбандишаванда бошад, пас ман аз он даҳяк месупорам. Оё даҳяк ба тиҷорати ман тааллуқ дорад? Боз ҳам, оё он андозбандӣ мешавад? Ман даҳякро аз даромади умумии тиҷоратам намедиҳам. Ман аз тиҷорати худ чи хел ки хоҳам, мекорам, аммо ин даҳяк нест. Агар ман аз тиҷорат фоида гирам, вақти фоида гирифтан, аз он даҳяк медиҳам.
11. Чӣ мешавад, агар ман айни замон пайрави ҳеҷ кадоме аз калисоҳо набошам? Шумо метавонед даҳякро ба касе бидиҳед, ки шуморо аз ҷиҳати рӯҳонӣ ғизо медиҳад, то он даме ки калисо ёфтед. Бале, бисёр одамон дар ҳақиқат чунин мешуморанд, ки калисои асосии онҳо, ба туфайли намоишҳои мустақим ва

> шабакаҳои иҷтимоии ҳозиразамон, дар дурӣ воқеъ аст. Агар дар шаҳри шумо калисои хубе, ки Китоби Муқаддасро пайравӣ мекунад, набошад, шумо даҳякро ба калисои дурдаст дода метавонед. Аксари сокинони маҳаллӣ калисои “Ҳаёт бо имон”-ро маҳз аз ҳамин сабаб калисои хонагӣ сохтаанд.

Ба пеш ҳаракат мекунем.

Худованд ба ман нишон дод, ки аксари масеҳиён даҳякро бо он тарзе медиҳанд, ки гӯё ки ҳисоб пардохт мекунанд (агар онҳо умуман даҳяк диҳанд ва аксарият онро намедиҳанд). Ин чунин маъно дорад, ки онҳо ба кори мекардагиашон боварӣ надоранд, балки фақат медонанд, ки бояд даҳяк диҳанд, онро танҳо ҳамчун ҳисоб пардохт мекунанд.

Гарчанде ки пардохти даҳяк – ин хуб аст, матлуб аст, ки онро ҳамеша бо имон пардохт кунед. Дар акси ҳол, хайрияҳои шумо бо мавқеи ӯҳдадории ҳуқуқӣ шарт карда мешавад, на бо мавқеи имон.

Бигзор ҳар як сухани Худо чун нияти Худо барои шумо ваҳй бошад. Даҳяк бори вазнин нест ва додани он набояд гарон бошад. Худо аз шумо ҳаракат намекунад, ки чизе *гирад,* балки аниқтараш кӯшиш мекунад, ки барои шумо чизеро *ба даст орад*. Мо бояд ба фоидаи даҳяк бовар кунем, фаҳмем ва аз он баҳра барем. Даҳяк – як ибодате, ки Худоро сарчашмаи мо эълон мекунад. Он дорои афзалиятҳои муайяншудаи аниқ аст, ки барои истифодаи онҳо, вақте ки даҳяк медиҳем, бояд дар имон бимонем.

Ман ҳамеша ба оилаам пешниҳод мекунам, ки вақте ки онҳо ба калисо меоянд, аллакай бо худ даҳяк дошта бошанд. Инчунин пешниҳод мекунам, ки, пеш аз ба калисо омадан, дастҳояшонро ба даҳяк гузошта, фоидаи онро эълон намоянд ва дархост кунанд, ки равзанҳои осмон кушода шуда, шайтон аз ҳосили он дур шавад. Онҳо инчунин бояд эълон намоянд, ки шайтон аз они онҳоро дуздида наметавонад, ва ба ҳар он чи дастҳои худро мегузоранд, ба номи Исо, равнақ хоҳад ёфт.

Ва, ниҳоят, иҷозат диҳед муҳокимаи худро дар бораи даҳяк бо он

нуқтаи назаре, ки дар Аҳди Ҷадид сабт шудааст, ба охир расонам. Оҳ, бале, он ҷо даҳяк зикр шудааст! Дар зер порчае оварда шудааст, ки пештар хондем.

> *Вақте ки ӯ, баъд аз шикаст додани Кадорлоӯмар ва подшоҳоне ки бо вай буданд, баргашта меомад, подшоҳи Садӯм назди водии Шове, ки ҳамон водии подшоҳ бошад, ба пешвози ӯ баромад. Ва Малкисодақ подшоҳи Салим, нон ва май баровард, ва ӯ коҳини Худои Таоло буд. Ва ӯро баракат дода, гуфт: "Муборак аст Абром аз ҷониби Худои Таоло, Молики осмон ва замин; ва муборак аст Худои Таоло, ки душманонатро ба дастат таслим кард". <u>Ва Абром ба вай аз ҳар чиз даҳяк дод.</u>*
>
> – Ҳастӣ 14:17–20

Акнун биёед бубинем, ки муаллифи Нома ба Ибриён дар бораи даҳяк чӣ мегӯяд.

> *Зеро ки Малкисодақ, подшоҳи Салим, коҳини Худои Таоло, – ҳамон касе ки ба пешвози Иброҳим баромад ва ӯро баракат дод, вақте ки ӯ баъд аз шикаст додани подшоҳон бармегашт, ва Иброҳим ба вай аз ҳар чиз даҳяк дод, – вай, аввалан, мувофиқи маънои номаш подшоҳи адолат аст ва сонӣ подшоҳи Салим низ, яъне подшоҳи осоиштагӣ, бе падар, бе модар, бе насабнома, дар ҳолате ки на ибтидои айём дорад, на интиҳои ҳаёт, балки ба Писари Худо монанд буда, ба сурати абадӣ коҳин мемонад.*
>
> *Пас бубинед, чӣ гуна бузург аст он касе ки Иброҳими сарқабила низ ба вай аз беҳтарин ғанимати худ даҳяк дод. Онҳое ки аз миёни фарзандони Левӣ каҳонат пайдо мекунанд, ҳукм доранд, ки мувофиқи шариат аз қавм, аз бародарони худ даҳяк ситонанд, гарчанде ки онҳо низ аз камари Иброҳим ба вуҷуд омадаанд. Аммо ин касе ки аз авлоди онҳо ба вуҷуд наомадааст, аз Иброҳим даҳяк гирифт ва соҳиби ваъдаро баракат дод. Тамоман баҳснопазир аст, ки хурд аз ҷониби*

*бузург баракат дода мешавад. Ва дар ин ҷо одамони миранда даҳяк меситонанд, лекин дар он ҷо Он ки дар ҳаққи Вай шаҳодат дорад, ки Ӯ зинда аст.*

– Ибриён 7:1-8

Аҳамият диҳед, ки дар ин матн чӣ гуфта шудааст: «*Ва дар ин ҷо одамони миранда даҳяк меситонанд*,” левизодагони Аҳди Қадим ба назар гирифта шудааст. Пас аз он гуфта мешавад: “*Дар он ҷо Он ки дар ҳаққи Вай шаҳодат дорад, ки Ӯ зинда аст*”.

Малкисодақ подшоҳи адолат буд, подшоҳи ҷаҳон, бе модар ва бе падар буд, бе ибтидои айём, ё ки бе интиҳои ҳаёт, ба Писари Худо монанд буда, то абад коҳин аст. Малкисодақ Исои Масеҳ буд, ки он рӯз дар пеши Иброҳим истода буд, аммо дар он лаҳза Ӯ ҳамчун Исо машҳур набуд.

Дар хотир доред, фаришта ба Юсуф гуфт, ки кӯдакро Исо ном гузорад, вақте ки таваллуд мешавад. Маънои номи *Исо* «Наҷотдиҳанда» аст, ҳамин тариқ номи Исо нишон медиҳад, ки Ӯ бояд барои мо Кӣ мешуд. Масеҳ – ин насаби Исо не. Вақте мо «Исои Масеҳ» мегӯем, мо айнан «Наҷотдиҳандаи тадҳиншуда” мегӯем. Исо бо ин ном маъруф набуд, вақте ки Ӯ дар назди Иброҳим меистод, зеро ки дар он ҷо ин нақша ҳанӯз аз шайтон пинҳон буд.

Аз ин рӯ, номи Малкисодақ номе буд, ки танҳо онро инъикос мекард, ки Ӯ Кӣ буд, – Подшоҳи адолат ва Мири ҷаҳон. Лекин Малкисодақ ояндаи Иброҳимро пешгӯӣ кард ва ба ӯ нону шароб дод, ки дар бораи аҳди нав сухан мерафт (нон, Бадани Ӯ, ки барои мо шикаста шудааст, ва шароб, хуни Ӯ, ки барои мо рехта шудааст), ки баъдтар бо насли Иброҳим баста шуд ва ваъдаи Худо барои ворисони Иброҳим мувофиқи боби дувоздаҳуми Китоби Ҳастӣ иҷро мешавад.

Он чи ки ба даҳяк дахл дорад, дар Нома ба Ибриён гуфта шудааст, ки даҳяк ҳоло аз ҷониби “Он ки дар ҳаққи Вай шаҳодат дорад, ки Ӯ зинда аст” ҷамъоварӣ карда мешавад. Маҳз Исо акнун даҳякро ҷамъ мекунад, ки дар бораи Худ шаҳодат дорад, ки Ӯ зинда аст! Ӯ Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон аст.

Пас, дар хотир доред, ки қонуни даҳяк имрӯз ҳам амал мекунад. Ягона чизе, ки тағйир ёфтааст, коҳиният аст. Дар Аҳди Қадим сибти Левӣ даҳякро барои кори Худо ҷамъ мекарданд. Имрӯз Исо (ки аз сибти Яҳудо омад, на аз сибти Левӣ, ки ба барқароршавии тартиботи нав дар коҳиният ишора мекунад) даҳякро аз рамаи Худ барои кори хизмат ҷамъ меоварад. Албатта, ман мефаҳмам, ки Исо даҳякро ҷамъоварӣ намуда, ҳамчун шахс дар ин ҷо ҷисман ҳузур надорад.

Аммо дар хотир доред, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Калисо Бадани Масеҳ аст, яъне таҷассуми ҳуқуқии Ӯ дар ин ҷо, ҳамон тавре ки ҷисми мо дар ин ҷо ба мо таҷассуми қонунӣ медиҳад. Вақте ки мо ба Калисои Ӯ, ба Бадани Ӯ, медиҳем, мо, аслан, ба Исо медиҳем. Левизодагон дар Аҳди Қадим даҳякро аз номи хизмати Худо он вақт ҷамъ мекарданд, ва Калисо даҳякро аз номи хизмати Худо ҳоло ҷамъ мекунад.

**ДАҲЯК ЯК ДЕВОРИ ҚОНУНИЕ ДАР АТРОФИ ЗИНДАГИИ ШУМОСТ, КИ БА ШАЙТОН ИМКОН НАМЕДИҲАД, КИ РИЗҚИ ШУМОРО БИДУЗДАД.**

Хулоса, даҳяк як девори қонуние дар атрофи зиндагии шумост, ки ба шайтон имкон намедиҳад, ки ризқи шуморо бидуздад. Дар хотир доред, ки даҳяк худ аз худ сабаби шукуфоии шумо шуда наметавонад! Муваффақияти шумо аз он муайян мешавад, ки шумо *дар дохили* ин девор чӣ кор карда истодаед!

Даҳяк қонунест, ки барои ҳаёти молиявии шумо ҳаётан муҳим аст. Барои ҳамин ман барои ин қонуни муҳими Подшоҳии Худо вақти зиёд сарф кардам.

Пас, дафъаи оянда, вақте ки шумо дар калисо ҳастед ва шубон мегӯяд, ки вақти он расидааст, ки даҳяк диҳед, шумо бояд аз шодӣ фарёд занед, зеро акнун шумо дар бораи манфиатҳои даҳяк медонед.

БОБИ 7

# БА ШУМО ҲАМЁН ЛОЗИМ АСТ. ҚИСМИ ЯКУМ

Яке аз дӯстони беҳтарини ман Питер Мортлок – шубони калисои City Impact дар Окленд, Зеландияи Нав. Вай хизматгузории аҷибе ташкил кардааст ва дар Зеландияи Нав дорои яке аз калисоҳои калонтарин мебошад.

Дар давоми солҳои дӯстиамон, эҳтимол, тақрибан бист сафари мотосиклӣ дар саросари Амрикои Шимолӣ ва Зеландияи Нав доштем. Маҳз ӯ билохира маро водор кард, ки “харлей” бихарам. Ман бисёр сол дар мотосикли “хонда” савор будам, аммо дар сафарҳо вай доимо исрор мекард, ки ман “харлей”-ро ба иҷора гирам. Дар аввал “харлей” ба ман то дараҷаи “хонда” маъқул набуд, аммо агар шумо ба мотосикл шавқ дошта бошед, бояд донед, ки чанд сол пеш ба шакли онҳо тағйиротҳои ҷиддие дохил карданд, ки ба ман писанд омад. Ҳамин тавр, соли гузашта Дренда ба ман “харлей”-и навбаромад харид, ки бо он сафар карданро дӯст медорем.

Ҳангоми сафарҳоямон ман пайхас кардам, ки дар китфи шубон Питер ҳамеша ҷузвдони чармин овезон буд – ман онро ҳамён меномам. Як рӯз аз сабаби ҳамёне, ки дар киссаи қафо ҷой гирифта буд, сурини ман карахт шуд, ман аз ӯ дар бораи сумка пурсидам. Ин муҳокима ба он бурда расонд, ки дар рӯзи таваллудам ӯ ба ман ҳамин

хел тӯҳфа дод. Ин ҷо, дар Иёлот, онҳо чун дар Аврупо ва Зеландияи Нав машҳур нестанд, аммо он ба ман писанд аст.

Пештар ман доимо айнакҳои офтобпанаҳи худро гум мекардам, чунки онҳоро ба ҷое гузошта, фаромӯш мекардам, ки дар куҷо мондаам. Аммо аз он вақте, ки ман ҷузвдони мардона ё ки ҳамёнро, чи тавре ки хоҳед, номед, истифода бурданро сар кардам, ягон маротиба онҳоро гум накардаам. Ҳоло ман хуб мефаҳмам, ки чаро занон сумка гирифта гаштанро дӯст медоранд. Дар он ҷо ҳама чиз дар таги даст аст. Ин хеле аҷиб аст. Ҳоло ман шуморо водор намекунам, ки шумо ҳамён харидорӣ кунед, балки пешниҳод мекунам, ки дар ин бора андеша намоед.

Оё шумо медонед, Исо амр кард, ки мо бо худ ҳамён дошта бошем?

> *Ва шумо дар ҷустуҷӯи он набошед, ки чӣ бихӯред ё чӣ бипӯшед, ва аз ғам осуда бошед, чунки қавмҳои ҷаҳон дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд; лекин Падари шумо медонад, ки шумо ба ин чизҳо эҳтиёҷ доред; балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд. Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад.*
>
> *Дороии худро бифурӯшед ва садақа диҳед. <u>Барои худ ҳамёнҳо</u>и кӯҳнанашаванда, ганҷи бепоён дар осмон <u>муҳайё созед</u>, ки дузд ба он наздик намешавад, ва куя онро намезанад; зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд.*
>
> – Луқо 12:29-34

Ман фикр намекунам, ки Исо дар бораи мӯд гап задааст, балки аниқтараш бештар дар бораи раванде, ки шумо бояд бидонед.

Исо кӯшиш мекард, фаҳмонад, ки шумо ба ганҷи худ дастрасӣ дошта бошед.

Масалан, ман метавонам дар бонк миллион доллар дошта бошам, агар онҳо ба ман дастрас набошанд ва онҳоро истифода

бурда натавонам, аз ин ба ман ягон фоидае нест, рост? Ана барои чӣ шумо бо худ ҳамён мегиред – ин нуқтаи дастрасӣ ба дороиҳои шумо.

Гум шудани ҳамён – яке аз стрессҳои ҷиддие, ки метавонанд ба вуқӯъ оянд. Ман ҳама вақт кори аз дастам меомадаро мекунам, то ки ин ҳодиса ба вуқӯъ наояд. Ҳамёни ман, ки дар ҷузвдон ҷой гирифтааст, ҳама вақт бо ман аст.

Дар ин якчанд суханони Исо, ки ман иқтибос овардам, мо кони хирад ва принсипҳои калидии Подшоҳиро нисбат ба маблағҳои шумо дар Подшоҳӣ меёбем. Пеш аз ҳама, такроран гуфта шудааст “аз ғам осуда бошед”. Исо ба мо гуфт, ки Худо ҳар чизеро, ки мо ба он ниёз дорем, медонад, ва дар бораи он, ки чӣ тавр мо таъминоти Ӯро ба даст оварда метавонем, дастурҳои мушаххас додааст.

> *Ва шумо дар ҷустуҷӯи он набошед, ки чӣ бихӯред ё чӣ бипӯшед, ва аз ғам осуда бошед, чунки қавмҳои ҷаҳон дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд; лекин Падари шумо медонад, ки шумо ба ин чизҳо эҳтиёҷ доред; балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд.*

Исо ба шумо гуфтааст, ки ташвиш накашед, барои он ки Худо ҳама чизро пешакӣ медонад, Худо медонад, ки ба шумо чӣ лозим аст. Вале сонитар Исо якчанд дастурҳоро илова кардааст.

> *Балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд.*

Исо баён мекунад, ки Худо ҷавоб дорад, аммо зарур аст, ки барои пешниҳоди дархости ҳуқуқӣ бояд раванди муайянеро риоя кунем. Худо ҷавоб дорад, АММО шумо пеш аз он ки ба он даъво кунед, бояд донед, ки Подшоҳӣ чӣ тавр амал мекунад.

Аҳамият диҳед, Исо нагуфт, ки аввал Худоро биҷӯед, балки *Подшоҳиро* биҷӯед. Ман фикр мекунам, ки аксарият аз мо ин оятро ҳамчун амр барои ҷустуҷӯи Худо тафсир додаанд, аммо ин ҷо чунин

гуфта нашудааст. Исо равшан ва фаҳмо гуфтааст. Агар ҷавоб танҳо ҷустуҷӯи Худо мебуд, Ӯ мегуфт, ки: "*Худоро* биҷӯед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд". Худо медонад, ки ба шумо чӣ лозим аст, аммо раванди қонуние ҳаст, ки бояд риоя шавад, пеш аз он ки чизҳои дар осмон буда ба шумо ба тарзи қонунӣ дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, дода шавад.

Иҷозат диҳед ёдрас кунам, ки Подшоҳии Худо – ин давлате, ки Подшоҳ дорад. Қудрат ва иродаи Подшоҳ тавассути иҷроиши қонунҳои Подшоҳӣ ба ҳар як шаҳрванди Подшоҳӣ дода мешавад.

Дар чор китобҳои қаблии худ дар бораи Подшоҳӣ ман барои баррасии ҷанбаҳои ҳаёт, имон ва салоҳияти Подшоҳӣ вақт ҷудо кардаам. Чаро? Барои он ки ин принсипҳо барои муваффақият ва фаҳмидани ҳаёт дар Подшоҳӣ хеле муҳиманд. Ман ин ҷузъҳои калидии Подшоҳиро дар ҳар як китобҳои худ дида баромадаам, зеро медонам, ки аксарият метавонанд ҳар кадоми онҳоро ба даст гиранд, агар ба он донишҳои асосноккардашуда, ки воқеан ҳаёти маро дигар карданд, эҳтиёҷ дошта бошанд.

Шумо бояд бифаҳмед, ки Подшоҳӣ чӣ тавр амал мекунад!

Дар ин боб маълумот аз дигар китобҳои ман аз силсилаи "Инқилоби молиявии ту" гирифта шудааст. Агар шумо онҳоро хонда бошед, метавонед ба боби ҳаштум гузаред. Агар шумо онҳоро нахонда бошед, ё ин ки мехоҳед бо ин асосҳои ҳаётан муҳими Подшоҳӣ шинос шавед, бо ман дар боби ҳафт бимонед.

## Масъалаи юрисдиксия

Чи тавре ки пештар гуфтам, ман берун аз шаҳр дар масоҳати шаст гектар дар яке аз ҷойҳои зеботарини Оҳайо зиндагӣ мекунам. Аввал масоҳати он панҷоҳу панҷ гектар буд, аммо ҳамсоям қитъаи заминашро, ки бо замини ман ҳамсарҳад буд, ба ман фурӯхт, дар натиҷа масоҳати он то шаст гектар калон шуд. Мо бешубҳа дар тӯли бисту ду соли охир аз ин замин лаззат мебарем. Доштани ҷангал барои шикори оҳу, ботлоқзор барои шикори мурғобӣ, саҳро барои

шикори харгӯш ва тазавр, ҳамчунин барои рондан мотосикли чорчарха – ин хушбахтӣ аст.

Аммо агар шумо бодиққат ба ҷои ман нигоҳ кунед, дар ҳудуди қитъаи замини ман аломати «ДАРОМАД МАНЪ АСТ»-ро мебинед. Ин аломатҳо барои он гузошта шудаанд, то одамон донанд, ки сарҳади мулки ман аз куҷо оғоз меёбад. Дар қонуни иёлати Оҳайо гуфта шудааст, ки одаме, ки ба замини ман даромадан мехоҳад, бояд ҳамеша бо худ иҷозатномаи хаттӣ дошта бошад, то замоне ки вай он ҷо қарор дорад. Агар вай бо худаш чунин иҷозатнома надошта бошад, ин воридшавии ғайриқонунӣ номида шуда, мувофиқи қонун аз қитъа ронда, инчунин ҷарима муқаррар кардан мумкин аст.

Ба як калима...

*Шумо чизеро истифода бурда наметавонед, агар ба он салоҳияти қонунӣ надошта бошед.*

Чи хеле ки аллакай гуфтам, мавҷуд будани иҷозатнома бо имзои ман ба шумо ҳуқуқи қонунӣ медиҳад, ки ба мулки ман дохил шавед. Агар касе шуморо дар ҳудуди мулки ман боздошт карда, барои чӣ он ҷо буданатонро пурсад, ва шумо ҷавоб диҳед, ки ман ба шумо иҷозат додам, ки он ҷо шикор кунед, ин кифоя нест. Қонун мегӯяд, ки барои дастрасӣ шумо бояд варақаи ба имзорасида дошта бошед.

Ин қоидаро ҳатман риоя намудан лозим аст, ҳангоме ки мо ба бонк барои гирифтани маблағи пулиамон меравем. Аз шумо мепурсанд, ки шиносномаатонро нишон диҳед. Фурӯшанда низ чунин ҳуқуқ дорад, пурсад, ки шиносномаатонро нишон диҳед, вақте ки шумо барои пардохти мол аз корти қарзӣ истифода мекунед. Нишон додани шиноснома барои дастрасӣ ба суратҳисоби шумо монеъ намешавад; он барои он таъин шудааст, ки шуморо аз дигар шахсоне, ки бо роҳи фиреб ба маблағи шумо дастрасӣ пайдо кардан мехоҳанд, муҳофизат намояд.

Вақте ки Исо пеш аз ҳама ҷустани Подшоҳии Худоро амр кард, Ӯ, аслан, гуфт: *“Қонунҳои Подшоҳиро биомӯзед, то бидонед, ки чӣ тавр қонунӣ ва самаранок дар доираи ҳуқуқҳои қонунии худ ҳамчун*

**БИФАҲМЕД, КИ ЧӢ БА ШУМО ТААЛЛУҚ ДОРАД ВА ЧӢ ТАВР БА ОН ДАСТРАСӢ ДОШТА МЕТАВОНЕД. ОН ВАҚТ ШУМО ҲАР ЧИЗЕРО, КИ БА ОН НИЁЗ ДОРЕД, БА ДАСТ МЕОВАРЕД.**

*шаҳрванди Подшоҳӣ амал кунед".* Бифаҳмед, ки чӣ ба шумо тааллуқ дорад ва чӣ тавр ба он дастрасӣ дошта метавонед. Он вақт шумо ҳар чизеро, ки ба он ниёз доред, ба даст меоваред.

Мисоли дигар ҳамчун намуна фонди боварӣ барои писарам шуда метавонад. Вақте ки ӯ ба балоғат мерасад, суратҳисоб ба тарзи қонунӣ ба номи вай мегузарад, ман бояд гӯям, ки он дар кадом бонк аст, ба вай нишон доданам лозим, ки чӣ тавр бояд аз суратҳисоб маблағ гирад ва чӣ тавр маблағро ба суратҳисоб гузорад. Ба таври ҳуқуқӣ он бояд суратҳисоби вай бошад, аммо ба ин нигоҳ накарда, ба ҳар ҳол, вай бояд раванди қонуниро риоя кунад, то ки ба он дастрасӣ дошта бошад.

Иҷозат диҳед ман гуфтаҳоямро ҷамъбаст кунам. Вақте ки Исо амр фармуд, ки Подшоҳии Худоро ҷӯем, Ӯ мехост, ки мо бо кори Подшоҳӣ шинос шавем, қонунҳо ва равандҳои онро биомӯзем, то он чизеро, ки аллакай ба мо тааллуқ дорад, ба таври қонунӣ ба даст оварем. Чи тавре ки мо мисоли суратҳисоби бонкиро аз назар гузарондем, шумо метавонед салоҳияти қонунии дороиро дошта бошед, аммо ба он имконияти дастрасӣ надоред, барои он ки он раванди қонуниеро, ки шуморо бо дастрасӣ таъмин менамояд, риоя накардед. Масалан, агар шумо шиносномаатонро дар хона фаромӯш карда бошед, бонк аз суратҳисобатон пул гирифтанро иҷозат намедиҳад, гарчанде ки ин пули шумост.

Фаҳмиши масъалаи юрисдиксия дар Подшоҳии Худо шарти муҳим барои самаранокии кор дар Подшоҳӣ мебошад.

Ман боварӣ дорам, ки шумо бешубҳа ҳикояи ба ин монандро шунидаед. Каси машҳур бемор мешавад, ва барои вай ҳамаро ба дуо даъват менамоянд. Миллионҳо нафар барои шифои он одам ба дуо ҳамроҳ мешаванд, аммо вай мемирад. Чаро?

Ё касе ба шумо нақл мекунад, ки бибии ӯ вафот кард, гарчанде ҳама барои вай дуо гуфтанд, ва акнун донистан мехоҳанд, ки чаро чунин шуд. Ё касе ба шумо шикоят мекунад, ки барои мӯҳтоҷиҳои молиявӣ пул коштааст, аммо то ҳол чизе нест. Оё ба ин саволҳо ҷавоб ҳаст?

Пеш аз он ки ман ҷавоб диҳам, биёед розӣ шавем, ки мо на ҳама чизҳоеро, ки дар олами рӯҳонӣ ба вуқӯъ меоянд, медонем, ва ман низ худро вонамуд намесозам, ки гӯё дорои ин дониш бошам. Вале аз Китоби Муқаддас асос гирифта, мо метавонем исбот намоем, ки агар касе бемор бошад, Исо аллакай барои шифо ёфтани вай нарх супоридааст. Мо медонем, ки агар саховатманд бошем ва бидиҳем, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки мо мегирем. Аммо ҳамарӯза мо мебинем, ки дар ҳаёти бисёр одамон Каломи Худо на он чуноне амал мекунад, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст. Оё ба ин Худо айбдор аст?

Мулоҳизаҳои маро дар ин боб мушоҳида карда, шумо ошкор мекунед, ки ҷавоб бешубҳа – НЕ. Агар не, мушкилӣ дар куҷост? Оқибат аксарияти одамон Худоро дар фоҷиаҳои худ айбдор мекунанд. Онҳо медонанд, ки Ӯ қуввати боздоштани бадиро дорад, аммо ин корро накард, барои ҳамин онҳо фикр мекунанд, ки Ӯ *афзал донист*, ки чунин амал намояд. Ана аз куҷо ақидаи бардурӯғ дар бораи он ки “Худо иҷозат медиҳад, ки чизҳои бад бо одамони нек рӯй диҳад” пайдо мешавад. Одамон фикр мекунанд, ки агар Ӯ чизеро бознадорад ё ки ба он мудохила накунад, Ӯ, эҳтимол, гузошт, ки чунин шавад. Аммо агар шумо дарк мекардед, ки Худо ҳамеша нек аст ва Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад, шумо мефаҳмидед, ки мушкилӣ дар Худо нест, мушкилӣ дар чизи дигарест ва ҷавобро ҷустуҷӯ мекардед.

Агар шумо ба ҳуҷрае дароед, ки он ҷо торик аст, дарҳол таъминкунандаи барқро айбдор намесозед. Не, шумо тугмаро пахш мекунед, агар чароғ фурӯзон нашавад, лампаро тафтиш мекунед. Мефаҳмед, ки мушкилӣ, эҳтимол, *аз* тарафи *худи шумост.*

Агар шумо медонистед, ки Худо *ҳаргиз* наметавонад айбдор бошад, чунки Ӯ ба мо Каломи Худ ва ваъдаҳоеро додааст, ки иродаи Ӯро нисбат ба мо ошкор мекунанд, он гоҳ бо ҷидду ҷаҳд ноқилҳои

кӯтоҳро ҷустуҷӯ мекардед, ки ба шумо барои аз ҷониби Худо ҷавоб гирифтан халал мерасонад.

Шогирдон чунин тарзи фикррониро нишон доданд, вақте ки девро аз писарбачае, ки гирифтори рӯҳи палид буд, ронда натавонистанд, чуноне ки дар Инҷили Матто (17:14-23) навишта шудааст. Ба ҷои он ки пурсанд: “Барои чӣ Худо тасмим гирифт, ки дев он ҷо монад?”, онҳо аз Исо пурсиданд: “Чаро *мо* онро берун карда натавонистем?” Вақте ки вазъиятҳо ба Каломи Худо, гӯё, мухолифат мекунанд, ин савол бояд зуд дар майнаи мо пайдо шавад.

Ҳамин тавр, такрор мекунам, ба мо ҳаётан муҳим аст, ки, аввалан, бидонем, ки Худо нек аст, ва, дуюм, Ӯ дурӯғ намегӯяд. Агар шумо донистан хоҳед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, саволҳо дода – ана ин тавр Китоби Муқаддасро хондан лозим аст. Дар хотир доред, ки ин қиссаҳои бузург аз Китоби Муқаддас бесабаб вуҷуд надоранд. Исо кӯшиш менамояд, ки ба шумо чизеро нишон диҳад.

Боз, Подшоҳии Худо – ин Подшоҳие, ки тибқи қонунҳо ва принсипҳое амал мекунад, ки ҳеҷ вақт тағйир намеёбанд. Ин принсипҳоро, чи тавре ки ман аллакай гуфтам, метавонед омӯзед ва истифода баред, ба монанди он ки деҳқон қонунҳои вақти кишт ва дарави ҳосилро дар подшоҳии заминӣ медонад ва ин қонунҳоро барои тараққиёт истифода мебарад. Азбаски Подшоҳӣ аз рӯи қонунҳое амал мекунад, ки ба ҳар як шаҳрванд барои фаҳмидан ва истифода бурдан дода шудааст, *ҳар кас* метавонад онҳоро омӯзад. Баъзан донистани он, ки чӣ тавр ин қонунҳо амал мекунанд, ҳаётан муҳим буда метавонад.

Вақте Марк ва Ҳанно ба калисои мо омаданд, онҳо мехостанд, ки фарзанддор шаванд. Табибони гуногун бо як овоз ба Ҳанно мегуфтанд, ки аз сабаби мушкилоти физиологӣ вай воқеан ҳомиладор шуда наметавонад. Аммо дар калисои “Ҳаёт бо имон” дар бораи некии Худо шунида ва қонунҳои Подшоҳиро омӯхта, ӯ ҳомиладор шуд. Ҳанно бисёр хурсанд буд. Аммо баъди андак вақт шиками ӯ сахт ба дард кардан даромад. Баъзан дард чунон сахт буд, ки вай аз ҳуш мерафт.

Баъд аз хуруҷи навбатӣ Ҳанно рост ба назди духтури худ равон

шуд. Аммо ӯ дар ҷояш набуд, Ҳанноро духтури навбатдор қабул кард ва ӯро ба муоинаи ултрасадоӣ (УЗИ) фиристод, то маълум намояд, ки мушкилӣ дар чист.

Ба гуфтаи духтар, УЗИ лахтаи хун ва ҳамли аз афзоиш мондаро нишон дод, ки дар он таппиши дил шунида намешуд.

Ӯ ба вай пешниҳод кард, ки рӯзи дигар биёяд, то аз батнаш кӯдаки мурдаро дур кунад, аммо Ҳанно розӣ нашуд. Ба ҷои ин шавҳари ӯ, Марк, Ҳанноро бо Каломи Худо ва бо ваъдаҳои Худо рӯҳбаланд карда, ӯро даъват намуд, ки боварияашро нисбат ба саломатии кӯдак гум накунад.

Вай рӯзҳои истироҳат дар калисо дуо гуфт ва боварӣ дошт, ки сарфи назар аз суханони духтур кӯдаки вай сиҳат таваллуд мешавад.

Рӯзи душанбе вай ба назди духтури шахсии худ рафт. Духтур бори дигар УЗИ кард. Аз рӯи суханони Ҳанно, вақте ки вай аксҳои чанд рӯз пеш гирифташударо муқоиса карда истода, ба экрани УЗИ менигарист, хеле ҳайратзада менамуд. Духтур ба Ҳанно чунин гуфт: “Ман аллакай сӣ сол боз дар ин вазифа кор мекунам ва пеш аз ин ҳеҷ гоҳ ба ин монанд ҳолатро надида будам. Ман дар аксҳои пештара лахтаи калони хун ва набудани дилзаниро мебинам. Имрӯз лахтаи хун нест ва ин тифл тамоман сиҳат, зинда аст, ва бо дилзании аъло”.

Баъд аз чанд моҳ Ҳанно духтарчаи сиҳат таваллуд кард, ки Эвелин ном гузошт. Боре вай ба маънои номи духтараш мароқ зоҳир намуд, ӯ маълумот ҷамъ карда, ба тааҷҷуб афтод, ки дар ҳақиқат маънои ин ном *ҳаёт* аст! Ҳозир, вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, барои Ҳанно мӯҳлати таваллуди кӯдаки дуюмаш наздик шуда истодааст.

Ин воқеаи мӯъҷизаосо бешубҳа амали дастони Худост, аммо ҳамчун олими рӯҳонӣ, шумо худи ҳозир оиди чанд савол андеша кунед. Барои чӣ чунин ҳолат рӯй дод? Оё Ҳанно яке аз дӯстдорони Худост? Оё Худо тасодуфан қарор дод, ки тифли ӯро шифо диҳад? Ин саволҳое мебошанд, ки ба онҳо бояд ҷавоб ёфт.

Такрор мекунам, аз нуқтаи назари масеҳии оддӣ мӯъҷиза рӯй дод. Вале ман одамонро даъват менамоям, ки оиди маънои калимаи

“мӯъҷиза” таҷдиди назар дошта бошанд, зеро он маънои чизеро дар назар дорад, ки ғайриоддии берун аз фаҳмиш аст. Дар баробари ин, дар Подшоҳии Худо он танҳо вазифаи қонуни Подшоҳӣ буд.

Агар ман сангро мепартофтам, ва вай ба замин меафтид, шумо фикр мекардед, ки ман девона шудаам, агар ман фарёд зада мегуфтам ки: “Вой, шумо инро дидед? Санг худ аз худ ба замин афтид! Ин мӯъҷиза!” Шумо бо мӯъҷиза будани ин розӣ намешавед, зеро медонед, ки ин фақат қонуни амалкунандаи ҷозиба аст ва вай *ҳамеша* ва *барои ҳама* як хел кор мекунад. Санг *ҳамеша* ба замин меафтад.

Бинобар ин, ҳамчун олими рӯҳонӣ, шумо оиди ҳодисаи рӯйдода ҷавобҳои рӯҳоние ҷустуҷӯ кунед, ки ба шумо қонун ё қонунҳои Подшоҳиро, ки дар ин ҳикоя мавҷуд мебошанд, ошкор мекунанд.

Яке аз ҳикояҳои бузургтарин дар Китоби Муқаддас, ки ба мо барои ёфтани ҷавобҳо ёрӣ медиҳад, дар боби ҳаштуми Инҷили Луқо ҷой гирифтааст.

> *Вақте ки Ӯ ба он ҷо мерафт, мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд. Ва зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буда, тамоми дороии худро ба табибон сарф карда буд, лекин ҳеҷ яке вайро шифо дода натавониста буд, – аз қафо наздик шуда, домани Ӯро ламс намуд, ва дарҳол хунравии вай қатъ шуд. Ва Исо гуфт: “Кист, ки Маро ламс кард?”*
>
> *Вақте ки ҳама инкор карданд, Петрус ва онҳое ки бо Ӯ буданд, гуфтанд: «Эй Устод, мардум Туро иҳота намуда, аз ҳар тараф фишор медиҳанд, – ва Ту мегӯӣ: “Кист, ки Маро ламс кард?”»*
>
> *Аммо Исо гуфт: “Касе Маро ламс кардааст; зеро Ман ҳис кардам, ки қуввате аз Ман берун рафт”. Он зан чун дид, ки натавонист пинҳон монад, тарсону ларзон омада, пеши Ӯ афтод ва дар ҳузури тамоми мардум гуфт, ки аз чӣ сабаб Ӯро ламс намуд, ва чӣ гуна дарҳол шифо ёфт. Ба ба вай гуфт: “Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав”.*
>
> – Луқо 8:42-48

Дар ин ҳикоя мо занеро мебинем, ки солҳои зиёд бемор буд ва наметавонист шифо ёбад. Ба Исо наздик шуда, қабои Ӯро ламс намуд ва фавран шифо ёфт. Ин ҷо якчанд ишораҳои бисёр амиқ дар бораи Подшоҳии Худо аст, ки мо дар ин ҳикоя пайдо карда метавонем ва онҳо барои ёфтани баъзе ҷавобҳое, ки мо ба он ниёз дорем, ёрӣ медиҳанд.

Пеш аз ҳама, одамоне, ки Исоро иҳота карда буданд, Ӯро ламс менамуданд. Чи хеле ки дар ин ҳикоя гуфта шудааст, анбӯҳи одамоне, ки ба Ӯ наздик мешуданд, Ӯро қариб пахш мекарданд. Вақте ки Исо пурсид: “Кист, ки Маро ламс кард?”, Петрус аз ин савол дар ҳайрат монд, барои он ки, боз ҳам, ҳама Ӯро ламс мекарданд. Аммо Исо гуфт, ки маҳз касе бо дигар тарз ба Ӯ даст расонд, зеро Исо чӣ тавр аз Худаш берун рафтани қуввати Рӯҳулқудсро ҳис кард.

Баъд аз хондани ин ҳикоя дар рӯҳатон бояд ҳама намуди сигналҳое фаъол шаванд, ки шуморо барои бозистодан ва оиди он ки ҳоло чӣ ба вуқӯъ омад, андеша намудан водор месозанд. Ақли шумо бояд фавран ба реҷаи таҳқиқ гузарад ва саволҳои бисёр диҳад. Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо бояд фаҳмем, ки чаро танҳо *ин* зан шифо ёфт, на ягон каси дигар. Ман тахминан гуфта метавонам, ки бисёр одамони бемор Ӯро ламс мекарданд, аммо шифо наёфтанд. Барои ҳамин, мо бояд савол диҳем: “Чаро тадҳин танҳо ба ин зан нозил шуд, на ба касони дигар, ки дар он лаҳза Ӯро ламс намуданд?”

Ҷавоби анъанавии динӣ ин аст, ки вай шифо ёфт, зеро Исо вайро шифо дод. Аммо оё Ӯ вайро шифо дод? Оё Исо дидаю дониста ба вай хизмат кард, то ки ӯ шифо ёбад? Оё Ӯ ба вай даст гузошт? Оё Ӯ ба бемори фармон дод, ки тани ӯро тарк кунад? Ҷавоб – не. Дар асл Исо ҳатто намедонист, ки вай он ҷо буд. Ба Ӯ лозим шуд, бипурсад, ки Ӯро кӣ ламс кард.

Пас, оё он лаҳза Исо қарор дод, ки вайро шифо диҳад? Боз ҳам, Ӯ ҳатто намедонист, ки вай он ҷо буд. Пас, вай чӣ хел шифо ёфт? Чаро вай шифо ёфт? Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо фикри онро, ки вай фарзанди махсуси Худо буд, ё вай бо Исо робитаи махсусе дошт,

рад мекунем, зеро ки дар Аъмол (10:34) навишта шудааст, ки Худо рӯйбинӣ надорад.

Мо ҳамчунин тахмин карда метавонем, ки азбаски Исо ҳатто ҳозир будани вайро намедонист, Ӯ дар қарори ҳамон рӯз шифо ёфтани вай иштироке надошт. Мо бо он розӣ ҳастем, ки Исо сарчашмаи тадҳин буд, аммо Ӯ дар қабул кардани қарор аз ҷониби *вай* оиди шифоёбӣ дар он лаҳза иштирок накард.

Исо ба мо нақл мекунад, ки чӣ тавр вай қудрату қуввати Подшоҳиро ламс кард. Ӯ гуфт: *"Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав".* Ин ҷумла ба мо дар бораи он чизе, ки бояд донем, нақл мекунад ва ба саволи мо дар бораи он, ки чаро ва чӣ тавр вай он рӯз шифо ёфт, ҷавоб медиҳад. Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, биёед ин ҳикояро муфассалтар баррасӣ менамоем ва дида мебароем, ки оё мо ягон ишораҳоро дар бораи сабаби шифоёбии ӯ пайдо карда метавонем.

Пеш аз ҳама, Исо вайро *духтарам* меномад, ин маънои онро дорад, ки вай ба халқи Исроил, ба авлоди Иброҳим, тааллуқ дошт. Вай ҳамчун фарзанди Иброҳим, соҳиби он баракате буд, ки ба Иброҳим дода шуда буд ва дорои афзалиятҳои он аҳде буд, ки Худо бо Иброҳим баста буд.

> *Ва гуфт: "Агар ту овози Худованд Худои худро бишнавӣ ва он чиро, ки дар назари Ӯ дуруст аст, ба амал оварӣ, ва ба аҳкоми Ӯ гӯш диҳӣ, ва фароизи Ӯро риоя намоӣ – ҳеҷ яке аз бемориҳоеро, ки бар Миср овардаам, бар ту нахоҳам овард, зеро ки Ман Худованди шифобахши ту ҳастам".*
>
> – Хуруҷ 15:26

Ҳамин тавр, вақте ки Исо вайро духтар номид, ин маънои онро дошт, ки вай ба ҳама чизҳое, ки ба аҳди Иброҳим бо Худо баста дахлдор буд, ҳуқуқи қонунӣ дошт. Лекин ин ҳақиқат худ ба худ наметавонад ягона сабабе бошад, ки вай аз Исо шифоро қабул кард, зеро ҳамаи он касоне, ки ҳамон рӯз Ӯро ламс карданд, чунин ҳуқуқро

доштанд. Бояд чизи дигаре бошад, ки боиси ҷорӣ шудани қуввати Подшоҳии Худо гашт. Баъд аз он Исо боз дар бораи сабабе мегӯяд, ки вай аз Ӯ шифои худро гирифт. Дар асл Исо гуфт, ки ин *айнан ҳамон* сабабе буд, ки бо воситаи он вай шахсан шифоӣ гирифт.

Ӯ гуфт, ки *имонаш* вайро шифо бахшид.

Инак, мо акнун сабабҳои аз Худо шифо гирифтани вайро медонем. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, вай ба чунин қабул ҳақ дошт, барои он ки духтари Иброҳим буд ва баъдан имони вай гузарише буд, ки худи ҳамон лаҳза барои ба ҷисми вай ворид шудани қувват иҷозат дод.

Он ҳақиқатро, ки вай духтар буд, метавонем ба нерӯгоҳи барқие монанд кунем, ки ба хонаи шумо тавассути ноқилҳо барқ интиқол кардааст. Қувваи барқ ҳаст, аммо ин маънои онро надорад, ки чароғ фурӯзон мешавад. Шумо бояд тугмаро ба ҳолати “фурӯзон” биёред, то ки чароғ даргирад.

Инак, ҳамчун насли қонунии Иброҳим, ин зан барои шифоёбӣ ҳуқуқи қонунӣ дошт. Аммо, азбаски ки вай дар замин ба ҳаёти худ салоҳият дошт, вай бояд шахсан тугмачаро пахш мекард, то ки ин қувватро ба кор андозад.

Аммо ин тугма дар куҷост? Чӣ тавр онро ба кор даровардан мумкин аст?

Барои инро фаҳмидан, бояд ба истилоҳҳо равшанӣ андозем.

## Имон чист?

Имон – ин истилоҳе, ки масеҳиён хеле озодона истифода мебаранд. Ва ман мӯътақидам, ки бисёриҳо, агар на аксарият, намедонанд, ки имон чист, он барои чӣ лозим аст, чӣ тавр метавон фаҳмид, ки шумо дар имон ҳастед, ва чӣ тавр онро пайдо кардан мумкин аст. Агар имон – ин ҳамон воситае, ки ба тадҳин имкон дод, то ба он зан ҷорӣ шавад, пас мо бояд ба имон хеле бодиққатона назар кунем!

Таърифи имонро мо дар Нома ба Румиён пайдо мекунем.

*Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: "Насли ту чунин хоҳад буд". Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд. Ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст.*

– Румиён 4:18-21

Биёед ба ҳолатҳои дар ин ҳикоя мавҷуд буда назар андозем. Иброҳим ва Соро фарзанд дошта наметавонистанд. Ман дар назар надорам, ки мушкилии онҳо дар ҳомиладоршавӣ буд ва бояд кӯшиши худро давом медоданд. Ман дар назар дорам, ки онҳо қариб садсола буданд ва барояшон ҳама чиз тамом шуда буд. Ҷисман онҳо ба одами нав ҳаёт бахшида наметавонистанд, ин номумкин буд! Аммо Худо ба Иброҳим фарзанд ваъда дода буд, гарчанде ки аз нуқтаи назари табиӣ тамоман имконнопазир аст.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Иброҳим *боварии комил* дошт, ки ба далелҳои табиӣ нигоҳ накарда, Худо қодир аст, он чиро, ки ваъда дода буд, ба ҷо оварад. Ин аст таърифи имони мо: "Комилан боварӣ доштан ба он, ки Худо барои иҷро кардани ваъдаи Худ қодир аст".

Ман инро ба таври зайл баён мекунам: "*Дили шумо дар ризоият бо осмон*". Ин на танҳо ҳамфикрӣ ба он чиз, ки Худо гуфтааст, балки *боварии комил* аст.

## Таърифи мо дар бораи чӣ будани имон

Иҷозат диҳед инро такрор кунам, то боварӣ ҳосил намоям, ки шумо қабул кардед. Имон – ин боварии комил ба он чи Худо мегӯяд! Ин ризоияти дил ва ақли мо *дар боварии комил* бо осмон аст.

## Чаро имон лозим аст?

Чаро Худо ҳамаро дар беморхона шифо дода наметавонад, модоме ки инро мехоҳад? Чаро Ӯ наметавонад ҷангро бозистонад? Чаро Ӯ наметавонад фариштаҳоро фиристонад, то ки ба мо Инҷилро башорат диҳанд? Ман боварӣ дорам, ки шумо аллакай ҳамаи ин саволҳоро шунидаед. Ҷавоб он аст, ки Ӯ наметавонад.

Гап дар сари он нест, ки Ӯ *қувват* надорад, ки инро иҷро кунад, балки Ӯ *салоҳият* надорад, то ки амал намояд.

Барои фаҳмидани он, ки дар бораи чӣ ман сухан меронам, мо бояд ба Нома ба Ибриён назар кунем.

> *Балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст: "Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ". Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад.*
>
> – Ибриён 2:6-8

Вақте ки Худо одамро офарид, ба вай бар тамоми подшоҳии заминӣ ваколати қонунӣ дод. Ҳеҷ чиз аз доираи салоҳияти ӯ берун набуд. Ӯ бар ин подшоҳӣ бо ваколатҳо ва салоҳияти ҳуқуқии мутлақ ҳукмрон буд. Қобилияти идора кардан ва ваколати ӯ бо ҳукмроние, ки ӯро ба ин ҷо монд, устувор шуда буд. Дар асл, ӯ бо ваколате, ки аз Подшоҳии Худо дода шуда буд, ҳукмронӣ мекард. Ӯ тоҷи ин ҳукмрониро бар сар дошт, ки ҷалоли Худо, тадҳин ва мавқеи ифтихорӣ ё он қудратеро, ки ба ӯ дода шуда буд, таҷассум менамуд.

Албатта, ӯ тоҷи ҳақиқӣ надошт, аммо ӯ ҳамчун соҳибтоҷ буд. Барои дуруст тасаввур карда тавонистан, ки ин ба чӣ монанд аст, дар бораи подшоҳи ҳақиқӣ фикр кунед. Гарчанде ки ӯ одами оддӣ аст ва дар ҳаёти воқеӣ ҳукмронӣ надорад, вай тоҷе ба сар дорад, ки маънои

он аст, ки ӯ на танҳо худашро, балки тамоми подшоҳӣ ва ҳукуматро муаррифӣ мекунад. Суханони ӯ танҳо аз он сабаб қувват доранд, ки онҳо бо қудрат ва воситаҳои ҳукумат ва подшоҳие, ки вай муаррифӣ мекунад, тақвият меёбанд.

Агар назоратчии роҳи нақлиётро ба ёд биёрем, вай мошини боркаши калонро меистонад ва мегӯяд: "Ба номи қонун бозистед!"

**ТО ДАМЕ КИ МАРД Ё ЗАН ДАР ДИЛИ ХУД БА ОН ЧИЗЕ, КИ ОСМОН МЕГӮЯД, БОВАРИИ КОМИЛ НАДОШТА БОШАД, КИ ИМОН НОМ ДОРАД, ОСМОН ДАР ЗАМИН САЛОҲИЯТИ ҚОНУНӢ ДОШТА НАМЕТАВОНАД.**

Рост, мошини боркаш аз одам хеле калонтар аст, ва одам худ ба худ бо мошини боркаш муқоиса намешавад, аммо мошини боркаш дар назди одам не, балки дар назди нишони сарисинагии ӯ, ки ҳукуматро муаррифӣ мекунад, меистад. Дар ин маврид ҳукумат аз одаме, ки нишон дорад, бузургтар аст. Ронандаи мошини боркаш на аз *одам*, балки аз ҳукумате, ки ин одам муаррифӣ мекунад, метарсад, ва ин чиз ӯро водор мекунад, ки бозистад.

Айнан ҳамин чиз дар ин ҷо низ рӯй дода истодааст. Одам бар ҳама офаридаҳои рӯи замин ҳукмрон буд. Қудрат ва ҳукмронии Худо, ки бо тоҷи шараф ва ҷалол муаррифӣ шудааст, ба одам боварӣ бахшида буд, ки суханони вай муҳиманд, чунки ки аз номи Подшоҳии Худо гуфта мешаванд.

> *Осмон осмони Худованд аст, валекин заминро ба банӣ-одам додааст.*
>
> – Забур 113:24

Ин принсипи салоҳияти одам бар замин барои фаҳмидани қонунҳои Подшоҳӣ ба шумо ҳаётан муҳим аст, махсусан барои дарки зарурияти имон, то ки Худо салоҳияти қонуниро дар ин ё он ҳолат ба даст оварад.

*Лекин Исо ба онҳо гуфт: "Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ". Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод. Ва аз беимонии онҳо дар ҳайрат афтод. Дар деҳоти он музофот гашта, таълим медод.*

– Марқӯс 6:4-6

Агар ман дар кӯча аз одамон мепурсидам, ки оё Исо мӯъҷиза карда метавонад, онҳо, эҳтимол, ҷавоби мусбӣ медоданд, аммо агар ман пурсам, ки дар куҷои Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Исо кӯшиш кард, аммо натавонист мӯъҷиза кунад, он гоҳ онҳо чӣ ҷавоб медоданд?

Бовар кунед, онҳо ба ман мегуфтанд, ки дар Китоби Муқаддас ин гуна ҷой вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин худи ҳозир шумо яке аз ин ҷойҳоро хондед. Исо онҳоро шифо дода натавонист. Ҳамчун олими рӯҳонӣ, мехоҳам, ки сабабашро фаҳмам.

Ҷавоб оддӣ аст. Ӯ натавонист, ва акнун шумо медонед, ки чаро. Сабаб он буд, ки онҳо имон надоштанд, ин чунин маъно дорад, ки онҳо бо осмон розигӣ надоштанд, яъне дар ин ҳолат осмон салоҳияти ҳуқуқӣ надошт.

Мӯътақид шавед, ки он чиро, ки мо ҳоло ошкор кардем, ба таври равшан фаҳмидед.

То даме ки мард ё зан дар дили худ ба он чизе, ки осмон мегӯяд, боварии комил надошта бошад, ки ИМОН ном дорад, осмон дар замин салоҳияти қонунӣ дошта наметавонад.

Ба монанди мисоли дар боло буда, биёед фарз мекунем, ки касе ки шумо ӯро мешиносед, бемор шудааст, ва ин одам дар тамоми ҷаҳон машҳур аст. Аз миллионҳо одамон хоҳиш карданд, ки барои вай дуо гӯянд, онҳо дуо гуфтанд, аммо вай ба ҳар ҳол мурд. Оё Каломи Худо дурӯғ баромад? Не. Ин номумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд ҷавобро дар ҷои дигар ҷустуҷӯ кунем.

*Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад; монанди онҳо набошед; зеро Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад.*

– Матто 6:7, 8

Аксарияти одамон боварӣ доранд, ки чӣ қадар зиёдтар одамон дуо гӯянд, ҳамон қадар бисёртар имконияти он ҳаст, ки Худо онҳоро мешунавад ва ёрӣ медиҳад. Боварӣ дорам, мо аллакай дар ин бора ба қадри кофӣ гуфта гузаштем, то шумо бифаҳмед, ки ин комилан дурӯғ аст. Ва вақте мо мегӯем, ки имон набуд, пеш аз ҳама, мо имони касеро мегӯем, ки ба мӯъҷизаи Худо ниёз дорад. Шумо бояд розӣ шавед, ки дар ҳикояи боби шашуми Инҷили Марқӯс имони Исо фаровон буд, аммо Ӯ шифо дода натавонист.

Барои ҳамин, агар мо бо шумо дар бораи дӯсти беморе, ки барои вай миллионҳо одамон дуо мегӯянд, гап занем, ман аз шумо мепурсидам: “*Ӯ* (дӯсти бемор) *чӣ мегӯяд*?”

Барои касе бист *миллиард* одам метавонад дуо гӯянд, аммо агар бемор гӯяд, ки мемирад, вай мемирад.

Биёед бори дигар мисолеро, ки ҳоло дар боби шашуми Инҷили Марқӯс хондем, аз назар гузаронем. Мо медонем, ки Исо барои шифо додан имон дошт, аммо Ӯ барои одамон бе имони онҳо ҳеҷ кор карда натавонист.

Ба назди ман доимо одамон меоянд ва мегӯянд, ки бибӣ, бобо ё хешовандашон бемор ҳастанд, ва шикоят мекунанд, ки барои онҳо дуо карда истодаанд, аммо чизе рӯй намедиҳад. Ман ҳама вақт мепурсам: “Бибӣ чӣ гуфта истодааст? Бобоят чӣ мегӯяд? Оё онҳо имон доранд?”

Шумо мебинед, ки шумо бар каси дигар қудрати рӯҳонӣ надоред. Шумо метавонед ба ӯ хизмат кунед, аммо ӯ бояд худаш ба ин хоҳиш дошта бошад. Бинобар ин, ман ба одамон мегӯям, ки барои самаранок хидмат кардан чӣ кор бояд кунанд, – аввалан тасвирро бояд тағйир

дод. Ман дар бораи он мегӯям, ки шахси бемор алоқамандона ба вазъияти худ чӣ гуна тасвирро мебинад. Ба вай иқтибосҳои зиёди динӣ додан лозим нест, ба вай тасвирро пешниҳод кунед. Иҷозат диҳед, то бифаҳмонам, ки чӣ мегӯям.

> *Ва шогирдони Яҳё ҳамаи инро ба ӯ хабар доданд. Ва Яҳё ду нафарро аз шогирдони худ даъват намуда, назди Исо фиристод, то ки бипурсанд: "Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё мунтазири дигаре бошем?"*
>
> *Онҳо назди Ӯ омада, гуфтанд: «Яҳёи Таъмиддиҳанда моро назди Ту фиристод, то ки бипурсем: "Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё мунтазири дигаре бошем?"»*
>
> *Дар ҳамон вақт Ӯ бисёр касонро аз касалиҳо ва дардҳо ва аз арвоҳи палид шифо дода ва кӯрони бисёрро бино бахшида буд. Ва Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: "Биравед ва он чи дидед ва шунидед, ба Яҳё бигӯед: кӯрҳо мебинанд, шалҳо роҳ мераванд, махавиён пок мешаванд, карҳо мешунаванд, мурдагон эҳё мешаванд, ба мискинон башорат дода мешавад..."*
>
> – Луқо 7:18-22

Таваҷҷӯҳ кунед, Исо ба Навиштаҷот муроҷиат накард. Ӯ метавонист гӯяд: "Баргардед ва ба Яҳё ин ҷои Навиштаҷотро, ё он ҷои Навиштаҷотро бигӯед". Аммо не, Ӯ ба онҳо дар бораи ҳама чизи неке нақл кард, ки дар Подшоҳии Худо ба амал меояд.

Барои ба дӯст ё ба аъзои оилаатон ёрӣ расонидан, шумо низ бояд чунин рафтор кунед. Ба дӯстатон дар бораи он нақл намоед, ки чӣ тавр Исо каси дигарро шифо дод. Аз рӯи имконият, дар бораи касе ҳикоя кунед, ки айнан аз ҳамин бемorie, ки тани дӯсти шуморо талаф мекунад, шифо ёфтааст. Ин тасвир дӯсти шуморо рӯҳбаланд мекунад ва умед мебахшад. Умед ҳама вақт як тасвири ба худ хосе дорад, ва шумо мехоҳед, ки дӯстатон ин тасвирро бубинад, дида тавонад, ки ба бемории ӯ шифо ҳаст.

Вақте дӯсти шумо мебинад, ки шифо ёфтан мумкин, ӯ аз шумо мепурсад, ки ин чӣ тавр имконпазир аст. Ин ҳамон ҳолатест, ки шумо интизор будед. Ба ҷои мавъиза акнун вай барои шунидани Каломи Худо ва раванди Подшоҳии Худо омода аст. Дар аввал, агар ӯ ҳанӯз аз олами боло таваллуд нашуда бошад, шумо бояд вайро ба Подшоҳии Худо дохил кунед. Ва баъд бояд бо вай каме вақт гузаронда, ҷойҳои Навиштаҷотро оид ба шифоёбӣ фаҳмонед. Аз рӯи имконият барои устувор гардонидани суханҳои худ барои вай маводҳо гузоред. Мо мебинем, ки дар натиҷаи ин корҳо чӣ тавр садҳо одамон аз ҳама намуди касалиҳо шифо меёбанд.

Ба ғайр аз чизҳои дигар, пеш аз ба беморон дуо гуфтан, ман аз онҳо мепурсам, барои чӣ, вақте ки дуо мегӯем, боварӣ доранд, ки шифо меёбанд. Ман мехоҳам, ки имони онҳо аз Каломи Худо вобаста бошад, на ин ки аз дуо, ҳамчун аз як амали оддӣ.

Акнун мо медонем, ки имон чист – ин розигӣ бо осмон, вақте ки дили шумо ба суханони Худо комилан боварӣ дорад. Мо инчунин ҳоло фаҳмидем, ки имон барои он лозим, ки салоҳияти қонуниро, ба воситаи он одаме, ки дар ризоият бо осмон аст, дар замин ба Худо диҳем.

## Чӣ тавр имон пайдо кунем?

*Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи каломи Худост.*

– Румиён 10:17

Чӣ тавр имон тавассути шунидани Каломи Худо пайдо мешавад? Ин чӣ гуна раванд аст? Оё фақат шунидан кофӣ аст, ки дар рӯҳи инсон имон ташаккул ёбад?

Барои фаҳмидани он, ки чӣ тавр имон пайдо мешавад ва дар Нома ба Румиён (10:17) дар ин бора чӣ навишта шудааст, мо метавонем ба боби чоруми Инҷили Марқӯс назар андозем. Ман ҳамеша мегӯям, ки агар шумо Китоби Муқаддаси худро ба ҳаво партоед, вай бояд ба боби чоруми Инҷили Марқӯс кушода шуда, ба замин афтад – он хеле муҳим аст!

Дар Инҷили Марқӯс (4:13) Исо гуфтааст, ки агар шумо дар ин боб он чиро, ки ӯ таълим медиҳад, нафаҳмед, шумо *дигар ягон* масали Китоби Муқаддасро фаҳмида наметавонед. Ман мегӯям, ки ин хеле муҳим аст! Чаро ин боб ин қадар муҳим аст? Барои он ки ин боб ба мо дар бораи робитаи замину осмон, чӣ тавр салоҳиятро ба даст овардани онҳо ва дар куҷо ин ба амал меояд, нақл мекунад. Дар ҳаёти шумо ҳеҷ чизи муҳимтаре нест, назар ба фаҳмидани он, ки дар тамоми ин боб дар бораи чӣ сухан меравад.

Дар ин боб Исо ба мо се масалро нақл мекунад, ки чӣ тавр дар рӯҳи одам имон тавлид меёбад, ки, чуноне ки аллакай медонед, барои амал кардани қонунҳои Подшоҳии Худо дар замин шарти муҳим мебошад. Се ҳикоя дар ин боб – ин масал дар бораи коранда, ҳикоя дар бораи одаме, ки тухмӣ мепошад, ва нақл дар бораи донаи хардал.

Биёед аз ҳикояи дуюм, ки Исо дар боби чоруми Инҷили Марқӯс гуфтааст, сар кунем, дар бораи одаме, ки тухмӣ мепошад.

> *Ва гуфт: “Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз, бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад. Зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст”.*
>
> – Марқӯс 4:26-29

Якум, мо бояд истилоҳҳоро муайян намоем. Исо дар бораи кадом *тухмӣ* мегӯяд ва замин чист? Исо воқеан ин ду истилоҳро дар масали коранда дар ҳамон боб муайян мекунад.

Тухмӣ – ин Каломи Худо, ва замин – ин дили одам, ё ин ки рӯҳи вай. Инак, дар ин масал Исо мегӯяд, ки одам Каломи Худоро дар дили худ мекорад. Ва он вақт хок, ё *дили* одам, *худ аз худ* ба ҳосил кардани имон ё розигӣ бо осмон сар мекунад. Ин раванди табиӣ ва

амали рӯҳи одамии шумо мебошад. Ҳар чизе, ки шумо ба он ҷой медиҳед, инкишоф меёбад.

Пеш аз он ки ман давом диҳам, хеле муҳим, ки шумо таърифи моро дар бораи имон дар хотир нигоҳ доред. *Дили мард ё зан ба он чизе, ки осмон мегӯяд, боварии комил дорад.*

Дар ин ҷо бояд дар ёд дорем, ки розигӣ бо осмон ва розигии ақлӣ бо Каломи Худо айнан як чиз нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Иброҳим *боварии комил* дошт. Барои кӯмак ба шумо барои тасаввуроти аниқ дар бораи он, ки боварии комил чӣ гуна аст ва чӣ гуна ҳис мешавад, биёед тасаввур мекунем, ман ба шумо гуфтам, ки худатонро аз баландии Эмпайр-стейт-билдинг дар Нью-Йорк партоед.

Барои шуморо ба ин кор розӣ кардан ман метавонистам гӯям, ки агар бо дастҳоятон пар занед, метавонед бо муваффақият ба замин фароед. Шумо бар рӯи ман механдидед, чунки медонед, ки бо шумо чӣ ҳолат рӯй доданаш мумкин аст. Шумо аниқ медонед, ки дар натиҷа чӣ мешавад. Ана инро боварии комил меноманд. Шумо *медонед*, ки шумо боварӣ доред, дигар вариант нест. Агар худро партоед, мемиред.

Биёед дигар ҳолатро мисол мегирем ва мебинем, ки чӣ тавр шумо аз ӯҳдаи ин кор баромада метавонед. Фарз кардем, ки дар бадани шумо варами хеле намоён ва ҳаҷмаш калон пайдо шудааст, ва духтур мегӯяд, ки мӯҳлати зисти шумо тақрибан як моҳ аст: ин саратон аст. Зиёда аз ин, духтур мегӯяд, ки намуди саратони шумо чунон камёб, ки ягон касе нест, ки аз ин намуди беморӣ зинда монда бошад.

Акнун фарз мекунем, шумо медонед, ки дар Номаи якуми Петрус (2:24) чӣ навишта шудааст.

> *Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтаед.*
>
> – 1 Петрус 2:24

Навиштаҷот ба мо ҷавоб медиҳад, аммо ману шумо мушкилии ҷиддӣ дорем. Мо дар салтанати зулмот, дар иҳотаи ифрот ва марг ба воя расидаем. Мо дар подшоҳии тарс ба воя расидаем ва ба ҳар чизе, ки тарс мегӯяд, пурра бовар доштем. Ба ҳамин монанд, дар мисоле, ки дар боло оварда шуд, ба мо таълим додаанд, ки саратон кушта метавонад. Дар ҳар як барномаҳои ВАО мо тасдиқи рост будани ин далелҳоро мегирем. Пас чӣ тавр мо розигиамонро тағйир дода метавонем? Чӣ тавр мо метавонем ба суханони Худо боварии комил пайдо кунем? Дар асл, мо мустақилона ин корро карда наметавонем. Вале Каломи Худо зинда ва пур аз қувват аст, ва агар он ба рӯҳи шумо кошта шавад, он гоҳ рӯҳи шумо ва Калом худ аз худ бо он чӣ осмон мегӯяд, розӣ шуданро сар мекунанд.

> *Ва гуфт: “Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро <u>замин худ аз худ бор меоварад</u>, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст”.*
>
> – Марқӯс 4:26-29

Хок (дили шумо) худ аз худ розигӣ ҳосил мекунад. Тахмин кунед, шумо барои имон дуо гуфта наметавонед, ин амали дили шумо ва Калом аст. Ин матнро аз назар гузаронда, мо мебинем, ки розигии дили шумо бо осмон – ин раванд, ва он зуд ба амал намеояд. Ин мисол ба мо дар бораи он мегӯяд, ки дар аввал, вақте дили мо Каломро қабул мекунад, имони мо ба монанди алаф ё монанди ниҳолаки нав аз тухмӣ баромада, ба сабзидан шурӯъ мекунад. Сипас он сабзиданро давом дода, аввал поя, баъд сарак пайдо мекунад. Сарак – ин ҷое, ки дар он тухмӣ ё ин ки мева афзоиш меёбад. Дар ин марҳилаи ҳаёти растанӣ, шумо ҳеҷ чиз хӯрда наметавонед. Растанӣ ҳанӯз самари пухтарасида ба бор наовардааст, аммо вай дар сабзиш аст.

Каломи Худо низ ба ин монанд аст. Вақте ки имон афзоиш меёбад,

дар олами ҷисмонӣ ҳанӯз дигаргуниҳои ба назар намоён нестанд. Ҳанӯз ризоият ба вуҷуд наомадааст, аммо боварӣ дошта бошед, ки растанӣ *дар ҳақиқат* сабзида истодааст ва имон *дар ҳақиқат* устувор гардида истодааст, ва ризоият *дар ҳақиқат* ба амал меояд. Баъдан Исо мефаҳмонад, вақте ки тухмӣ дар сарак пурра пухта мерасад ё тайёр мешавад, дарав фаро мерасад, розигӣ аллакай ҳаст, ва акнун имон низ ҳаст.

Вақте ки шумо ба замин тухмиро мекоред, вай неш зада баромада, месабзад, аммо ҳанӯз мева надорад. Растанӣ дар мавриде хуб сабзиданро давом медиҳад, ки дар муҳити мувофиқ бошад, ва вақте пухта мерасад, он гоҳ мева меорад.

Фарз кардем, шумо ҷуворимакка парвариш менамоед. Ҷуворимакка неш зада мебарояд, аммо дар аввал он танҳо як хӯшагули хурдест, ки меваи хӯрданбоб надорад. Аммо бо гузашти вақт сӯтаи ҷуворимакка пухта мерасад. Инро фаҳмидан лозим аст! Вақте ки донаҳои сӯтаи ҷуворимакка бо донаҳое, ки ба замин кошта шуда буданд, мувофиқ меоянд, дар он ҳолат дар байни онҳо ризоият ҳаст.

*Вақте ки тухмии дар сараки растанӣ ҷойгир буда пухта мерасад, вай айнан – АЙНАН – монанди ҳамон тухмие мешавад, ки кошта шуда буд.*

Ҷуворимаккаро кишт кунед, ва тухмии пухтарасида дар сӯтаҳо бо тухмие, ки шумо кошта будед, мувофиқат хоҳад кард. Онҳо якхела мебошанд. Онҳо якранг метобанд, якхела мазза доранд ва шумо онҳоро аз якдигар фарқ карда наметавонед.

Иҷозат диҳед, ки суханони Исоро дигар хел шаҳр диҳам. Вақте ки мо Каломи Худоро мешунавем (ниг. Рум. 10:17), мо ҳақиқатан Каломи Худоро ба одами рӯҳонии худ, ба дилҳои худ, кишт мекунем. Агар мо ин Каломро дар дили худ нигоҳ дорем, он месабзад ва пухта мерасад, ва вақте ки пухта мерасад, дилҳои мо ба он чизе, ки осмон мегӯяд, боварии комил ҳосил мекунад. Осмон ва замин бо ҳам ба мувофиқат меоянд, ва акнун осмон ба воситаи одаме, ки боварии комил дорад, дар подшоҳии заминӣ салоҳияти қонунӣ пайдо мекунад. Фикрҳо ва

эътиқоди мо айнан бо он чизе, ки осмон мегӯяд, бо эътиқоди комил, мувофиқ меоянд. Ин чизи ақлонӣ нест. Акнун он ба чизе табдил ёфтааст, ки мо ба он ҳақиқатан боварӣ дорем, бо ҳамон эътиқоде боварӣ дорем, ки агар сангро ба ҳаво партоем, он ба замин меафтад. Осмон ба подшоҳии заминӣ Калом мекорад, ва дар он ҷо онро ба розигӣ ва иродаи Худо меорад. Агар осмон гӯяд, ки шифо ёфтаед, ва вақте ки ин Калом дар дили шумо пухта мерасад, он гоҳ фақат он чизеро мебинед, ки осмон ба шумо мегӯяд. Дигар ҳеҷ гуна тарс вуҷуд надорад. Вақте ки шумо чашмонатонро мепӯшед, худро шифоёфта мебинед! Ана барои чӣ дар Нома ба Ибриён оварда шудааст, ки:

> *Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*
>
> – Ибриён 11:1

Шояд шумо ҳанӯз онро дар олами ҷисмонӣ намебинед, аммо дар рӯҳи худ мебинед, ва ин ба мисли он, ки шумо онро дар даст дошта бошед, воқеӣ аст. Ин ризоият имон ном дорад, ва ба туфайли ҳамин имон ин тасвир дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, дар ҳаёти шумо ба амал меояд!

Аммо диққат кунед, боби чоруми Инҷили Марқӯс бо ҳамин ба анҷом намерасад. Баъд аз он, ки Исо ба мо дар бораи он таълим дод, ки чӣ тавр дил бо осмон ба розигӣ меояд ва дар он имон пайдо мешавад, Ӯ дар бораи чӣ тавр он ҳосилро ҷамъоварӣ намудан ба мо дастурамал медиҳад.

> *Ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст.*
>
> – Марқӯс 4:29

Бубинед, ҳатто дар ҳолате, ки дил бо осмон розигӣ дорад, ва имон ҳаст, ҳоло ҳеҷ чиз рӯй надодааст. Чаро? Тавре ки мо тамоми ин вақт гуфтем, шумо дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, дорои салоҳияти қонунӣ мебошед.

Муҳокимаи моро оид ба боби ҳаштуми Инҷили Юҳанно, дар бораи зане, ки хунравӣ дошт, дар хотир доред? Суханони Исоро дар хотир доред: “Духтарам, имонат туро шифо дод”? Ман он вақт гуфта будам, ки калимаи *духтар*, маънои дар осмон мақоми қонунӣ доштанро дар бар мегирад, азбаски вай духтари Иброҳим буд, ӯ ҳуқуқҳои қонунӣ дошт. Ман инро ба ноқили қувваи барқ, ки ба хонаи шумо гузаронида шудааст, монанд кардам. Қувваи барқ ҳаст ва дастрас аст, аммо шумо ба ҳар ҳол бояд худатон чароғро фурӯзон кунед. Ин айни ҳамон аст. Вақте ки имон ҳаст, қувваи барқ дастрас аст, аммо ҳоло ҳеҷ чиз рӯй надодааст, барои он ки шумо бояд олоти қатъу васли ҷараёни барқро ба кор андозед.

Шумо бояд қуввати Подшоҳии Худоро дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, ба кор андозед, барои он ки фақат шумо, мард ё зан дар замин ин корро карда метавонед. Маҳз бо ҳамин принсип шумо наҷот ёфта будед, чи хеле ки дар Нома ба Румиён ёдрас шудааст.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*
>
> – Румиён 10:10

Одам бо дил ба Калом бовар мекунад ва асос дорад. Асоснокӣ – ин истилоҳи ҳуқуқӣ, ки татбиқи қонунро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, вақте ки дили мард ё зан дар ҳолати розигӣ бо осмон аст, ва ба он чизе, ки осмон мегӯяд, бовар мекунанд, онҳо дар назди осмон ва замин асос пайдо мекунанд. Акнун осмон ҳуқуқ дорад, ки *ба* ҳаёти онҳо дохил шавад ва *ба воситаи* онҳо аз номи Подшоҳии Худо дар замин амал кунад. Аммо, чи тавре ки аҷиб нанамояд ҳам, ҳатто баъд аз он, ки ҳама чиз қонунӣ шуд ва онҳо дар имон ҳастанд, ҳоло ҳам дар ҳаёташон чизе ба амал намеояд. “Аммо, Гэри, ба гумонам, ту гуфта будӣ, ки агар ман дар имон бошам, ин ба осмон дар ин ҷо салоҳияти қонунӣ медиҳад”. Рост, аммо касе барои дар ин ҷо амал кардани осмон бояд иҷозат диҳад. Биёед бори дигар ба Навиштаҷот назар меандозем.

*Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*

– Румиён 10:10

Вақте ки шумо имон, ё асос, пайдо кардед, осмон ҳуқуқ дорад, ки ба замин дохил шавад, аммо аҳамият диҳед, дар идома гуфта мешавад, ки маҳз *бо даҳони худ* эътироф мекунад, ки ин барои наҷот аст.

**ВАҚТЕ КИ ШУМО ИМОН, Ё АСОС, ПАЙДО КАРДЕД, ОСМОН ҲУҚУҚ ДОРАД, КИ БА ЗАМИН ДОХИЛ ШАВАД.**

Шумо ду қисмро мебинед? Осмон ба дили шумо Каломро ҷо мекунад, ва он дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, ризоиятро ба вуҷуд меорад. Сипас, вақте ки ризоият ва имон ҳосил шуд, шумо бояд мувофиқи ин ризоият амал кунед ва иҷозат диҳед, ки қудрати осмон дар вазъияти шумо амал кунад, то он чиро, ки осмон мегӯяд, ба даст оред.

Дар мисоли мо аз Навиштаҷот дар Инҷили Марқӯс (4:29) гуфта мешавад, ки вақте мавсими ҷамъоварии ҳосил фаро мерасад, одам (дар замин) досро ба даст мегирад. Маҳз ӯст, ки бояд, баробари пайдо шудани имон, мувофиқи Каломи Худо амал кунад, ва дар ҳақиқат ин ҳосилро ба даст орад.

Иҷозат диҳед ман як лаҳза ба боби чоруми Инҷили Марқӯс баргардам ва дар бораи дос сухан ронам. Ман боварӣ дорам, ки ба қисми зиёди аҳли калисо чӣ тавр истифода бурдани досро таълим нагодаанд, яъне ба онҳо тарзи ҷамъоварӣ намудани он ҳосилеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд, наомӯзонидаанд. То даме ки Худованд чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро таълим надод, ман низ инро намедонистам. Нахустин кушоишро оид ба ин раванди ҳаётан муҳими Подшоҳӣ ман бисёр сол пеш гирифта будам, вақте ки маро барои баромад кардан ба калисои Атланта ба ибодати шоми рӯзи чоршанбе даъват карданд.

Калисо на он қадар калон буд, аммо ман аз ин пурра қаноатманд будам. Ба ман хеле маъқул буд, ки ба одамон дар бораи Подшоҳии Худо таълим диҳам. Вақте ки ман ба калисо омадам, ба ман тааҷҷубовар намуд, ки дарҳо қулф ва касе наменамуд. То саршавии ибодат даҳ дақиқа монда буд.

Ман аз қафои худ овози баланди мошини боркашро шунидам, ва, ба пас нигоҳ карда, пикапи кӯҳнаро дидам, ки ба ҳудуди калисо медаромад. Ман аҳамият надодам, охир, ман дар маркази Атланта будам.

Вақте интизорӣ доштам, аз пушти бино марде баромада, худро ҳамчун шубон шинос намуд. Вай барои дер карданаш узр пурсид, ва аз пикапи кӯҳнаи худ, ки ба кор даромадан нахост, шикоят кард. Ӯ ба ман нақл кард, ки вай маҷбур шудааст, ки барои мошинро ба кор андохтан онро аз баландӣ телакунон ба ҳаракат дароварад, чунки симтаноб аз кор баромада буд, гоҳо мошини боркаш тамоман ба кор намедарояд, ва ба ӯ лозим мешавад, ки то калисо панҷ милро пиёда тай кунад.

Бояд иқрор шавам, ки ман камтар ба ҳайрат афтодам. Баъдан вай фаҳмонд, ки ҳақиқатан калисои онҳо пеш аз ҳама ба хизматгузории иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷо ӯ ҳармоҳа ба ҳазорҳо одамон ғизо медод, кӯмак одатан дар як моҳ беш аз даҳ ҳазор хӯроки нисфирӯзиро ташкил медод.

Вақте ки шубон сухан мегуфт, ман боз ҳам зиёдтар ғамгин мешудам. Ана марди Худо, ки даҳ ҳазор касро хӯрок медиҳад, аммо ӯ ақаллан як мошини хуб надорад? Ман дар ин бора ғамхорӣ карда метавонистам. Ман мошини басо нав доштам, ки ҳамагӣ бист ҳазор мил тай карда буд, ва метавонистам онро ба вай тӯҳфа кунам.

Ман нияти худро ба вай гуфтам ва илова намудам, ки яке аз коргаронамро ба Атланта бо мошин мефиристонам. Вай, албатта, хеле хурсанд шуд. Ман тамоми он бегоҳ ба ӯ ва рамаи хоксораш оиди Подшоҳии Худо ва дар бораи он ки чӣ тавр он дар муносибат бо пул амал мекунад, таълим додам. Ман зарур мешуморидам, ки онҳо бояд муаррифии Подшоҳии Худоро ба нафароне, ки ба он бениҳоят ниёз доранд, шурӯъ намоянд.

Ба хона баргашта, ман гапзанон кардам, то ки мошинро ба Атланта бурда расонанд. Вақте ки коргарам барои гирифтани мошин омад, ман медонистам, ки дар осмон шартномаи рӯҳонӣ баста истодаам. Ман медонистам, ки ин мошинро ба Подшоҳии Худо дода истода, метавонам бовар кунам, ки агар он ба ман лозим шавад, Худо ба ман низ мошин дода метавонад.

Ман он қадар ҳам дӯстдори мошин нестам, яъне ман ба мошин дилбастагӣ надорам. Баъзе одамон ба мошинҳо сахт дилбастагӣ доранд, аммо ман не. Барои ҳамин, вақте ки корманди ман барои бурдани он омад, дастамро ба мошин гузошта, гуфтам: “Падар, ман ин мошинро барои хизматгузорӣ дар Атланта медиҳам. Ман онро ҳамчун тухмӣ мекорам ва боварӣ дорам, ки... мегирам”. Ман гуфта натавонистам, ки чӣ гуна мошинро мехоҳам. Бинобар ин, гуфтам: “Ман боз оиди ин масъала бо Ту сӯҳбат мекунам!”

Дар тӯли чанд моҳи минбаъда ман дар бораи мошин он қадар ҳам зиёд фикр накардам, аммо як саҳар ман аз Дренда пурсидам, ки вай кадом намуди мошинро мехоҳад. Камтар фикр карда, гуфт, ки ба вай кабриолет маъқул аст. Ман савол додам, ки маҳз кадом намуди кабриолет ба вай писанд аст, аммо ману Дренда ягон намуди вуҷуддоштаи кабриолетро ба ёд оварда натавонистем. Азбаски ман барои Дренда мошин мехаридам, мехостам дилпур бошам, ки вай маҳз мошини дӯстдоштаашро ба даст меорад. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар Интернет ё ин ки дар гирду атроф ҷустуҷӯ кунад, ва агар кабриолети маъқул кардаашро пайдо кунад, ба ман бигӯяд. Мо ба ҳеҷ кас оиди хоҳиши мошини нав гирифтанамон нагуфта будем, аммо дар шаҳр давр зада, дар ҷустуҷӯи мошине, ки диққати моро ҷалб мекард, ба ҳар тараф нигоҳ мекардем.

Як рӯз мо ба тарабхонаи маҳаллӣ барои хӯрокхӯрӣ наздик мешудем, ки ногоҳ Дренда фарёд зада гуфт: “Ана вай!”

“Ана чӣ?” – ман аз ӯ пурсидам.

“Мошине, ки ба ман писанд аст”. Вай ба тарафи муқобили истгоҳи мошинҳо ишора кард. Ман истгоҳро давр зада, дар назди кабриолети

“БМВ”-и силсилаи 6-ум, бешубҳа мошини зебо, истодам. Боз илова мекунам, ки ин мошин қимат аст. Ман ӯро барои завқаш таъриф карда, гуфтам, ки мошин аҷоиб аст.

Акнун шумо бояд донед, ки мо бо Дренда барои мошин маблағи зиёд сарф намекунем. Чуноне ки пештар гуфтам, ман мухлиси мошин нестам. Дар соҳаи молия кор карда, ман медонам, ки чӣ тавр зуд онҳо камарзиш мешаванд ва ҳама вақт беҳтар аст, ки мошини истифодашудаи як ё дусоларо харидорӣ намоед. Ва инак нақшаи ман чунин буд: ман мошини аълои истифодашударо ҷустуҷӯ мекунам.

Баъд аз як ҳафта ба ман ҷавоне аз калисо занг зада, гуфт: “Ман мошини Дрендаро ёфтам”. Ман ҳайрон шудам, барои он ки мо ба ҳеҷ кас дар бораи “БМВ”, ки ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ дида будем, нақл накарда будем.

Барои ҳамин, ман аз ӯ пурсидам, ки он чӣ гуна мошин аст, ва ӯ гуфт, ки ин кабриолет “БМВ”-и сисилаи 6-ум. Вайро дар наздикиҳо дид, ва Худо гуфт, ки ин мошини Дренда аст.

“Хайр, акнун ту маро шавқманд кардӣ”, – ҷавоб додам ман ба ӯ. Ба мошин як сол шуда буд ва он ҳолати аъло дошт. Дар натиҷа ман барои он пули нақд супоридам, ва Дренда мошини худро соҳиб шуд. Чӣ тавр ин ба амал омад? Биёед ин ҳодисаро бо он чи ки мо дар бораи дар имон будан ва истифода бурдани дос фаҳмидем, муқоиса кунем.

Вақте ки ман мошинамро медодам, ман имон доштам. Аммо вақте ки Дренда гуфт: “Ана вай!”, ӯ досро истифода бурд ва баъд аз чанд рӯз мошин пайдо шуд.

Гарчанде “Ана вай!”, гуфтани ӯро шунидам, ман ҳеҷ вақт ин арзи ӯро бо боби чоруми Инҷили Марқӯс ва дос алоқаманд намекардам. Аммо воқеаи навбатӣ инро ба куллӣ равшан кард.

Тавре ки ман аллакай гуфтам, ман шаст гектар замин дорам, ки аз он тақрибан даҳ гектараш ботлоқзор мебошад. Ман дар фасли тирамоҳ шикор карданро дӯст медорам, гарчанде ман ҳанӯз дар овони мактабӣ мурғобиҳоро шикор мекардам, ин ҷо, дар Оҳайо, бо шикори мурғобиҳо машғул нашуда будам. Аммо он сол замин хеле

ботлоқ буд, ва ба он ҷо тӯда-тӯда мурғобиҳо парвоз карда меомаданд. Ҳамарӯза садҳо паррандагон барои шабгузаронӣ меомаданд. Барои ҳамин, як шаб ман милтиқро ба даст гирифта рафтам ва вақтро хуб гузаронидам, барои хӯроки шом ба якчанд мурғобӣ тир андохтам. Он тирамоҳ ҳам ман, ва ҳам писаронам мурғобиҳоро хуб шикор кардем.

Аммо ман як чизро пайхас кардам: бисёр вақт мурғобиҳо аз масофаи тирпаррронӣ хеле дур буданд. Барои шикори мурғобиҳо аз рӯи қонун фақат сочмаи пӯлодиро истифода бурдан мумкин аст, на қӯрғошимии анъанавиро. Сочмаи қӯрғошимӣ вазнинтар аст ва назар ба пӯлодӣ нерӯи худро хеле зиёдтар нигоҳ медорад, ин рӯ ҳангоми шикори мурғобӣ бо сочмаи пӯлодӣ ба дур тир андохтан мушкилӣ эҷод мекунад. Аммо он тирамоҳ вақте ки ман бо дӯстонам оиди шикори мурғобӣ сӯҳбат кардам, онҳо ба ман дар бораи туфангҳои наве нақл карданд, ки махсус барои шикори мурғобиҳо бароварда шудаанд. Онҳо бо сочмаи вазнинтар тир парронида метавонистанд ва камуфляж карда шуда буданд. Ман ба харидории ин туфанг хеле ҳавасманд шудам, аммо моҳи декабр буд, ва мавсими шикори мурғобиҳо ба охир мерасид, ва ман дар ин бора на он қадар зиёд фикр кардам.

Дар аввали моҳи январ тасодуфан ба мағозаи молҳои варзишии маҳаллиамон “Кабеллас” даромадам, ва туфангҳо барои шикори мурғобиҳо ба ёдам омад. Ман онҳоро дидан хостам. Аз назди растаҳои фурӯши туфангҳо гузашта истода, ман тамоми навъҳои гуногуни онҳоро аз назар гузарондам, ки барои шикори сайдҳои обӣ бахшида шуда буданд. Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр бе ягон дудилагӣ бо ангуштонам ба туфанге, ки ба назарам беҳтарин намуд, ишора карда, бо овози шунаво гуфтам: “Худовандо, ман инро мегирам”. Ман дар бораи чизе фикр накарда гуфтам, нохост аз даҳонам баромада монд. Мавсими ояндаи шикори мурғобиҳо дар тирамоҳ фаро мерасид, ва ман нақша кардам, ки туфангро наздиктар ба мавсим харидорӣ мекунам.

Баъд аз ду ҳафта маро даъват намуданд, ки дар бизнес-конфронс баромад намоям. Вақте ки суханамро анҷом додам, директори

генералӣ баромада, миннатдорӣ баён кард ва гуфт, ки ба ман тӯҳфа супоридан мехоҳад. Ва, бовар нокарданист, лекин ӯ ба ман айнан он туфангро, *айнан ҳамон намудеро* тақдим кард, ки ман ду ҳафта пеш дар “Кабеллас” ба он ишора карда будам. Албатта, ман аз ин тӯҳфаи олиҳимматона беандоза ба тааҷҷуб афтодам, аммо медонистам, ки ин тасодуф набуд. Ман суханони дар мағозаи “Кабеллас” гуфтаамро ба ёд овардам, ва фаҳмидам, ки ман чӣ кор кардам. Ман досро ба кор андохтам!

Чи тавре ки аллакай гуфта гузаштам, фаҳмидани он чи ки ҳоло ҳозир шумо дар ин боб хондед, *ҳаётан муҳим* аст, то аз Худо чизе, ки мехоҳед, гирифта тавонед. Ҳар чизе, ки шумо аз Худо гирифтан мехоҳед, бо ҳамин тарз ба даст меоред, бинобар ин, боварӣ ҳосил намоед, ки чизи ҳозиракак хондаатонро фаҳмидед. Агар лозим бошад, боз хонед! Ин хеле муҳим аст!

БОБИ 8

# БА ШУМО ҲАМЁН ЛОЗИМ АСТ. ҚИСМИ ДУЮМ

Мо маҷбур шудем, муфассалтар истода гузарем, зеро медонам, ки барои шумо то чӣ андоза фаҳмидан муҳим аст, ки Подшоҳии Худо чиро ифода мекунад. Боз ҳам, аксарияти масеҳиён дар бораи амали қонунии Подшоҳии Худо дар замин ягон хел тасаввурот надоранд, ва ҳамчунин дар бораи он мавқеи қонуние, ки онҳо шахсан дар Подшоҳӣ доро ҳастанд, намедонанд. Акнун шумо медонед, ки барои чӣ ман маҷбур шудам, ки ба мавзӯи имон ва юрисдиксия руҷӯъ намоям. Зеро ки бе фаҳмиши асосӣ, шумо дарк намекунед, ки дар боби чоруми Инҷили Луқо чӣ навишта шудааст, ҳангоме ки дар он ҷо таъкид шудааст, ки аввал бояд Подшоҳии Худоро ҷустуҷӯ кард ва ҳама чиз ба шумо илова мешавад.

Акнун, ки шумо медонед, ки ин чӣ маъно дорад, биёед ба матнамон баргардем.

> *Ва шумо дар ҷустуҷӯи он набошед, ки чӣ бихӯред ё чӣ бипӯшед, ва аз ғам осуда бошед, чунки қавмҳои ҷаҳон дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд; лекин Падари шумо медонад, ки шумо ба ин чизҳо эҳтиёҷ доред; балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд. Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад.*

> *Дороии худро бифрӯшед ва садақа диҳед. Барои худ ҳамёнҳои кӯҳнанашаванда, ганҷи бепоён дар осмон муҳайё созед, ки дузд ба он наздик намешавад, ва куя онро намезанад; зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд.*
>
> – Луқо 12:29-34

Боз ҳам, Падар аллакай медонад, ки ба шумо чӣ лозим аст, ва ҳама чиз барои шумо кайҳо дода шудааст, аммо шумо бояд раванди қонунии аз осмон ба даст оварданро донед ва фаҳмед, то ки аз ҳама чизе, ки Ӯ дорад, баҳра баред.

Дар ояти сию дуюм мероси нотакрор тавсиф шудааст, ки шумо онро ҳамчун писар ё духтари Подшоҳ ба даст меоред. Ӯ мегӯяд: *“Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад”.*

> *Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем. Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем, агар ҳақиқатан бо Ӯ азобу уқубат кашем, то ки бо Ӯ низ ҷалол ёбем.*
>
> – Румиён 8:16, 17

Павлус мегӯяд, ки ҳамирсони Масеҳ ҳастем. Шумо писар ё духтар буда, мерос доред – Подшоҳии Худо.

Бозистед ва дар ин бора як лаҳза фикр кунед. Шумо аллакай бар ҳар чизе, ки дар Подшоҳӣ ҳаст, ҳуқуқи қонунӣ доред. Онҳо кайҳо аз они шумоянд.

Оҳ, чӣ хел ман умедворам, ки шумо дар ҳақиқат ин ваъдаҳоро ба даст меоред. Ин аст, ки дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён чунин гуфта шудааст:

> *Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ “оре” буд ва дар Ӯ “омин” буд, – барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо.*
>
> – 2 Қӯринтиён 1:20

Ин аст, ки дар китоби охирини ман *“*Инқилоби молиявии ту. Қуввати таъминот*”* ба шумо гуфта будам, ки дуои *“*Эй Падари мо*”* шакли талаби қонунӣ ё дархостро дорад. Вақте ки гуфта мешавад: *“Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ”*, ин савол нест, ин дархост аст.

Монанди фарзандонам, ки аз ман ноништаро илтимос карда намегиранд (онҳо чунин амал мекунанд, ки гӯё вай ба онҳо тааллуқ дорад: *“*Эй падар, тухмро гирифта деҳ*”*), бо Подшоҳӣ низ чунин – шумо аллакай ба ҳама чиз бо воситаи Исои Масеҳ ҳуқуқ доред.

Ба ғайр аз дастрасии қонунӣ ба он чизе, ки дар Подшоҳии Худо ҳаст, боз шумо шаҳрванди он мебошед, ин афзалияти бештареро дар бар мегирад, тавре ки шаҳрвандии шумо дар Иёлоти Муттаҳида имтиёзҳоро ба шумо медиҳад, ки дар акси ҳол шумо аз он истифода бурда наметавонистед.

> *Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо…*
>
> – Эфсӯсиён 2:19

Ва, ниҳоят, биёед дар бораи ҳамён сухан ронем! Исо ба мо гуфт, ки ба шумо ҳамён лозим аст, дар ёд доред?

> *Дороии худро бифрӯшед ва садақа диҳед. <u>Барои худ ҳамёнҳои</u> кӯҳнанашаванда, ганҷи бепоён дар осмон <u>муҳайё созед</u>, ки дузд ба он наздик намешавад, ва куя онро намезанад; зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд.*
>
> – Луқо 12:33, 34

Барои худ ҳамён пешбинӣ кунед, ганҷ дар осмон, ки ҳаргиз гум намешавад ва онро ҳеҷ кас аз шумо намегирад. Биёед дарҳол як чизро равшан кунем: Исо намегӯяд, ки шумо бояд ҳама чизро фурӯхта, бо кисаи холӣ монед, то он даме, ки ба осмон равед. Дар ёд доред, Павлус – ҳамон одаме, ки боби нӯҳуми Номаи дуюм ба Қӯринтиёнро навиштааст, дар он ҷо мегӯяд, ки мо аз ҳар ҷиҳат бой

мешавем, то барои ҳар як кор саховатманд бошем. Инак, бидонед, Павлус намегӯяд, ки пул ё чиз доштан ин гуноҳ, ё ин ки хатогӣ мебошад, ӯ инро дар назар надорад. Исо мегӯяд, ки агар пулҳо ва чизҳо *бар шумо ҳукмрон шаванд,* беҳтар аст, ки онҳоро фурӯшед ва дили худро ба ганҷе, ки шумо гум карда наметавонед ва он абадӣ аст, моил кунед.

Мо ба пул ҳамчун ба бут саҷда карда, ба воя расидаем. Пул ба мо кӯмак мекунад, ки он чизеро, ки дар ҳаёт лозим аст, ба даст орем. Аммо чи тавре ки бисёриҳо маълум карданд, пул худои хеле оҷиз аст. Ин аст, ки Павлус ба Тимотиюс фармон дод, ки вай ҳамаи одамони сарватмандро огоҳ кунад, ки онҳо қурбонӣ намоянд ва саховатманд бошанд, то ки рӯҳан саломат бимонанд. Пулро ҳамчун бут қабул кардан барои дил кори хеле осон аст. Саховатмандӣ – давои хасисӣ. Онро зуд-зуд таҷриба кунед.

> *Сарватдорони ин дунёро амр фармой, ки ҳавобаландӣ накунанд ва ба сарвати бебақо умед набанданд, балки ба Худои Ҳай, ки ҳама чизро барои маишати мо ба фаровонӣ ато мекунад; бигзор онҳо некӣ кунанд ва аз аъмоли нек сарватманд шаванд, валинеъмат ва одамдӯст бошанд ва барои худ ганҷе ғун кунанд, ки барои оянда асоси нек гардад, то ки ҳаёти ҷовидониро аз они худ созанд.*
>
> – 1 Тимотиюс 6:17-19

Аҳамият диҳед, Павлус ба Тимотиюс мегӯяд, ки ба онҳо саховатманд буданро *амр фармояд,* на ин ки *пешниҳод кунад.* Дар хотир нигоҳ доред, пул зарур аст, аммо он худи ҳаёт нест.

## Пас, ганҷи шумо дар куҷост?

Хайрот на танҳо дили шуморо нисбати Худо ва одамон нарм мекунад, балки ҳукмронии пулро дар ҳаёти шумо камтар месозад. Дил ба ҳар чизи шумо пешниҳод карда рағбати ҳасад бурдан ва парастиданро дорад, бинобар ин, барои бемақсад гумроҳ гаштани

дил набояд иҷозат диҳем. Мо бояд дили худро ба сӯи Худо ҳамчун ба сӯи чашма равона кунем. Хайрот ба хасисӣ, ки хеле осон ба дили мо дохил мешавад, муқобил меистад.

Пас, умуман барои чӣ мо бояд бидиҳем? Чаро Худо бе қурбонии мо наметавонад ба мо ёрии молиявӣ расонад? Ин саволи хуб аст, ва мо ҷавобро дар боби чоруми Инҷили Луқо меёбем.

Якум, Худо пул надорад, чи тавре ки ман пештар гуфтам. Дуюм, Ӯ ба Одам ҳукмронии пурра ва комил дод, тавре ки дар Нома ба Ибриён (2:7, 8) гуфта шудааст.

> *Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта баровварда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: "<u>Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба дасти Ту медиҳам</u>, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам; пас агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад".*
>
> *Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Аз Ман дур шав, эй шайтон; навишта шудааст, ки: "Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо"».*
>
> – Луқо 4:5-8

Ин порчаи Навиштаҷот ба лаҳзаи ба васваса афтодани Исо дар биёбон бахшида шудааст. Шайтон ба Исо мегӯяд, ки тамоми ҳукмронӣ ва ҳашамати дунё ба вай дода шудааст. Ва ҳа, ин дуруст аст. Одам чунин мавқеъ дошт, аммо, вақте ки ба Подшоҳии Худо хиёнат кард, ин унвонро ба шайтон дод.

Шаъну шарафи халқ – ин сарвати вай, аммо қобилияти ҳукмронӣ бар ин сарват акнун ба шайтон тааллуқ дорад. Ошуфта нашавед – дар матн гуфта намешавад, ки шайтон бар худи ҳашамати замин *ҳукмронӣ* ба даст овардааст. Худо бар тамоми замин ва ҳар чизе, ки дар он аст, ҳукмрон мебошад. Аммо дар матн гуфта мешавад, ки шайтон бар тамоми сарвати халқҳо *ҳуқуқи қонунӣ* дорад.

Агар шумо ба воҳиди пулӣ назар андозед, мебинед, ки он ҳамеша

аз тарафи давлате сикка зада ё чоп карда мешавад, ки асъори худашро пурра идора мекунад. Аз сабаби амали Одам, Худо наметавонад ба асъори давлат даъво кунад ё онро ба таври қалбакӣ созад. Лекин агар Худо дар подшоҳии заминӣ касеро ёбад, ки ба Ӯ боварӣ дорад ва тайёр аст, ки пулҳоро дар салоҳият ва ҳукмронии Ӯ кишт кунад, он гоҳ Худо дастрасии қонуниро ба даст меорад ва метавонад дар ин ҳолат иштирокчии комилҳуқуқ шавад.

Аммо, боз ҳам, Худо пул надорад, барои ҳамин, ман чиро дар назар дорам, вақте мегӯям, ки Худо метавонад ба маблағҳои мо дахолат намояд? Гарчанде ки Худо наметавонад пулро ҳамту маҷбур кунад, ки ба таври сеҳрнок пайдо шавад (ин аз сабаби даъвоҳои қонунии шайтон ғайриқонунӣ мебуд), Ӯ метавонад ба шумо кӯмак кунад, ки сарват ба даст оред ё эҷод кунед.

Мисли ҳикояҳое, ки ман пештар дар ин китоб овардам, саховатмандӣ ба осмон салоҳияти қонунӣ медиҳад, ки барои касоне, ки қурбонӣ мекунанд, дар соҳаи молиявӣ дастуру нишондодҳо диҳад. Ҳикояро дар бораи моҳӣ дар боби панҷуми Инҷили Луқо дар ёд доред? Омодагии Петрус барои додани қаиқ ба Исо барои мавъиза дари қонуниро барои Рӯҳулқудс кушод, то ба моҳие, ки дар чуқурӣ дастрас буд, ишора намояд.

**ДОДАНИ МО БА ХУДО ДАРИ МУТАҚОБИЛАРО МЕКУШОЯД, КИ ҚОНУНИ ХЕЛЕ МУҲИМ ДАР ПОДШОҲИИ ХУДО АСТ. МО ЧИЗЕРО, КИ МЕКОРЕМ, ҲАМОНРО ДАРАВ МЕКУНЕМ.**

Додани мо ба Худо дари мутақобиларо мекушояд, ки қонуни хеле муҳим дар Подшоҳии Худо аст. Мо чизеро, ки мекорем, ҳамонро дарав мекунем.

Ба ибораи дигар, маблағро барои Подшоҳӣ ва кори Худо дода истода, мо худро бо ҳамён таъмин мекунем. Қурбониҳои мо бароямон ба боигариҳои осмон дастрасӣ медиҳанд, ана барои чӣ Павлус “қурбонӣ”-ро ҳамёни мо меномад. Ин ҳама чизро дар ҳаёти мо иваз мекунад. Мо дигар фақат бо фаҳмиши худ маҳдуд нестем.

Худи Худо акнун ба мо ёрӣ мерасонад, ки комёб гардем.

*То ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*

— 2 Қӯринтиён 9:11

Аҳамият диҳед, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ки шумо бой *мегардед*, на ин ки шумо бояд *кӯшиш кунед*, ки бо қувват ва ҳикмати худ боигариро ба даст биёред. Не, шумо шарики нав доред, ки Рӯҳулқудс аст, ва Ӯ аз шумо басе зиёдтар медонад.

Ман метавонам ба хотир биёрам, ки чӣ тавр мо дар он нӯҳ соли пур аз асабоният шикаста будем. Пул, ё, дурусттар гӯям, тарси бе маблағ мондан, бар дили ман устувор ҳукмронӣ мекард. Сарфи назар аз он, ки ман масеҳӣ будам, на ба он дараҷае ба Худо бовар мекардам, ки дили ман ба системаи лаънатшудаи заминии худ хиёнат кунад. Ман ба дигар ганҷ бothварӣ доштам! Дар он лаҳза дилпурии ман танҳо ба *худам* нигаронида шуда буд, ва ин интихоби нодуруст буд.

Худо бояд ба ман чӣ тавр худро бо ҳамён таъмин карданро таълим медод, то барои файз ва имкониятҳои Ӯ дастрасӣ пайдо кунам. Ва гарчанде ман фикр мекунам, ки касе ки маро мешиносад, тасаввур мекунад, ки чӣ тавр Худо ин корро кард, аммо ман мехоҳам бори дигар ба ҳар ҳол ин саргузаштро бигӯям, агар шумо баногоҳ онро надонед. Дар омади гап, Худо як стратеги хуб аст, Ӯ аниқ чӣ тавр ба ҳар яки мо наздик шуданро медонад.

Ман шикори оҳувонро дӯст медорам, аммо тӯли чанд сол ман дасти холӣ бармегаштам. Ман ҳар рӯз паи ҳам аз хона мебаромадам, дар хунук менишастам, аммо ҳамааш бенатиҷа буд. Гап дар сари он нест, ки ман фақат шикор карданро дӯст медорам, ман бояд фарзандонамро мехӯрондам, ва гӯшти оҳу аниқ халал намерасонд. Гарчанде ки ман дар гузашта бад шикор намекардам, аз охирин мавсими хуби ман, ки ба хона гӯшт меовардам, чанд сол гузашта буд.

Як рӯз, вақте ки ман оиди мавсими дарпешистодаи шикор фикр мекардам, ман овози Худовандро шунидам. Ӯ гуфт: “Чаро ту ба Ман

иҷозат намедиҳӣ, ки имсол ба ту чӣ тавр оҳу ба даст оварданро нишон диҳам?"

Ин маро ҳайрон кард. *"Имсол ба ту чӣ тавр оҳу ба даст оварданро нишон диҳам?"* Ин чӣ маъно дорад? Оиди ин суханҳо дуо гуфта истода, ман барои коштани тухмии молиявӣ, ё ҳадя, маҳз барои сайди ин оҳу бедорӣ ҳис кардам. Ман ҳис намудам, ки Худо ба ман гуфт, ки вақте барои оҳу тухмӣ кишт менамоям, бояд бовар кунам, ки аллакай ба даст овардаам, пеш аз он ки ин дар ҳақиқат ба амал ояд, чунон ки дар Инҷили Марқӯс навишта шудааст.

> *Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, – ва ба шумо ато хоҳад шуд.*
>
> – Марқӯс 11:24

Ҳамчун масеҳӣ, ман ҳамеша қурбонӣ мекардам ва калисои худро дастгирӣ менамудам, аммо ин тавр мақсаднок ва бо имон кишт кардан ба он чизе, ки дар вақти дуо мегирам, барои ман нав буд.

Барои ҳамин ман чекро гирифта, дар сатри таъиноти пардохт "Барои оҳуи ман дар соли 1987" навиштам. Ба он даст гузошта, бо почта ба хидматгузорие, ки ба он эътимод доштам, фиристода истода эълон кардам, ки худи ҳозир оҳуи худро ба даст овардам.

Он вақт ман дар ҳудуди шаҳри Талса, иёлати Оклаҳома, зиндагӣ мекардам, ва ман ҷой барои шикор надоштам, аммо дӯстам аз калисо маро дар Рӯзи шукргузорӣ ба хонаи бибии худ даъват кард. Вай гуфт, ки дар наздикиҳои ферма чанд оҳу мегарданд. Инак, мо бо оила ба он ҷо саҳарии Рӯзи шукргузорӣ равона шудем, то ки аз рӯзи аҷоиб дар сари дастархон, аз хӯроки бомазза ва сӯҳбат лаззат барем, ва боз оҳу низ ба даст орем.

Воқеан, дӯстам намедонист, ки маро ба куҷо раҳнамоӣ кунад, аммо ӯ чарогоҳе дошт, ки бо ҷангал ҳамсарҳад буд, ва вай пешниҳод кард, ки ба чарогоҳ равам ва дар таги дарахти калон сайдро интизор шуда, бишинам.

Акнун кӯшиш намуда, ин манзараро тасаввур кунед. Ман дар мобайни алафзори даравида, ки дар марказаш дарахти калони танҳо қад кашида буд, менишастам. Ба қафо нигоҳ карда, фаҳмидам, ки дар таги дарахт, дар майдони кушод нишастаам. Ва ҳоло, ки рӯшноӣ буд, ман фикр кардам: *“Агар дар ҷои кушод шинам, ягон натиҷа ҳосил намешавад. Ман бояд ҷои хилват пайдо кунам”.*

Вақте чӣ кор карданамро фикр мекардам, намедонистам ки дар паси ман, дар он тарафи дарахт, чӣ шуда истодааст. Намедонистам, ки дар паси ман, дар чарогоҳ оҳу медавид. Моро дарахт ҷудо мекард, барои ҳамин оҳу маро намедид, ва ман вайро намедидам. Вай ба дарахт наздик шуда, бӯи маро ҳис кард ва нохост истод, гӯё кӯшиш мекард фаҳмад, ки чӣ рӯй дода истодааст.

Вай бозистод ва аз паси дарахт намудор гашта, рост ба ман нигоҳ кард. Вай ҳамагӣ панҷ метр дуртар буд! Вақтро аз даст надода, бо фирк-фирки баланд оҳу якбора бо тамоми суръат давида рафт.

Аввалан, бояд иқрор шавам, ки ман он қадар тирандози хуб нестам. Кӯшиши ба ҳадаф гирифтани оҳуи думсафеди нарина, ки бо тамоми суръат медавид, бисёр душвор буд.

Сониян, тирандозӣ аз туфанги карабини 30–06, ки нишонгирии оптикӣ дошт, он қадар кори осон набуд. Аммо вақте ки ман тригерро кашидам, оҳу афтод ва аз ҳаракат бозмонд. Ман ҳайрон будам! Дӯстам овози тирро шунида омад ва оҳуи наринаи дар замин хобидаро дида, маро бо сайд табрик кард. Ман ба дӯстам нақл накардам, ки Худо ба ман чӣ гуфта буд, аммо ба вай нигоҳ карда, гуфтам: “Фикр намекунам, ки ин оҳу аз сабаби истеъдоди бузурги шикорчигии ман ба даст омад”.

Ман аз ҷомаи шикории худ қоғазчаеро гирифтам, ки дар рӯзи фиристодани чек навишта будам. Дар он танҳо чунин навишта шуда буд: “Ман боварӣ дорам, ки оҳуи соли 1987-и худро ба номи Исои Масеҳ гирифтам”. Ҳамчунин он ҷо вақт ва рӯзи дуо навишта шуда буд. Ман ба дӯсти худ коғазчаро нишон додам, ва баъд ба нақли он шурӯъ кардам, ки Худованд ба ман чӣ фармуд.

Ин ҳодиса маро мутаассир кард. Ман шубҳа надорам, ки натиҷаи ин шикор – кори Худост. Албатта, вақте чунин ҳодисаҳоро мебинед, ақлатон кӯшиш мекунад шуморо водор кунад, ки ин як тасодуфи оддӣ аст. Аммо тӯли сиву чор соли охир ман мунтазам оҳуҳои худро бо ҳамон тарзе ба даст меорам, ки дар соли 1987 истифода бурда будам. Одатан ман дар бешазор аз як соат камтар вақт мегузаронам.

Худо айнан ҳамин усулро истифода бурд, то дар он рӯз дар кӯли Ҷинесор Петрус, Яъқуб ва Юҳанно чӣ тавр амал кардани Подшоҳиро фаҳманд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки онҳо аз он чӣ диданд, ба ҳайрат афтоданд.

> *Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне, ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд, ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд.*
>
> *Ва Исо ба Шимъӯн гуфт: "Натарс; минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард". Ва ҳар ду қаиқро ба соҳил баровcovarданд, ва ҳамаро тарк карда, аз ақиби Ӯ равона шуданд.*
>
> – Луқо 5:9-11

Онҳо он қадар ба ҳаяҷон афтода буданд, ки ҳама чизро гузошта, аз қафои Исо рафтанд. Онҳо роҳи беҳтари кор, роҳи хеле беҳтарро диданд.

Бо баробари он, ки Худо ба ман Подшоҳии Худо ва чӣ тавр таъмин кардани ҳамёнро (нуқтаи дастрасӣ ба ганҷи осмонии ман, ки ба он ниёз дорам) нишон медод, дар дили ман боварӣ нисбат ба боигарии осмониам меафзуд, на ба он чизе, ки дар даст доштам.

Худо ба ман таълим дод, ки метавонам ба ҳар чизе, ки хоҳам, тухмӣ корам, ва Ӯ ба ман нақшаи ҳосил кардан ё ба даст овардани пулро медиҳад.

Ҳаҷми ин китоб имконият намедиҳад, ки ман оиди тамоми чизҳои аҷоибе, ки дар натиҷаи кор бо Подшоҳӣ дида будам,

нақл кунам, аммо ман метавонам гӯям, ки мо бо Дренда шоҳиди ҳодисаҳои имконнопазире гаштем, ки ба масъалаи молиявӣ дахл дорад. Аз мутлақо пурра муфлисшавӣ то озодии молиявӣ ва имконияти дастгирӣ кардани хизматгузорӣ бо миллионҳо тӯли солҳои зиёд – ин аҷоиб аст.

Вақте ки фаҳмидани Подшоҳии Худоро сар кардам, якумин чизе, ки Худо ба ман таълим дод, ин бо имон ба ҳосили аниқ кишт кардан буд. Азбаски ман дар ин китоб ҳама чизро дар бар гирифта натавонистам, дар дигар китобҳоям дар бораи чӣ қадар мушаххас будани Подшоҳии Худо ва то кадом андоза тухмии шумо бояд аниқ бошад, ҳикояҳо ёфта метавонед. Дар китоби ман “Инқилоби молиявии ту. Қуввати таъминот” боз муфассалтар оиди қадам ба қадам озод кардани имон ва чӣ хел ба таври махсус коштани тухмӣ навишта шудааст. Маслиҳат медиҳам, ки китобро харидорӣ намоед ва оиди ин мавзӯъ бисёртар фаҳмед.

Ин китоб баъзе принсипҳои калидии Подшоҳиро, ки Худо маро алоқамандона ба зарурияти саховатманд будан ва қурбонӣ намудан таълим дод, дар бар мегирад. Умедворам, ки онҳо шуморо рӯҳбаланд мегардонанд ва илҳом мебахшанд, ки бисёртар бифаҳмед ва ҳамаи он чиро, ки Худо ба шумо пешакӣ таъин кардааст, ба даст оваред.

БОБИ 9

# ҚОНУНИ ЧЕНАК

Чанд моҳ пеш ману Дренда ба хизматгузории дигар понздаҳ ҳазор доллар кишт кардем. Ҳангоме ки ман имони худро озод кардании будам, Рӯҳулқудс оятеро аз Номаи дуюм ба Қӯринтиён ёдрас кард, ки ман чанд рӯз ин ҷои Навиштаҷотро аз зеҳнам дур карда натавонистам.

> *Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард, то ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*
>
> – 2 Қӯринтиён 9:10, 11

Ман дар бораи ин порча фикр мекардам, ки чашмам ба ибораи “нон муҳайё менамояд” афтод. Ман фаҳмидам, ки бисёр одамон агар қурбонӣ кардани шаванд, тарсро ҳис мекунанд, зеро онҳо маънои ин ибораро намефаҳманд. Аксарият фикр мекунанд, ки вақте чизеро медиҳанд, ё аз чизе даст мекашанд, онгоҳ ин ба онҳо *гарон меафтад*. Аммо Худо ба ман ёдрас намуд, ки Ӯ на фақат барои коштан тухмӣ, балки барои хӯрдан нон ҳам медиҳад, ё он чизеро, ки инсон шахсан ба он ниёз дорад. Албатта, ман инро аллакай медонистам, аммо ҳис мекардам, ки Ӯ мехост дилпур бошад, ки дар ин бора ба одамон мегӯям – Ӯ ба мо ҳам ин ва ҳам онро медиҳад ва бояд аз додан натарсем.

Дар ин шоми махсус, баъд аз чанд ҳафтаи он, ки мо понздаҳ ҳазор доллар коштем, ман аллакай чароғро хомӯш карда, хоб рафтанӣ будам, ногаҳон ба сари ман фикре омад, ки ҳамаи саҳмияҳои ба худам таааллуқдоштаро тафтиш намоям, то фаҳмам, ки онҳо дар бозор чӣ гуна амал мекунанд. Ба ҳисоби худ нигоҳ карда, ман дидам, ки дар ҳақиқат нархашон камтар боло рафтааст.

Қаноатманд шуда, мехостам телефонамро ба ҷояш гузорам, аммо бастаи мушаххаси саҳмияҳо, ки ба ман таааллуқ надошт, диққати маро ба худ ҷалб кард. Ман онро аз ин пеш дида будам ва ҳатто фикр мекардам, ки бихарам. Вақте ки нишондодҳои пештараи онро омӯхта, ягон пешравиро дар дувоздаҳ моҳи охир надидам, барои ҳамин аз харидорӣ даст кашида будам.

Аммо бо кадом сабабе, ин бастаи саҳмияҳо ҳамон шаб ба назарам афтод. Аҷиб, аммо ман ҳис кардам, ки бояд онҳоро бихарам, ки ин кор тамоман ба ман хос набуд. Дар асл, ман ҳамин хел кардам, ин саҳмияҳоро ба якуним ҳазор доллар харидорӣ намуда, телефонамро ба ҷояш гузоштам.

Мо бо Дренда камтар сӯҳбат кардем, ва ман ба вай оиди хариди саҳмияҳо нақл кардам. Ман барои нишон додани ҳисоб телефонро ба даст гирифтам. Ман ба ҳаяҷон афтодам. Ҳамагӣ дар як соат аксияҳо зиёда аз сад фоиз афзуданд! Акнун мо барои хоб вақт надоштем, мо тамошо мекардем, ки рақамҳо оҳиста-оҳиста афзоиш меёбанд.

Дар тӯли се соати оянда нархи саҳмияҳо то зиёда аз ҳабдаҳ ҳазор доллар афзуд, баъд аз ин аз афзудан бозистод. Ман хитоб кардам: “Ин понздаҳ ҳазор доллари мо!”

Ман зуд саҳмияҳоро фурӯхта, пулҳоро гирифтам. То саҳар қимати саҳмияҳо боз поин рафтанд ва ҳоло ҳам, пас аз чанд моҳи ин ҳодиса, ба ҳамон сатҳ нарасидаанд. Ин аз ҳама чизи аҷибе буд, ки ман ягон вақт дида будам. Медонам, ин Рӯҳулқудс буд, ки ин бастаи саҳмияҳоро ба ман намоён кард, ва ман ба Дренда гуфтам, ки Худо тухмиамонро баргардонд. Худо ба коранда тухмӣ медиҳад, ва барои хӯрдан нон медиҳад! Медонед, ба ман фарқ надорад, ки

Худо ин корро чӣ тавр мекунад, аммо Ӯ ҳамеша ин корро мекунад!

Аммо ин аҷиб буд. Баъд аз он ки саҳмияҳоро фурӯхтам ва пулҳоро ба суратҳисоби худ баргардондам, ман фикр кардам: *"Худоё, агар ман медонистам, ки онҳо ин қадар зиёд мешаванд, ман аз якуним ҳазор доллар бисёртар мегузоштам".* Ба гузашта нигоҳ карда, ҳамеша ҳама чизро равшантар мебинем. Ҳа, ман метавонистам даҳ ҳазор гузорам... *Чӣ мешуд, агар ман сад ҳазор мегузоштам? Ин аст, ки ман аз ин сармоягузорӣ чӣ қадар пул ба даст меовардам.* Аммо ман сад ҳазор доллар нагузоштам. Ман даҳ ҳазор нагузоштам. Ман ҳатто панҷ ҳазор нагузоштам. Ман якуним ҳазор гузоштам. Фоидаи ман маҳдуд буд. Ман якуним ҳазор доллар гузоштам, ва гарчанде, албатта, ман зиёдтар пул ба даст овардан мехостам, ин хел нашуд, чунки фақат якуним ҳазор доллар гузоштам.

Китоби Муқаддас дар Инҷили Луқо ба мо нақл мекунад, ки чӣ рӯй дод, барои чӣ он бегоҳ ман зиёдтар пул ба даст наовардам.

> *Бидиҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд: ба андозаи хуби ҷунбонидаю фишурдашуда ва лабрез ба домани шумо хоҳанд рехт; <u>зеро ба кадом андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда хоҳад шуд.</u>*
>
> – Луқо 6:38

Мебинед, ман ченак муқаррар кардам, ва ба ман бо ҳамон андозаи ченаки худам чен карда шуд – он иқтидоре, ки ман он бегоҳӣ доштам, ба он чизе, ки гузошта будам, мувофиқ буд. Ман меъёр гузоштам, ва бо ҳамон ченак ҷавобро даравидам. Исо мегӯяд, ки айни ҳамин принсип ба қурбониҳои шумо низ дахл дорад.

Дар Китоби Муқаддас ҳикояе ҳаст, ки ин ҳодиса рӯй дод, ва ман мехоҳам онро ба шумо нишон диҳам. Аз ин ҳикоя мо метавонем дар бораи қонуни ченак хеле бисёр чизҳоро фаҳмем.

> *Ва зане аз занони банӣ-анбиё фиғон намуда, ба Элишоъ гуфт: "Бандаат, шавҳари ман, мурд, ва ту медонӣ, ки*

*бандаат аз Худованд метарсид; ва қарзхоҳ омадааст, ки ду бачаи маро барои худ ба ғуломӣ бигирад".*

*Ва Элишоъ ба вай гуфт: "Барои ту чӣ кунам? Ба ман бигӯ, ки дар хонаат чӣ дорӣ?"*

*Вай гуфт: "Чӯрии ту дар хона, ҷуз зарфе бо равған, чизе надорад".*

*Ва ӯ гуфт: "Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки кам набошад; ва омада, дарро аз пушти худат ва писаронат бибанд, ва дар ҳамаи ин зарфҳо равған бирез, ва он чи пур шавад, ба каноре бимон".*

*Вай аз пеши ӯ рафта, дарро аз пушти худаш ва писаронаш баст; онҳо пеши вай мегузоштанд, вай мерехт. Вақте ки зарфҳо пур шуд, вай ба писараш гуфт: "Пеши ман боз зарфе бимон". Ва ӯ ба вай гуфт: "Зарфе дигар нест". Ва равған бозистод. Вай омада, ба марди Худо нақл намуд. Ва ӯ гуфт: "Рафта, равғанро бифрӯш ва қарзҳоятро адо намо, ва аз он чи боқӣ бимонад, ту ва писаронат зиндагӣ хоҳед кард".*

– 4 Подшоҳон 4:1-7

Ин ҳикояи олиҷанобест, ки дар он дар бораи Подшоҳӣ бисёр кушоишҳо ҳаст.

Ин зан барои ёрдам ба пайғамбар муроҷиат кард. Вай дар қарз ғӯтида буд ва метавонист писаронашро аз даст диҳад. Аммо аҷиб он аст, ки пайғамбар аз хазинаи худ пул намегирад. Ба ҷои ин дар чунин шароит ба вай саволи хеле аҷоиб медиҳад: "Дар хонаат чӣ дорӣ?"

Ман фикр мекунам, барои зан ин савол ногаҳонӣ буд, зеро дар ҷавоби ӯ қариб ҳайрат шунида мешавад. "Чӯрии ту тамоман чизе надорад!" – мегӯяд вай. Зан калимаи "тамоман"-ро барои тақвияти суханаш истифода мебарад. Аммо ёдрас мекунад, ки чӣ дорад. Ин камтарак буд, лекин ӯ ҳамин миқдори ками равғани зайтунро дошт. Ин чизе буд, ки пайғамбар бояд мешунид. Ин ҷавоб буд. Ба дастурҳои ӯ хуб назар кунед.

> *Ва ӯ гуфт: “Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки <u>кам набошад”.</u>*

Кам набошад. Ин чанд-то? Ман фикр мекунам, дар бораи шумораи кӯзаҳое, ки вай бояд ҷамъоварӣ мекард, розӣ шавед, ки кас метавонад баҳс кунад, зеро танҳо зан муайян карда метавонист, ки ин барояш чӣ маъно дошт. Вай бояд мефаҳмид, ки бешубҳа кӯзаҳо кифоят намекунанд!

> *Вай аз пеши ӯ рафта, дарро аз пушти худаш ва писаронаш баст; онҳо пеши вай мегузоштанд, вай мерехт. Вақте ки зарфҳо пур шуд, вай ба писараш гуфт: “Пеши ман боз зарфе бимон”. Ва ӯ ба вай гуфт: “Зарфе дигар нест”. Ва равған бозистод.*

Аҳамият диҳед, ки кай равған аз рехтан бозистод, – на вақте ки он ба миқдори муайяни кӯзаҳо мерасад, балки ҳангоме ки дигар кӯза намонд. Вақте ки ҳама кӯзаҳо пур шуданд, зан аз писараш хоҳиш кард, ки ӯ боз биёрад, аммо вай ҷавоб дод, ки дигар ягон кӯза намонд. Ман боварӣ дорам, ки вай мехост давом диҳад, аммо вай фақат ҳамин қадар кӯза ҷамъ карда буд. Пуршавӣ на аз ҷониби Худо, балки аз ҷониби фикррониии худи ӯ маҳдуд шуда буд.

Ман боварӣ дорам, эҳтимол, ӯ мехост бисёртар, хеле бисёртар кӯза дошта бошад. Ва агар ӯ дар ҳақиқат медонист, ки чӣ рӯй медиҳад, ман боварӣ дорам, ки зан дар ҷустуҷӯи кӯза ҳар дари дар шаҳр бударо мезад. Шояд вай ҳатто ба шаҳрҳои дигар бо дархост муроҷиат мекард, то кӯзаҳо ҷамъоварӣ кунад.

Бо вуҷуди ин, ҳикоя хуб ба охир мерасад: қарзҳои ӯ пардохт шуданд, ва оила ба он чизе, ки аз фурӯши равған монда буд, зиндагӣ мекард.

Лекин натиҷа чӣ гуна шуда метавонист? Ӯ метавонист қарзҳои *ҳар касеро*, ки медонист, пардохт кунад, майдони нави шаҳрӣ бино кунад ва ба якчанд каси дигар ёрӣ диҳад.

Чаро вай танҳо ҳамон қадар кӯза ҷамъ кард? Ман фикр мекунам, ҷавоб ин аст, ки вай тафаккури зиндамониро дошт. Ӯ диққаташро ба мушкилӣ ҷалб карда буд – ба он маблағе, ки қарз гирифта буд ва ба он чизе, ки, ба фикри ӯ, барои давом додани тарбияи писаронаш лозим буд. Ба ҷои он ки фарохтар аз ин вазнинӣ фикр намояд, вай ба бартараф кардани он пурра нигаронида шуда буд. Ман фикр мекунам, ки агар вай ҳазор кӯза ҷамъ мекард, ҳамаи онҳо пур мешуданд. Вай ченак гузошта буд!

Худо ба ҳамаи мо чунин имконият медиҳад, чунон ки ба ин зан дод. Мо ҳамаамон бояд интихоб намоем, ки бо кадом ченак андоза кунем.

Иҷозат диҳед инро шарҳ диҳам, ҳоло ки мо ҷои калидии Навиштаҷотро барои ин боб баррасӣ менамоем.

> *Бидиҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд: ба андозаи хуби ҷунбонидаю фишурдашуда ва лабрез ба домани шумо хоҳанд рехт; зеро ба кадом андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда хоҳад шуд.*
>
> – Луқо 6:38

Мо ҳама аз қисми якуми ин ҷои Навиштаҷот иқтибос оварданро дӯст медорем – оиди он ки агар кишт кунем, барзиёдатӣ медаравем. Аммо аксар вақт қисми охиринро намехонем, ҳамон ҷойро, ки он ҷо гуфта шудааст, ки *бо кадом андоза чен кунем, ба мо бо ҳамон андоза чен карда мешавад.*

Чаро ин принсип барои ману шумо хеле муҳим аст? Иҷозат диҳед ман мисол биёрам.

Фарз кардем, шумо деҳқони навкор ҳастед, ва ман ба шумо гуфтам, ки мехоҳам панҷ ҳазор бехи гандумро харидорӣ кунам. Ману шумо дар бораи нархи як бехи гандум розӣ мешавем, ва шумо барои дар майдони даҳ гектар кишт кардани гандум барои дарав омода мешавед.

Ман фикр мекунам, ки шумо медонед, ки чӣ мешавад. Барои иҷрои шартномаамон ба шумо шумораи зиёди бехҳои гандум намерасанд. Чаро? Зеро шумо намедонед, ки барои ҷамъоварии панҷ ҳазор бехи гандум, ба чанд гектар замин коштан лозим аст.

**Чӣ қадар масеҳиён корвони мошинҳои боркашро қатор карда, тайёранд, ки ҳосили худро ба бозор баранд, аммо ҳамагӣ ду бех помидор коштаанд?**

Дар мисол бо деҳқон, ченак ин гектари замине, ки вай кишт кардааст. Дар мавриди зан бошад, ченак ин шумораи кӯзаҳое, ки вай ҷамъ кардааст. Дар мисоли Исо – ин шуморае, ки мо мекорем.

Инак, агар ҳосил бо он миқдоре, ки мо интизор будем, ба даст наояд, мо ноумедиро ҳис мекунем ва, мумкин аст, одамоне, ки фаҳмиши кам доранд, дар ин Худоро айбдор кунанд, ки Каломи Ӯ амалӣ намешавад.

Пас, ин ҷо саволи миллион доллар аст. Агар ба деҳқон панҷ ҳазор бехи гандум лозим бошад ва ӯ надонад, ки ба чанд гектар замин бояд кишт кунад, ӯ бояд чӣ кор кунад?

## Аз деҳқоне пурсидан даркор, ки медонад!

Акнун биёед ин принсипро ба вазъияти воқеие татбиқ кунем, ки ман ҳамеша бо он дучор мешавам.

Як оила мехоҳад қарзи ипотекиро ба маблағи сесад ҳазор доллар пардохт намояд ва онҳо медонанд, ки бояд кишт кунанд, ҳамчун зан ва шавҳар ба розигӣ биёянд ва имони худро ба кор андозанд. Онҳо чӣ қадар бояд бикоранд? Ман доимо ин саволро мешунавам. Чӣ қадар онҳо бояд кишт кунанд, то ки ба сесад ҳазор доллар ченак гузоранд? Онҳо намедонанд. Онҳо бояд аз касе, ки бипурсанд, ки медонад, ва ин Рӯҳулқудс аст.

Ҳамаи мо бисёр шунидаем, чӣ тавр Ӯ оҳиста ба гӯшамон ҷавоби ин саволро мегӯяд. Одатан бе тайёрии хуб мо ин овози пастро ба эътибор намегирем, фикр мекунем, ки ба мо маслиҳати номумкинро

медиҳад. Масалан, вақте ки шумо ба XYZ мекоред, шумо ҳис мекунед, ки бояд як ҳазор доллар кишт кунед. Ва худи ҳамон лаҳза ақли шумо мудохила мекунад ва мегӯяд: “Не, ман ин корро карда наметавонам”. Ё аз ин бадтар: “Аз ман дур шав, эй шайтон!”

Дар як чиз шумо метавонед дилпур бошед: *шайтон ҳеҷ вақт ба шумо намегӯяд, ки ба Подшоҳии Худо бисёртар коред.* Ӯ аз ин қонуни Подшоҳӣ хеле хуб хабардор аст. Аз ҳамин сабаб, дар ҳолати мазкур, ки ҳанӯз оиди меъёри ченакгузорӣ боварӣ пайдо накардаед, вақте ки ақлатон баҳс мекунад, шумо розӣ мешавед ва ҳамон сад доллари муқаррариро медиҳед. Ва, албатта, чун дар мисоли ман бо бехҳои гандум, шумо ҳосили лозимиро ба даст намеоваред.

Пеш аз он ки давом диҳам, ман бояд чизеро фаҳмонам.

Маблағе, ки шумо медиҳед, на танҳо аз рӯи маблағе муайян карда мешавад, ки шумо барои он мекоред!

Ба порча аз Инҷили Луқо назар андозед:

> *Ва Ӯ назар андохта, сарватдоронро дид, ки ҳадияҳои худро ба ганҷина меандохтанд; ва ҳамчунин бевазани камбағалеро дид, ки ду фулус дар он андохт, ва Ӯ гуфт: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ин бевазани камбағал аз ҳама бештар андохт; зеро ки ҳамаи онҳо аз зиёдатии худ ҳадия барои Худо андохтанд, лекин вай аз камбағалии худ тамоми нафақаеро, ки дошт, андохт”.*
>
> – Луқо 21:1-4

Аҳамият диҳед, Исо мегӯяд, ки бевазани бечора аз ҳамаи одамони бой, ки он рӯз буданд, бисёртар гузошт. Сарватмандон хеле бисёртар пул мегузоштанд, аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки онҳо аз боигарии худ медоданд, ё, гуфтан мумкин, аз пулҳои зиёдатӣ. Бевазани бечора аз пуле дод, ки барои зиндагиаш зарур буд, ва ин имони бузургро талаб мекард.

Барои аз зиёдатӣ додан имон лозим нест. Албатта, саховатмандона

аз зиёдатии худ додан ин хуб аст, аммо он вақт ҳадя дар пеши назари ҳама дода мешуд ва одатан сарватмандон барои одамони диндорро мутаассир намудан хасисӣ намекарданд.

Аз ин рӯ, муодилае, ки ҳамчун ченак танҳо суммаи пуле, ки шумо медиҳед, хизмат мекунад, ин таърифи дақиқи он нест, ки мо ченакро чӣ тавр муқаррар мекунем. Ин қисми хеле муҳим, аммо ягона нест.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки он чизе, ки барои як кас “калон” аст, ҳатмӣ нест, ки барои каси дигар ҳам калон бошад.

Пештар ҳазор доллар барои ман маблағи бузург буд. Дар асл, вақте ки мо оғоз кардем, мо бояд чунин қурбониро дар тӯли чанд моҳ пардохт мекардем. Лекин имкониятҳои мо меафзуданд ва тавонистем бисёртар қурбонӣ кунем, чунки имон ва боварии мо зиёдтар мешуд.

Ман ба одамон чунин мегӯям: вақте ки шумо барои таъминот мекоред, вақт ҷудо кунед ва аз Рӯҳулқудс пурсед, ки чӣ коред ва дар куҷо коред.

Одатан, кишт барои эҳтиёҷоти оддӣ, ба мисли кишт барои пешравии калон, масалан, барои пардохти пули хона, имони зиёдро талаб намекунад. Вақте ки ман барои чизҳои муҳим мекорам, мехоҳам инро *ҳис кунам*. Ман онро дар назар дорам, ки ман на фақат аз пули зиёдатии худ додан мехоҳам. Ман ба ҳамон миқдоре кишт кардан мехоҳам, то *ҳис намоям*, ки имони ман чӣ тавр кор мекунад. Маблағ бояд ба қадри кофӣ калон бошад, то он вуҷуди маро ба аксуламал водор кунад, ва ман дар ақли худ шунавам: “*Ту боварӣ дорӣ?*”

Ман фаҳмидам, ки Рӯҳулқудс ҳатман ба шумо, вақте ки аз Ӯ мепурсед, миқдорро нишон медиҳад. Танҳо нияти шумо барои шунидани Ӯ бояд ҷиддӣ бошад.

Ман бисёр вақт маҷбур будам мадад пурсам. Азбаски ҳамеша ҳисобҳоро ман пардохт мекунам, барои Дренда доимо осонтар аст, ки ҳеҷ шубҳаро ҳис накарда, ҳаҷми он маблағеро, ки бояд кишт кунем, шунавад. Шумо он ҳикояеро дар хотир доред, ки чӣ тавр ман бори аввал барои кампуси мо “Ҳаёт бо имон” дусад ҳазор доллар кошта будам?

Ман ҳама тафсилоти ин ҳикояро нагуфта будам. Ин ӯҳдадории сесола буд, на қарз, балки мақсаде, ки мо барои худ дар ин давра гузошта будем. Вақте ки он рӯз фаро расид, ва мо бояд оиди нақшаҳои худ мегуфтем ва тухмиҳои аввалинро мекоштем, ман боварӣ доштам, ки яксаду панҷоҳ ҳазор доллар – ин ҳама он чизе буд, ки ман додан мехостам. Аммо Дренда эътироз кард, вай аз Рӯҳулқудс шунид, ки мо бояд дусад ҳазор доллар диҳем. Ман ба суханони ӯ аҳамият надода, дар фикри худам мондам – яксаду панҷоҳ ҳазор доллар. Дар вақти хизматгузорӣ вай боз исрор кард, ки мо дусад ҳазор доллар диҳем, аммо ман боз вайро шунидан нахостам.

Айнан пеш аз чанд дақиқае, ки мо бояд тухмӣ мекоштем, яке аз аъзои калисои мо бархост ва барои сухан гуфтан иҷозат пурсид. Вай ҳамаи одамони ҳузурдоштаро даъват кард, ки оиди ҳосил ба Худо бовар кунанд. Вай фаҳмонд, ки ба деҳқонӣ машғул буда, ба қонунҳои кишт ва дарав такя мекунад, то зинда монад, ва оиди эътимоднокии онҳо боварӣ ҳосил кардааст. Ӯ гуфт, ки ҳар сол танҳо барои коштани тухмӣ дусад ҳазор доллар сарф мекунад. Дар аввал, суханашро давом дод ӯ, ҳамту дусад ҳазор долларро ба хок партофтан беақлӣ менамояд, чунки баъд аз кишт кардан барои онҳоро баргардондан имконият намешавад. Аммо ӯ махсус зикр кард, ки қонуни кишт ва дарав ҳамеша кор мекунад, ва ҳосил аз дусад ҳазор долларе, ки вай барои кишти замини худ сарф карда буд, бисёртар мешавад.

Дренда оҳиста маро ба биқин тела дод. Ман ишораро фаҳмидам – ин дусад ҳазор доллар буд, ва айнан ҳамонро мо коштем. Шумо дар хотир доред, ки чӣ тавр Худо ба ноиб-президент таъсир кард, то ки вай мукофоти ҳарсоларо ба мо диҳад – айнан дусад ҳазор доллар. Мо ягон дирам сарф накардем, то ки тухмӣ корем. Ва чи тавре ки ман аллакай як боб пеш гуфтам, ин мукофот чанд сол боз амал мекунад ва ба мо зиёда аз ду миллион доллар фоида овардааст.

Бубинед, ақли Дренда бо тамоми ҷузъиёти ҳисобҳо пур набуд, барои ҳамин дар дили вай тарс ҷой надошт. Ӯ танҳо Худоро мешунид. Ва дар ҳақиқат, ин ҳамон коре буд, ки ман бояд мекардам. Аммо ин бори аввал буд, ки мо ин қадар маблағи калонро кишт кардем, бале,

ман ба тарс таслим шудам, вақте ки яксаду панҷоҳ ҳазор долларро дошта меистодам. Ман барои занам аз Худо миннатдор ҳастам, ки маро водор намуд, то оиди ин маблағи хеле назаррас ба Худованд бовар кунам.

Барои кишт *ҳамеша* имон лозим аст, *ҳамеша*. Инак, биёед ба тарс иҷозат намедиҳем, ки барои ҷамъ кардани ҳосили ҳар чизе, ки Худо ба мо додан мехоҳад, халал расонад.

> *Хуллас, касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад, ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав мекунад.*
>
> – 2 Қӯринтиён 9:6

Дар ин матн Павлус барои дигар калисо қурбонӣ ҷамъ мекунад ва ба одамон дар бораи принсипе хотиррасон мекунад, ки ӯ, эҳтимол, онҳоро пештар низ таълим дода буд: онҳо чизи кишт кардаашонро бо он ченаке, ки мекоранд, дарав мекунанд. Павлус принсипи гузоштани ченакро баён мекунад.

Вақте ки он рӯз дар баҳр Петрус қаиқи худро ба Исо дод, мо дидем, ки қаиқи Юҳанно ва Яъқуб расо бо ҳамон тавре аз ҳосил пур шуд, ки ба ҳамон андоза имони Петрус қавӣ буд, барои он ки онҳо шарик буданд. Аммо иҷозат диҳед ман аз шумо пурсам: агар он рӯз ҳазор қаиқи Петрус кор мекард, чанд қаиқ пур мешуд?

Агар шумо ҳазор гуфта бошед, шумо ҳақ ҳастед.

Ва боз мо мебинем, ки ченак гузошта шудааст. Ченаки гузошташуда – ин *ғунҷоише*, ки Худо метавонад онро пур кунад. Инак, ман шуморо даъват мекунам, то шумо ченаки хеле калон гузоред. Шумо намехоҳед ба қафо нигоҳ карда, гӯед: “Эҳ, саҳмияҳо дар як соат ба ҳазор фоиз калон шуданд. Афсӯс ки ман бисёртар нагузоштам”.

Дар он бегоҳ чӣ маро водор кард, ки фақат якуним ҳазор доллар гузорам, баъд аз он ки Рӯҳулқудс маро ба харид водор кард? Ман фаҳмидам, ки ман ҳамту аз Худо хоҳиш накардам, ки ба ман маблағро

гӯяд. Ман аз рӯи фаҳмиши худам кор карда, овози Ӯро нашунидам.

Илтимос, аз барои ин ҳикоя шуда бастаи саҳмияҳоро харидорӣ накунед. Чи хеле ки аллакай гуфтам, ман ба бозори молия бисёр маблағ намегузорам. Аммо он рӯз Худо нуқтаи назари Худро нишон дод – Ӯ барои кишт тухмӣ ва барои хӯрдан нон медиҳад, ва ин оиди он ки *мо* ченак мегузорем, ёдраскунии хубе буд.

Умедворам, ки шумо ин ҳикояро дафъаи оянда дар хотир хоҳед дошт, вақте ки Худо ба китфи шумо мезанад, то ки иҷроиши супоришро маблағгузорӣ кунад.

Мо ҳама бояд ба Худо иҷозат диҳем, ки инро ба мо таълим диҳад.

Ман дар хотир дорам, ки чӣ тавр дар бӯҳрони соли 2009 дар Флорида нархҳо барои амволи ғайриманқул хеле паст рафтанд. Он ҷо дӯстони мо буданд, ки дар соҳил зиндагӣ мекарданд, ва мо онҳоро тез-тез хабар мегирифтем. Ҳамон вақт дар тамоми Флорида хонаҳо ба фурӯш гузошта шуда буданд. Як рӯз, вақте ки мо бо дӯстам дар соҳил сайругашт мекардем, вай гуфт: “Ман мехоҳам ба ту чизе нишон диҳам”.

Мо ба хонае, ки дар он лавҳаи фурӯш овезон буд, наздик шудем. Нарх барои ду хона бо қитъаи замин ҳамагӣ шашсаду наваду панҷ ҳазор доллар буд. (Ҳа, шумо дуруст хондед, ду хона дар соҳил шашсаду наваду панҷ ҳазор доллар. Илова бар ин, онҳо пурра ҷиҳозонида шуда буданд. Фикр мекунам, ҳама розӣ мешаванд, ки ин хеле фоидаовар аст.) Яктои онҳо барои иҷора муқаррар шуда буд ва даромади калон меовард, чунки ин хонаҳо дар назди соҳил буданд. Аммо он вақт ман тасаввур карда наметавонистам, ки бояд ин қадар маблағ сарф кунам, ва аз ин харид даст кашидам. (Медонам, на он қадар оқилона.) Дӯсти ман аллакай чанд хона дошт ва намехост, ки боз дутои дигарро идора кунад. Яъне ӯ моро рост ба назди ин хонаҳо овард. На ҳар рӯз мултимиллионер шуморо ба сӯҳбат ҷалб мекунад ва мегӯяд: “Ман ҳамин корро мекардам”. Албатта, Дренда мегуфт, ки мо онҳоро бояд харидорӣ кунем, аммо ман қатъӣ будам.

Шумо натиҷаашро тахмин карда метавонед. Ин ду хона фурӯхта

шуданд ва баъд аз чанд сол ба се миллион доллар бозфурӯш шуданд.

Медонед, аз ҳама ғамангез ва ноумедкунанда чӣ буд? Он рӯз ман дар ин бора ҳатто дуо накарда будам. Ман ҳикмати Рӯҳулқудсро ба як тараф гузоштам. Ман ба ҳикмати дӯст ва занам таваҷҷӯҳ накардам. Ман ба ҳар ҳол "не" гуфтам, зеро медонистам, ки ҳамаи пуле, ки мо он вақт доштем, сарф шуданаш мумкин буд, ва дар вазъияти номусоиди молиявӣ чунин қарорро қабул карда истода, ман худро хуб ҳис намекардам. Аммо, чи тавре ки аллакай гуфтам, ман оиди ин Худоро напурсидам, ва ин хатогӣ ба ман қимат афтод.

**ИНАК, ВАҚТЕ КИ ШУМО КИШТ МЕКУНЕД ВА ЧЕНАК МЕГУЗОРЕД, БА ТАРС ИҶОЗАТ НАДИҲЕД, КИ БО ШУМО ГАП ЗАНАД. ҶАСУР БОШЕД.**

Афсӯс ки дарави калонро аз даст додам (на ҳамаашро, аммо ба таври кофӣ), ва аз боиси ин Худо маҷбур шуд, ки бо ман каш-каш кунад.

Чанд сол пеш боре дар истироҳатгоҳ Дренда ногаҳон бо Кеннет Коупленд рӯ ба рӯ шуд, ва ӯ вайро барои ноништа бо ӯ ва занаш Глория даъват кард.

Дар сари миз Кеннет гуфт, ки барои ман ва Дренда калом дорад, ва ӯ бояд онро ба мо расонад. Дренда номаро ба телефонаш сабт кард, зеро дар он сафар ман ӯро ҳамроҳӣ намекардам. Вай тақрибан чунин буд:

> *"Ман ҳаракат кардам шуморо бо хонаҳо ва заминҳо таъмин кунам, аммо ба Ман иҷозат надодед".*

Ана ин аҷоиб, ана ин маломат буд. Аммо вақте ки ман бисёр чизҳоеро, ки аз он даст кашида будам, ба ёд овардам, хатогиҳои худро дидам. Барои ҳамин, ман қарор қабул кардам, ки аз ин рӯз сар карда, ягон даравро аз даст намедиҳам. Вақте ки ман ин қарорро қабул намудам, аҷоиб буд, ки чӣ тавр Худо тез ба он чизе, ки ман кишт кардам, ҳосил фиристонд.

Барои ҳамин, вақте ки шумо кишт мекунед ва ченак мегузоред, ба тарс иҷозат надиҳед, ки бо шумо гап занад. Ҷасур бошед. Шумо дониста наметавонед, ки чӣ тавр Худо онро ба вуҷуд меорад, чуноне ки, ман боварӣ дорам, бевазан аз боби чоруми Китоби Подшоҳон тасаввур карда наметавонист, ки рехтани равған давом мекунад. Дар акси ҳол достони вай тамоман дигаргун мебуд. Шояд имрӯз мо оиди бевазани камбағале мехондем, ки аз тиҷорати равған миллиардер шуд.

Ниҳоят, дар хотир доред, ки шумо ҳамеша барои ҳосили зиёд ва зиёдтар мекоред. Шумо имрӯз аз ҳисоби дарави дирӯза зиндагӣ мекунед, барои ҳамин, вақте кишт мекунед, шумо бояд инро дар ёд доред.

Ҳамчунин дар хотир доред, ки баъд аз кишт аз ҳама вақти ториктарин меояд. Сабад барои тухмӣ холӣ, ва растаниҳо ҳоло насабзидаанд. Аммо шумо бояд ба Каломи Худованд часпед, устувор истед ва оиди самт ва ҷузъи дарав дар Рӯҳ дуо гӯед.

Ман мехоҳам ин бобро бо ҳикояе, ки ман бисёр нақл кардаам, аммо ба такрор кардан меарзад, ба итмом расонам. Ин нақл дар бораи як менеҷерест, ки бисёр сол пеш ба ман кор мекард, вақте ки танҳо нав принсипи ченакгузориро меомӯхтам. Вай хонаи нав месохт, ва, чи тавре ки дар сохтмони хонаҳои нав мешавад, аз чорчӯбаи хароҷоти молиявӣ баромад. Ҳамеша чизе иваз мешавад ё илова мешавад, ки ба нархи ниҳоӣ таъсир мерасонад.

Дӯсти ман аллакай ҳама маблағеро, ки бонк ҷудо карда буд, сарф кард ва, агар фаромӯш накарда бошам, ба мебели ошхона пулаш нарасид. Ба ӯ тақрибан бисту панҷ ҳазор доллар намерасид.

Баъд аз чанд рӯз як дӯсти дигари ман нақл кард, ки он ҷавонро вақти ибодат дар калисо дидааст, ки хеле серташвиш менамуд. Ӯ нақл кард, вақте ки воиз барои чизе қурбонӣ қабул мекард, шиноси мо рафт ва қурбонӣ карда, омада ба ҷои худ нишаст. Вай хеле дар ҳаяҷон буд. Баъд аз як лаҳза вай бархост ва рафта боз қурбонӣ кард. Бозгашта, вай аз будааш ҳам серташвиштар менамуд. Вай дар ҷои

худ якчанд дақиқа нишаст, ва баъд, оҳ кашида, аз нав бархост ва боз қурбонӣ кард. Ин дафъа, вақте ки вай гашта омад, ором шуда буд ва дигар серташвиш наменамуд.

Баъдтар худи ҳамон моҳ, одаме, ки хона месохт, тасдиқ кард, ки он бегоҳ вай дар калисо барои маблағи мебели ошхона тухмӣ кишт кард. Агар хато накунам, ширкати мебелӣ ба вай тахфифи панҷоҳфоизаро пешниҳод кард ва ӯ тавонист ҳисоби ниҳоиро пардохт кунад.

Он бегоҳ чӣ рӯй дод? Одаме, ки хона месохт, ба ман нақл кард, ки вай оромӣ надошт, то он даме ки вай дафъаи сеюм бархоста, ҳама чизи будаашро надод. Мебинед, ӯ оиди чӣ тавр бисту панҷ ҳазор долларро пардохт кардан дуо мекард, ва Рӯҳулқудс вайро ба ченакгузорие, ки барои дарав лозим буд ва ӯ ба он ниёз дошт, раҳнамоӣ кард.

Инак, вақте ки дафъаи дигар кишт мекунед, ин қонуни муҳими Подшоҳӣ, қонуни ченакро фаромӯш накунед.

БОБИ 10

# ПОДШОҲИ САХОВАТМАНД

Ман боварӣ дорам, ин ба шумо шинос аст. Касе назди мо меояду моро таъриф мекунад, ва мо чунин мегӯем: "Оҳ, ман инро дар фурӯши тахфифӣ ба панҷ доллар харидаам".

Чаро мо чунин мегӯем? Чаро мо аз чизи хуби доштаамон шарм мекунем? Аҷиб ва ғамангез аст, вақте ки мо бист сол пеш сохтмони хонаи нави берун аз шаҳриамонро сар кардем, дуо мекардем, ки вай аз дарун калон бошад, аммо аз берун хурд намояд. Мо шубони нав будем, ва ба мо чунин менамуд, ки агар хонаи калон созем, одамон аз ин норозӣ мешаванд. Дар он вақт мо аз калисо ягон даромад надоштем – барои сохтмон маблағи тиҷоратамонро сарф мекардем, вале бо кадом сабабе ба назари мо чунин менамуд, ки одамон гумон мекунанд, ки мо онро аз калисо гирифтаем. Барои ҳамин, мо хонаро бо масоҳати ҳафтсад метри квадратӣ бунёд кардем, аммо аз тарафи берун вай монанди хонаи дуошёнаи оддӣ буд.

Баъд мо фаҳмидем, ки то кадом дараҷа ин аҳмақона буд. Барои чӣ мо бояд аз баракатҳои Худованд шарм дорем?

Ман ин қиёсро дар конфронсҳои худ истифода мебарам.

Фарз кардем, ки ман бо либоси чиркин ва кӯҳнашуда ба минбар баромада, эълон менамоям, ки имрӯз ид дорем, имрӯз ману Дренда маблағи хонаро пардохт кардем. Баъд нақл мекунам, ки чӣ тавр мо

сахт меҳнат кардем (баъзан ҳаштод соат дар як ҳафта), то ки ин корро ба сомон расонем, ва мо аз ӯҳдаи иҷрои он баромадем.

Ҳама кафкӯбӣ карда, дод мезаданд. Чаро? Зеро касе дар ҳақиқат системаро ғалаба кардааст. Роҳи баромад вуҷуд дорад.

Аммо агар ман ба минбар баромада, мегуфтам: "Имрӯз каси ношиносе омада, як миллион доллар тақдим кард, ва мо маблағи хонаамонро пардохт карда тавонистем".

Шумо мегуфтед, ки ин аз рӯи адолат нест. Чаро? Барои он ки мо дар системаи лаънати заминӣ тарбия ёфтаем, дар меҳнати душвор ва арақи ҷабин. Айнан ҳамин тавр ба мо дарёфти ғизоро меомӯзонанд. Албатта, ин системаи ғуломӣ аст ва ҳамин хел аксарият ҳеҷ гоҳ аз ҳисси ҳақиқии озодии молиявӣ баҳра намебаранд. Аз барои ин бисёриҳо таъиноти тақдири худ, ДНК-и рӯҳонии худро намефаҳманд. Аз сабаби системаи зиндамонӣ, ки мо дар он умр ба сар мебарем, бисёр қарорҳои молиявӣ ба хотири *пул* қабул карда мешаванд, на ба хотири ягон *мақсад*. Одамон орзу мекунанд, ки озод бошанд, то ормону ҳавасҳои худро амалӣ созанд, вале барои аксарият ин озодӣ ҳеҷ гоҳ фаро намерасад.

Чанд сол пеш Худо бо ман дар бораи ҳиссаи дучанд гап заданро сар кард, ки он чӣ хел ба мо дастрас мешавад. Ҳиссаи дучанд моро аз системаи лаънати заминӣ озод менамояд, ки мо дар он зиндагӣ мекунем ва ба меҳнати вазнину арақи ҷабин майл дорем, то ки фақат зинда монем.

Хулоса, ҳиссаи дучанд маънои *бештар аз кофиро* дорад, ва ба мо имкон медиҳад, ки аз қарз озод зиндагӣ карда, аз паи супоришҳо бошем, на балки ҳаётамонро барои пул сарф намоем.

Гарчанде ман оиди ҳиссаи дучанд чанд сол боз дар конфронсҳои худ мегуфтам, ҳис менамудам, ки Худо чизеро нишон додан мехоҳад, ки ман то ҳол нафаҳмидаам. Ман медонистам, ки чизи бузургтаре ҳаст, назар ба оне ки мебинам, ва аз Руҳӯлқудс пурсидам, ки маҳз чиро нишон додан мехоҳад.

Ба омӯхтани ҷойҳои Навиштаҷот марбут ба ҳиссаи дучанд шурӯъ намуда, интизор будам, ки кай Худо он чизеро, ки ман аз даст додаам, нишон медиҳад. Вай диққати маро бо намоиши пурмазмунтарин ҷалб намуд, ки Ӯ мехост ба ман бирасонад, ки ман танҳо тасаввур карда метавонистам.

Ба ман касе аз шарикони хизматгузории мо занг зад, ки ӯро ҳеҷ гоҳ надида будам. Пас аз мутолиаи китобҳоям фаҳмидааст, ки шикорро дӯст медорам, бинобар ин занг зада, гуфт: “Ман мехоҳам ба шумо силоҳ бихарам. Кадомашро надоред?”

Он вақт ман силоҳи оддӣ доштам, ки барои ҳама чиз истифода мекардам – аз шикори оҳу сар карда, то шикори мурғобӣ, харгӯш ва тазавр. Боз ман силоҳи думилаи калибраш бистум доштам, ки милҳояш сохти уфуқӣ дошта, онро падарам дар шонздаҳсолагиям харида буд. Аммо ман ба силоҳи думилаи зебо таваҷҷӯҳ доштам, ки милҳояш ба тарзи амудӣ ҷойгир шуда буданд, ва онҳоро чандин бор дар маҷаллаҳои шикорӣ дида будам. Онҳо як ороиши аҷоиб ва рӯйкаши чӯбини олиҷаноб доштанд ва ҳамеша бо тарзи дурахшанда сайқал дода шуда буданд. Барои ҳамин, ба ӯ гуфтам, ки чунин силоҳи думила надорам, вале ҳамеша мехостам, ки онро дошта бошам. Ман сахт ба ҳайрат афтодам, вақте ӯ гуфт, ки бароям онро мефиристад. Ин ғайриоддӣ буд ва ман хеле шод гаштам.

Ва албатта, пас аз як ҳафта ба идораи калисои ман қуттӣ омад ва вақте ки онро кушодам, дар он як не, балки *ду* силоҳи думилаи зебое буд, ки то ҳол надида будам.

Ман дарҳол ба шарикам занг зада, барои чунин тӯҳфаи аҷиб ташаккур гуфтам.

Ҳафтаи дигар вай ба ман боз дутои дигар фиристод! Акнун ман дорои чор силоҳи беҳтарине гаштам, ки ягон вақт надоштам. Ман боз ба вай занг задам, ва ӯ гуфт, ки одамон ҳеҷ вақт зуд-зуд занг зада, барои тӯҳфаҳо ба вай раҳмат намегӯянд, азбаски ман чунин кардам, ӯ хост, ки боз дутои дигар фиристонад. Аён аст, ки ман медонистам,

ки Худо коре карданист. Охир, ҳар дафъа онҳо дутогӣ меомадаанд, ва ман аз Ӯ ҳиссаи дучандро пурсида будам.

Ба ибораи дигар, силоҳҳо ба воситаи почта ҳама вақт ҷуфт меомадагӣ шуданд. Дере нагузашта ман аллакай, шояд, ЧОРДАҲ силоҳи нав доштам, ки ҳамааш аълосифат аст. Ин силоҳҳо арзон набуданд. Ин силоҳҳо ҳазорҳо доллар арзиш доштанд.

Баъдтар ба ман ду мошини сабукрави рангаш сафеди марворидии тамғаи “кадиллак-эскалейд” тақдим карданд. Он вақт мо дар мошини даҳсолаи “хонда-пилот” савор шуда мегаштем, ки дӯст медоштем (ин тамға ҳамеша мошинҳои олиҷаноб дорад), аммо он “эскалейд” набуд.

Дренда чанд сол боз дар орзуи сумкаҳои дастии Louis Vuitton буд ва ман як-ду сол пеш ҳамчун тӯҳфаи махсус онро дар Мавлуди Масеҳ барояш ҳадя кардам. Аммо имсол дар рӯзи таваллудаш вай чӣ гирифт – шумо фаҳмидед – ДУ сумкаи дастӣ аз Louis Vuitton аз одамони гуногун.

Дар мавсими имсола ҳавопаймои дуюм пайдо шуд ва инчунин ду хона дар соҳили уқёнус, ва боз илова бар ин дар иди Мавлуд ба мо ду пӯстин аз мӯинаи вашақи сиёҳ тӯҳфа карданд, ки ҳар кадомаш даҳ ҳазор доллар меистад.

Иҷозат диҳед, каме таваққуф намоям ва таъкид кунам, ки ман лоф назада истодаам, чунки барои ин ягон коре накардаам! Силоҳҳо худ ба худ пайдо шуданд. Ду мошини сабукрави сафед худ аз худ пайдо шуданд. Сумкаҳо худ ба худ пайдо шуданд. Пӯстинҳо аз мӯинаи вашақи сиёҳ худ ба худ пайдо шуданд.

Барои ду хона, албатта, мо фаъолтар иштирок доштем, аммо барои хонаҳои дар соҳил буда чанд сол пеш тухмӣ кошта будем. Ман намедонистам, он вақт Дренда ба ман нагуфта буд, вале чанд сол пештар ӯ аз маҷаллаи фурӯши амволи ғайриманқул хонаеро ёфт. Вай дар хотир дорад, ки чӣ хел ба расм ишора карда, гуфт: “Худовандо, ман ин хонаро мехоҳам”. Ҳамон вақт мо ӯҳдадориҳои хеле зиёди молиявӣ ва лоиҳаҳо доштем, мо барои харидории хона

дар Флорида маблағ ҷудо карда натавонистем, лекин медонистем, ки дар вақти зарурӣ он пайдо мешавад.

Як рӯз дар вақти давидан Худованд ба ман гуфт: "*Пагоҳ Дрендаро ба Флорида фиристон, то ки ӯ дар он ҷо хона харидорӣ кунад*". Дар калимаи "пагоҳ" таъҷилоти ҳатмие буд, барои ҳамин, ман гуфтам: "Хайр, майлаш. Хуб, Худованд".

Ҳамин тавр, Дренда ба Флорида рафт ва бисту панҷ хонаҳои гуногунро аз назар гузаронд. Дар байни ҳамаи онҳо яктоаш ба вай хеле писанд омад, гӯё барои ӯ сохта шуда буд.

Ман пас аз чанд рӯз парвоз карда омадам, ва мо ҳамроҳ ин хонаро аз назар гузарондем, ва ман розӣ шудам, ки ин хона олиҷаноб аст. (Тамоми ин вақт Дренда он рӯзро ба ёд намеовард, ки чӣ тавр ба маҷаллаи амволи ғайриманқул нигоҳ карда, ба сурат ишора намуд ва эълон кард, ки ин хона аз они вай мешавад. Аз он вақт тақрибан се сол гузашт, ва мо хонаеро, ки вай ба он ишора карда буд, шахсан ҳеҷ гоҳ надида будем.)

Мо барои он хонае, ки Дренда интихоб кард, шартнома кардем. Чанд вақт гузашт, вақте ки мо дар хонаи худ дар Оҳайо нишаста, якчанд ҳисоботҳоро меомӯхтем, ки шартнома талаб мекард, Дренда ногаҳон дод зад: "Ин хонаи ман аст!"

Ман ҳайрон шудам, азбаски мо шартнома доштем ва ҳама чиз барои созишнома тайёр буд, ман гуфтам: "Албатта, ин хонаи туст".

"Ту нафаҳмидӣ", – эътироз кард ӯ, – Ин *маҳз ҳамон хонаест*, ки ман чанд сол пеш дар маҷаллаи амволи ғайриманқул ба он ишора карда будам!"

Баъд ба хотир овардам, ки дар маҷаллаи амволи ғайриманқуле, ки ӯ се сол пеш аз назар мегузаронд, дар ҳамон шаҳр хонаҳо ба намоиш гузошта шуда буданд. Ин айнан худи ҳамон хона шуда метавонад? Дренда дилпур буд, ки ин айнан ҳамон хона аст, ва якчанд хусусиятҳои хонаро, ки чанд сол пеш диққати ӯро ҷалб карда буданд, номбар кард. Онҳо айнан бо ин хона мувофиқат доштанд. Ман каме тадқиқот карда, боварӣ ҳосил намудам, ки он хонае, ки мо харидорӣ

доштем, дар ҳақиқат барои фурӯш айнан дар соле гузошта шуда буд, ки он сол, аз рӯи гуфтаи Дренда, ба он ишора карда, изҳор намуд, ки он ба ӯ тааллуқ хоҳад дошт. Чи хеле ки маълум шуд, бо кадом сабабе вақте ки Дренда эълон кард, ки соҳиби он хона мешавад, вай аз фурӯш гирифта шуд.

Ва чанд рӯз пеш вай боз дар фурӯш пайдо шуд. Аҷиб нест, ки Рӯҳулқудс амр фармуд, ки Дрендаро фавран ба Флорида равон кунам!

Ниҳоят, Дренда дар назди соҳил хонаи худро дорад, ки инро ӯ тамоми умр орзу мекард. Баъд, худи ҳамон сол мо хонаи дуюми наздисоҳилиро дар Канада мерос гирифтем. Ана ин аҷиб аст!

Агар шумо пайхас карда бошед, ҳар чизе ки Худо ба мо ато кард, аълосифат буд. Яъне дар ҳақиқат сифати олӣ дошт. Мо аз ҳодисаҳои ба вуқӯъ омада камтар ба ҳайрат афтода будем. Аммо Худо бо ман сухан ронда, гуфт: “*Ман медонам, ки ба ту чордаҳ яроқ лозим нест, Ман медонам, ки ба ту ду мошини сафеди “эскайлед” лозим нестанд*...” ва Ӯ тамоми рӯйхатро номбар кард.

Сипас Ӯ гуфт: *“Ман намехоҳам, ки фарзандони Ман мӯҳтоҷиро ҳис кунанд. Онҳо соҳиби тамоми мулк ҳастанд, ва ба Ман писанд аст, ки ба онҳо чизҳои хуб диҳам”.*

**ВАЙ БА МАН ХОТИРРАСОН НАМУД, КИ ХУДОИ ФАРОВОНИСТ, ХУДОИ ҲИССАИ ДУЧАНД АСТ.**

Вай ба ман хотиррасон намуд, ки Худои фаровонист, Худои ҳиссаи дучанд аст. Сипас Вай гуфт, ки халқи Ӯ ба қадри кофӣ чуқур фикр намекунанд, ба қадри кофӣ вусъатнок орзу намекунанд ва бо ин имконияти барои онҳо кор кардани Худоро маҳдуд месозанд.

Мо бо Дренда аз тамоми он чизе, ки Худо ба мо нишон дод, камтар дар ҳайрат будем. Мо фаҳмидем, ки бояд ба одамон оиди ҳиссаи дучанд нақл кунем. Ҳиссаи дучанд маънои айнан “ҳиссаи дучанд аз ҳама чиз”-ро надорад – Худо инро барои ҷалб кардани

диққати ман истифода кардааст. Ҳиссаи дучанд маънои *бештар аз кофиро* мефаҳмонад.

Сипас Худо амр фармуд, ки инро ба калисои худам таълим диҳам, ва ба одамон дар бораи ҳама чизе, ки Ӯ ба мо фиристод, ва оиди он ки чӣ тавр ин воқеаҳо рӯй доданд, нақл кунам.

Ҳоло мо бо Дренда дар бораи он чизе, ки дорем, басо махфӣ ҳастем, барои он ки чизу чора – ин ҳаёт не, ва мо дидаю дониста ҳеҷ гоҳ намехоҳем диққатамонро ба он ҷалб созем, ки чизу чора пайдо кунем ё чизҳоро мақсади асосии худ гардонем. Аммо мо ин чизҳоро ҷустуҷӯ накардаем, онҳоро Худо фиристод. Инак, мо оиди ҳиссаи дучанд дар муддати ёздаҳ ҳафта дар калисо таълим медодем, ва ман фикр мекунам, ин таълимот назар ба дигар таълимотҳо, ки то ҳол дода будам, ба соҳаи молиявии ҳаёти одамони мо таъсири амиқтар расонд.

Аммо медонед-чӣ? Одамон инчунин калисоро тарк карданд, зеро онҳо аз он чи ман нақл кардам, хафа шуданд. Онҳо фикр мекарданд, ки ба ман он силоҳҳо, ё ки ду мошин, ё ки ду хона дар соҳил, ё ки ду ҳавопаймо, ё ки он ду пӯстини зебо лозим нестанд. Фикр мекарданд, ки ман фақат ҳавобаландӣ мекунам ва аз *пашша* фил месозам.

Аммо онҳо нуктаи асосиро аз даст доданд – Худо ба мо нишон медод, ки Ӯ Худои фаровонист. Подшоҳии Ӯ фақат бо зиндамонӣ маҳдуд нашудааст, ба монанди подшоҳии заминӣ. Подшоҳии Ӯ – ин Подшоҳии фаровонӣ, ва ба Вай писанд аст, ки нисбати фарзандонаш ғамхорӣ намояд.

Ман маҷбур шудам ба одамон ёдрас намоям, ки инро ман накардаам. Худо инро на барои он кард, то нишон диҳад, ки ҳар кас бояд дар мошини қимат савор бошад, балки Ӯ мехоҳад, ки мо аз чизи кам розӣ шуданро хотима дода, кори Ӯро маҳдуд накунем. Ӯ мехоҳад, ки мо одати “не” гуфтанро қатъ намуда, Ӯро дар коре, ки кардан мехоҳад, маҳдуд накунем. Ӯ мехоҳад, ки мо донем, ки Ӯ Худои фаровонист.

Ин фаҳмиш барои сӯҳбати мо оиди саховатмандӣ хеле муҳим аст.

Шумо бояд чизе дошта бошед, ки бо он саховатманд шуда тавонед, алалхусус, то ки дар *ҳар* маврид саховатманд бошед. Ман медонам, ки Ӯ диққати маро ба Худ ҷалб сохт, ва ман ёд гирифтам, ки аз некии Худо ҳеҷ гоҳ шарм накунам.

Тирамоҳи дигар як шубони маҳаллӣ аз ман пурсид, ки оё метавонад дар замини ман шикор кунад. Ман иҷозат намедиҳам, ки дар замини ман дигарон шикор кунанд, танҳо то он даме, ки мо бо фарзандонамон оҳуҳои худро ба даст наорем, ва баъд то тамом шудани мавсим иҷозат медиҳам, ки шикор кунанд. Ҳамин тавр, он тирамоҳ яхдони мо аз гӯшти оҳу пур буд, ва ман он шубонро ба наздам даъват кардам.

Рӯзи омаданаш ман ӯро дар кӯча пешвоз гирифтам, то ки дар куҷо шикор карданашро гӯям. Ман аҳамият додам, ки вай ҳамагӣ як силоҳи кӯҳна барои шикори паррандаҳо дорад, яъне он танҳо барои нишонгирӣ марҷонаки биринҷӣ дошт. Он барои шикори оҳу мувофиқ набуд. Бояд ба оҳу хеле наздик шавед, то ки аз чунин силоҳ ба нишон расед.

Ба хотирам расид, ки яке аз он туфангҳое, ки Худо ба ман фиристодааст, барои шикори оҳу хеле аҷоиб буд. Ман ҳис кардам, ки чӣ хел Рӯҳулқудс ба ман гуфт: *"Чӣ мешуд, агар он силоҳро ба ин шубон тӯҳфа намоӣ? Ту барои шикори оҳу чанд силоҳи дигар дорӣ, вале ӯ силоҳи хуб надорад"*.

Хулоса, ман ба ӯ ин силоҳро тӯҳфа намудам ва ӯ хеле хурсанд шуд. Ин ҳадя ба вай дар бораи некӯии Худо нақл намуда, ӯро дар роҳи Худо рӯҳбаланд сохт.

Он чизеро, ки чанд боб пештар ба шумо гуфта будам, дар хотир доред, ки пулҳо ва баъзе чизҳое, ки дар даст доред, барои шумо нестанд. Худо онҳоро ба шумо фиристодааст, то ки мӯҳтоҷии касеро қонеъ созад.

Ман ҳамаи инро барои он гуфтам, ки нуқтаи дигарро баён кунам. Шумо дар Подшоҳии пурсаховат бо Подшоҳи саховатманд ҳастед, аммо шумо ҳеҷ гоҳ аз ҳама чизе, ки дар Подшоҳӣ вуҷуд дорад, лаззат бурда наметавонед, агар рӯҳи камбағалиро шикаст надиҳед, ки шуморо водор

мекунад, ки ҳама чизеро, ки боре гирифтаед, ҷамъ кунед.

Ман медонам, эҳтимол, шумо як намоиши телевизиониро дар бораи он ки чӣ гуна ба назди кӯҳнафурӯш меравáнд, тамошо кардаед. Хона чунон аз кӯҳна колаҳо пур аст, ки дар атрофи он гашта намешавад. Дар бисёр ҳолатҳо лозим меояд, ки хонаро кӯчонанд ё аз нав созанд, зеро он дар ҳолати тамоман хароб аст. Дили мо низ ба ҳамин монанд менамояд, вақте ки аз тамаъ пур гашта, ҳама чизро барои рӯзи мабодо захира мекунем. Бо пул ва бо чизу чора бояд бо осонӣ муносибат кунем.

Саховатманд будан хеле душвор аст, вақте ки фикри мо барои зиндамонӣ банд аст. Худо мехоҳад, шумо донед, ки дар хонаи Ӯ фаровонист, бинобар ин аз сахӣ будан шарм накунед. Саховатмандии шумо одамонро ба Подшоҳии Худо даъват менамояд ва дили онҳоро барои қабули некӣ ва фаровонии Вай мекушояд. Дар хотир доред, ки маҳз меҳрубонии Худо одамонро ба тавба меорад.

> *Зеро Малакути Осмон монанди соҳиби хонаест, ки бомдодон берун рафт, то ки барои токзори худ коргаронро киро кунад, ва бо коргарон рӯзе як динорӣ паймон карда, онҳоро ба токзори худ фиристод. Ва қариби соати сеюм берун рафта, дигаронро дид, ки дар бозор бекор истодаанд, ва ба онҳо гуфт: "Шумо низ ба токзори ман равед, ва он чи ҳаққи шумо бошад, ба шумо хоҳам дод". Ва онҳо рафтанд. Боз қариби соатҳои шашум ва нӯҳум берун рафта, ҳамчунин кард. Ва қариби соати ёздаҳум берун рафта, дигаронро дид, ки бекор истодаанд, ва ба онҳо гуфт: "Барои чӣ шумо тамоми рӯз дар ин ҷо бекор истодаед?" Ба вай гуфтанд: "Касе моро киро накард". Ба онҳо гуфт: "Шумо низ ба токзори ман равед, ва он чи ҳаққи шумо бошад, ба шумо хоҳам дод".*
>
> *Чун шом расид, соҳиби токзор ба амалдори худ гуфт: "Коргаронро ҷеғ зада, муздашонро аз охирин то аввалин бидеҳ. Онҳое ки қариби соати ёздаҳум омада буданд, ҳар яке*

*диноре гирифтанд. Онҳое ки аввалин шуда омада буданд, хаёл карданд, ки бештар хоҳанд гирифт; лекин онҳо низ ҳар яке диноре гирифтанд; ва чун гирифтанд, аз соҳиби хона шикоят карда, гуфтанд: "Ин охиромадагон як соат кор карданд, ва ту онҳоро бо мо, ки сахтӣ ва гармии рӯзро аз сар гузарондем, баробар донистӣ".*

*Лекин вай дар ҷавоби яке аз онҳо гуфт: "Эй рафиқ! Туро озор надодаам; оё ту ба як динор бо ман паймон накардӣ? Музди худро гирифта, рав; мехоҳам ба ин охирин мисли ту диҳам; оё ҳақ надорам, ки бо чизи худ он чи хоҳам, бикунам? Оё аз он ки ман некдил ҳастам, ту ҳасад мебарӣ?"*

*Ба ин тариқа охиринҳо аввалин хоҳанд шуд, ва аввалинҳо — охирин; зеро ки даъватшудагон бисёранд, аммо баргузидагон — кам".*

– Матто 20:1-16

Дар ин масал Исо дар бораи чӣ гап мезанад? Пеш аз ҳама, мо бояд фаҳмем, ки заминдор Падарро намояндагӣ менамояд, ва ҳосиле, ки Ӯ мехоҳад, лубиё ё ҷуворимакка нест. Ин ҷонҳои одамон. Коргарон шахсияти моро ифода мекунанд, касонеро, ки Ӯ ба киштзори ҳосил мефиристад. Ду лаҳзае вуҷуд дорад, ки, ба гумони ман, Исо мехоҳад, ки мо бубинем.

Нахуст, диққат диҳед, ки заминдор чӣ гуна ният дорад, ки кӯмак пайдо кунад.

*Зеро Малакути Осмон монанди соҳиби хонаест, ки бомдодон берун рафт, то ки барои токзори худ коргаронро киро кунад.*

Вай саҳар барвақт бармехезад, то коргаронро ёбад, ва дар давоми рӯз гаштаю баргашта он касонеро ҷустуҷӯ менамояд, ки ба ӯ дар кори саҳро ёрӣ дода метавонанд. Дар амалҳои ӯ оҷилӣ дида мешавад. Ҳосил пухта расидааст ва бояд ҷамъоварӣ гардад, вагарна

он талаф мешавад. Аҳамият диҳед, ӯ коргаронро ҳатто он вақте ба кор қабул мекунад, ки то охири рӯзи корӣ ҳамагӣ як соат мондааст.

> *Боз қариби соатҳои шашум ва нӯҳум берун рафта, ҳамчунин кард. Ва қариби соати ёздаҳум берун рафта, дигаронро дид, ки бекор истодаанд, ва ба онҳо гуфт: "Барои чӣ шумо тамоми рӯз дар ин ҷо бекор истодаед?" Ба вай гуфтанд: "Касе моро киро накард". Ба онҳо гуфт: "Шумо низ ба токзори ман равед, ва он чи ҳаққи шумо бошад, ба шумо хоҳам дод".*

Сирри масал дар ҳамин ҷост. Чаро Ӯ ҳаққи онҳоро аз охирин киро кардааш сар карда, то аввалин, дод? Ҷавобро мо аз ояти понздаҳум ёфта метавонем.

> *Онҳое ки қариби соати ёздаҳум омада буданд, ҳар яке диноре гирифтанд. Онҳое ки аввалин шуда омада буданд, хаёл карданд, ки бештар хоҳанд гирифт; лекин онҳо низ ҳар яке диноре гирифтанд; ва чун гирифтанд, аз соҳиби хона шикоят карда, гуфтанд: "Ин охиромадагон як соат кор карданд, ва ту онҳоро бо мо, ки сахтӣ ва гармии рӯзро аз сар гузарондем, баробар донистӣ".*
>
> *Лекин вай дар ҷавоби яке аз онҳо гуфт: "Эй рафиқ! Туро озор надодаам; оё ту ба як динор бо ман паймон накардӣ? Музди худро гирифта, рав; мехоҳам ба ин охирин мисли ту диҳам; оё ҳақ надорам, ки бо чизи худ он чи хоҳам, бикунам? Оё аз он ки ман некдил ҳастам, ту ҳасад мебарӣ?"*

## Оё аз он ки ман некдил ҳастам, ту ҳасад мебарӣ?

Пас аз хондани ин масал, мо фикр карда метавонем: "*Э, ин боадолатона нест!*" Ва шумо ҳақ мебудед, агар ба ин аз нуқтаи назари тафаккури лаънати заминии соатбайъ нигоҳ кунем. Вале чи хеле ки ман пештар гуфта будам, ин тафаккури Худо нест. Заминдор боварӣ дошт, ки касе, ки ба кор дертар омад ва беадолатона

музди зиёд гирифт, саховатмандии Ӯро дида, ба Вай кор кардан мехоҳад. Инчунин, ба фикри заминдор, беҳтар мешуд, агар онҳо ба назди рафиқони худ баргашта, дар бораи музди гирифтаашон ва саховатмандии ӯ нақл мекарданд. Ин масал чӣ хулоса медиҳад?

Худо дар корҳои одамон иштирок мекунад, ва, агар шумо дар корҳои Вай иштирок кунед, Ӯ хеле саховатманд аст ва мукофот медиҳад.

**ХУДО ДАР КОРҲОИ ОДАМОН ИШТИРОК МЕКУНАД, ВА, АГАР ШУМО ДАР КОРҲОИ ВАЙ ИШТИРОК КУНЕД, Ӯ ХЕЛЕ САХОВАТМАНД АСТ ВА МУКОФОТ МЕДИҲАД.**

### Оё шумо аз Худо озодона қабул карда метавонед?

Исо дар бораи қабул яке аз масалҳои аҷибтаринро дар Китоби Муқаддас мегӯяд. Ман медонам, ки шумо онро шунидаед. Ин масал дар бораи писари ноқобил аст.

Ман мехоҳам, ки шумо онро хонед, ва баъд оиди он гап мезанем. Бо ман бимонед. Мо аллакай қариб ба охири китоб расидем, ва ман намехоҳам, ки шумо маро гӯш накарда равед. Мо ин ҳикояро дар Инҷили Луқо, дар боби 15, меёбем. Ин матни дароз аст, аммо, илтимос, вақт ёбед, то бо он шинос шавед.

> *Боз гуфт: «Шахсе ду писар дошт; ва хурдии онҳо ба падар гуфт: “Эй падар! Он қисми молу мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ”. Ва падар доруии худро ба онҳо тақсим кард. Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чи дошт, ҷамъ карда, ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо доруии худро дар айшу нӯш исроф намуд.*
>
> *Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй дод, ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд; ва рафта, хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай ӯро ба саҳрои худ фиристод, то ки хукбонӣ кунад; ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе ки хукон мехӯрданд, пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод.*

*Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: "Чӣ қадаре аз муздурони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро чун яке аз муздуронат қабул кун". Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд. Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд, ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад; ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид. Ва писар ба вай гуфт: "Эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам". Аммо падар ба ғуломони худ гуфт: "Либоси беҳтарине оварда, ба ӯ бипӯшонед, ва ангуштарин ба дасташ ва мӯза ба пойҳояш бидиҳед; ва гӯсолаи охуриро оварда, сар буред: бихӯрем ва димоғчоқӣ кунем, зеро ки ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд". Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд.*

*Лекин писари калонии вай дар саҳро буд; ва ҳангоме ки баргашта, ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид; ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада, пурсид, ки ин чӣ маъно дорад? Вай ба ӯ гуфт: "Бародарат омад, ва падарат гӯсолаи охуриро сар бурид, чунки ӯро сиҳат саломат дид".*

*Ӯ ба хашм омада, нахост ба хона дарояд. Ва падараш баромада, ӯро ҷеғ зад. Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: "Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ димоғчоқӣ кунам; ва чун ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст, гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ". Ба ӯ гуфт: "Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман дорам, аз они туст; аммо ба он мебоист шодӣ ва димоғчоқӣ мекардем, ки ин бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд"».*

– Луқо 15:11-32

Аввалан, мо бояд фаҳмем, барои чӣ писари хурдӣ хонаи падарро тарк кард. Ҷавоб дар он аст, ки ӯ ҳам ба монанди бародари калониаш дар бораи падар тасаввуроти хато дошт. Дар хотир доред, бародари калонӣ гуфт, ки тамоми ҳаёташ барои падараш кор кард, ва ба ӯ ҳатто бузича надоданд, то ки бо дӯстонаш ба ҳам бинад. Барои писари калонӣ падар соҳиби сахтгир буд. Шумо пурсида метавонед, ки чаро писари калонӣ бо писари хурдӣ ҳамроҳ нарафт. Ин на танҳо фикри ман, балки аз рӯи анъанаи яҳудиён писари калонӣ баъд аз марги падар бояд мероси дучанд мегирифт. Писари хурдӣ ба ин имтиёз ҳуқуқ надошт. Барои ҳамин, ман фикр мекунам, ки писари калониро он чиз медошт, ки як рӯз ӯ соҳиби тамоми доройӣ мешавад, ва ӯ қарор кард, ки ба истодан меарзад.

Писари хурдӣ мехост чарогоҳҳои сабзу хуррам пайдо кунад ва аз зери ҳукмронии падараш бояд, барои ҳамин ӯ ҳиссаи мероси худашро гирифт ва рафт. Аммо вақте ки рафт, худро дар ҷаҳоне дид, ки интизор набуд. Вақте ки пулҳо ба итмом расиданд, вай фаҳмид, ки мамлакате, ки ӯ ба он ҷо рафта буд, тамоман хароб шудааст ва дар он ҷо гуруснагӣ ҳукмронӣ мекунад. Ноумедона ба хӯрок мӯҳтоҷ шуда, ӯ коре кард, ки ба вай тамоман хос набуд. Вай ба ивази хӯрок худро ба ғуломӣ фурӯхт. Аввалин бор дар ҳаёти ӯ тафаккури муздур пайдо шуд. Пештар ба вай бо сабаби кӣ буданаш ғамхорӣ мекарданд, на аз барои кори ӯ. Акнун ӯ маҷбур буд кор кунад ва ягона коре, ки ӯ ёфта тавонист, ин нигоҳубини хукон буд, ки барои яҳудӣ кори тамоман нопок ва манфур маҳсуб меёфт. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ӯ то ҳамон дараҷа гурусна монд, ки интизори он сарқуте буд, ки хукон мехӯрданд, аммо ҳеҷ кас ба ӯ онро намедод. Сабаб? Дигарон низ дар ҳамон қаиқе буданд, ки вай буд, дар қашшоқӣ, дар ҳолати зиндамонӣ. Ба шумо ин шинос аст? Ба ҳар ҳол, дар кадом лаҳза вай ба худаш омада фаҳмид, ки ҳатто хизматгорони хонаи падараш бештар аз кофӣ хӯрок доштанд.

*Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: "Чӣ қадаре аз муздурони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз*

*гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро чун яке аз муздуронат қабул кун". Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд.*

Фаҳмид, ки дар хона хӯрок зиёд аст, ӯ ба хонаи падараш на чун писар, балки ҳамчун ғулом, ҳамчун муздур, равона шуд. Ӯ нақша дошт, ки хатогӣ ва гуноҳҳои худро назди падар ба гардан гирад, ва баъд зорӣ намояд, ва ҳамчун хизматгор баргардад. Аммо вақте ки ӯ ба хона наздик шуд, падараш дар берун буд. Писарашро дида, падар ба назди ӯ давид ва ба оғӯш гирифта, бӯсаҳо кард.

*Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд, ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад; ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид.*

Биёед аниқ ин ҳолатро тасаввур мекунем, барои он ки ин ҳикоя – қиёси муносибати Падари мо Худо ва мост. Ин писар рост аз оғили хукон омада буд. Аз рӯи шариати яҳудиён ӯ нопок буд. Ҳамон вақте ки падар ӯро ба оғӯш гирифт, ӯ ҳам нопок гашт, аммо аз рӯи муҳаббат ба писараш ихтиёран ин корро кард. Ба ҷои он ки писарашро сарзаниш кунад ва барои аҳмақиаш ҷазо диҳад, падараш ӯро либоси беҳтарин пӯшонид. Ба дасташ ангуштарин бипӯшонид, ки барқароршавии қудрати ӯро ҳамчун писар ифода мекард. Ба пойҳояш мӯза пӯшонид, ки маъноаш он буд, ки ӯ ба тамоми мулк дастрасӣ дорад. Шумо ин анъанаро дар Китоби Рут ёфта метавонед.

*Дар замони қадим дар Исроил дар соҳаи фидия ва мубодила барои тасдиқи ҳар муомила чунин таомуле буд, ки яке кафши худро кашида ба дигаре медод, ва ин дар Исроил ҳуҷҷат ҳисоб меёфт.*

– Рут 4:7

Ва, ниҳоят, ӯро ба базм даъват намуданд, ки дар он гӯсолаи фарбеҳро сар буриданд.

Писари хурдӣ бо умеди он баргашт, ки ақаллан муздур мешавад, аммо падараш ӯро ҳамчун писар барқарор кард.

> *Ва писар ба вай гуфт: "Эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам". Аммо падар ба ғуломони худ гуфт: "Либоси беҳтарине оварда, ба ӯ бипӯшонед, ва ангуштарин ба дасташ ва мӯза ба пойҳояш бидиҳед; ва гӯсолаи охуриро оварда, сар буред: бихӯрем ва димоғчоқӣ кунем, зеро ки ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд". Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд.*

Аммо чизе ки ман аслан мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба он ҷалб созам – қисми дуюм аст.

> *Лекин писари калонии вай дар саҳро буд; ва ҳангоме ки баргашта, ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид; ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада, пурсид, ки ин чӣ маъно дорад? Вай ба ӯ гуфт: "Бародарат омад, ва падарат гӯсолаи охуриро сар бурид, чунки ӯро сиҳат саломат дид".*
>
> *Ӯ ба хашм омада, нахост ба хона дарояд. Ва падараш баромада, ӯро ҷеғ зад. Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: "Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ димоғчоқӣ кунам; ва чун ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст, гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ". Ба ӯ гуфт: "Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман дорам, аз они туст; аммо ба он мебоист шодӣ ва димоғчоқӣ мекардем, ки ин бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд".*

Вақте ки писари калонӣ ба хона наздик шуд, ҳолатро фаҳмида, нахост ба дарун дарояд. Аҳамият диҳед, ки писари калонӣ чӣ гуфт: *"Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳеҷ гоҳ аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ димоғчоқӣ кунам"*. Ӯ гуфт, ки падараш соҳиби сахтгир мебошад, аммо вай худашро чӣ номид? Хизматгор! Аммо падар ӯро дар ояти 31 чӣ хел номид? Писарам! Ана ман ба чӣ ишора дорам.

Шумо низ бо чунин муносибат ба Худо ба воя расидаед, чи тавре ки ин ду писар ба падарашон: вай назоратчии сахтгир буд, яъне хизмат барои ӯ ягон хел фоида намеовард. Дин шуморо таълим додааст, ки шумо бояд барои Худо кор кунед, то ки қабул карда шавед. Аммо тасаввуроти писари хурдӣ оиди падараш иваз шуд, вақте ки падар ӯро ҷазо надода, чун писар қабул намуд, на ин ки ҳамчун ғулом. Муносибати писари калонӣ бо падараш бо он коре, ки мекард, асос ёфта буд, бинобар ин вай хизмат мекард ва ҳамеша кӯшиш менамуд, ки ҳама корро дуруст ба ҷо оварад. Вақте ки шумо ба шахсияти худ аз нуқтаи назари амалатон нигоҳ мекунед, ҳамеша қафо мемонед, ва ба одамони шуморо иҳота карда ҳамчун ба одамоне, ки ҳеҷ гоҳ аз шумо розӣ нестанд, нодуруст баҳогузорӣ мекунед. Аммо, росташро гӯем, бародари калонӣ нисбат ба худаш сахтгир буд, барои ҳамин ӯ меҳрубонии падарро қабул карда наметавонист. Дар ҷавоби айбдориҳо оиди беадолатӣ ва оиди он ки ҳеҷ гоҳ ба писараш ҳатто бузичае надод, ки ӯ бо дӯстонаш ба ҳам бинад, падар суханони зеринро мегӯяд:

> *"Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман дорам, аз они туст".*

Ӯ нагуфт: "Ғуломи ман". Ӯро писари худ хонд! Писар шарики молу мулк мебошад, ӯ аъзои оила аст. Ғулом мерос надорад. Оё мебинед, бародари калонӣ аллакай ба ҳама чизе, ки дар амлок буд, дастрасӣ дошт. Аммо тасаввуроти хатои ӯ дар бораи падараш

ва фаҳмиши нодуруст оиди худаш ба ӯ иҷозат намедоданд аз он чизе, ки аллакай ба ӯ тааллуқ дошт, лаззат барад, зеро худашро муздур мешуморид.

Чаро ман ин қадар вақтро барои дар ин бора ба шумо гуфтан сарф кардам? Чунки барои муздурон аз Худо гирифтан хеле душвор аст! Ба онҳо ҳамеша чунин менамояд, ки онҳо бояд кор кунанд, то некхоҳии Ӯро ба даст оранд, аммо азбаски онҳо инро карда наметавонанд, шарм, тарсро ҳис мекунанд ва худро барои аз Падар гирифтан нолоиқ мешуморанд. То он даме ки шумо фикри худро иваз накунед, шумо ҳеҷ вақт аз Падар озодона гирифта наметавонед. Дар хотир доред, ки бо осонӣ гирифтанро омӯхтан лозим аст, то ки вақти додан ба мисли Падар саховатманд бошем.

Шумо наметавонед ҳуқуқи ба Худо наздик буданро кор карда ба даст оред, ин атои муҳаббат барои шумост. Ба ман он чи дар Инҷили Матто (3:16, 17 ) навишта шудааст, хеле писанд аст.

> *Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба рӯи Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре нозил шуда, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: “Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст”.*

Ин дар он замоне буд, ки Исо хизмати Худро нав сар мекард. Вай ҳанӯз ягон коре накарда буд, то таърифи Худоро шунавад, аммо аҳамият диҳед, ки Худо чӣ гуфт. Гуфт, ки Ӯро дӯст медорад ва ҳусни таваҷҷӯҳаш бар Ӯст.

Оё шумо ду роҳзанро дар хотир доред, ки бо Исо мехкӯб шуда буданд? Яке аз онҳо гуфт: “Вақте ки ба Малакути Худ бирасӣ, маро ба ёд овар!” Исо ҷавоб дод: “Ба ростӣ ба ту мегӯям, имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд”. Вай барои инро ба даст овардан чӣ кор кард? ҲЕҶ ЧИЗ!

Вақте ки мо номи Исоро даъват мекунем, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки мо аз олами боло таваллуд мешавем ва аз подшоҳии

торикӣ ба Подшоҳии Худо мегузарем. Мо барои инро сазовор шудан чӣ кор кардем? ҲЕҶ ЧИЗ.

Барои ҳамин, ин боброба итмом расонида истода, аз шумо хоҳиш мекунам дар ёд доред, ки ман ҳеҷ чизро аз он чизе, ки Худо ҳамон сол ба ман фиристод, сазовор набудам. Ӯ кӯшиш менамуд ба ман ёрӣ расонад, то бифаҳмам, ки вақте номи Исоро даъват мекунам, тамоми Подшоҳиро ба даст меорам. Ба ман онро сазовор шудан лозим нест. Ба ман танҳо қабул кардани саховатмандӣ ва меҳрубонии Ӯ лозим аст. Ҳамон вақте ки шумо саховатмандии Ӯро қабул карда тавонед, шумо бо меҳрубонии Ӯ саховатманд шуда метавонед.

БОБИ 11

# ВАЪДА БА КАСОНЕ КИ САХОВАТМАНД ҲАСТАНД

Билл ва ҳамсараш Эйприл чордаҳ сол боз ба тиҷорати оилавии на он қадар калони сантехникӣ машғул мебошанд. Онҳо аъзои калисои “Ҳаёт бо имон” буда, тамоми он пешравиҳоеро дидаанд, ки дар давоми ин солҳо ба вуқӯъ омадаанд, ва инчунин таърихи ҳамаи музаффариятҳоро медонанд. Бинобар ин, вақте шуниданд, ки мо калисои “Ҳаёт бо имон”-ро васеъ кардан мехоҳем, то ки ба ҷамъиятамон таъсири бештар расонем, онҳо хоҳиши гарму ҷӯшон изҳор намуданд.

Эйприл гуфт, ки ба ин лоиҳа тайёр аст, ки даҳ ҳазор доллар диҳад, аммо Билл ӯро ҳайрон кард, вақте ки ба хона аз мағозаи хӯрокворӣ омада, хабар дод, ки Худованд ба вай фармуд, ки на даҳ ҳазор, балки ҳафтоду панҷ ҳазор доллар диҳад.

Эйприл розӣ шуд, ки барои васеъкунӣ ҳафтоду панҷ ҳазор доллар диҳанд. Аммо онҳо на пул доштанд, на тасаввури он ки ин маблағ аз куҷо пайдо шуданаш мумкин.

Пас аз чанд ҳафта аз идораи шаҳрдорӣ оид ба таъмини об занг зада гуфтанд, ки онҳо таъмири асосиро ба нақша гирифтаанд, ва мароқ зоҳир намуданд, ки оё онҳо мехоҳанд дар тендер иштирок кунанд. Онҳо розӣ шуданд ва ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ба тартиб додани ҳуҷҷатҳо барои иҷрои фармоиши шаҳрдорӣ шурӯъ карданд. Ба гуфтаи Эйприл, шартнома зиёда аз сад саҳифа буд, ва инчунин онҳо бояд гарав

мегирифтанд. Ин як раванди хеле мураккаб буд, вале онҳо аз ӯҳдааш баромаданд. Чуноне ки маълум гашт, онҳо ягона ширкате буданд, ки барои лоиҳа дархост намудаанд, ва намедонистанд, ки чаро маҳз ба онҳо бо чунин пешниҳод муроҷиат карданд.

Ҳамин ки онҳо шартномаро пешниҳод карданд, ҳукуматдорони шаҳрӣ хабар доданд, ки, ба фикри онҳо, ширкаташон хеле хурд аст, то аз ӯҳдаи ин кор барояд, зеро онҳо бояд дар зарфи ҳафтоду панҷ рӯз дар дусад хонаҳо корҳоро ба анҷом мерасонданд. Вале пас аз гуфтушуниди кӯтоҳ онҳо шаҳрдоронро бовар кунониданд, ки аз ӯҳдааш мебароянд.

Билл мегӯяд, ки ин лоиҳа ба тарзи таъҷилӣ буд. Гурӯҳ то бевақтӣ ва рӯзи шанбе низ кор мекард. Аммо медонед-чӣ? Онҳо корро дар вақташ ба охир расонида, саховатмандона барои лоиҳаи калисо ҳафтоду панҷ ҳазор доллар ҷудо намуданд, ва инчунин тамоми қарзҳои истеъмолии худро пардохт карданд. Онҳо ба ваҷд омада буданд!

Бубинед, Худо барои Билл ва Эйприл назар ба худашон нақшаҳои бузургтаре дошт. Ӯ медонист, ки дили онҳо ба Вай иштиёқ дорад, аммо Ӯ мехост онҳоро водор созад, имкониятҳояшонро вусъат бахшад.

Акнун, вақте ки онҳо ба ҳайати кори ҳукуматӣ шомил гашта, барои шаҳр лоиҳаи бобарореро ба анҷом расонданд, дар оянда барои шартномаҳои калонтар имкониятҳо пайдо шуданд.

Худо дӯст медорад, ки одамонро ба пеш тела кунад. Вай ҳама иқтидори моро медонад, вале мо намедонем, ки ба чӣ қодирем ва одатан ба камтар фишор ниёз дорем. Ба чунин тарзи кор бояд одат кард.

> *Зеро монанди касест, ки ба сафари дур рафтанӣ шуда, ғуломони худро талабид ва молу мулкашро ба онҳо супурд: ба яке панҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як, яъне ба ҳар кадом алоқадри ҳолаш дода, дарҳол ба сафар рафт. Он ки панҷ талант гирифта буд, рафта ба тиҷорат машғул шуд ва панҷ таланти дигар фоида кард; ҳамчунин он ки ду талант гирифта буд, ду таланти дигар ба даст овард;*

*лекин он ки як талант гирифта буд, рафта заминро канд ва пули оғои худро пинҳон кард.*

– Матто 25:14-18

Мо ин масалро аллакай хонда будем, вале ман он чизеро таъкид кардан мехоҳам, ки ба он эътибор надодем.

Аҳамият диҳед, ки, вақте хӯҷаин ба хизматгоронаш супориш дод, гуфта мешавад, ки "ба ҳар кадом мувофиқи қобилияташ" тақсим шуд. Ба касе, ки панҷ халта тилло доданд, панҷ халта бовар карда шуд, яъне ки ҳоло ӯ қодир аст панҷ халтаро ӯҳда кунад. Агар ӯ қобилият ё имконияти зиёдтар медошт, хӯҷаин ба вай бештар медод. Ин ба ду хизматгори дигар низ дахл дорад.

Аммо бубинед, ки чӣ ҳодиса рӯй дод. Хизматгоре, ки ба вай панҷ халта тилло дода буданд, онро ба даҳ халта расонд. Пас чӣ шуд? Оддӣ карда гӯем, қобилияти ӯ аз зинаи панҷум то ба даҳум боло рафт. Лаёқати бомасъулият будан ва идоракунии ӯ афзун гашт. Вай барои хӯҷаинаш хеле пурқимат гардид ва барои пешравии оянда омода мешуд.

Ин ҷо хирадмандии хӯҷаин зоҳир шуд. Вай хислати он хизматгорро медонист, ки ба вай панҷ халта тилло дод. Ӯ медонист, ки вай қобилият дорад, ки ба зинаи болотар барояд. Гарчанде хӯҷаин ба хизматгор панҷ халта тилло дод, ки сатҳи имкониятҳои ҷории ӯ буд, супорише, ки ӯ ба ин хизматгор дод, бояд даромади бештаре меовард, назар ба оне ки хизматгор оғоз намуда буд, ва ӯро ба зинаи нави қобилияти идоракунӣ тела мекард.

Хӯҷаин медонист, ки роҳи ягонаи арзишмандтар кардани хизматгораш он аст, ки ӯро фишор диҳад ва ба вай иҷозат диҳад, ки қобилияташро худаш ошкор созад. Ин айни ҳамон равандест, ки Худо дар ҳаёти мо истифода мебарад, то моро бештар қиматтар гардонад ва моро ба тақдирамон омода кунад.

*Касе ки дар чизи андак мӯътамад бошад, дар чизи бисёр низ мӯътамад аст, ва касе ки дар чизи андак ноинсофӣ кунад, дар чизи бисёр низ ноинсоф аст.*

– Луқо 16:10

Тавре ки ман аллакай дар боби гузашта гуфтам, супоришҳои хурд вуҷуд надоранд. Шумо тавассути ҳар яке аз онҳо ба воя хоҳед расид, ва ҳар кадомаш имкониятҳои шуморо барои оянда зиёд мекунад.

Ман зуд-зуд ин ҳолатро аз сар мегузарондам. Ҳар дафъа маро чунин фикр васваса мекард: "*Не, ман ин корро карда наметавонам. Ман намедонам, ки ин корро чӣ тавр кунам, ё ман вақт надорам*". Вале ҳар дафъа ман мегӯям: "*Бале, ман зиёдтар карда метавонам*" ва барои ошкор намудани иқтидори худ қобилиятам зиёдтар мешавад.

Одамон метавонанд ба ҳаёти ман нигоҳ карда, фикр кунанд: "*Оҳ, ин, шояд, хуб аст – қарз надоштан, кор дар телевизион, ҳавопаймои шахсӣ доштан. Эҳ ҳа, ана ин ҳаёт аст!*" Хуб, ман розӣ мешавам – ана ин ҳаёт, ин ҳаёти хубу пуршараф аст! Аммо шумо тасаввур карда наметавонед, ки пештар чӣ хел буд, то чунин шудани ҳаётам. Шумо намедонед, ки чӣ қадар истодагарӣ талаб карда шуд, чӣ қадар фишори сахтро чандин бор аз сар гузаронидан лозим буд, то ки ба ин дараҷаи баланди имкониятҳо боло равам.

Ва ман ҳоло ҳам сабзида истодаам, ва Худо ба ман додани супоришҳои калонро идома дода истодааст. Лоиҳаҳо калонтар гашта, барои иҷро кардани онҳо маблағи бештар лозим аст. Вале ман ҳеҷ гоҳ дар ин дунё ин фишорро (баъзе вақт ин бесарусомониро) ба ягон чиз иваз намекардам, барои он ки ин тарзи таълими Худост, ки ба ман дар иҷрои ҳамон чизе кӯмак мекунад, ки ба он даъват шудаам.

Агар ман ба шумо маслиҳат дода метавонистам, он чунин маслиҳат мебуд – ТАРК НАКУНЕД! Ба Худо иҷазат диҳед, ки шуморо ба он одаме табдил диҳад, ки бояд бошед.

Худо ҳамеша мадад мерасонад. Вай ҳеҷ вақт ноумед намекунад.Ояндаи шумо бо шумост, ва бояд ба пеш ҳаракат кунед.

## Оё шумо иҷозат медиҳед, ки Худо шуморо то ҳадди имкон имтиҳон кунад?

Ман шоми рӯзи чоршанбе дар ҷамъомади дуогӯӣ будам. Духтарам

дуо мегуфт. Нохост вай истода, ба ман нигариста, ба нубувват кардан оғоз намуд. Ана вай чӣ гуфт:

> *«Худованд мегӯяд: “Дарав барои ту хеле зиёд аст. Ман шуморо то ҳадди имкон имтиҳон мекунам. Фақат дар Рӯҳи Ман ту хоҳӣ фаҳмид, ки чӣ бояд рӯй диҳад. Розӣ мешавӣ, иҷозат медиҳӣ, ки Ман туро ба сӯи душворӣ, ба дастнорасӣ ва имконнопазирӣ роҳнамоӣ кунам?”»*

Ман фикр кардам: “*Оҳ не, ман медонам, ки ин чӣ маъно дорад*”. Ин таҷрибаи аввалини ман набуд.

Ман он чизро қадр мекунам, ки Худо аз ман пурсид, ки оё ман иҷозат медиҳам, ки Ӯ маро ба сӯи душворӣ ва имконнопазирӣ барад. Ман медонам, ки дар натиҷа қиссаи аҷоибе мешавад, вақте ҳамааш бобарор анҷом меёбад, ва Худо ҳамеша Худашро зоҳир месозад.

Аммо ман инчунин медонам, ки ин чӣ қадар дарднок аст, чӣ қадар бояд нарх пардохта шавад, то ба он ҷое равона шавӣ, ки ҳаргиз ҳанӯз он ҷо набудӣ. Аммо, ва ин АММО бузург аст, ман инчунин дар бораи некӯии Худо ва тарзи пешбурди Ӯ медонам, бинобар ин ман дарҳол “ҲА!” гуфтам.

Худо мехоҳад, он иқтидореро, ки ба шумо гузоштааст, ошкор намояд. Ин ягона роҳест, ки шумо сарнавиштатонро соҳиб мегардед. Вай шуморо бояд то ҳадди имкон бисанҷад! Чӣ тавр Худо ин корро мекунад? *Ба воситаи фишор.*

Агар пуфакро дам карда, баъд ҳавояшро сар диҳем, он гоҳ пуфак васеъ шуда, калонтар мегардад. Айнан ҳамин чиз бо ману шумо низ рӯй медиҳад. Вақте ки мо ба фишор тоб оварда, истодагарӣ мекунем, иқтидори мо меафзояд. Иқтидор маънои лоиҳаҳои калонтар ва, дар омади гап, маънои маблағҳои калонтарро низ дорад. Медонед, дар бораи саховатмандӣ гуфтан шавқовар аст, то он даме ки Худо нагӯяд, ки сад ҳазор доллар бидеҳ. Ё ин ки мошини дӯстдоштаи худро деҳ. Боварии шумо ба Худо бояд зиёд шавад, ва имкониятҳои шахсиатон низ бояд нумӯъ кунанд.

Пас аз чанд ҳафтае, ки ман ба Худо дар он ҷамъомад “ҳа” гуфтам, фаҳмидам, ки сухан дар бораи чӣ мерафт. Ба мо пешниҳод намуданд, ки барномаи телевизиониеро, ки ҳафтае як маротиба намоиш дода мешуд, *ҳаррӯза* гардонем. Дар назари аввал ин хеле олиҷаноб намуд, аммо як қатор мушкилиҳо пайдо шуданд, ки аз сабаби чунин дигаргуниҳо бояд он мушкилиҳоро ҳал мекардем.

Якум, қимати вақти эфир дарҳол панҷсад фоиз боло рафт, ва он замон мо нархи ҳафтаинаашро базӯр пардохт мекардем.

Дуюм, мо бояд дар як ҳафта панҷ барномаро сабт карда, таҳрир менамудем, вале мо шӯъбаи телевизионӣ надоштем. Он вақт бо барномаи ҳафтаинаи мо пудратчии кироя машғул буд. Онҳо омада, дар як ҳафта чор барномаро барои моҳи ҷорӣ сабт мекарданд, танзим ва таҳрир намуда, ба шабакаҳо мефиристоданд, ва бо ҳамин кори онҳо анҷом меёфт. Акнун ба ман лозим меомад, ки ҳамаи ин корҳоро дар хона гузаронам, то ҳама чиз зери назорати худам бошад. Боз як мушкилии асосӣ дар он буд, ки ману Дренда намедонистем, ки шӯъбаи телевизиониро чӣ хел таъсис диҳем. Аммо мо кӯшиш намудем, ки ҳамаашро ҷо ба ҷо кунем.

Дар тарафи пулии муодила, мо ҳанӯз ҳам маркази “Ҳоло”, шаҳраки калисои худамонро бино мекардем, ва мо барои сармоягузорӣ ба телевизион пули иловагӣ надоштем.

Дар бобати масъалаи истеҳсолот бошад, ба мо лозим буд, ки таҷҳизоти банаворгирӣ бихарем ва барои истифодабарии он коргаронро ба кор гирем. Баъзан ин имконнопазир менамуд. Вале Худо амин буд ва пайваста ману Дрендаро рӯҳбаланд месохт, ва мо пеш мерафтем.

Бузургтарин монеа тақрибан пас аз чор моҳ ба миён омад, вақте фаҳмидем, ки ба маблағи ним миллион доллар ҳисоби вақти эфирро қафо мондаем. Махсусан душвор буд, зеро барномаи мо “Ҳалли масъалаи пул” ном дорад.

Ман ба фикр фурӯ рафтам, ки оё мо дар телевизион кор карда метавонем. Ман ҳис мекардам, ки корро мӯътадил давом дода

наметавонам, агар пули эфирро надиҳам. Он вақт ба ман зарур шуд, ки бо шубҳаҳои зиёде мубориза барам. Аммо, боз ҳам, Худо содиқ буд, ва Дренда низ маро хеле дастгирӣ мекард.

Дар он давра ман хоб дидам, дар хобам Худо нишон дод, ки ҳама қарзҳо якбора пардохт мешаванд, ки дар асл ин ғайриимкон менамуд. Аммо дар рӯзҳои истироҳат ба калисо панҷсад ҳазор доллар ворид гашт, қарз барои вақти эфир дода шуд, ва мо аз ҳамон вақт инҷониб қарз надорем.

Ваҳ, ин як саёҳати бебаҳо буд!

Дар давоми ин раванд мо дигар шудем. Ҳоло мо *ду* барномаҳои ҳаррӯза пахш менамоем ва барои паҳн кардани Инҷил миллионҳо доллар сарф мекунем. Мо ба ақиб ба он чи ки он вақт дучор гашта будем, менигарем, ва ин ба назарамон чандон ҷиддӣ намерасад, чунон ки дар он  лаҳза ба назар менамуд. Ҳамеша бояд дар хотир дорем, ки мо дар боби якум чиро омӯхтем: файзи Худо бо мо ҳамкорӣ мекунад! Баъд аз он ки ин солҳоро бо Худо паси сар кардам, аниқ фаҳмидам, ки чаро аксари номаҳои Павлус бо чунин суханон оғоз мешаванд:

**“Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд бар шумо бод”.**

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки танҳо нестем. Файзи Ӯ, ин қувваи фавқулодда, дар ҳаёти мо амал мекунад. Барои “бале” гуфтан ва ба сӯи номаълумӣ қадам задан, ҷасорат лозим аст, аммо ба ин меарзад, ман дар ин бора шаҳодат дода метавонам.

Ману Дренда тамоми дунёро гашта, Инҷилро мавъиза кардем. Тамоми мӯъҷизаҳое, ки дар Аҳди Нав навишта шудаанд, дар пеши назари мо ба амал омаданд. Мо мебинем, ки чӣ гуна ҳаёти ҳазорон одамон тағйир меёбад ва беҳтарин чизе, ки замин дода метавонад, онро қабул мекунем. Ҷои беҳтаре нест, монанди мақсади ноилшуда!

Ман барои шумо дуо мекунам, ки дар ҳар кори хайре, ки Худо ба шумо медиҳад, муваффақ шавед, ва дар хотир дошта бошед, ки саховатманд будан чӣ қадар муҳим аст.

Хулоса, ин аст яке аз таронаҳои дӯстдоштаи ман.

> *Ҳалелуёҳ.*
>
> *Хушо касе ки аз Худованд метарсад; ба аҳкоми Ӯ бисёр шавқ дорад. Зурёти ӯ дар замин зӯровар хоҳанд буд; насли росткорон баракат хоҳанд ёфт. Фаровонӣ ва сарват дар хонаи ӯст; ва адолати ӯ то абад қоим аст.*
>
> *Дар торикӣ барои росткорон нур тулӯъ мекунад; бахшанда ва раҳим ва одил аст. Некӯст касе ки мебахшад ва қарз медиҳад; корҳои худро аз рӯи инсоф мураттаб менамояд. Зеро ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад ғалтид: одил то абад зикр хоҳад ёфт.*
>
> *Аз овозаи бад наметарсад; дилаш қавист, ба Худованд таваккал мекунад. Дилаш матин аст, наметарсад; то даме ки нокомии адуёнашро бубинад. Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст; адолаташ то абад қоим аст; шохаш дар ҷалол баланд хоҳад шуд. Шарир инро дида, ба хашм хоҳад омад, дандонҳояшро ғиҷиррос зинонда, сӯзу гудоз хоҳад кард; орзуи шарирон нест хоҳад шуд.*
>
> – Забур 111

Ба ман ин сатрҳо дар бораи ба хашм омадани шарирон маъқул аст. Сухани охиринро ҳамеша Худо мегӯяд. Муваффақият ҳамеша подоши бузургест.

Агар шумо аз саргузашти ман воқиф бошед, он гоҳ медонед, ки ман аслан дар мактаби миёна бо 1,3 хол ноком шудам. Вақте Худо ба ман гуфт, ки ба коллеҷ равам, пас аз он ки маро ба мавъиза намудан даъват кард, ин манро сахт рӯҳбаланд накард.

Дар курси аввал ман бояд аз забони англисӣ иншо менавиштам. Профессор ба кори ман дар саҳифаи аввалаш баҳои дуи калон монда, баргардонд ва эзоҳ навишта буд: “Наход ки шумо мактаби миёнаро хатм карда бошед?” Ман маҷбур шудам, ки муаллим киро кунам, то вай ба ман ҳама чизеро омӯзонад, ки ҳеҷ гоҳ дар мактаб наомӯхта будам.

**БИФАҲМЕД, КИ ПОДШОҲИИ ХУДО ЧӢ ГУНА АМАЛ МЕКУНАД, ВА ШУМО МЕТАВОНЕД АЗ ҲАЁТИ ХУБЕ, КИ ХУДО ВАЪДА ДОДААСТ, ЛАЗЗАТ БАРЕД!**

Вақте ки китоби аввалинам нашр шуд, ман аз он профессори забони англисӣ мактуб гирифтам. Дар он гуфта мешуд: “Оё ин ҳамон Гэри Киси аст, ки дар гурӯҳи ман буд?” Вай аз дидани он ки китоб навиштаам, ба ҳайрат афтод.

Ба худ иҷозат диҳед, ки якҷоя бо Худо ҳамаи дӯстонатонро ба ҳайрат оваред!

Шахсе, ки бо ӯ дар як мактаб хонда будам, рӯзе ба идораи ширкати молиявии ман омада, гуфт: “Ман танҳо намефаҳмам. Гэри аз мактаб хориҷ шуда буд, ва акнун ӯро тариқи оинаи нилгун дар тамоми дунё нишон медиҳанд?”

Ман чунин ҳикояҳоро дӯст медорам, ва Худо низ чунин ҳикояҳоро дӯст медорад! Пас, дар хотир доред, ки достони шумо ҳанӯз хотима наёфтааст. Саъй намоед, ба ҳар куҷое, ки равед, дили Худоро нишон дода, саховатманд бошед. Бифаҳмед, ки Подшоҳии Худо чӣ гуна амал мекунад, ва шумо метавонед аз ҳаёти хубе, ки Худо ваъда додааст, лаззат баред!

– Гэри Киси

*Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад; зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат, онҳо Худоро ҳамду сано мехонанд барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва барои ҳиммати шумо дар ширкате ки бо онҳо ва бо ҳама доред, ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд,* <u>*барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!*</u>

– 2 Қӯринтиён 9:12-15

## Китобҳои Гэри Киси аз силсилаи

## «Инқилоби молиявии ту»

Қуввати ризоият

Қуввати оромӣ

Қуввати стратегия

Қуввати таъминот

Барои зеркашии таълимоти
бештари ройгон ба забони худ,
ҳатман ба вебсайти мо
**FLNFree.com** ташриф оред!

Манбаъҳои бештари омӯзиширо РОЙГОН ба забони худ мехоҳед?
Ба **FLNFree.com** ташриф оред.

# Худо мехоҳад шуморо баракатёфта ва обод бубинад, то ҳамеша саховатманд бошед!

То он даме, ки аз ҷиҳати молиявӣ мустақил нашавед, ҳеҷ гоҳ озод нахоҳед шуд. Ва, чунон ки ман ва Дренда сӣ сол боз мегӯем, шумо ҳеҷ гоҳ намедонед, ки шумо дар асл кӣ ҳастед, ё ба сӯи ҳадафи рӯҳонии ҳаётатон ҳаракат намекунед, то даме ки масъалаи пулро ҳал накунед.

**ШУМО МЕТАВОНЕД ОЗОД БОШЕД!**

Ман инро исбот намудам, ва ҳазорон нафари дигар низ. Ҳар як кас даъват дорад, аммо шумо ҳеҷ гоҳ онро бе маблағ иҷро карда наметавонед. Файзи Худоро бигиред, то ба шумо кӯмак расонад ва озодии молиявӣ ба даст оред, на танҳо ба хотири худ ва оилаатон, балки инчунин то одамон бубинанд, ки Подшоҳии Худо дар ҳаёти шумо чӣ гуна кор мекунад.

**Одамон дар ҷустуҷӯи ҷавоб ҳастанд. Онҳо дар ҷустуҷӯи чизи воқеӣ ҳастанд. Ба онҳо сахт лозим аст, ки Подшоҳии Худоро бубинанд, на динро.**

Худо некӯ аст ва Ӯ саховатманд аст! Вақте ки мо саховатмандем, мо дили Худоро бо одамон мубодила мекунем. Саховатмандӣ ба дунёе, ки дар биёбони қашшоқӣ сарсону саргардон аст, чун як ҷуръа оби сард дар рӯзи хеле гарм сабукӣ ва умед меорад!

Дар ин китоби панҷум ва ниҳоии Гэри Киси аз силсилаи "Инқилоби молиявии ту" бифаҳмед, ки чӣ тавр шумо метавонед бо Худо дар супоришҳои Ӯ шарик шавед ва ба сатҳи нави бениҳоят комёб ноил шавед.

Китоб аз ваҳйҳои ҳаяҷоновар, мисолҳои пурқувват аз Каломи Худо ва ҳикояҳои шахсии Гэри ва дигарон, ки аз қуввати саховатмандӣ истифода бурда, дар ҳаёти худ дигаргуниҳои ҷиддиро дидаанд, пур аст. Тавассути ин китоби олиҷаноб шумо дар бораи принсипи пурқуввати саховатмандии Подшоҳӣ ва чӣ тавр кор кардани он фаҳмиши равшан пайдо хоҳед кард.

**Саховатмандӣ ба одамон дили шуморо нишон медиҳад ва дили Худоро ба онҳо ошкор мекунад.**



ГЭРИ КИСИ – муаллиф, суханвар, соҳибкор, коршиноси соҳаи молия ва шубоне, ки ба одамон барои пирӯзӣ ёфтан дар ҳаёт, махсусан дар соҳаи имон, оила ва молиёт ёрӣ додан мехоҳад. Гэри ва ҳамсари вай Дренда – таъсисдиҳандагони якчанд ширкатҳои комёб ва асосгузорони хидматгузории "Ҳаёт бо имон", ки ду барномаи телевизионӣ ("Ҳалли масъалаи пул" ва "Дренда")-ро ба намоиш мегузорад, дар саросари ҷаҳон конфронсҳо доир мекунад ва маводҳои амалӣ пешниҳод менамояд. Ҳамсарон Киси – шубонҳои калисои "Ҳаёт бо имон", ки дар наздикии шаҳри Колумбус, иёлати Оҳайо, ҷойгир шудааст.

GKM GARY KEESEE MINISTRIES

garykeesee.com